# ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

# ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

# BULLETIN OF THE ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN

*Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ аз соли 2007 нашр мешавад*
*Научно-просветительский и учебно-методический журнал издаётся с 2007 года*
*Scientific and educational – methodical journal published since 2007*

**№ 1 (50), 2024**

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ № 1 (50), 2024**
**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР:**

***САЛОМИЁН М.Қ.*** – *доктори илмҳои филологӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

***КАРИМЗОДА М.Б.*** – *доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

***МУҲИДДИНЗОДА Б.*** – *номзади илмҳои педагогӣ, ёрдамчии президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***ЛУТФУЛЛОЗОДА М.*** – *узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***ШАРИФЗОДА Ф.*** – *узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***КАРИМОВА И.Х.*** – *узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***БОБИЗОДА Ғ.М.*** – *узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ ва фармасевтӣ, профессор*
***НУЪМОНОВ М.*** – *узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***ШЕРБОЕВ С.*** – *узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***НЕЪМАТОВ С.Э.*** – *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***ГУЛМАДОВ Ф.*** – *доктори илмҳои педагогӣ*
***АБДУРАШИДОВ Н.*** – *номзади илмҳои психология, мудири шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

***САИДЗОДА Р.Ҳ.*** – *вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
***ХУВАХТЗОДА Қ.Х.*** – *президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
***ҶӮРАЗОДА Ҷ.Ҳ.*** – *муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
***НАҶМИДДИНИЁН А.М.*** – *директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ*
***МИРЗОЗОДА Н.*** – *ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*

Маҷалла ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2019 ворид шудааст.*
*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*
*Маҷалла таҳти № 059/МҶ 17-уми апрели соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.*

***Суроға:*** *734063 , ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов – 11/2, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*
***E-mail:*** *att@maorif.tj* ***Сомона:*** *payom-att.tj,* ***тел.:*** *+992 37 227 23 40, +992 37 222-22-40*

**ISSN 2222-9809**
ISSN 2222-9809
2222 9809

**Индекси обуна: 77727**

© *Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*, 2024

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА**

**Научно-просветительский и учебно-методический журнал № 1 (50), 2024**
**Учредитель: Академия образования Таджикистана**

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**
***САЛОМИЁН М.К.*** *– доктор филологических наук, профессор, президент АОТ*

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**
***КАРИМЗОДА М.Б.*** *– доктор педагогических наук, главный учёный секретарь АОТ*

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**
***МУХИДДИНЗОДА Б.*** *– кандидат педагогических наук, пом. президента Академии образования Таджикистана*

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**
***ЛУТФУЛЛОЗОДА М.*** *– академик Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*
***ШАРИФЗОДА Ф.*** *– академик Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*
***КАРИМОВА И.Х.*** *– академик Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*
***БОБИЗОДА Г.М.*** *– академик Академии образования Таджикистана, доктор биологических наук, доктор фармацевтических наук, профессор*
***НУЪМОНОВ М.*** *– член корреспондент Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*
***ШЕРБОЕВ С.*** *– член корреспондент Академии образования Таджикистана, доктор педагогических наук, профессор*
***НЕГМАТОВ С.Э.*** *– доктор педагогических наук, профессор*
***ГУЛМАДОВ Ф.*** *– доктор педагогических наук*
***АБДУРАШИДОВ Н.*** *– кандидат психологических наук, зав. отделом инновации и технология обучении Академии образования Таджикистана*

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**
***САИДЗОДА Р.Х.*** *– министр образования и науки Республики Таджикистан*
***ХУВАХТЗОДА К.Х.*** *– президент Национальной Академии наук Таджикистана*
***ДЖУРАЗОДА Дж.*** *– первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан*
***НАДЖМИДДИНИЁН А.М.*** *– директор Института развития образования имени А. Джами АОТ*
***МИРЗОЗОДА Н.*** *– ректор Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования*

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

*Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 03.06.2019.*

*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 17 апреля 2018 года за № 059/МД.*

***Адрес:*** *734063, г. Душанбе, ул. А. Адхамова – 11/2, Академия образования Таджикистана*
***E-mail:*** *att@maorif.tj* ***Сайт:*** *payom-att.tj,* ***тел.:*** *+992 37 227 23 40, +992 37 222-22-40*

**ISSN 2222-9809**

**Индекс подписки: 77727**

© *Академия образования Таджикистана*, 2024

**BULLETIN**
**OF ACADEMY OF EDUCATION**
**OF TAJIKISTAN**

**Scientific-educational-methodical journal № 1 (50), 2024**
**Founder: Academy of Education of Tajikistan**

**CHIEF EDITOR:**
***SALOMIYON M.Q.*** – *Doctor of Philology sciences, professor, the President* of *AET*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**
***KARIMZODA M.B.*** – *Doctor of Pedagogical Sciences, Chief Scientific Secretary of AET*

**EXECUTIVE SECRETARY:**
***MUHIDDINZODA B.*** – *Candidate of Pedagogical Sciences, assistant the president Academy of Education of Tajikistan*

**EDITORIAL TEAM:**
***LUTFULLOZODA M.*** – *Academician of the Academy of Education of Tajikistan, doctor of Pedagogical sciences, professor*
***SHARIFZODA F.*** – *Academician of the Academy of Education of Tajikistan, doctor of Pedagogical sciences, professor*
***KARIMOVA I.KH.*** – *Academician of the Academy of Education of Tajikistan, doctor of Pedagogical sciences, professor*
***BOBIZODA G.M.*** – *Academician of the Academy of Education of Tajikistan, the doctor of Biological sciences, doctor of pharmaceutical sciences, professor*
***NUMONOV M.*** – *Corresponding Member of the Academy of Education of Tajikistan Doctor of pedagogical sciences, professor*
***SHERBOEV S.*** – *Corresponding Member of the Academy of Education of Tajikistan Doctor of pedagogical sciences, professor*
***NEGMATOV S.E.*** – *Doctor of pedagogical sciences, professor*
***GULMADOV F.*** – *Doctor of pedagogical sciences*
***ABDURASHIDOV N.*** – *Candidate of Psychological Sciences,Head of the Department of innovation and learning technology of the Academy of Edication of Tajikistan*

**EDITORIAL COUNCIL:**
***SAIDZODA R.H.*** – *Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
***KHUVAKHTZODA K.H.*** – *President of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
***JURAZODA J.H.*** – *first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
***NAJMIDDINIYON A.M.*** – *Director of the Institute for the Development of Education named after A. Jami AET*
***MIRZOZODA N.*** – *Rector of the Republican Institute for Advanced Studies and retraining of educators*

The journal is published in Tajik, Russian and English languages.

*The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 03.06.2019.*
*The journal is included in the database Of the Russian science citation index*
*The journal was registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on April 17, 2018 under No. 059 / MD.*

***Address:*** *734063, Dushanbe, 11/2 A. Adhamov Str., Academy of Education of Tajikistan*
***E-mail:*** att@maorif.tj ***Site:*** payom-att.tj, ***phone:*** +992 37 227 23 40, +992 37 222-22-40

**ISSN 2222-9809**

**Subscription index: 77727**

© ***Academy of Education of Tajikistan*, 2024**

# МУНДАРИҶА

## СИЁСАТИ МАОРИФ

Саҳ.

**САЛОМИЁН М.Қ.**
*"Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ – махзани хираду дониш ва дарси ватандӯстӣ......* 11 - 16

## МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА

**ГУЛМАДОВ Ф., ҲАСАНЗОДА А.Ҳ.**
*Заминаҳои омӯзиш ва аҳаммияти ташкили таълими инноватсионӣ дар шароити педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ......* 17 – 23

**РАҲИМЗОДА Х., МУҲИДДИНЗОДА Б.**
*Моҳияти танзим ва банақшагирии оила......* 23 – 28

**МАДАТЗОДА М.**
*Таҳлили назариявӣ-илмии муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ......* 28 – 34

**ВАЛИЗОДА Ш.**
*Таълими инклюзивӣ ҳамчун раванди нави фаъолият бо кӯдакони имконияташон маҳдуд......* 34 – 39

**НАЗИРОВ Н.Д.**
*Асосҳои идеологии эҳёи экстремизм ва терроризми динӣ дар асри XXI......* 40 – 46

**АЮБОВА М.З.**
*Ҷанбаи фарҳанги педагогии ҷашнҳои миллӣ дар ташаккули тафаккури миллии хонандагони синни калони мактабӣ......* 46 – 50

**ПӮЛОТОВА Ш.С.**
*Зарбулмасалу мақол - манбаи инкишофинутқи хонандагон......* 51 – 60

**МАМАДНОСИРОВА М.М.**
*Тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила тавассути педагогикаи халқӣ дар......* 60 – 67

**ДАВЛАТОВ Д.Р.**
*Варзиш - қисми муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ......* 67 – 76

**ИСОЕВА Д.С.**
*Меҳнат ҳамчун шакли асосии ташаккули шахсияти хонандагон......* 76 – 82

**МИРЗОЕВА С.Р.**
*Консепсияи назариявии худидоракуни дар мактаб......* 82 – 89

**РАҶАБЗОДА М.**
*Масъалаҳои муосири таҳсилоти фарогир: таҳлили квалиметрӣ......* 89 – 99

**РАҲИМОВ Ш.С.**
*Тафаккури таҳлилӣ дар дарсҳои таърих: нақши супоришҳои эҷодӣ дар рушди ин қобилият......* 99 – 106

**РИЗВОНОВА З.П.**
*Ҷанбаҳои гендерии сабабҳои зуҳуроти зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ......* 106 –114

**САИДМУРОДОВА С.**
*Роҷеъ ба муҳимтарин хусусиятҳои таҳсилоти миёна ва олӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон......* 115 – 121

**САИДОВА М.С.**
*Маҳорати тадқиқотии хонандагон: моҳият ва гурӯҳбандии малакаҳо, меъёрҳо ва дараҷаҳои инкишоф......* 121 – 126

**ФАРХУДИНОВА Ҷ.М.**
*Нақши тарбия дар ташаккули шахсият ва худшиносии инсон…………………….... 126 – 132*

**АХМЕДЗОДА Т.А.**
*Асосҳои методологии копинг омили рушди психологии шахс……………………….... 132 – 139*

**ҶУМАЕВА Қ.Т.**
*Тарбияи донишандӯзии хонандагони хурдсол дар дарсҳои забони русӣ.................... 139 – 146*

**ИМОМОВ Х.Ш.**
*Тарбияи маданияти иқтисодии хонандагони синни калони мактабӣ тақозои замон……………………………………………………………………………………. 146 – 152*

**ДАВЛЯТБОЕВА С.А., АБДУЛЛОЗОДА М.**
*Шароитҳои педагогии дараҷаи маърифати ҳуқуқи омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ......................................................................... 152 – 162*

**ФАРЗОНАИ С.**
*Ташаккули тарбияи насли наврас бо истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик (дар мисоли мутафаккирони асрҳои XII-XIII).......... 162 – 171*

**ТОШМАТОВ Р.Н.**
*Раванди ташкили иттиҳодияи донишҷӯён дар муассисаҳои таълимӣ....................... 171 – 178*

**РАҶАБЗОДА М., ХОҶАЕВА Г.Ҷ.**
*Нақши давлатдории Сомониён дар эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик.......................................................................................................................... 178 – 187*

**АҲМАДЗОДА Б.С.**
*Асосҳои назариявӣ ва метадологии касбияти донишҷӯён........................................ 187 – 192*

## ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ

**САИДЗОДА И.М., ЗОКИРОВ А.Р., КАРИМОВ У.М.**
*Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии истифодаи тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълим......................................................................................................................... 193 – 201*

**ҚАҲҲОРОВА Ф.А.**
*Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи ташаккули шавқмандии маърифатии хонандагони хурдсол........................................................................................... 201 – 208*

***Ба таваҷҷуҳи муаллифон*** ............................................................................................... *209*

# СОДЕРЖАНИЕ

## ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ ПОЛИТИКА

*Стр.*

**САЛОМИЁН М.К.**
*"Шахнома" Абулкасима Фирдавси – источник мудрость, знания и урок патриотизма......* 11 - 16

**ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПЕДАГОГИКИ**

**ГУЛМАДОВ Ф., ХАСАНЗОДА А.Х.**
*Основы обучения и важность организация инновационной образования в педагогических условыях средных общеобразовательных учреждении................* 17 – 23

**РАХИМЗОДА Х., МУХИДДИНЗОДА Б.**
*Сущность регулирования и планирования семьи…………………………………….* 23 – 28

**МАДАТЗОДА М.**
*Теоретико-научный анализ компетентностного подхода к обучению в средних общеобразовательных учреждениях…………………………………………………* 28 – 34

**ВАЛИЗОДА Ш.**
*Инклюзивное образование как новая форма жизнедеятельности детей с ограниченными возможностями…………………………………………………...* 34 – 39

**НАЗИРОВ Н.Д.**
*Идеологические основы возрождения религиозного экстремизма и терроризма в XXI веке…………………………………………………………………………………….* 40 – 46

**АЮБОВА М.З.**
*Педагогический культурный аспект национальных праздников в формировании национального мышления старшеклассников.......................................................* 46 – 50

**ПУЛОТОВА Ш.С.**
*Пословицы и поговорки – источник развития речи учащихся..............................* 51 – 60

**МАМАДНОСИРОВА М.М.**
*Нравственное воспитание детей в семье посредством народной педагогики.......* 60 – 67

**ДАВЛАТОВ Д.Р.**
*Спорт - неотъемлемая часть международных отношений................................* 67 – 76

**ИСОЕВА Д.С.**
*Труд как основная форма формирования личности учащихся.............................* 76 – 82

**МИРЗОЕВА С.Р.**
*Теоритеческая концепция школьного самоуправления........................................* 82 – 89

**РАДЖАБЗОДА М.**
*Современные проблемы инклюзивного образования: квалиметрический анализ....* 89 – 99

**РАХИМОВ Ш.С.**
*Аналитическое мышления на уроках истории: роль творческих заданий в развития этого навыка.................................................................................* 99 – 106

**РИЗВОНОВА З.П.**
*Гендерный аспект причин проявления насилия в супружеских отношениях……..* 106 –114

**САИДМУРОДОВА С.**
*Особенности общего среднего и высшего профессинального образования в исламской Республике Иран...............................................................................* 115 – 121

**САИДОВА М.С.**
*Исследовательские навыки учащихся: сущность и классификация навыков, критериев и степеней развития.......................................................................* 121 – 126

**ФАРХУДИНОВА Д.М.**
*Роль воспитания в формировании личности и самопознания человека*........ 126 – 132

**АХМЕДЗОДА Т.А.**
*Методологические основы копинга как фактор психологического развития личности*........ 132 – 139

**ДЖУМАЕВА К.Т.**
*Воспитание интереса к изучению русского языка у младших школьников*........ 139 – 146

**ИМОМОВ Х.Ш.**
*Воспитание экономической культуры учащихся старших возрастов требование времени*........ 146 – 152

**ДАВЛЯТБОЕВА С.А., АБДУЛЛОЗОДА М.**
*Педагогические условия уровня знаний учителя физического воспитания в учреждениях общего средного образования*........ 152 – 162

**ФАРЗОНАИ С.**
*Организация образования молодежи с использованием педагогических мыслений персидских и таджикских мыслителей (на примере мыслителей XII-XIII веков)*........ 162 – 171

**ТОШМАТОВ Р.Н.**
*Процессы организации студенческих объединений в учебных заведениях*........ 171 – 178

**РАДЖАБЗОДА М., ХОДЖАЕВА Г.Ҷ.**
*Роль государственности Саманидов в возрождении и развитии национальной педагогики таджикского народа*........ 178 – 187

**АҲМАДЗОДА Б.С.**
*Теоретические и методологические основы профессиональности студентов*...... 187 – 192

## ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ

**САИДЗОДА И.М., ЗОКИРОВ А.Р., КАРИМОВ У.М.**
*Теоретические и методические аспекты использования интерактивной доски в образовательном процессе*........ 193 – 201

**КАХХОРОВА Ф.А.**
*Информационные технологии как средство развития познавательного интереса младших школьников*........ 201 – 208

**К сведению авторов**........ 209

## CONTENTS

### EDUCATIONAL POLICY

Pag.

**SALOMIYON M.Q.**
*"Shahnoma" by Abulcasim Firdavsi – source wisdom, knowledge and lessons of patriotism*........ 11 - 16

### GENERAL THEORETICAL PROBLEMS OF PEDAGOGY

**GULMADOV F., HASANZODA A.H.**
*Foundations of learning and the importance of organizing innovative education in the pedagogical conditions of secondary educational institutions*........ 17 – 23

**RAHIMZODA Kh., MUHIDDINZODA B.**
*The essence of regulation and family planning*........ 23 – 28

**MADATZODA M.**
*Theoretical-scientific analysis of the relation of competence to education in general secondary educational institutions*........ 28 – 34

**VALIZODA Sh.**
*Inclusive education as a new form of life activity of children with disabilities*........ 34 – 39

**NAZIROV N.D.**
*Ideological foundations of the revival of religious extremism and terrorism in the XXI st century*........ 40 – 46

**AYUBOVA M.Z.**
*The pedagogical cultural aspect of national holidays in the formation of national thinking of seniors*........ 46 – 50

**PULATOVA Sh.S.**
*Proverbs and sayings – source students' speech development*........ 51 – 60

**MAMADNOSIROVA M.M.**
*Education of children in folk pedagogy in the family*........ 60 – 67

**DAVLATOV D.R.**
*Sport is an essential part of international relations*........ 67 – 76

**ISOEVA D.S.**
*Labor as the main form of formation of students' personality*........ 76 – 82

**MIRZOEVA S.R.**
Theoretical concept of school self-government........ 82 – 89

**RAJABZODA M.**
*Modern problems of inclusive education: qualimetric analysis*........ 89 – 99

**RAKHIMOV Sh.S.**
*Analytical thinking in history lessons: the role of creative tasks in the development of this skil*........ 99 – 106

**RIZVONOVA Z.P.**
*Gender aspect of the reasons for violence in marital relationshop*........ 106 –114

**SAIDMURODOVA S.**
*Features of general secondary and higher professional education system in the islamic Republic of Iran*........ 115 – 121

**SAIDOVA M.S.**
*Students' research skills: the essence and classification of skills, criteria and degrees of development*........ 121 – 126

**FARKHUDINOVA J.M.**
*The role of education in the formation of personality and self knowledge*........ 126 – 132

***AKHMEDZODA T.A.***
*Methodological foundations of coping as a factor in the psychological development of the individual*........................................................................................................ *132 – 139*

***DZHUMAEVA K.T.***
*Education of interest in learning the russian language in junior schoolchildren*............ *139 – 146*

***IMOMOV Kh.Sh.***
*The development of economic culture of final year students is the demand of time*....... *146 – 152*

***DAVLYATBOEVA S.A., ABDULLOZODA M.***
*Pedagogical cjnditions for the level of knowledge of the law of physical education teachers in general secondary ebucation instituons*…………………………………..….. *152 – 162*

***FARZONA S.***
*Organization of youth education using pedagogical thoughts of persian and tajik thinkers (based on the example of thinkers of the 12th-13th centuries)*……………… *162 – 171*

***TOHMATOV R.N.***
*Processes of organizing student associations in educational institutions*…………..…. *171 – 178*

***RAJABZODA M., KHOJAEVA G.D.***
*The role of the Samanid government in the revival and development of the national pedagogy of the tajik people*............................................................................... *178 – 187*

***AHMADZODA B.S.***
*Theoretical and methodological foundations of students' careers*……………………... *187 – 192*

## *TEACHING TECHNOLOGY*

***SAIDZODA I.M., ZOKIROV A.R., KARIMOV U.M.***
*Theoretical and methodological aspects of using an interactive whiteboard in the educational process*............................................................................................ *193 – 201*

***KAKHHOROVA F.A.***
*Information technology as a means of developing the cognitive interest of younger schoolchildren*.................................................................................................... *201 – 208*

***For authors***……………………………………………………………………..…………... *209*

***СИЁСАТИ МАОРИФ***
***ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ ПОЛИТИКА***
***EDUCATIONAL POLICY***

## “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ – МАХЗАНИ ХИРАДУ ДОНИШ ВА ДАРСИ ВАТАНДӮСТӢ

***САЛОМИЁН Муҳаммаддовуд Қаюм*** *– доктори илмҳои филология, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *salomov1967@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 80 84 67*

«Шоҳнома» бузургтарин асари бадеиест, ки барои тарбияи ватандӯстӣ ва инсондӯстии насли наврас мусоидат мекунад. Мазмун ва муҳтавои ин асар хонандаро ба заҳматҳои шоир барои омӯзишу таҳлилҳо, ҷустуҷӯйи таъриху фарҳанг, забон, истифодаи вожаҳои ноб, тасвирҳои гуногуни табиат, мубориза҇ҳои паҳлавонону шоҳон барои ҳифзи марзу бум, ифтихори ватандорӣ, шаҳомати бузурги ориёӣ ва монанди инҳо раҳнамоӣ мекунад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *“Шоҳнома”, забон, дониш, хирад, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, таълиму тарбия, таърих, паҳлавонӣ, ҳимояи ватан, ҳувияти миллӣ.*

## “ШАХНОМА " АБУЛКАСИМА ФИРДАВСИ – ИСТОЧНИК МУДРОСТЬ, ЗНАНИЯ И УРОК ПАТРИОТИЗМА

***САЛОМИЁН Мухаммаддовуд Каюм*** *– доктор филологических наук, президент Академии образования Таджикистана, профессор Таджикского национального университета, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *salomov1967@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 80 84 67*

«Шахнама» – величайшее произведение мировой литературы, способствующее воспитанию патриотизма и человечности подрастающего поколения. Содержание этого произведения знакомят читателя с усилиями поэта по изучению и анализу, поиску истории и культуры, языка, использованию благородных слов, различных образов природы, борьбы воинов и царей за защиту границ и земли, гордость патриотизма, великая гордость арийцев и тому подобное.

***Ключевые слова:*** *«Шахнома», язык, знания, мудрость, патриотизм, человечность, воспитание и обучение, история, борьба, защита Родины, национальная идентичность.*

## “SHAHNOMA” BY ABULCASIM FIRDAVSI – SOURCE WISDOM, KNOWLEDGE AND LESSONS OF PATRIOTISM

***SALOMIYON Muhammaddowood Kayum*** *– doctor of Philology, President of the Academy of Education of Tajikistan, Professor of the Tajik National University, Dushanbe, st. A. Adkhamova, 11/2.* ***E-mail:*** *salomov1967@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 918 80 84 67*

“Shakhnama” is the greatest work of world literature, contributing to the education of patriotism and humanity of the younger generation. The contents of this work introduce the reader to the poet's efforts to study and analyze, search for history and culture, language, use of noble words, various images of nature, the struggle of warriors and kings to protect borders and land, the pride of patriotism, the great pride of the Aryans and the like.

***Key words:*** *“Shahnoma”, language, knowledge, wisdom, patriotism, humanity, education and training, history, struggle, defense of the Motherland, national identity.*

Абулқосим Фирдавсӣ дар таърихи адабиёти умумибашарӣ ҳамосаи бузургеро бо номи «Шоҳнома» офарид, ки дар муддати зиёда аз ҳазор сол ин шоҳкории адабӣ дар тамоми масири таърих беназир маҳсуб ёфта, ба ҳайси муҳташамтарин асар пазируфта шуда, зинатафзои забон, адабиёт, фарҳанг, таърих ва, умуман, мафкураву андешаи созандаву мондагори инсоният дониста шуд ва номи шоиру миллати тоҷикро дар саҳифаҳои таърихи башар абадан ҷовидона гардонид.

Таърихи тамаддуни ориёӣ собит сохтааст, ки пас аз футуҳоти араб дар сарзамини паҳновари Мовароуннаҳру Хуросон муборизаҳои шадиде барои мондагории халқияти тоҷик, таърих, фарҳанг ва забони мардуми ин кишвари бостонӣ хеле тезу тунд гардида буданд. Дусад соли муборизаҳо пас аз оғози футуҳоти араб мардуми эронитаборро ба муборизаҳои шадиде рӯ ба рӯ кард. Дар баробари ин, мубориза барои ҳифзи марзу бум ва ҳувияти ориёӣ боиси он гардид, ки хонадонҳои тоҷикӣ дар ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон чун давлатҳои тоҷикии Саффориёну Тоҳириён ва Сомониён зуҳур кунанд.

Албатта, ҳар як давру замон зимни муборизаву бархӯрдҳо барои ҳимояи халқу сарзаминаш аз ҳар гуна газанд ва ҷангу талошҳо ҳамеша барои худ ҳомиеро кашф мекунад. Дар чунин як даврони пурталотум ва пур аз муборизаву пархошҳо хонадони Сомониён зимоми кишвардориро ба дӯши худ гирифта, мардум ва сарзамини худро аз нестӣ ва омезиш бо дигар халқиятҳои бегона наҷот медиҳад. Сомониён дар натиҷаи муборизҳои зиёд тавонистанд, ки давлати мутамаркази тоҷикиро дар сарзамини паҳноваре бунёд намуда, барои зиндагии шоистаи мардум, аҳли илму адаб ва фарҳанг шароити мусоиди зиндагӣ, кор ва пажуҳишу эҷодро фароҳам оранд.

Чунин шароити эҷодӣ ва вазъи нисбатан ороми сиёсию иҷтимоӣ фарзанди фарзонаи давр Абулқосим Фирдавсиро барои эҷоди «Шоҳнома» ба хотири эҳёи таърих, фарҳанг, анъанаву суннат, ҷашнҳои инсондӯстонаи мардуми эронитабор ва муҳимтар аз ҳама ҳифзи забони тоҷикӣ (дарӣ) водор месозад.

Замони нигориши «Шоҳнома» низ барои муаллифи он хеле созгор буд. Абулқосим Фирдавсӣ дар замоне ба таълифи ин асари безавол шуруъ кард, ки халқияти тоҷик бо сарварии хонадони бофарҳангу кишвардӯст ва адабпарвари тоҷик – давлати Сомониён, заминаҳои мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ ва адабию фарҳангиро барои анҷоми ташаккулёбии халқияти тоҷик фароҳам сохта буд. Таърих дар чунин айём мавҷудияти халқи тоҷикро тавассути сиёсати инсонпарваронаи хонадони Сомониён шинохт ва пазируфт.

Доир ба рӯзгор ва осори Абулқосим Фирдавсӣ дар масири асрҳо дар таърихномаҳо, тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳои илмию адабӣ маълумоти ҷолибе сабт гардидааст, ки онҳо барои муаррифии шоҳномасарои бузург ва мондагории заҳматҳои шоир барои эҳёи тамаддуни ориёӣ, саҳми ӯ дар рушди забони дарӣ, васфи бузургии кишвари эрониён, муқаддас донистани Ватан, таърих ва фарҳанги он мусоидат мекунанд. Дар ин маврид устод Садриддин Айнӣ дар китоби хеш “Дар бораи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и ӯ” [1] андешаҳои ҷолибе баён кардааст. Дар китоби Муҳаммадамини Раёҳӣ “Фирдасӣ” [4] низ ҳаёт ва рӯзгори ҳакими бузург иттилои ҷолибе гирд оварда шудааст.

Дар замони тантанаи Истиқлолияти давлатӣ, ки худшиносию худогоҳӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, эҳёи анъанаву ойинҳои пешин, арҷ гузоштан ба осори инсонпарваронаи адибону олимони гузаштаи халқи тоҷик тавассути сиёсати адабу шоирпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вусъати тоза пайдо кард, аз ҷониби аҳли илму адаб ба “Шоҳнома”-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ таваҷҷуҳи хосае зоҳир гардид. Дар ин самт таҳқиқоти профессор Худоӣ Шарифзодаро метавон аз беҳтарин дастовардҳои пажуҳишӣ дар фирдавсишиносӣ ва шоҳномашиносӣ арзёбӣ кард [ниг. ба 5].

Мутолиаи «Шоҳнома» шахсро ба олами афкори адабию бадеӣ ва андешаи хаёлангезу гуфтори муассири Абулқосим Фирдавсӣ раҳнамун месозад. Мазмун ва муҳтавои ин шоҳкории адабиёт хонандаро ба заҳматҳо, омӯзишу таҳлилҳо, ковишҳои таърихию фарҳангӣ, истифодаи вожаҳои ноб, тасвирҳои гуногуни табиат, муборизаҳои паҳлавонону шоҳон барои ҳифзи марзу бум, ифтихори ватандорӣ, шаҳомати бузурги ориёӣ ва монанди инҳо барин арзишҳои муҳимми эҷодӣ ошно месозад. Навиштани «Шоҳнома» танҳо эҷоди як асари бадеӣ нест. Он тасвиргари асотири гузашта, инъикоси неруи паҳлавонии мардуми ориёӣ ва марҳилаҳои гуногуни давраҳои мухталифи давлатдории мардуми эронитабор дар саҳифаҳои таърихи дирӯзу имрӯзи замони шоир ваояндаи он дар олами инсоният аст.

«Шоҳнома» таҷаллои ҳунари шоирӣ, тарғибу ташвиқи забони дарӣ, заҳамоти пажуҳишгарӣ, мардумшиносию кишваршиносӣ ва афкори баланди меҳанпарваронаву инсондӯстӣ дар тамоми давру замонҳои рушди мардуми ориёӣ аз қадим то имрӯз ва ояндаи мардуми ин марзу бум ба шумор меравад. Чунин хидмати шоёну мондагореро, ки Абулқосим Фирдавсӣ анҷом додааст, танҳо фарде метавонад идома бидиҳад, ки дар замири худ меҳри бузургии меҳану сарзамин, забон, фарҳангу суннати гузаштаи ниёгон, ҳифзи марзу бум, бузургдошти мардумро ба хотири якпорчагӣ, ободӣ, амнияту субот, оромию осоиштагӣ, ҳимояи арзишҳову манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ парварида тавонад. Худро фидои Ватан ва мардуми он гардонад.

Абулқосим Фирдавсӣ бо эҷоди «Шоҳнома» рисолати бузурги фарзандии худро дар назди руҳи ниёгон, абармардону давлатмардон, сарзамини аҷдодӣ, дар назди дирӯзиёну имрӯзиён ва

оияндагони қавму миллатҳои ориётабор ва, дар маҷмуъ, дар назди аҳли башар иҷро намуда, номи хеш, меҳан ва асари худро то абад зиндаву ҷовид гардондааст.

«Шоҳнома»-ро баъзе пажуҳандагон шоҳи номаҳо, яъне шоҳи китобҳо номида бошанд ҳам, он асосан, номаи шоҳони ориёӣ аст. Шоир дар ин асар корнамоиҳои шоҳони даврони гуногуни тамаддуни ориёӣ ё ба истилоҳ давраҳои Эрони бостону миёна ва нав, лаҳазоти таърихӣ, мубоaризаву паҳлавонӣ ва қаҳрамониҳои шоҳону паҳлавонони Эронзамин барои мондагории кишвар дар муқобили ҳар гуна дасисаву иғвоҳо ва забткориҳои аҷнабиён таҷассум намуда, ҳамаи онро бо каломи мавзуну муассир ба риштаи тасвир кашидааст. Дар замони давлатдории миллии тоҷикӣ, яъне замони салтанати Саффориён, Тоҳириён ва Сомониён яке аз масоили муҳимро ҳифзу мондагории забони тоҷикӣ ташкил медод. Агар Яъқуб ибни Лайс аҳли эҷодро ба тоҷикӣ эҷод кардан раҳнамоӣ карда бошад, дар замони Сомониён Абулфазли Балъамӣ, вазири хирадманд, бомаърифат ва меҳандӯсти дарбори Сомониён мондагории забони тоҷикӣ (дарӣ) ва номи онро дар саҳифаҳои таърихи минбаъда бо фазлу дониши худ мондагору ҷовидона гардонидааст.

Ба андешаи Абулқосим Фирдавсӣ, маҳз бо талошҳои ин марди донишманду боҳуш навиштан ва эҷод кардан бо забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) оғоз шуд:

Гаронмоя Буфазл – дастур ӯй,
Ки андар сухан буд ганҷур ӯй.
Бифармуд, то порсию дарӣ
Набиштанду кутоҳ шуд доварӣ.

Замони салтанати Сомониён дар таърих бо унвони марҳилаи ташаккулёбии халқияти тоҷик низ дониста шудааст, ки бунёди забони порсии дарӣ, тоҷикӣ ва таълифи «Шоҳнома» аз бузургтарин омилҳои ин раванди бунёдӣ дар тамоми даврони таърихии миллати тоҷик ба шумор меравад.

Достонҳои таркиби «Шоҳнома»-ро вобаста ба мазмуну мундариҷа ва мавзуи фарогирифта аксари муҳаққиқону шоҳномашиносон ба се бахши бузург – асотирӣ, паҳлавонӣ ва таърихӣ гурӯҳбандӣ кардаанд, ки бо чунин тарз эҷод намудани ин ҳамосаи бузург аз адиби чирадаст ва пажуҳишгару донандаи забонҳои гуногуни роиҷи замон будани Абулқосим Фирдавсӣ шаҳодат медиҳад. Ҳар се бахши ин асари машҳур бо ҳам хеле иртиботи қавии сохторию маъноӣ дошта, далели онанд, ки қавми ориёӣ дорои фарҳанги бузурги маънавии инсонпапварона, аз ҷумла афсонаву асотири зиёде будааст, ҳамчунин, ин мардум дар тамоми даврони таърих бо неру ва бозуи тавонои паҳлавонии худ машҳур гардида, шоҳони он дар бунёд, эҳё ва кишваркушоиҳо саҳму мақоми шоистае доштаанд.

Дар таърихи давлатдорию давлатсозиҳои миллати тоҷик дар замонҳои тақдирсоз шахсиятҳое арзи ҳастӣ кардаанд, ки бо назару афкори созанда ва осори илмию адабии худ мардумро барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ифтихор аз дирӯзу имрӯзи замони худ ҳидоят ва раҳнамоӣ кардаанд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар чунин як замони тақдирсози таърихи миллати тоҷик, яъне дар замони ташаккулёбии халқияти тоҷик ва бунёду равнақи хонадони Сомониён “Шоҳнома”-и безаволи худро оғоз карда бошад ҳам, анҷоми он ба давраи пароканда гардидани ин хонадони бузург ва бунёдгузорони давлати милии тоҷикӣ рост меояд, ки ин ҳодисаи таърихӣ барои шоир низ оқибатҳои ногувореро пеш меорад [ниг. ба 2].

Пас аз дусад соли муборизаҳо барои мондагории хадқияти тоҷик дар саҳифаҳои таърихи башар дар муқобили футуҳоти араб Абулқосим Фирдавсӣ барои тасвири таърихи гузаштаи халқи тоҷик ва собит намудани фарҳангу адаби мардуми ориётабор, ки дар бунёди тамаддунҳои зиёде саҳмгузор буданд, дар ибтидои давлатсозии Сомониён асари худро таълиф карда, ҳам шоҳони замон ва ҳам ҳамзамонони худро барои пос доштани тамоми арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳувитяи миллӣ даъвату ҳидоят намудааст.

Шоири тавоно ва ҳакими беназир бештар талош бар он кардааст, ки аҳли замон, аз ҷумла ҷавонону наврасонро барои фаро гирифтани дониш ва хирадманду донишманд гардидан ҳидоят бисозад. Шоир хирад, маърифат ва донишро муҳимтарин омили худшиносию худогоҳӣ донистааст:

Хирад раҳнамову хирад раҳкушой,
Хирад даст гирадат ба ҳар ду сарой.

Дар “Шоҳнома” тамоми муборизаҳои мардуми тоҷик тавассути тасвири асотиру муборизаҳои паҳлавонон барои ҳифзи марзу буми кишвар, ҳодисаҳои гуногуни таърихи воқеии кишвар, саҳми аҳли илму ҳунар, донишмандону давлатмардони даврони гуногун дар бунёди шаҳрҳо ва ҳифзи онҳо аз мардуми аҷнабӣ, аҳли шеъру маърифати замон зикр шудаанд, ки ин барои ҷавонон

ва хонандагону кӯдакон дари маърифати худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстию ҳифзи марзу буми кишварро аз ҳамагуна газанд мекушояд.

“Шоҳнома” бузургтарин асари адабию энсиклопедӣ аст, ки дар тули зиёда аз ҳазор сол барои таълиму тарбияи аҳли башар хидмати мондагоре кардааст. Ин асари безавол дар замони муосир, ки ҷаҳонишавии босуръат оламро фаро гирифтааст, моҳияти бештаре касб менамояд, зеро ба фарҳанг ва рафтори мардуми бегона рӯ овардани баъзе ҷавонон дар кишвари мо низ ба назар мерасад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар асоси арзишҳои миллию фарҳангие, ки дар тули ҳазорсолаҳо ташаккулу бунёд ёфтаанд ва Фирдавсии бузург онҳоро омили мондагории ҳар як миллату сарзамин донистааст, ҷавонон, аз ҷумла кӯдакону хонандагони худро ба таълиму тарбияи нек фаро бигирем, то ки имрӯз онҳо ба илму дониш, ҳифзи сарзамини кишвар, паҳлавонию далерӣ, инсондӯстӣ ва ҳунармандию касбомӯзӣ рӯ оварда, ҳаёти худро аз бегонашавӣ ва омезиш бо дигар фарҳангу ойинҳо ҳифз намоянд.

Ватандӯстӣ ва муборизаи некӣ бар бадӣ мухтавои асосии “Шоҳнома”-ро фаро гирифтааст. Дар ҳамаи достонҳои асотирию паҳлавонӣ ва таърихии ин асар моҳияти ватану ватандорӣ, музаффарияти некӣ бар бадӣ, рушноӣ бар зулмот тасвир ёфта, шоир тавассути сухани манзуму муассир насли ҷавонро барои фаро гирифтани ҳикмати ин мафҳумҳо ва дар зиндагӣ муборизи роҳи ҳақ будан раҳнамоӣ кардааст.

“Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ бо вуҷуди он ки дар тули зиёда аз ҳазор сол ба инсоният дарси ватандорию хештаншиносӣ омӯхтанаш дар замони муосир моҳияти таълимию тарбиявии бештаре касб кардааст.

Ҷавонони имрӯзи кишвар бояд аз ғояҳои инсонпарваронаи ин шоҳасари миллати тоҷик огаҳ бошанд, зеро шоири бузурги миллати мо тамоми ҳаёти худро сарфи эҷоди ин китоб намуда, ба насли исоният ёдгории бузургу бегазандеро ба мерос мондааст, то аҳли замон тавассути он ҳаёту рӯзгори худро мунаввар бигардонад ва аз имрӯзу гузаштаи миллати худ ифтихор бикунанд.

Ҳифзи муқаддасоту ифтихороти миллӣ, аз ҷумла забони миллат ва хирадмандию донишмандӣ яке аз ҳадафҳои муҳимму раҳнамоисози ҷавонон дар “Шоҳнома” аст.

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

Дар ин маврид профессор Х. Шарифзода чунин таъкид менамояд: “Хирад ба назари Фирдавсӣ чашми ҷон аст, бинобар ин, шоир ба хирад чунин натиҷагирӣ мекунад:

Нахустофариниш хирадро шинос,
Нигаҳбони ҷон асту они се пос....
Се поси ту чашм асту гӯшу забон,
К-аз ин се бувад неку бад бегумон...
Зи ҳар донише чун сахун бишнавӣ,
Зи омӯхтан як замон нағнавӣ.

Фирдавсӣ офариниши аввал хирадро медонад ва аз роҳи дониш ба хиради воло, ки ҳаким дар пайи ӯст, расидан имкон дорад. Бузургии донишро бо сухан дарёфтан имкон дорад ва худ донише беохир аст” [5, 10].

Шоири тавоно сухану донишро пояи асосии рушди инсонӣ ва омили муҳимми худшиносӣ ва хирадмандӣ донистааст:

Чу дидор ёбӣ ба шохи сухун,
Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун.

Инсони доно, бофазлу дониш аз назари шоир, ҳамеша тавоно аст ва бо вуҷуди пир будан ҳамеша афкори андешааш тозаву ҷавон аст. Яъне тавассути дониш инсони пир бо тавоноии илму дониш ва фазлу хирадаш ҳаёти худ ва ҷомеаро равшану ҷавон нигаҳ дошта метавонад:

Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Дар идомаи тараннуми дониш, моҳият ва мақеи он дар ҳаёт ва рӯзгори инсон шоир чунин овардааст:

Касе к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад.
Хирад бояду донишу ростӣ,
Ки каҷӣ бикӯбад ар костӣ.

Шикебой аз мо нашояд ситад,
На касро зи дониш расад низ бад.

Дар байти дигаре чунин фармудааст:

Ба дониш бувад мардро эминӣ,
Бибандад зи бад дасти оҳарманӣ.

Ё мегӯяд:

Чунин гуфт донанда – деҳқони пир,
Ки дониш бувад мардро дастгир.
Ҳар он мағз к-ӯро хирад равшан аст,
Зи дониш ба гирди танаш ҷавшан аст.

Дар кишваре, ки мардумони бофазлу хирад, донишманд ва олимону пажуҳишгарон бештаранд, он сарзамин орому осуда буда, мардумаш аз фазлу дониши афроди донишмандаш ҳамеша баҳравар гардида, дар сулҳу субот ва амнияту осоиштагӣ умр ба сар мебаранд:

Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,
Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.

Дар ҷойи дигар доир ба бузургии дониш ва фарогирии он дар муколамае бо марди бофазлу дониш ва суханвар чунин овардааст:

Бипурсидам аз аз марди неку сухан,
Касе к-ӯ ба солу хирад буд куҳан.
Ки аз мо ба Яздон кӣ наздиктар?
Киро назди ӯ роҳ бориктар?
Чунин посух дод, ки дониш гузир,
Чу хоҳӣ аз Парвардгор офарин.

Ҳамаи адабшиносону суханварон собит намудаанд, ки бузургтарин хидмати шоёни Абулқосим  Фирдавсӣ дар назди мардуми ориёӣ ин тараннуми ҳифзи марзу бум ва ҳимояи сарзамини аҷдодӣ аз ҳамагуна хасму газанд аст. Барои шоир муқаддастар аз Ватан, аз Ирон мафҳуми дигар вуҷуд надорад, ӯ ин сарзаминро ҳастии худ дониста, мардумро ба ҳимояи ин кишвари паҳновару тамаддунсоз, ҳунарманду паҳлавонзо ва фарҳангсолор даъват намудааст:

Надонӣ, ки Эрон замини ман аст,
Ҷаҳон сар ба сар зери дасти ман аст.
Ҳунар назди эрониён асту бас,
Надоданд шерони жаёнро ба кас.
Ҳама якдилонанд яздоншинос,
Ба некӣ надоранд аз бад ҳарос.
Чунин гуфт мубад, ки мард ба ном
Беҳ аз зинда душман бар ӯ шодком.
Агар кушт хоҳад туро рӯзгор,
Чӣ некутар аз марг дар корзор?

Ҳадафи шоир ҳифзи оромию осоиштагӣ, рӯзгори ором, амнияту субот дар тамоми ҷаҳон буда, инсониятро ба он ҳидоят мекунад, ки барои ҳифзи ин арзишҳои муҳимми башарӣ ҳамеша муқобилият нишон диҳад ва нагузорад, ки нохалафу бадандеше ба рӯзгори пурнишоти аҳли оламро  халалдор созад.

Ҳама рӯй яксар ба ҷанг оварем,
Ҷаҳон бар бадандеш ба танг оварем.

Ин суханони волои ватандӯстона ва ватанпарваронаи шоир дар рӯзгори мо, ки саршор аз муборизаву ихтилофот дар олам аст, моҳияти бештаре касб намудаанд. Ба андешаи мо, ҷавонони мо, бояд аз афкори ватанпарваронаи Абулқосим Фирдавсӣ панд биёмӯзанд ва ҳар як байти ватанпарваронаи ӯро шиор барои ҳифзи марзу буми кишвар ва ҳимоя аз афкори муғризонву бегонапарастонаи афроди бадхоҳу бадандеши кишвари худ намоянд:

Намонем, ки ин бум вайрон кунанд,
Ҳаме ғорат аз шаҳри Эрон кунанд,
Нахонанд бар мо касе офарин,
Чу вайрон бувад буми Эронзамин.

Дар пояи андешаи ватанхоҳонаву инсондӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ тарбия намудани насли наврас ва фирефтаи афкори бегонапарастонаи гурӯҳҳои манфиатҷӯву муғриз нашудани

ҷавононро, ки оқибатҳои фалокатборро бо баҳонаи дину мазҳаб барои ҳар миллату кишваре пеш меоранд, профессор ва ҷомеашиноси тоҷик С. Ятимов чунин арзёбӣ кардааст: “Ишора ба Фирдавсии бузург, ки бо сухани ӯ Аҷам абадият пайдо кардааст, шояд басанда бошад: “Зиёни касон аз пайи суди хеш, Биҷӯянду дин андар оранд пеш”. Дар замони муосир ҳам, ки баъд аз Фирдавсӣ бо гузашти ҳазор сол илми инсонӣ дунёро тасхир кардааст, аз ин дар маънӣ бештар, дар содагӣ хубтар ва дар фурсат мувофиқтар далел овардан мумкин нест. Афғонистон, Сурия, Ироқ, Тунис, Яман ва Тоҷикистони солҳои навадум фақат исботи гуфтаҳои Фирдавсии Тусӣ аст” [6, 31].

Ҳамин тариқ, дар “Шоҳнома” чеҳра ва симоҳои барҷастаи асотирӣ, паҳлавонӣ, шоҳону сарлашкарони меҳандӯст, аҳли илму адаб бо суханони мавзуну муассири шоиронаи Абулқосим Фирдавсӣ симои ҷовидона ёфта, барои насли имрӯзу фардои на танҳо мардуми эронитабор, балки барои тамоми аҳли башар намунаи ибрату пайравӣ гардидаанд.

Дар ин росто, ҳадафи Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз эҳёгарон ва арҷу эхтиром гузоштан ба офаридаҳои илмию бадеии аҳли илму эҷоди дирӯзу имрӯзи кишваранд, аз нашру дастрас ва тақдим намудани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба ҳар як хонадони мардуми кишвар аз он иборат аст, ки мардуми фарҳангпарвари мо аз гузаштаи дурахшони миллати худ огаҳӣ ёфта, ба қадри давлатсозию давлатдории дирӯзаву имрӯзаи кишвар, арзишҳои Истиқлоли давлатӣ дар замони муосир бирасад ва барои ояндаи неки сарзамини худ ҷаҳду талош намояд.

Кохи барафрӯхтаи Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари ҳамосаи муҳташами тамоми давру замонҳо мактаби бузурги таълиму тарбияи инсон дар самти дониш, муқаддас донистани забон, хирад, ҳифзи сарзамин, дӯстдории ватан, рафтор ва гуфтори наку буда, барои насли кунунии кишвар манбаи муҳимми фарогирии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар роҳи касби дониш, хирад, паҳлавонию далерӣ, ҳимояи Ватан барин арзишҳои волои инсонӣ  ба шумор меравад.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асарест, ки бо забони шево, мазмуни баланд ва афкору назари волои муаллифаш барои ҳар як хонанда дари суннати ватандорӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, донистани забон, таъриху ҳимояи арзишҳои миллию фарҳангӣ, ғурури ориёй, расидан ба қадри инсон, сарзамин, олам ва табиатро боз мекунад.

Дар «Шоҳнома» ғурури рустамонаву меҳандӯстона ва шикастнопазири мардуми эронитабор нуҳуфта аст, ки то имруз ягон неруи бегонаву иртиҷоӣ онро шикаст дода натавонистааст. Мо – насли имрӯзу фардои кишвар, бояд ба заҳматҳои ҷовидонаи офаридгори ин асари мондагор ва муаллифони он – Абулқосим Фирдавсӣ, эҳтиром гузорем ва ба қадри офаридаи бемислу мондагори ӯ расида, дар заминаи ғояҳои адабию бадеӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ҳофизаи таърихӣ тарбия намудани фарзандониояндасози кишвар саъй ва талоши бештаре варзем. Тамоми мазмуни таҳсилот, раванди таълиму тарбия ва фаъолиятҳои масъулони соҳаи маориф ва илми кишвар бояд инъикосгари чунин андедешаи волои инсонӣ бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Абулқосим Фирдавӣ. Шоҳнома. Душанбе: Ирфон, 1965.
2. Айнӣ, С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-ӯ . – Душанбе: Эр-граф, 2023. – 180 с.
3. Ганҷури рӯйимизӣ (маводи электронӣ)
4. Ғафуров, Б. Тоҷикон. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
5. Лутфуллоев, М. Андешаи миллӣ ва тарбияи он – Душанбе: Собириён, 2010. – 112 с.
6. Раёҳӣ, М. Фирдавсӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 338 с.
7. Шарифзода, Х. Ҳамосаи шоҳон дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 496 с.
8. Ятимов, С. Паёми пешвои миллат ва масъалаи рушди давлат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 120 с.

**МАСЪАЛАҲОИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ПЕДАГОГИКА**
**ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ПЕДАГОГИКИ**
**GENERAL THEORETICAL PROBLEMS OF PEDAGOGY**

# ЗАМИНАҲОИ ОМӮЗИШ ВА АҲАМИЯТИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***ГУЛМАДОВ Файз*** *– доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 63 67 34*

***ҲАСАНЗОДА Абдулҳамид Ҳасан*** *– унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.* ***E-mai:l*** *Abdul-87-hamid@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 881 55 87 87*

Дар маколаи мазкур муаллифон аломат ва ё нишондиҳандаҳои технологияи инноватсиониро дар самарабахшгардонии раванди таълим мушаххас баён намуда, заминаҳои омӯзиш ва аҳамияти технологияи инноватсиониро дар шароити педагогӣ баён сохтаанд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки дар мақолаи мазкур истифодаи самараноки технологияи инноватсиониро ҳамчун воситаи фаъолгардонии таълим зери усул, метод ва хусусиятҳои назариявӣ арзёби гардидааст. Чунки, самаранок роҳандозӣ намудани технологияи инноватсиониро назарияҳои илмӣ ҳамчун воситаи рушди маърифат ва принсипи системанок шуморидаанд.

Инчунин, муалифон қайд намудаанд, ки дар навбати худ аҳамити таълими инноватсионӣ дар ҳалли вазифаҳои самарабахшгардонии шароити педагогӣ аз интихоби мақсаднок сар мешавад.

Илова бар ин, дар мақола оварда шудааст, ки сифати нави таҳсил – ҳадафи асосии ислоҳоти мактаби муосир мебошад. Такмил ё азнавсозии асоснокии таркиб, шакл ва усулҳои таълим ва тарбия, ташкили ҷараёни омӯзишӣ мувофиқи анъанаҳои болораванда ё гузариш ба реҷаи инноватсионии рушд мебошад, ки омӯзиш ва аҳамияти он дар ташкили шароитҳои педагогӣ зарур дониста мешавад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *омӯзиш, таълим, инноватсия, шароити педагогӣ, технология, самарабахшгардонӣ, раванди таълим, омӯзгор, метод, меъёр, фаъолият, креативӣ.*

# ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ И ВАЖНОСТЬ ОРГАНИЗАЦИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ОБРАЗОВАНИЯ В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ УСЛОВЫЯХ СРЕДНЫХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИИ

***ГУЛМАДОВ Файз*** *– доктор педагогических наук, заведующий отделом педагогики и современного образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***тел.:*** *+ (992) 919 63 67 34*

***ХАСАНЗОДА Абдулхамид Хасан*** *– соискатель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121.* ***E-mai:l*** *Abdul-87-hamid@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 881 55 87 87*

В данной статье авторы коротко описали признаки и показатели инновационной технологии в эффективности учебного процесса а также привели основы обучения и важность инновационной технологии ва учбеном процессе.

Важно отметить что в данной статье эффективное использование инновационной технологии оценено как способ активации обучения под методом, метод и теоретические особенности. Так как научные теории считают эффективное осуществление инновационной технологии способом развития грамотности и системного принципа.

А также авторы отметели что важность инновационной обучения в решения задач эффективности педагогических условьях начинается с целевом выборе.

Кроме того в статье отмечено, что новое качество обучения, является основной задачи реформырования современной школы.

Усовершенствования и переоброзования является основой структури, вида и методов обучения и воспитания, организация учебного процесса согласно развивающихся тарадиции или переход в режиме инновационной развития и его обучения и важность в организации педагогических условьях считается необходимым.

***Ключевые слова:*** *обучения, инновация, педогогические условья, технология, эффективность, учебный процесс, учитель, метод, норма, деятельность, креативный.*

## FOUNDATIONS OF LEARNING AND THE IMPORTANCE OF ORGANIZING INNOVATIVE EDUCATION IN THE PEDAGOGICAL CONDITIONS OF SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

***GULMADOV Faiz*** *– Doctor of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Pedagogy and Modern Education of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Str. 11/2.* ***E-mail:*** *gulmadov53@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 919 63 67 34*

***HASANZODA Abdulhamid Hasan*** *– is a candidate for the Department of General Pedagogy of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121.* ***E-mai:l*** *Abdul-87-hamid@mail.ru****, phone:*** *(+992) 881 55 87 87*

In this article, the authors briefly described the signs and indicators of innovative technology in the effectiveness of the educational process, and also provided the basics of learning and the importance of innovative technology in the learning process.

It is important to note that in this article the effective use of innovative technology is evaluated as a way to activate learning under the method, method and theoretical features. Since scientific theories consider the effective implementation of innovative technology as a way to develop literacy and the system principle.

And also the authors noted that the importance of innovative learning in solving problems of effectiveness in pedagogical conditions begins with the target choice.

In addition, the article notes that the new quality of education is the main task of reforming the modern school. Improvement and re-education is the basis of the structure, type and methods of education and upbringing, the organization of the educational process according to developing traditions or the transition to the mode of innovative development and its training, and the importance in the organization of pedagogical conditions is considered necessary.

***Key words:*** *learning, education, innovation, pedagogical conditions, technology, efficiency, educational process, teacher, method, norm, development, activity, conclusions, creative.*

Сифати таҳсил – ҳадафи асосииислоҳоти мактаби муосир мебошад. Такмил ё азнавсозии асоснокии таркиб, шакл ва усулҳои таълим ва тарбия, ташкили ҷараёни омӯзиш мувофиқи анъанаҳои болораванда ё гузариш ба реҷаи инноватсионии рушд арзёбӣ мешавад.

Ҳамаи ин танҳо дар ҳолате маъно дорад, ки агар дар натиҷа мо шахсияти дорои қобилияти дар ҷаҳони тағйирёбанда зиндагӣ намуданро ба даст орем.

Мактаби муосир, аз муносибати оммавӣ ба ташаккули насли нав – шиори гузаштани на он қадар дур даст кашида, пеш аз ҳама, ба ташаккули шахсият таваҷҷуҳ дорад.

Тамоюли ташаккули низоми маҷмӯии таълими муосир бо таҳсилот ва фазои иттилоотии ягона зарур мебошад.

Ҳадафи таълиму барномаҳои омӯзиш, ин ташаккули зина ба зинаи дониш, маҳорат, малакаҳои фаъолияти зеҳнӣ, алгоритмкунонии ҷараёни таълим, тарбияи талабот ба таълим мебошад.

Ҳадафи тарбия, ин рушди озодии шахсият, ташаккули малакаҳои интихоби маънавию иҷтимоӣ, ҳаёт дар коллективи синну солашон гуногун, рушди таҷрибаи шахсии иҷтимоӣ, тайёр намудани кӯдак ба таълими минбаъда низ мебошад.

Дар раванди таълими инноватсионӣ илова ба барномаҳои тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби тағйир додани таркиб, усул, кам намудни шумораи умумии машғулиятҳо фанҳои зерин бояд вуорид карда шаванд:

1) Математика ва асосҳои иттилоот;
2) Дунёи атрофи мо;
3) Асосҳои санъати эҷодӣ бинобар фаъолият;
4) Pley and Iean English – бо забони англисӣ бозӣ мекунем ва гап мезанем;
5) Фарҳанги мусиқӣ;
6) Машғулиятҳои варзишӣ;
7) Бехатарии шахсии кӯдак.

Бояд қайд намуд, ки илмҳои заминавӣ ва фанҳои мувофиқи таҳсилоти классикӣ 4 қисматро ташкил менамоянд:

1. Давраи филологӣ (забони руссӣ, адабиёт, забонҳои қадима ва муосири аврупоӣ);

2. Фанҳои таърихию иҷтимоӣ (таърихи халқи тоҷик ва хориҷа, инсон ва ҷомеа);

3. Фанҳои фарҳангӣ (таърихи фарҳанги ҷаҳон ва ватанӣ, таърихи дин, фарҳанги муошират);

4. Давраи табиӣ – риёзиётӣ (риёзиёт бо асосҳои информатика, физика ва астрономия, химия ва биология, нақшакашӣ).

Дар асоси бахши фанҳои таълимӣ муассисаҳои таълимии инноватсионӣ ҷиҳати ташуккул додани қобилияти маърифатҷӯии хонанадагон иҷрои вазифаҳои зеринро бояд руҳандозӣ намоянд:

- дарёфт ва рушди қобилиятҳои ҳар як мактаббача;
- ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ бой, озод, ҷисман солим, фикрронии эҷодидошта, дорои дониши устувор оид ба давраи муассисаи миёна ва дониши фарох оид ба фанҳои соҳавӣ, дониши тамаркуз додашудаи забонҳои қадима ва муосир;
- ташаккули шахсияте, ки ба арзишҳои баланди маънавӣ таваҷҷуҳ дошта, дар низоми фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ ҳамбаста ва дорои қобилияти иштироки минбаъда дар рушди маънавии ҷомеа;
- ташаккули коллективи эҷодӣ коркунандаи омӯзгорон – ҳамфикрон;
- ташкили имконпазири фаъолияти таълимию тарбиявӣ;
- такмили низоми идора намудани муассисаҳои таълимии инноватсионӣ;
- гузаронидани муассисаи таълимӣ ба реҷаи рушд

Мактаббача метавонад таҳсилоти пурраи миёнаро дар чунин шароитҳои мусоид фаро гирад:

– синфҳо то 10 нафар;
– барномаҳои инфиродӣ;
– ҳаёти фаъолиятнокии фарҳангӣ;
– омӯзиши васеи забони англисӣ;
– шуъбаи тайёрнамоӣ барои кӯдакони 5 – 6 сола;
– нақлиёти мактабӣ ба ҷойи нақлиёти шаҳрӣ;
– низоми беҳамтои назорати дониш ва дастовардҳои кӯдак;
– ташкили истироҳат дар рӯзҳои таътил.

Таваҷҷуҳ ба рушди ҳамаи кӯдакон, имкони гирифтани таҳсилоти миёна мувофиқи талаботҳои ҳар як кӯдак – ин аст ҳадафе, ки муассисаи таълимӣ барои он кор мекунад.

Илова бар ин, махсусан муҳим аст, ки низоми таҳсилоти инноватсионӣ барои таъмини минтақа бо кадрҳои фаъолияткунанда корро оғоз намояд. Дар ин баробар омӯзиши анъанавии аниқи забонҳои хориҷӣ, риёзиёт, химия синфҳои соҳавӣ аз қабили муҳандисӣ, тиббӣ, ҳуқуқ бо омӯзиши чуқури як қатор фанҳои иқтисодиёт ва менеҷмент низ машҳур гаштанд. Инчунин, дар фаъолияти ҳар як муассиса равандҳои инноватсионӣ идома ёфта, барномаҳои муаллифӣ истифода мешаванд.

Дар солҳои охир муассисаҳои таълимӣ ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуд. Ин, пеш аз ҳама, норасоии маблағҳо барои таъмини пурраи маҳсулоту таҷҳизоти меҳнатӣ, воситаҳои айёнии таълимӣ ва ғайра буд.

Таназзули истеҳсоли саноатии корхонаҳои саҳҳомии саноатӣ ба фаъолияти корхонаҳои таълимию истеҳсолӣ ба таври аслӣ таъсир расониданд. Дар солҳои охир КТИ (корхонаҳои таълимию истеҳсолӣ), мувофиқи талаботҳои бозоргонӣ, омӯзиши синфҳои болоиро аз рӯйи ихтисосҳои нав ворид намуд.

Ба ғайр аз кормандон, корхонаҳои таълимию истеҳсолӣ ба тайёрнамоии лаборантони ЭВМ, ташкилкунандагони кор бо кӯдакон, котибони муассисаҳои ҳуқуқӣ, мутахассисон оид ба иқтисодиёти иловагӣ гузоштанд, ки тахассуси нисбатан баланди ҳайати омӯзгорӣ ва устоҳои омӯзиши истеҳсолӣ ва омодагии асосноки хонандагонро талаб менамояд.

Нишондоди равшани фаъолияти маҷмааҳои меҳнатии муассисаҳо, корхонаҳои таълимию истеҳсолии кишвар, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ намоиши таълимии эҷодиёти техникии кӯдакона мебошад, ки ҳар сол моҳи апрел баргузор мегардад ва шуҳраташ сол аз сол зиёд мешавад. Бо дархостҳои барои хизматрасониҳои иловагии таълимӣ, муассисаҳои таълимие, ки дар он ҷо фаъолияташон ба таври ғайримуқаррарӣ мебошад, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мебошанд.

Фаъолияти муассисаҳои мазкур ҳанӯз аз муассисаҳои томактабӣ оғоз гашта, то ба муассисаи таҳсилоти умумӣ идома меёбад. Қариб дар тамоми кишвар марказҳои таҳсилоти иловагӣ, ки аз ҷониби хадамотҳои психологии муассисаҳои томактабӣ ташкил карда шудаанд, фаъолият менамоянд. Ин фаъолияти якҷояи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, алтернативӣ ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мебошад.

Марҳилаҳои фаъолияти мазкур дар шартномаи сетарафае, ки ҳамасола байни маъмурияти шаҳр, идораи маориф ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илм баста мешавад, тафсир шудаанд. Иҷрои шартнома дар як сол ду маротиба дар ҷаласаҳои шаҳрдорон дар якҷоягӣ бо комиссияи мувофиқатӣ ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо назорат карда мешавад.

Новобаста аз ин, масъалаҳои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, пардохти саривақтии музди маоши кормандони маориф, масъалаҳои ғизои кӯдакон дар муассисаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо мушкилӣ ҳалли худро меёбанд, ки ин иҷроиши барномаҳои рушди низоми таҳсилотро душвор менамояд.

Албатта, бартарафнамоии ин душворӣ ва ташкили шароитҳои педагогӣ дар раванди таълим тарз, усул, вазифа ва воситаҳои зерини инноватсионии таълимро талаб менамояд:

- ✓ вобастагии вазифаҳои фазои созгорӣ таҳсилот ва таҳсили соҳавии синфҳои болоӣ;
- ✓ восита ва тарзҳои ташхиси тамоюли соҳавии хонандагон ба намудҳои муайяни фаъолият ва ба омӯзиши соҳаҳои муайяни дониш;
- ✓ истифодаи ташхис дар лоиҳакашии фазои инфиродии шахсияти инсони инкишофёбанда;
- ✓ истифодаи маркетинги таҳсилотӣ барои дарёфти дархости инфиродӣ ва ҷамъиятии таҳсилот;
- ✓ воридшавии таҳсилоти иловагӣ ҳамчун асос ба намуди соҳа ва инчунин асосҳои ғанигардонии муҳити таҳсилот;

✓ намоиши таҳқиқоти технологияҳои иттилоотӣ ва фаъолияти таҳқиқотии хонандагон ҳамчун шартҳои зарурии таҳсилоти соҳавӣ.

Мактаб барои ташаккули инсон, бо такя ба шахсияти омӯзгор ва асосҳои илмие, ки онҳо дарс мегӯянд, пешбинӣ гардидааст. Ин маънои ба инсон барои шинохтани худ (қобилияти дарки маърифатҷӯӣ), рушди ҳама чизи беҳтарине, ки дар замири он аст, кумак расонидан, яъне омӯзонидани мустақилона назорат намудани рафтор ва фаъолияти худ, барои таъмини ҳаёти комилан мувофиқ дар байни дигар одамон ва табиати иҳотанамударо дорад. Ин муассисаҳои таҳсилоти умумиест, ки барои хонандагон зинаи якумро ба ҳаёти душвор ва мушкил кушода, масъалаи табдил додани таҳсил ба чараёни худшиносӣ ва инкишофи шахсиятро ҳаллу фасл менамояд.

Вазифаи асосии мактаб – тайёр намудани хонандагон ба татбиқи шахсияти худ дар ҳаёти оилавӣ, меҳнатӣ ва шаҳрвандӣ мебошад. Чунин дарки моҳияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маънои онро дорад, ки вай ба ҳар як хонанда, новобаста аз замири табиии ӯ, тамоюл ва завқ, имконияти таҳсилоти оила, шароитҳои молиявию маишии он таваҷҷуҳ менамояд.

Инсон ва кӯдак арзишҳои асосии иҷтимоию фарҳангӣ мебошанд. Дар мактаби муосир ҳайати кормандон кӯшиш менамоянд, ки воситаҳои муосири таълимро истифода баранд. Чи тавре ки К.Д. Ушинский гуфтааст, «дар инсон ташаккул додани чунин хислат, ки тавонад ба ҳамаи ҳолатҳои ногаҳонии ҳаёт устувор муқобилият намуда, инсонро аз таъсири зараровар ва фосиққунандаи онҳо эмин дорад ва ба ӯ барои аз ҳама чиз гирифтани танҳо натиҷаи хуб имконият диҳад».

Мактаби муосир дар раванди фаъолият истифода намудани технологияҳои муосири педагогиро чунин пешниҳод менамояд:

– таҳсили ба шахсият таваҷҷуҳдошта;
– низоми таҳсилоти инкишофёбандаи Л.В.Занков;
– тафриқаи сатҳӣ;
– технологияи азхуднамоии пурраи дониш;
– усули коллективии таълим;
– таълими модулӣ.

Соли 1980 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолиятро мувофиқи низоми пешниҳоди Л.В.Занков оғоз намуд. Айни замон бошад аз рӯйи низоми мазкур на танҳо омӯзгорони мактаби ибтидоӣ, балки омӯзгорони сатҳи миёна фаъолият менамоянд [2.С. 158].

Бо такя аз дидгоҳҳои дар болоовардашуда, бояд қайд намуд, ки фароҳам овардани муҳити бисёрсоҳагӣ ба тағйироти ҷиддии муносибат дар интихоби таркиб ва технологияҳои таҳсил оварда мерасонад.

Таҷдиди таркиби таҳсил мувофиқи нишондодҳои зерин бурда мешавад:

– васеъ кардани доираи фанҳо;
– ташкил ва банизомдарории интихоби соҳавии барномаҳо;
– таҳияи маводҳои гуногунсатҳи хонандагӣ;
– аз нав коркарди барномаҳои фанҳои анъанавӣ вобаста аз самти синф;
– сохтан ва харидани воситаҳои таълимӣ;
– таҳияи барномаҳои давраҳои элективии таҳсилоти иловагӣ;
– мутобиққунонии таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ;
– мубодилавӣ ва ҳамгироии соҳаҳои фаннии таҳсилотӣ;
– иҷтимоинамоии таълим.

Ҳамин тавр, тамоюли самтгирии муассисаи таълимӣ дар навбати аввал бо таркиби муайян амал менамояд.

Дар заминаи консепсияи мактаби худтарбиянамоӣ, ақидаи низоми таълими инкишофёбандаги (иноватсиони)-и Л.В.Занков ҷойгир шудааст, ки:

✓ фаъолнокии ба кӯдакон хосро дастгирӣ менамояд;
✓ ба таҷрибаи ҳаётии онҳо такя мекунад;

✓ барои таъмин кардани ҳар як кӯдак бо муваффақият бо ин ё он фаъолият, кӯшиши махсус менамояд;

✓ ҳамкории эҷодии кӯдаконро бо якдигар, бо омӯзгорон ва волидон ташкил менамояд;

✓ барои фаъолона аз худ намудани кӯдак фазои мусоид фароҳам меорад;

✓ ба вақти кӯдак боэҳтиёт муносибат менамояд.

Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар интихоби идоракунии худ маҳз дар ҳамин низом, пеш аз ҳама, барои он қарор гирифтанд, ки дар он ақидаҳои «болорафтан», ки дар назди мактаби ҳаёт гузошта шудаанд, амалӣ мешаванд. Онҳо ақидаи заминавии мактаб-педагогикаи инкишофро ҳисобида, боздиди масъалаи тарбияи шахсиятро дар ҷараёни таълим, тарзи таълим, тарбия ва инкишоф раванди ягона шуморидаанд. Дар низоми таълими Л.В. Занков чунин вазифаҳое, ки айни замон омӯзгоронро ба ташвиш меоваранд: чи тавр кӯдаконро бе баҳои ду ва бе маҷбурӣ омӯзонидан лозим, чи тавр дар онҳо завқи устувор ба дарсҳо ва талабот дар ҷустуҷӯи мустақилонаи онҳо мегарданд [2.С. 124].

Хусусият ва шартҳои ҳаёт фаъолии низоми инсонпарваронаи муассисаи таълимии муосир бояд чунин бошад:

✓ муайян кардани нодирӣ, махсусии муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки бо принсипҳои муттаҳиднамоии ҳайати кормандон ва оҳиста-оҳиста ворид кардани он ба фаъолияти иштиёқманд роҳандозӣ карда мешавад;

✓ муносибати омӯзгор – хонанда дар асоси эҳтироми дуҷониба, қабули якдигар, иштироки ҳамдигар, ғамхорӣ, ҳамкорӣ ва якҷоя эҷод кардан ба роҳ монда мешавад;

✓ мавқеи омӯзгор дар раванди таълим даст кашидан аз маҷбур сохтан ва паст кардани шахсияти хонанда, ҷустуҷӯи технологияҳои педагогӣ ва тарзи фаъолияти омӯзгор ба шахсият таваҷҷуҳдошта, тамоюли солими нигоҳдоранда муайян карда мешавад;

✓ тафриқанамоӣ ва инфиродикунонии таълим бо роҳи ташкил кардани дарсҳои ғайрианъанавӣ: модулӣ, амалия, проблемавӣ, мубоҳисавӣ, инчунин, амалия, кори коллективӣ дар дарс (ҷуфтӣ, гурӯҳҳои хурд, даста ва ғайра) ба даст оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар умум бояд қайд намуд, ки ҷанбаҳои таърихии хусуссиятҳои омӯзиши таълими инноватсионӣ дар ташаккули шароитҳои педагогӣ зимни истифодаи усулҳои гуногуни технологияи таълим муҳиммияити аввалиндараҷа дошта, ҳангоми роҳандозии муносибати дурусти педагогӣ, таъмини шароитҳои педагогӣ хусусиятҳои маърифатии хонандагон аз ҷумла, тафаккури мантиқӣ, майлу хоҳиш, шавқу ҳавас ва тамоюли касбии онҳо ташаккул меёбад.

**АДАБИЁТ**

1. Азарова, Р.Н. Муносибатҳо нисбат ба ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои олӣ ҳамчун шарти амалисозии сифати таълим (дар мисоли муассисаҳои минтақавӣ) // Иқтисодиёт, омор ва информатика. – 2011. - №2. – С. 3-8. 4.

2. Занков, Л.В. Вариантҳои инфиродии рушд барои кӯдакони синфҳои ибтидоӣ / Л.В. Занков. – М., 1973. – С.156.

3. Занков, Л.В. Рушди донишҷӯён дар ҷараёни таълим / Л.В. Занков. – М.: Нашриёти Академияи илмҳои РСФСР, 1963. – 288 саҳ.

4. Кадиров, К.Б. Ҷараёнҳои инноватсионӣ дар низоми таҳсилоти олӣ // Сиёсати таҳсилотӣ – 2006. -№7.- С.41-47

5. Каменский, А.К. Заминаи меъёрию ҳуқуқии идороти ҷамъиятӣ – давлатии мактаб/ А.К.Каменский// Директори мактаб. – 2006. - №3. – С.93.

6. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001. – 318 с.

7. Луфуллозода, М., Бобизода, Ғ., Андешаҳои перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. – Душанбе, 2001. – С.120с.

8. Раҳимов, Х., Нуров, А., Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров - Душанбе, – “Ирфон”, 2020.- С.84-107.
9. Саидов, М.В. «Маълумоти инноватсионӣ ҳамчун фарҳанги иҷтимоӣ» Ахбори ДДОТ ба номи. С.Айнӣ №3, 2013 с.
10. Ушинский, К. Д. Маҷмуи асарҳо, ҷилди 8, М., Нашриёти АФП РСФСР, с. 1950. С.– 23.
11. Ушинский, К.Д. Методикаи таълими ибтидоӣ. Асарҳои педагогии интихобшуда / К.Д. Ушинский. – М.: Маърифат, 1968. – 557с.
12. Шарифзода Файзулло. Мушкилоти актуалии педагогикаи муосир. қ. 2. – Душанбе: Ирфон, 2010.- С. 328.
13. Шоев, Н.Н. Таҳлили фаъолияти инноватсионии муассисаи таҳсилоти умумӣ: сенария, муносибат.

## МОҲИЯТИ ТАНЗИМ ВА БАНАҚШАГИРИИ ОИЛА

***РАҲИМЗОДА Хуррам*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 907 98 47 70*

***МУҲИДДИНЗОДА Бахриддин*** *– номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассиси шуъбаи методикаи таълим, психология ва омодасозии кадрҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *bakhriddin.1973@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)904 29 22 66*

Дар мақола муаллифон вобаста ба моҳияти танзим ва банақшагирии оила маълумот дода қайд кардаанд, ки оила дар ҳаёти ҳар як инсон нақши бениҳоят муҳим мебозад. Моҳияти он на танҳо дар эҷод ва нигоҳ доштани робитаҳои хунӣ, балки дар ташаккули муҳити эҳсосӣ ва иҷтимоӣ, ки мо дар он ба воя мерасем ва инкишоф меёбем асос меёбад. Танзим ва банақшагирии оила дар замони мо, вақте ки омилҳои зиёде ба қобилияти мо барои идора кардани некуаҳволии оилаи худ таъсир мерасонанд, ба масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфтанд.

Давомнокии таҳсил, касби барвақтӣ ва устувории молиявӣ ҳама омилҳое мебошанд, ки метавонанд ба издивоҷ ва таваллуди фарзанд таъсир расонанд.

Инчунин, як ҷанбаи муҳимми танзим ва банақшагирии оила истифодаи усулҳои гуногуни пешгирии ҳомиладорӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳар як ҷуфт бояд усулеро, ки ба ниёзҳо ва хоҳишҳои онҳо мувофиқ аст, баррасӣ ва интихоб кунад.

Ҷузъи дигари муҳимми танзим ва банақшагирии оила ин маърифати ҷинсӣ ва огоҳӣ аз ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти оилавӣ мебошад. Фаҳмидани масъулияти ҷинсӣ, эҳтироми мутақобила ва фаҳмиш ба эҷоди динамикаи солим ва дарозмуддати оила мусоидат мекунад.

Ниҳоят, танзими муассир ва банақшагирии оила на танҳо кӯшишҳои инфиродӣ, балки дастгирии муносиби ҷомеаро низ тақозо мекунад. Барномаҳои ҳукуматӣ, ки дастрасӣ ба солимии ҷинсӣ ва сермаҳсулиро таъмин мекунанд, имкони баробар ва сифати зиндагии ҳамаи аъзоёни оиларо таъмин мекунанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *оила, банақшагирӣ, танзим, ҷинс, ҷомеа, фарзанд, инсон, инфиродӣ, хушбахтӣ.*

## СУЩНОСТЬ РЕГУЛИРОВАНИЯ И ПЛАНИРОВАНИЯ СЕМЬИ

***РАХИМЗОДА* Хуррам** – *доктор педагогических наук, профессор, ведущий научный сотрудник отдела педагогики, психологии и методики обучение Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 907 98 47 70*

***МУХИДДИНЗОДА Бахриддин*** – *кандидат педагогических наук, главный специалист отдела методики обучения, психологии и подготовки научных кадров Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *bakhriddin.1973@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)904 29 22 66*

В статье авторы дали информацию о сущности регулирования и планирования семьи и отметили, что семья играет невероятно важную роль в жизни каждого человека. Ее сущность заключается не только в создании и поддержании кровных уз, но и в формировании эмоциональной и социальной среды, в которой мы растем и развиваемся. Регулирование и планирование семьи стали актуальными вопросами в наше время, когда множество факторов влияют на нашу способность управлять собственным семейным благополучием.

Длительность образования, начало карьеры и финансовая стабильность – все эти факторы могут оказывать влияние на заключении брака и рождении детей.

Также важным аспектом регулирования и планирования семьи является использование различных методов контрацепции. Однако, каждая пара должна обдумать и выбрать тот метод, который наиболее соответствует ее потребностям и желаниям.

Еще одной важной составляющей регулирования и планирования семьи является сексуальное образование и информированность о различных аспектах семейной жизни. Понимание половой ответственности, взаимного уважения и взаимопонимания помогает создать здоровую и долгосрочную семейную динамику.

Наконец, эффективное регулирование и планирование семьи требуют не только индивидуальных усилий, но и соответствующей поддержки со стороны общества. Государственные программы, обеспечивающие доступ к сексуальному и репродуктивному здоровью, помогают обеспечить равные возможности и качество жизни для всех членов семьи.

***Ключевые слова:*** *семья, планирование, регулировании, пол, общество, ребенок, человек, личность, счастье.*

## THE ESSENCE OF REGULATION AND FAMILY PLANNING

***RAHIMZODA Khurram*** – *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Leading Researcher of the Department of Pedagogy, Psychology and Teaching Methods of the Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adamov, 11/2,* ***phone:*** *(+992) 907 98 47 70*

***MUHIDDINZODA Bakhriddin*** – *candidate of pedagogical sciences, chief specialist of the department of teaching methods, psychology and training of scientific personnel of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamova, 11/2.* ***E-mail:*** *bakhriddin.1973@mail.ru,* ***phone:*** *(+992)904 29 22 66*

In the article, the authors provided information about the essence of regulation and family planning and noted that the family plays an incredibly important role in the life of every person. Its essence lies not only in creating and maintaining blood ties, but also in shaping the emotional

and social environment in which we grow and develop. Family regulation and planning have become pressing issues in our time, when many factors influence our ability to manage our own family well-being.

Length of education, early career, and financial stability are all factors that can influence decisions about marriage and having children.

Also an important aspect of regulation and family planning is the use of various methods of contraception. However, each couple should consider and choose the method that best suits their needs and desires.

Another important component of regulation and family planning is sexuality education and awareness of various aspects of family life. Understanding sexual responsibility, mutual respect and understanding helps create healthy, long-lasting family dynamics.

Finally, effective regulation and family planning require not only individual efforts, but also appropriate support from society. Government programs that provide access to sexual and reproductive health help ensure equal opportunity and quality of life for all family members.

***Key words:*** *family, planning, regulation, family, planning, regulation, gender, society, child, person, personality, happiness.*

Яке аз вазифаҳои муҳимми оила дар ҷомеа таҷдиди аҳолӣ мебошад. Оила чашмаи хушкнашавандаи ҳаёт дар сайёраи замин аст.

Дар дунё ҳар сол миллионҳо одамон дар натиҷаи бемориҳо, ҷангҳо ва офатҳои табии ҳалок мешаванд. Оила бошад, ба миллионҳо одамони навзод ҷон мебахшад ва ҷойи одамони аз ҳаёт рафтаро таҷдид менамояд. Ҳамин тариқ, оила чашмаи ҷонбахшест, ки ҳаёти инсониятро дар рӯйи замин танзим менамояд.

Барои дар як сатҳ нигоҳ доштани аҳолӣ дар мамлакат оила бояд на камтар аз ду фарзанд таваллуд намуда, ба воя расонад. Табиист, ки волидон бо мурури замон пир мешаванд ва аз дунё мегузаранд. Агар дар оила як фарзанд ба воя расида бошад, танҳо яке аз волидонро пур мекунад ва ин ҳолат сабаби кам гаштани аҳолӣ дар ҷомеа мегардад. Агар дар оила ду фарзанд таваллуд шуда бошад, пас волидон ба ивази хеш барои ҷомеа ду шахсро тайёр кардаанд. Дар ин ҳолат шумораи аҳолӣ дар кишвар дар як сатҳ нигоҳ дошта мешавад.

Ба мо маълум аст, ки на ҳамаи фарзандони таваллудшуда ба воя мерасанд, қисме аз онҳо дар хурдӣ бо сабабҳои гуногун вафот мекунанд. Ин ҳолат сабаби кам гардидани аҳолӣ мегардад. Бинобар ин барои дар як сатҳ нигоҳ доштани аҳолӣ оила бояд камаш се фарзанд таваллуд намуда ба воя расонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сатҳи хизматрасонии тиббӣ, махсусан, дар деҳот каме паст аст, фавти атфол ҳангоми таваллуд ва давраи то 5 солагии кӯдакон зиёд аст ва барои дар як сатҳ нигоҳ доштани аҳолӣ оила бояд 3-4 фарзанд таваллуд намояд. Дар ин ҳолат бо истисноии атфоли фавтида шумораи аҳолӣ бетағйир нигоҳ дошта мешавад.

Танзими аҳолӣ дар кишварҳои ҷаҳон мухталиф аст. Масалан, дар давлатҳои Аврупо, қисми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кам шудани аҳолӣ мушоҳида мешавад. Дар бештари онҳо тавлиди фарзанд мунтазам паст мешавад. Масалан, дар бештари оилаҳои Руссия, Украина, Белорусия ва давлатҳои назди Балтика оилаҳо асосан 1 ё 2 фарзанд доранд. Барои нигоҳ доштани нуфузи аҳолӣ ин миқдор таваллуд кофӣ нест. Мувофиқи маълумоти омори Руссия соли 1994 аҳолии он кишвар 10 дарсад кам гаштааст ва ин коҳиши аҳолӣ то ҳоло идома дорад. Дар яке аз маърӯзаҳои хеш Президенти Руссия В. Путин дар соли 2003 қайд намуд, ки аҳолии Руссия ҳар сол ба миқдори 700 ҳазор нафар кам шуда истодааст.

Чунин вазъият ба сиёсат, иқтисодиёт ва хоҷагии давлат таъсири бад, мерасонад, зеро аз сабаби афзоиши наёфтани аҳолӣ дар қисме аз корхонаҳои саноатӣ ва деҳоти харобгашта барои пешравии кор одам, қувваи корӣ намерасад. Нақшаи даъвати ҷавонон ва Қувваҳои мусаллаҳ иҷро намегардад ва ғайра. Бароиислоҳи ин вазъият Ҳукумати Руссия ба қароре омадааст, ки оилаҳо барои таваллуди фарзанд аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳавасманд карда шаванд, то ба бештар таваллуд намудани фарзанд мусоидат кунад. Аз ин хотир, аз соли 2005 барои таваллуди фарзанди дуюм ба номи модарон дар бонкҳо суратҳисоб кушода ҳамчун

кӯмакпулӣ 250 ҳазор рубл гузаронида ва дигар имтиёзҳо муқаррар гардидаанд. Оилае, ки се фарзанд ба дунё меорад, оилаи серфарзанд ҳисобида шуда, ба имтиёзҳои зиёде соҳиб мешавад, аз он ҷумла, гирифтани ғайринавбатии истиқоматгоҳ, муоличаи тиббии ройгони кӯдакон, кӯмакпулии ҳармоҳа барои фарзандон ва ғайра. Баъд аз иштироки ин қарор тибқи маълумотҳои ахбории умумии Руссия дар солҳои 2005-2006 таваллуди атфол дар он кишвар афзудааст.

Афзудани аз ҳад беши аҳолӣ низ давлатро ба душвориҳо дучор месозад. Масалан, афзудани аҳолӣ дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва душвориҳои давраи гузариш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби зиёд гаштани бекорон, нарасидани ҷой дар муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, душвории таъминоти озуқаворӣ ва дигар маводи ниёзи аҳолӣ хидматҳои маишию тиббӣ ва ғайра мегардад. Дар чунин вазъияти иқтисодӣ, ба гуфти Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ба ҳар оилаи мамлакат 7 фарзанд рост меояд, ки ин бешубҳа барои тарбияи хуби фарзандон дар оила мушкилоти зиёдеро фароҳам меорад. Аз ин хотир танзими таваллуди атфол дар шароити кунунии ҷумҳуриямон амали зарурӣ аст.

Таназзул ва афзоиши шумораи таваллуд дорои сабабҳои объективӣ мебошад ва баъзеи онҳоро дида мебароем:

Барои оилаҳои Тоҷикистон анъанаҳои бисёрфарзандӣ таърихан хос аст.

Мардуми тоҷик, ки асосан ба зироаткорӣ машғул буданд, ба қувваи корӣ эҳтиёҷ доштанд. Одами серфарзандро «одами бодавлат» меномиданд, зеро фарзандон қобили кор шуда, саҳми хешро ба хоҷагидории оила мегузоштанд. Фарзандон аз синни 6-7 солагӣ, аллакай ба корҳои хоҷагӣ, нигоҳубини чорво, парастории кӯдакони хурдсол машғул мешуданд. Бо кори худ фарзандон ҳам ба падар дар корҳои саҳроӣ, ҳам ба модар дар корҳои рӯзгору парастори кӯдакони хурдсол ёрии амалӣ расонида, кори онҳоро осон мекарданд. Дар оилаҳои тоҷикон, одатан се насл – волидони куҳансол, фарзандони онҳо бо оилаю фарзандонашон умр ба сар мебурданд. Волидони куҳансол аз корҳои саҳроӣ фориғ бошанд ҳам, дар корҳои рӯзгор, парасторӣ ва тарбияи наберахо саҳми хешро мегузоштанд. Бо ин дастгирӣ кори модари ҷавонро дар тарбияи фарзандон сабук мекарданд. Ҳамин тариқ, оила дар овони хурдсолии фарзандон аз ҷиҳати моддӣ душворӣ кашад ҳам, бо наврас ва қобили кор гаштан онҳо ёрдамчии падару модар мегаштанд. Ин вазъият дар даврони имрӯзаи мо низ ва махсусан дар деҳоти Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Дар деҳот ҳоло ҳам оилаҳои зиёд ҳастанд, ки 8-10 фарзандро тарбия мекунанд. Сабаби дигари серфарзандӣ дар он аст, ки аксари занони тоҷик аз воситаҳои пешгирии ҳамл ва сукути ҷанин истифода намебаранд. Истифода набурдани воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ, кофӣ набудани хизмати тиббӣ, сатҳи маърифати аҳолӣ ва кам будани корҳои тарғиби маърифати тиббӣ дар деҳот мебошад. Аз тарафи дигар чунин амалро афкори умум ва худи занони деҳот маҳкум месозанд. Бояд зикр намуд, ки аксари занони серфарзанд дар корҳои ҷамъиятӣ-истеҳсолӣ иштирок надоранд. Онҳо ба парастории фарзандон ва корҳои рӯзгор машғуланд.

Дар баробари ҷараён доштани оилаҳои серфарзанд дар деҳот, дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои саноатӣ тамоил ба оилаҳои камфарзанд зиёд мегардад. Оилаҳои камфарзанд одатан соҳиби 2-3 фарзанд мебошанд. Ба ақидаи олимони демограф, аз он ҷумла олими тоҷик Саъдулло Исломов, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли чандин солҳо тадқиқот гузаронидааст, омили асосии камфарзандони занони шаҳрӣ иштирок дар истеҳсолот мебошад. Дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қайроқум, Турсунзода ва ғайраҳо муассисаю корхонаҳои саноатие амал мекунанд, ки ба қувваи кории занон эҳтиёҷ доранд. Ғайр аз ин дар шаҳрҳо занони соҳибмаълумоту соҳибкасб бештаранд ва онҳо имконияти дар муассисаҳои мухталиф кор карданро доранд. Заноне, ки дар истеҳсолот ё идорае, кор мекунанд, аз уҳдаи нигоҳубини фарзандони зиёд намебароянд. Илова бар ин аз сабаби кофӣ набудани муассисаҳои томактабӣ шумораи зиёди кӯдакон ба онҳо фаро гирифта намешаванд. Аз ин сабаб кор кардан дар истеҳсолот, баланд бардоштани ихтисос, кори рӯзгор ва тарбияи фарзандон ба оила, алалхусус, ба занон, мушкилоти зиёдеро фароҳам меоварад. Аз ин хотир оилаҳои шаҳрӣ ба тарбияи на бештар аз 3 фарзанд маҳдуд мегарданд.

Дараҷаи маълумоти зану шавҳар низ ба камфарзандӣ таъсир мерасонад. Агар зану шавҳари ҷавон донишгоҳеро хатм карда, соҳиби маълумоти олӣ гардида бошанд, онҳо ғайр аз вазифаҳо маъмурӣ ба фаъолияти ҷамъиятӣ низ ҷалб мешаванд. Ғайр аз ин онҳо барои баланд бардоштан ва такмили ихтисос вақти зиёди хешро сарф менамоянд. Ҳамаи ин сабабҳо имкон намедиҳанд, ки фарзанди зиёд дошта бошанд.

Даромади моддии оила низ ба камфарзандӣ сабаб мегардад. Дар шароити душвори иқтисодӣ гаронии нархҳо ба оила имкон намедиҳад, ки фарзанди зиёд дошта мебошад. Вазъияти мушкили иқтисодии солҳои охир ба таваллуди фарзанд таъсири бевосита мерасонад. Масалан, агар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 216590 кӯдак таваллуд ёфта бошад, соли 1993 ҳамагӣ 183262 кӯдак ва соли 2005 бошад 165000 кӯдак таваллуд гардидааст ва ин тамоил то кунун идома дорад.

Ба ақидаи Исломов дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол тамоили оилаҳо ба камфарзандӣ меафзояд. Ин тамоил дорои қонунҳои объективӣ буда, аз ҷумла ба вазъи сиёсӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъминоти моддӣ вобастагӣ дорад.

Тавре зикр гардида буд, дар деҳоти ҷумҳурӣ ба душвориҳои моддӣ аҳаммият надода аз таваллуди пай дар пайи фарзанд даст боз намедоранд. Мақсади ин амал дар он аст, ки дар деҳот оила ба қувваи корӣ эҳтиёҷ дорад..

Занону мардоне, ки мехоҳанд фарзанди зиёд дошта бошанд, онҳоро тарбия намуда ба камолот расонанд ва аз меҳнати онҳо дар пирӣ баҳра бигиранд, боре андеша намекунанд, ки ин амал ба саломатии зан – мард чӣ хел таъсири бад расонида, ӯро дар ҷавонӣ пир карда ба марг наздиктар мебарад.

Маълумоти ҳузнангези омор аз вазъияти воқеии имрӯза шаҳодат медиҳад, ки фосилаи байни таваллудҳои занони маҳаллӣ якуним солро ташкил медиҳад, яъне кӯдаки аввалро аз сина ҷудо накарда, кӯдаки дигарро таваллуд мекунанд. Тақрибан 20% занон дар тӯли як сол 2 маротиба таваллуд мекунанд. Аз чунин амал ҷисми зан қувваи худро ба пурагӣ барқарор карда наметавонад. Намуди хӯроки серғизо, шабҳои бехобӣ, корҳои рӯзгор ва нигоҳуини атфоли хурдсол бештар онҳоро ба бемориҳои гуногун гирифтор мегарданд.

Мувофиқи маълумоти Пажуҳишгоҳи ҳифзи сиҳатии модару кӯдаки Ҷумҳурии Тоҷикистон 44 дарсади занони ноҳияҳои Ҳисору Ваҳдат гирифтори бемории камхунӣ мебошанд. 63 дар сади занони ноҳияи Бохтар низ ба ин беморӣ қадам гузоштаанд, 12 дар сади занони ҳомилаи ин ноҳия ба шакли вазнини бемориҳои камхунӣ (анемия) гирифторанд, ки ин ҳолат ба саломатии онҳо хатари бевосита дорад. Ғайр аз ин таваллуди бефосила ғалаёни хун ва иллати гурдаҳо ва ихтилоли системаи гардиши хун ва дилро ба вуҷуд меоранд, ки гоҳо ин бемориҳо сабаби марги модарон мегарданд.

Мувофиқи маълумоти мавҷуда ҳар сол дар ҷумҳурӣ дар давраи ҳомиладорӣ ва ҳангоми таввалуд аз 12 то 150 зан ҳаёти худро гум мекунад. Бояд дар назар дошт, ки ин рақамҳо танҳо ба он модароне, ки дахл доранд, ки ба таваллудхона оварда мешаванду дар ин ҷо ҷон медиҳанд. Бояд иқрор шуд, ки бештари занони ҳомилаор аз сабаби дурии роҳ, набудани нақлиёт ва дигар имкониятҳо ба шифохона оварда намешаванд ва маълумоте ба муассисаҳои расмӣ оид ба саломатии онҳо ворид намегардад.

Ин вазъиятро дар назар дошта Президенти Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон қайд карда буданд, ки «Танҳо 35% таваллудҳои занони ҳомиладор дар таваллудхонаҳо сурат мегиранд, ки ин ҳолат қобили ташвиш аст».

Агар чунин занон фарзанд таваллуд кунанд ҳам, тифли онҳо аллакай бемор ба дунё меояд. Аз ин хотир ҳам модар ва ҳам тифли навзоди ӯ ба табобат зарурат дорад. Тадқиқотҳои илми тиб муқаррар намудааст, ки барои нигоҳ доштани саломатии модар ва таваллуди фарзанди солим фосилаи байни валодатҳо бояд муҳлати на камтар аз 2,5 солро ташкил диҳад, зеро модар тифлро 9 моҳ дар батни худ аз ҳисоби ҷисми хеш бо ғизо, хун ва дигар маводи ҳаётӣ таъмин менамояд ва пас аз таваллуд на камтар аз 1 сол ба ҷисми ӯ шир медиҳад. Захираи ҷисмонӣ, физиологӣ ва равонии модар барои тифл масраф мегарданд. Аз ин сабаб бояд зан-модар саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ ва равонии хешро барқарор намуда, пас аз он дар фикри фарзанди дигар шавад.

Олими барҷастаи тоҷик Абӯали ибни Сино навишта буд, ки модар бояд ба тифли навзод на камтар аз 2 сол шир диҳад, пас 1 соли дигар саломатии хешро барқарор намояд ва танҳо баъд аз 3 сол боз метавонад ҳомиладор шавад.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ низ тавсия мекунад, ки агар зан дар 4 сол як бор таваллуд кунад, ба саломатии модар ва тифли навзоди ӯ хатаре таҳдид намекунад.

Тавре мебинем, тамоми гуфтаҳои фавқуззикр дар як ақидаанд ва мақсади ягона ин ҳифзи саломатии зан-модар ва тавлиди фарзандони солим ва таълиму тарбияи сазовори насли оянда мебошад.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор «Оид ба нақшагирӣ ва танзими оила»-ро интишор намуд ва амалӣ намудани ин қарор ба манфиати солимии миллати тоҷик мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Аберкромби, Н. И. Социологический словарь / Н. Аберкромби, С. Хилл, Б. С. Тернер; пер. с англ.; под ред. С. А. Ерофеева. М.: ОАО «Изд-во «Экономика», 2000. 428 с.
2. Авдеев, А. А. Планирование семьи: теория и практика // Жизнедеятельность семьи: тенденции и проблемы. М. 1990. С. 28 57.
3. Авдеев, А. А. Семья в докапиталистических формациях // Детность семьи вчера, сегодня, завтра / ред. Л. И. Рыбаковский. М., 1986. С. 26 -38.
4. Александрова, Р. И. Основы этики: Учеб. пособие. Саранск: Изд-во Мордов. ун-та, 1997. 92 с.
5. Антонов, А. И. Микросоциология семьи. Методология исследования структур и процессов: Учеб. пособие. М.: Nota Bene, 1998. 360 с.


## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ-ИЛМИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***МАДАТЗОДА Манзура** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсет, директори Литсейи назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48, **тел.:** (+992) 987 92 22 00*

Дар мақола оид ба масъалаҳои мубрами муносибати босалоҳият ба таълим аз нуқтаи назари назариявӣ-илмӣ андешаронӣ карда шудааст. Сухан дар бораи зарурияти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим меравад, ки яке аз роҳҳои такмили ислоҳоти соҳаи маориф арзёбӣ карда мешавад. Дар мақола нуқтаи назари олимони соҳаи педагогик, психология зимни ба роҳ мондани муносибати босалоҳият ба таълим аз ҷиҳати методологӣ таҳлилу арзёбӣ карда шудааст. Таъкид карда мешавад, ки татбиқи имуносибати босалоҳият ба таълим хонандагон ба мустақилият ва эҷодкорӣ тайёр намуда; мувофиқи методологияи худ салоҳиятҳо ба азхудкунии асосҳои илм аз ҷониби таълимгирандагон ва инкишофи тафаккури созандаи онҳо мусоидат мекунанд.

Ҳангоми хубу мақсаднок татбиқ намудани муносибати босалоҳият ба таълим вазифаҳои асосан азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо ҳал карда шуда, рушди салоҳиятнокии иҷтимоии таълимгирандагон низ таъмин карда мешавад.

Салоҳиятҳо барои аз ҷониби хонандагон мустақилона иҷро намудани супоришҳои таълимӣ ва мушкилоти ҳангоми таҳсил ба амаломада хизмат мекунанд ва дар навбати худ барои ислоҳоти тамоми низоми таҳсилот мавқеи ҳар яке аз салоҳиятҳо ҳамчун замина хизмат мекунанд.

***Вожаҳои калидӣ:** муносибати босалоҳият ба таълим, хонандагон, омӯзгор, таҳсилот, ислоҳоти соҳаи маориф, низоми таҳсилот.*

# ТЕОРЕТИКО-НАУЧНЫЙ АНАЛИЗ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА К ОБУЧЕНИЮ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

***МАДАТЗОДА Манзура*** – *кандидат педагогических наук, доцент, директор Лицея при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана, г. Душанбе, проспект Борбада, 48,* ***тел.:*** *(+992) 987 92 22 00*

В статье обсуждаются актуальные вопросы компетентностного подхода к образованию с теоретико-научной точки зрения. Речь идет о необходимости применения компетентного подхода к образованию, что считается одним из путей совершенствования реформ в сфере образования. В статье анализируется и оценивается методологические точки зрения ученых в области педагогики и психологии. Подчеркивается, что применение компетентного иммунитета к образованию готовит учащихся к самостоятельности и творчеству.

Согласно ее методике, компетенция способствуют овладению студентами основами науки и развитию их творческого мышления. В случае хорошего и целенаправленного применения компетентностного подхода к образованию решаются основные задачи овладения знаниями, умениями и навыками, а также обеспечивается развитие социальной компетентности обучающихся.

Компетенция служит для самостоятельного выполнения обучающимися учебных задач и проблем, возникающих в процессе обучения и в свою очередь позиция каждой из компетенций служит основой реформирования всей системы образования.

***Ключевые слова:*** *компетентностный подход к обучению, учащиеся, учитель, образование, реформа образования, система образования.*

# THEORETICAL-SCIENTIFIC ANALYSIS OF THE RELATION OF COMPETENCE TO EDUCATION IN GENERAL SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

***MADATZODA Manzura*** – *Candidate of Pedagogical Sciences, docent, Director of the Lyceum under the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue,, 48,* ***phone:*** *(+992) 987 92 22 00*

The article, issues of competent through the critical approach to education and it is discussed from the theoretical-scientific point of view. We are talking about the need to apply a competent approach to education, which is considered one of the ways to improve reforms in the field of education. In the article, the point of view of the scientists in the field of pedagogy and psychology is analyzed and evaluated from the methodological point of view.

It is emphasized that the application of competent immunity to education prepares students for independence and creativity; according to its methodology, the competences contribute to the mastering of the basics of science by students and the development of their creative thinking. In the case of good and purposeful application of the competent approach to education, the main tasks of mastering knowledge, skills, and abilities are solved, and the development of the social competence of students is also ensured.

Competences serve for students' independent performance of educational tasks and problems encountered during education, and in turn, the position of each of the competencies serves as a basis for reforming the entire educational system.

***Key words:*** *competency-based approach to learning, students, teacher, education, education reform, education system.*

Вазъи таҳсилот дар ҷаҳони муосир бо мураккабӣ ва зиддиятнокӣ тавсиф ёфта, дар асоси таҳаввулоти глобалии илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ қарор дорад. Васеъшавии мафҳуми таҳсилот ва тағйирёбии мақоми он дар ҳаёти ҷомеа бо шиддатёбии масъалаҳои гуногун ҳамроҳӣ мекунанд, ки аз бухрони он шаҳодат медиҳанд. Бухрони таҳсилот қонунӣ мебошад, зеро ҳамчун низоми ба таври кифоя муҳофизакор (консервативӣ) он бо ҳамон суръате, ки зиндагӣ тағйир меёбад, тағйир ёфта наметавонад. Таҳсилот ҳамеша аз воқеият қафо мемонад, аз ин рӯ зимни суръати баланди тағйирёбии зиндагӣ зарур аст, то ки он дар навбати аввал бо чунин сифат, ба монанди универсалӣ будан тавсиф ёбад. Кӯдаконе, ки ба синфи якум дар соли 2024 омадаанд, фаъолияти меҳнатии худро такрбан то соли 2080 идома хоҳанд дод. Ҷаҳон дар миёнаи асри XXI чӣ гуна мешавад, барои худ тасаввур кардан на танҳо ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, балки барои футурологҳо (шахсони ояндаро пешгӯикунанда) низ душвор мебошад. Аз ин рӯ, таҳсилот бояд хонандагонро ба дигаргуниҳои дар пеш истода тайёр карда, дар онҳо чунин сифатҳои зудҳаракатӣ, рушду тағйирёбӣ, созандагиро инкишоф диҳад.

Ҷомеа дар рушди худ ҳамеша аз низоми маориф ба солҳои зиёд, ва дар мавридҳои алоҳида бошад, ба даҳсолаҳо пеш мегузашт Бо баланд шудани суръати ҳаёт барои ҳар як шахс ҳар рӯз мавҷи иттилоот паҳн мегардад, дар ҳоле ки мазмуни таҳсилот ва методҳои таълим ба мисли пештара боқӣ мемонанд. Бухрони таҳсилот дар ихтилоф байни талаботҳои иҷтимоӣ ба таҳсилот ва имконияти қонеъ гардонидани онҳо зоҳир мешавад. Ихтилоф байни таҳсилоти кӯҳнашуда ва суръати ҳаёт, ҷорӣ кардани воситаҳои гунонуи электронӣ, намудҳои нави иртиботот, дастрасӣ ба иттилоот ба вуҷуд меояд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир аз равандҳои муосиркунонии таҳсилот, ки имрӯз дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваста истодаааанд, дар канор истода наметавонад. Ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчун марҳилаи муҳим ва ҷудонашавандаи таҳсилоти шахсият, ҳамаи тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва инноватсияҳо: муносибати шахсият – меҳвар, иттилоотонӣ, ҳамгиросозӣ ва ғайра дахл мекунанд. Ба шумори чунин тамоюлҳо муносибати босалоҳият мансуб аст ва пайдоиши он, пеш аз ҳама, бо бухрони таҳсилот алоқаманд аст, ки аз ихтилоф байни талаботҳои барномавӣ ба хонанда, дархостҳои ҷомеа ва талаботҳои худи шахсият дар таҳсилот иборат мебошад.

Дар даврони Интернет ва воситаҳои электронии нигоҳдории иттилоот донишҳои расмии инсон (бедор набудани шавқу рағбат нисбат ба донишомӯзӣ, аз имконияти эҷодии худ ба қадри даркорӣ истифода бурда натавонистан) ҳамчун сармояи муҳим будани худро аз даст дода истодааст. Ҷомеаи муосири иттилоотӣ низоми нави арзишҳоро ташаккул медиҳад, ки дар он доштани донишҳо, маҳорат ва малакаҳо зарурӣ буда, комилан натиҷаи кофии таҳсилот намебошад. Аз инсон самтёбӣ дар ҷараёнҳои иттилоотӣ, азхуд кардани технология, худмаълумотдиҳӣ, худруштдиҳӣ, ҷустуҷӯ ва истифодаи донишҳои даркорӣ, доштани чунин сифатҳо, ба монанди тафаккури рушдёфта, тағйиру инкишофёбӣ, зудҳаракатӣ талаб карда мешаванд.

Ғояи муносибати босалоҳият дар таълим яке аз ҷавобҳо ба саволе мебошад, чӣ гуна натиҷаи таҳсилот барои шахсият зарур буда, аз ҷониби ҷомеаи муосир мавриди бозхост қарор гирифтааст. Ташаккули салоҳиятнокии хонандагон имрӯз яке аз масъалаҳои мубрамтарини таҳсилот ба шумор рафта, муносибати босалоҳият ҳамчун роҳи баромадан аз вазъияти проблемавӣ, ки аз сабаби ихтилоф байни зарурати таъмини сифати таҳсилот ва имконнопазирии ҳалли ин вазифа бо роҳи анъанавӣ аз ҳисоби зиёд кардани минбаъдаи ҳаҷми иттилооти мавриди азхудкунӣ ба вуҷуд омадааст, ба ҳисоб меравад. Сухан дар бораи салоҳиятнокӣ ҳамчун воҳиди нави андозагирии таълим меравад, ки дар зимни ин ба натиҷаҳои таълим таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Дар ин ҳолат салоҳият на маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои азхуд кардашуда, балки қобилияти амал кардан дар вазъиятҳои гуногуни проблемавӣ баррасӣ мешавад.

Мавзуи муносибати босалоҳият дар педагогикаи ватанӣ пас аз содир шудани «Консепсияи муосиркунонии маорифи Россия то соли 2010» мавриди муҳокима қарор гирифта, дар он таъкид карда мешуд, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд

салоҳиятҳои ба ном калидии хонандагонро, ки сифати муосири таҳсилотро муайян мекунанд, ташаккул диҳад.

Тавре ки таҳлили гузаронидашудаи таҳқиқотҳои педагогӣ ва амалияи таҳсилотӣ нишон медиҳад, байни талаботи муосир ба омодасозии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки ба амсилаи салоҳиятнокии таҳсилот ҷавобгӯ мебошад, ва низоми ташаккулёфтаи таълими хонандагон ихтилоф мавҷуд аст. Аз ин ру, низоми салоҳиятҳои калидии хонандагон бояд муайян карда шавад ва ошкору асоснок кардани шароити педагогии татбиқи муносибати босалоҳият ба сохтани мазмуни таҳсилоти хонандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, санҷидани самаранокии мазмуни таҳсилот ва дар амалия татбиқ намудани муқаррароти самаранокии мазмуни таҳсилот дар амалия аз вазифаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб дониста шавад.

Лозим ба таъкиди махсус аст, ки самаранокии раванди таълими хонандагонро ба таври назаррас дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим дар сурате баланд бардоштан мумкин аст, ки агар шароити зерини педагогӣ амалӣ карда шавад:

– тарҳрезии муҳити таҳсилотӣ ба ташаккули низоми салоҳиятҳои калидии хонандагон нигаронида шавад;

– мазмуни таҳсилот ҳамчун интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ ба таҷрибаи субъективии шахсият ва таъмини хусусияти азхудкунии он тарҳрезӣ карда шавад;

– салоҳиятҳои калидии хонандагон ташхиси илмӣ карда шаванд;

– низоми салоҳиятҳои калидии хонандагон муайян карда шавад, ки: салоҳиятро дар соҳаи донишҳои фаннӣ ва фавқифаннӣ, дар соҳаи маҳорат ва малакаҳои фаннӣ ва умумифаннӣ, дар соҳаи эҷодкорӣ ва дар соҳаи эҳсосотӣ-арзишӣ дар бар гирад;

– консепсияи тарҳрезии фарҳангмувофиқии мазмуни таҳсилот дар маҷрои муносибати босалоҳият, бо роҳи қиёси мазмуни таҳсилот (таҷрибаи иҷтимоӣ) бо навъҳои салоҳиятҳои калидӣ, ки таҷрибаи шахсиятии хонандаро ташкил медиҳанд амалӣ карда шавад;

– низоми ташхиси салоҳиятҳои калидие, ки таҷрибаи субъективии хонандаро ташкил медиҳанд, таҳия карда шавад.

Ҳамзамон, зарур аст, ки технологияи тарроҳии мазмуни таҳсилот дар маҷрои муносибати босалоҳият ба таълим коркард шавад, ки зеринҳоро дар дар бар мегирад:

– меъёрҳои интихоб ва принсипҳои асосии сохтани мазмуни таҳсилот;

– сатҳҳои сохтани мазмуни таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– восита ва усулҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Дар ин зимн, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар раванди таълим хусусиятҳои тарроҳии раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси муносибати босалоҳият кушода дода шавад, яъне:

– таркиб ва сохтори таҷрибаи субъективии хонанда муайян карда шуда, рӯйхати салоҳиятҳои ба он дохилшаванда кушода дода шавад;

– хусусиятҳои фароҳам овардани муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба муносибати босалоҳият ҷавобгӯ мебошад, ошкор карда шавад;

– бояд тавсияҳои методӣ оид ба ташкили фаъолият дар рафти дарс ва корҳои беруназдарсии хонандагон таҳия карда шавад, ки дар маҷмӯъ ташаккули низоми салоҳиятҳои калидиро дар раванди азхудкунии мазмуни таҳсилот таъмин намояд;

– пайваста мониторинги рушди шахсияти хонандагон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим гузаронидан шавад.

Ах таҷрибаи дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳосилшуда мо ба чунин хулоса омадем:

1. Муносибати босалоҳият ба таълим тамоюли мубрами таҳсилоти ҷаҳонӣ буда, имкон медиҳад ихтилофот байни талаботҳои барномавӣ, дархостҳои ҷомеа ва талаботи шахсият ба натиҷаҳои таҳсилот ҳалу фасл карда шаванд. Талаботҳои нав ба сифати таҳсилот ба таҳияи усулҳои татбиқи муносибати босалоҳият аллакай дар марҳилаи аввали

таълим оғоз мебахшанд. Моҳияти муносибати мазкур ташаккули маҳоратҳои фавқифаннии ҷамъбастшуда (маълумотҳои аз рӯйи барнома ва мазмуни китобҳои дарсӣ) дар хонандагон мебошад, ки аз тавсифоти ҳамгироёнаи сифати омодасозии онҳо марбут ба қобилияти истифодаи мақсадноки даркшудаи маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва усулҳои фаъолият нисбат ба доираи муайяни байнифаннии (маълумотҳои берун аз барномаву китобҳои дарсӣ ба даст овардашуда)-и масъалаҳо иборат мебошанд.

2. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муносибати босалоҳият ба таълим бо роҳи ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар хонандагон татбиқ карда мешавад, ки таҷрибаи субъективии ӯро ташкил медиҳанд. Ташаккули таҷрибаи субъективӣ тавассути азхудкунии мазмуни фарҳангмувофиқии таҳсилот ба амал меояд, ки дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ: маҳоратҳои фаннӣ ва фавқифаннӣ (натиҷа: «Ман медонам...»); маҳоратҳои фаннӣ ва умумифаннӣ («Ман метавонам...»); эҷодкорӣ («Ман эҷод мекунам...») ва дар соҳаи эҳсосотӣ-арзишӣ («Ман саъй мекунам...») муаррифӣ мешавад.

3. Ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон самараноктар дар муҳити махсус тарроҳишудаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба амал меояд, ки дорои ҳудуди муайян (якпорчагӣ, ошкор будан, муҳити психологии мусоид) ва принсипҳои тарҳрезӣ (башардӯстӣ, фарҳангмувофиқӣ, субъективӣ будан, озодии интихоб) мебошад.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр мазмуни таҳсилот бояд масъалаҳои мубрами давраи муосирро, ки дар фанҳои таълимӣ пешниҳод гардидаанд, дар бар гирад. Аз ҷониби олимон принсипҳои тарҳрезии мазмуни таҳсилот вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим асоснок карда шудааст.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим дар мазмуни таҳсилот назарҳои муаллифон гуногун мебошад. Таҳқиқотҳое, ки дар онҳо мазмуни таҳсилот дар ҷанбаи таърихӣ баррасӣ мешавад (М. Перминова [12], **Е.Н. Александрова** М.Ф. Шабаев ва дигарон [1], имкон медиҳанд дар бораи тағйирёбанда будани мазмуни таҳсилот вобаста ба рушди ҷомеа хулоса бароварда шавад. Аз замони ташаккули педагогика ҳамчун илм мазмуни таҳсилот аз нуқтаи назари фанҳои таълимии ба онҳо дохилшаванда, яъне соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти марбут ба вазифаҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоии ҷомеа баррасӣ мешуд.

Аз таваҷҷуҳи назариявӣ ва амалӣ вобаста ба муноибати босалоҳият ба таълим назарияи интихоби мазмуни таҳсилот бархӯрдор мебошад, ки аз ҷониби В. Окон [9, с. 100 – 103]) (назарияи материализми ба фаъолият вобастабуда) таҳия гардидааст. Консепсияи пешниҳодшуда азхудкунии ҳам «материя», ҳам «вазифаи» донишҳо, яъне истифодаи онҳоро дар тафаккур ва фаъолияти амалӣ пешбинӣ менамояд.

Дарки воқеият ва касби донишҳо танҳо як тарафи таълим буда, тарафи дуюм фаъолияти ин донишҳо дар тафаккури хонанда, дар фаъолияти зеҳнии он, ва тарафи сеюми он бошад, истифодаи онҳо дар фаъолияти амалӣ мебошад, ки табдилдиҳии воқеиятро дар бар мегирад Ба мазмуни таҳсилот муаллиф талаботҳои зеринро пешниҳод менамояд: истифодаи васеи сохторбандӣ дар мазмуни таҳсилот ва дар раванди таълим; гузариш аз низомҳо ва сохторҳои оддитарин ба мураккаб, аз мушаххастар ба умумитар ва баръакс; баҳисобгирии ҳадди аксари сохторҳое, ки барои аксари фанҳои таълимӣ ё дар мавриди даст кашидан аз низоми фаннӣ, барои бахшҳои гуногуни барномаи таълим умумӣ мебошанд. Аксари нуктаҳои аз ҷониби В. Окон изҳоргардида имрӯз дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

Дар педагогикаи муосир вобаста ба муносибати босалоҳият ба таълим мазмуни таҳсилот ҳамчун низоми рушду тағйирёбандагӣ, бисёрҷузъӣ ва бисёрсатҳӣ баррасӣ мешавад (Ш.А. Амонашвили, Ю.К. Бабанский, В.Г. Беспалко, Е.В. Бондаревская, А.А. Вербитский, Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, В.В. Краевский, А.Н. Леонтев, И.Я. Лернер, П.И. Пидкасистий, М.Н. Скаткин, Н.А. Сорокин, Н.Ф. Тализина, В.Д. Шадриков ва дигарон). Низом ва сохтори мазмуни таҳсилот аз ҷониби В.В, Краевский, В.С. Леднев ва дигарон коркард карда шудааст. Тавсифи сатҳҳо аз ҷониби И.К. Журавлёв, В.В. Краевский, И.Я. Лернер ва дигарон дода шудааст. Принсипҳои интихоби мазмуни таҳсилот аз ҷониби

В.В. Краевский, В.С. Леднев, М.Н. Скаткин, Н.Ф. Тализина ифода гардидаанд. Принсипҳо, меъёрҳо ва усулҳои оптимизатсияи мазмуни таҳсилот аз ҷониби Ю.К. Бабанский, А.Н. Ростовтсев ва дигарон асоснок карда шудаанд.
Бояд зикр намуд, барои Тоҷикистон татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим масъалаи нисбатан нав аст. Олимони тоҷик оид ба ини масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, мақола, китобу дастурҳо таъдиф намуда истодаанд. Аз ҷумла, олимон муҳаққиқон М. Лутфуллозода Ғ. Бобизода, Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев [7, 8] перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо китобу дастурҳои таълимӣ таҳия намудаанд, имрӯзҳои дастраси омӯзгорон гардонида шудаанд.

Агар ба таърихи назарияи таҳсилот ру орем, таҳқиқотҳои дидактҳои солҳои 30-ум асоснокии илмии сохтани илмии нақшаи таълимиро додаанд, ки имконияти ташаккули низоми донишҳо, маҳорат ва малакаҳо ва ҷаҳонбинии якпорчаро таъмин менамояд беҳтар менамоянд.

Солҳои 50-ум бо тақвият ёфтани омодасозии табиатшиносӣ- математикӣ ва меҳнатии хонандагон тавсия меёбанд. Дар солҳои 60 – 70-уми асри гузашта мазмуни таҳсилот дар ИҶШС мебоист хонандагонро бо донишҳои мустаҳками асосҳои илм мусаллаҳ карда, дар онҳо шуурнокии баландро ташаккул дода, ҷавононро ба ҳаёт, ба интихоби бомасъулияти касб, ба идома додани таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ ва ба худтаҳсилкунии минбаъда омода месохт.

Амалан то солҳои 90-уми асри гузашта ҳамчун методи асосии таълим ин иттилоотӣ ё худ такя ба донишҳои пештар аз худ кардашуда боқӣ монда [6, с. 99], дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ тақсими беасоси фанҳо ба асосӣ ва ғайри асосӣ ба амал омад.

Саҳми калонро ба коркарди назарияи мазмуни таҳсилот дар ин давра таҳқиқотҳои бисёрсола, ки зери роҳбарии Л.В. Занков [5; 60] оид ба масъалаҳои таълим ва рушд, ва зери роҳбарии В.В. Давидов [4, 40] гузаронида шуда буданд, гузоштаанд. Хизмати В.В. Давидов («Намудҳои ҷамъбасткунӣ дар таълим», соли 1972, «Масъалаҳои таълими рушддиҳанда», соли 1986, «Назарияи таълими рушддиҳанда», соли 1996) аз он иборат аст, ки ӯ аввалин шуда масъаларо дар бораи мазмуни таҳсилот ва дар бораи тарҳрезии фанҳои таълимие, ки дар сохтори худ мазмуни таҳсилотро дар бар мегиранд, ба миён гузоштааст.

Дар доираи таълими рушддиҳанда тавсифи мазмуни таҳсилот дорои хусусиятҳои худ мебошад: мазмун бояд аз низоми мафҳумҳои илмӣ (Л.С, Виготский [2]); низоми донишҳои назариявӣ, ки дар асоси амалҳои ҷамъбастшуда қарор гирифта, боиси азхудкунии бошуурона мегарданд (Л.В. Занков [5;]); мафҳумҳои аз ҷиҳати генетикӣ аввалия, ки пайдоиш, ташаккул ва рушди ягон предметро кушода дода, дар асоси принсипи амалҳо қарор доранд В.В, Давидов [4), иборат бошад.

В статье анализируется развитие национального мышления старшеклассников через празднование Навруз, Мехргон, Сада и т.п. По подтверждению социокультурных исследований, прежде всего, культурно-педагогические аспекты праздников приводят к развитию национального мышления учащихся. В статье обсуждается культурная позиция праздников и их значение для самосознания и развития национального мышления.

Автор пришел к выводу, что знание мифов и традиционных обычаев ведет к просвещению и формированию национального мышления учеников старших классов. Он также рассматривает культурный аспект фестивалей, которые представляют собой символы, знаки и передаются из поколения в поколение.

При этом автор указывает, что один из правильных способов формирования национального мышления и его развития – уметь объяснить и донести до учащихся культурный аспект праздников. Для достижения этой цели в статье выдвинуто несколько предложений.

***Ключевые слова:*** *национальное мышление, национальное самосознание, педагогическая культура, праздники, мифология, Навруз, Мехргон, Сада, обучающиеся.*

# THE PEDAGOGICAL CULTURAL ASPECT OF NATIONAL HOLIDAYS IN THE FORMATION OF NATIONAL THINKING OF SENIORS

***AYUBOVA Manizha Zokirjonovna*** *– candidate of pedagogical sciences, docent of all-university department of the Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.*

The article analyzes the development of the national thinking of high school students through the celebration of Naruz, Mehrgon, Sada and others. According to the socio-cultural studies, first of all, the cultural-pedagogical aspects of the holidays lead to the development of the national thinking of final year pupils. The article discusses, the cultural position of the holidays and their importance for self-awareness and the development of national thinking.

The author came to the conclusion that knowledge of myths and traditional customs leads to enlightenment and formation of national thinking of seniors. He also has thought about the cultural aspect of festivals, which represent symbols, signs, and passed from one generation to another.

At the same time, the author points out that one of the right ways to establish national thinking and developing is to be able to explain and convey to the pupils the cultural aspect of the holidays. In order to achieve this goal, several proposals have been put forward in the article.

***Keywords:*** *national thinking, national self-awareness, pedagogical culture, holidays, mythology, Navruz, Mehrgon, Sada, seniors.*

Дар доираи илмҳои сиёсатшиносӣ, сотсиология, фалсафа, таърих ва адабиётшиносӣ перомуни масъалаи «тафаккури миллӣ» ва «худшиносии миллӣ» асару мақолаҳои зиёд таълиф гаштаанд, ки муаллифон аз дидгоҳи пажӯҳишии худашон доир ба ин масъала андешаҳояшонро баён кардаанд. Кӯшишҳо барои муайян кардани мафҳумҳои «тафаккури миллӣ» ва «худшиносии миллӣ» ва аз лиҳози илмӣ мушаххас кардани онҳо кам нестанд. Дар як қатор мақолаҳо масъалаҳои худшиносии миллӣ низ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аддешаҳо барои устувор гардонидани он баён гаштаанд.

Барои ба таври назаррас ба вуҷуд омадани тафаккури миллӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ метавонанд, ки ҷашнҳои анъанавии тоҷикон саҳми бориз гузошта бошанд. Ҷашнҳое чун Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада пур аз воситаҳои таъсиррасон ба тафаккур ва худшиносии хонандагон мебошанд.

Т.П. Ванченко қайд кардааст, ки «Мавҷудияти ҷашнҳо ҳамчун матни фарҳангӣ аз нуқтаи назари табиати маънояш ба инсон, нишондиҳандаҳои маданӣ-антрпологии ӯ таъсири назаррас мегузорад, ки онҳо дар тағйирёбии нишондодҳои бисёри шахсии ӯ: трансформатисяи тафаккур, ба даст овардани сифатҳои нав (ҳамоне, ки дар муҳити ғайри идона ба даст оварда намешавад); васеъгардӣ ва ғанишавии тасаввурот, рушди ҷанбаҳои салоҳиятнокии бисёрфарҳангӣ ва ғайраҳо зуҳур мекунад» [3, с. 59].

Дар асоси назарияи пешниҳодкардаи Т.П. Ванченко метавонем, ки таъсири ҷашнҳоро ба тафаккур ва тасаввуроти хонандагони синфҳои болоӣ баррасӣ намоем.

Маҳз ҷашнҳои анъанавӣ ба монанди Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада, ки ҳар кадоме воситаи таҳкими худшиносӣ ва тафаккури миллӣ мебошанд, бояд, ки дар раванди таълим ва тарбияи хонандагон ба таври назаррас истифода гарданд. Танҳо муаллимони салоҳиятнок ва дорои маълумоти комил дар бораи ҷашнҳо ва урфу одатҳои он метавонанд, ки дар насли наврас худшиносӣ ва тафаккури миллиро ба вуҷуд оранд. Дар ин бора суханони педагоги машҳури рус К.Д. Ушинский, ки гуфта буд: «Тарбия агар хоҳад, ки заифу нотавон нагардад, он бояд мардумӣ бошад» - комилан дуруст аст [8, с. 298].

Дар боло сухан доир ба матни фарҳангӣ рафт. Худи ин мафҳум чиро ифода мекунад? Матни фарҳангӣ ифодагари рамзҳо, аломатҳо, нишонаҳо мебошанд, ки аз як насл ба насли

дигар интиқол меёбанд. Яъне, матни фарҳангии ҷашн як намуди иттилоъ аст, ки дар ҷомеа мавҷуд мебошад.

Як роҳи дуруст ба роҳ мондани тафаккури миллӣ ва инкишоф додани он маҳз ба хонандагон фаҳмонида додан ва интиқол дода тавонистани матни фарҳангии ҷашнҳо мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки гоҳо аз ҷониби омӯзгорони мактабҳо ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо бахшида ба Наврӯз ва ҷашнҳои дигар танҳо ба лаҳзаҳои ташкилӣ аҳамият медиҳанд. Доир ба масъалаҳои рушд додани тафаккури хонандагон таваҷҷуҳ кам ба назар мерасад. Албатта, ташкил кардани чорабинӣ дар мактаб мушкилоти худро дорад, сарҷамъ кардани хонандагон, бо онҳо омода кардани ҷойи баргузории чорабинӣ, ороиш додани идгоҳ ҳама заҳмати фаровонро талаб мекунад. Мутаассифона, ҳолатҳое ҳам ба назар мерасанд, ки баъзе хонандагон аз чунин чорабиниҳо дилмонда гаштаанд ва худашонро аз он дур мегиранду бо корҳои дигар машғул мегарданд.

Ба андешаи мо сабаби дилмондагии баъзе хонандагон аз ҷашнҳо ва чорабиниҳо якрангӣ ва дуруст нафаҳмонидани моҳияти онҳост. Аз тарафи дигар бошад, дар рафти баргузории ҷашнҳо ба таври дилхоҳ шавқманд нагаштани онҳо мебошад. Сенарияи якхела – дар Наврӯз баромад кардани Баҳор ва Бобои Деҳқон, дар саҳна пайдо шудани шоҳ Ҷамшед ва ба ин монандро хонанда давоми чанд сол тамошо кардааст ва дигар майлу рағбати такроран тамошо кардани онҳоро надорад.

Ба андешаи мо матни фарҳангии ҷашнҳо дар хонандагон бояд кушода дода шаванд. Перомуни рамз, нишон, унсурҳои Наврӯз маълумоти мушаххас ба хонандагон додан лозим мебошад, ки барои фикрронӣ ва тафаккури онҳо таъсиргузор бошад. Дар Наврӯз байни бачагон бозиҳои гуногун гузаронида мешавад. Дастархони идона ташкил мегарданд. Сабза ва суманак дар ин ҷашн ҳамчун рамз дониста мешаванд. Матни фарҳангии Наврӯз бениҳоят фарох буда, ҳамаи онро ба хонандагон фаҳмонидан лозим меояд.

Дар хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми ҷашнҳои миллӣ саволҳои зиёд пайдо мешавад, ки худ ин ба таҳаввули тафаккур ва андешаи онҳо гувоҳӣ медиҳад. Саволҳои аксарияти хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи рамзҳо ва нишонҳои ҷашнҳо аст, ки посухи саривақтӣ додан ба онҳо амри зарурӣ ба шумор меравад. Масалан, ҳам писарҳо ва ҳам духтарҳо мепурсанд, ки чаро ба деги сумалак ҳафто сангча мепартоянд, чаро чормағз меандозанд, маънои ҳафтсину ҳафтшин чист ва монанди инҳо. Ҳамаи ин саволҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки барои рушди тафаккури онҳо ғизои маънавӣ додан лозим аст.

Д.Раҳимӣ дар китоби худ доир ба рамзҳои Наврӯз маълумот додааст. Масалан, Наврӯз ва суманак рамзи навгонӣ шарҳ дода шудааст. Дар Наврӯз тухм рамзи офаришиш мебошад, ки айни замон он ба тухмбозӣ табдил ёфтааст. Ин муҳаққиқ бо изтироб навиштааст: «Имрӯзҳо шарҳу мазмуни асотирии тухмбозӣ аз байн рафтааст ва он ба як бозию саргармии бачагон табдил ёфтааст» [9, с. 123]. Инчунин дар Наврӯз сафедӣ – рамзи покӣ, ҷуфтбарорӣ – рамзи баракат ва монанди инҳо мебошанд. Агар матни фарҳангӣ ба хонандагон ба таври зарурӣ фаҳмонида дода шавад, пас фикрронии онҳо низ тағйир ёфта, тафаккури миллӣ дар онҳо ташаккул меёбад.

Наврӯз дар муҳити бисёрфарҳанга ҷашн гирифта мешавад. Он ҳамчун ҷашн дар давлатҳои Эрон, Афғонистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Покистон, Туркия, Туркманистон, Ӯзбекистон, Ҳиндустон, Ироқ ва ғайра таҷлил мегардад. Санаи 23 феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи «Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз» қабул гаштааст [9, с. 4].

Табиист, ки барои дарки матни фарҳангии Наврӯзи тоҷикон омӯзгорон бояд ҳиссаи сазовори худро гузоранд. Аввал урфу одат ва рамзҳои Наврӯзиро хуб аз худ карда бошанд ва барои муаррифии шоистаи он аз худ ибтикорот зоҳир намоянд.

Зоҳиран ба назар мерасад, ки омӯзгорон доир ба Наврӯз ва дигар ҷашнҳо маълумоти кофӣ доранд, аммо дар амал аз бисёр масъалаҳои тафаккурсоз огаҳӣ надоранд. Барои он ки тафаккури миллии хонандагон ҳини баргузории ҷашнҳо дар мактаб хуб ташаккул пазирад, пеш аз ҳама ба онҳо додани маълумоти дуруст дар бораи ҷашнҳо лозим мебошад.

Дар Тоҷикистон китобу мақолаҳои фаровон доир ба таърих ва анъанаҳои Наврӯз нашр гаштааст. «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик» ҷилди 3-ум комилан ба Наврӯз ва

чашнҳои анъанавии тоҷикон марбут аст [4, с. 3]. Дар ин китоб низ рамзҳо ва маросими Наврӯз ба таври густарда шарҳ ёфтааст.

Муҳаққиқи тоҷик П.М. Лутфуллоева доир ба аҳамияти ҷашни Наврӯз дар тарбияи хонандагон зикр кардааст, ки ҳангоми баргузор кардани он ба вуҷуд овардани равандҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

«-худшиносӣ ва ифтихори миллӣ;
- меҳанпарастӣ ва муҳаббат ба ватан;
- табиат ва муҳити зист;
- кор ва меҳнат;
- муҳаббат ба замин ҳамчун сарчашмаи ғизо;
- ваҳдати олам;
- муҳаббат ба зебоӣ, эстетизм;
- рафтори хуб;
- тозагии руҳу тан ва ғ.» [5, с. 69 - 70].

Ҳамаи ин гуфтаҳо бармехӯрад бо мафҳуми ба вуҷуд овардани тафаккури миллӣ. Яъне то худшиносии миллӣ дар ниҳоди хонандагон ба вуҷуд наояд, дар бораи ташаккул додани тафаккури миллӣ дар онҳо ҷои баҳс нест.

Доир ба тафаккури миллӣ дар байни равоншиносон, сотсиологҳо, этнографҳо баҳсҳои зиёд мавҷуданд. Ба таври мухтасар дар қомуси этнопсихологӣ онро чунин шарҳ додаанд: «тафаккури миллӣ – зеҳният ва тарзи тафаккури аксарияти намояндагони ин ё он миллат, халқияте аст, ки ба фаъолияти фикррони ба он миллат хосро соҳибанд» [7]. Дар идома дар қомуси номбурда қайд гаштааст, ки механизми фикррони дар ҳама миллатҳо типи якхела дорад, аммо тафаккури одамон ба қонунияти ягона тобеъ буда, хусусияти хоси миллиро дорад, ки он дар натиҷаи тараққиёти таърихӣ ва шароити иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа ба вуҷуд омадааст [7]. Дар ин қомус тафаккури миллии фаронсавиҳо шарҳ дода шудааст, ки ба он суханварӣ ва зиракӣ хос мебошад. Дар тафаккури англисҳо бошад, ҷиддият, оромӣ, амали илман асоснок хос аст.

Дуруст аст, ки афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии тоҷикон аз замонҳои ориёӣ ба вуҷуд омадааст. «Афкори сиёсиву ҷамъиятии тоҷикон ба бунёди қавии маънавӣ, ахлоқӣ ва ростини ориён қарор дорад» [1, с. 44].

Дар шароити кунунӣ муаммо пеш истодааст, ки чӣ тавр тафаккури миллии хонандагони синфҳои болоӣ рушд дода шавад ва ба он ҷашнҳо чӣ гуна саҳм гузошта метавонанд? В.Р. Набиуллина барои ташаккули этнос тавассути ҷашнҳо истифодаи унсурҳои педагогикаи халқиро муҳим шуморидааст ва қайд намудааст: «Дар педагогикаи халқӣ ҷашнҳо на танҳо воситаи муҳиму таъсиррасони тарбиявӣ, балки асаргузор дар ташаккули маҷмӯии ташкили зиндагӣ ва фаъолияти насли наврас мебошад» [6, с. 91].

Яке аз роҳҳои ташаккули тафаккури этносро ин муаллиф дар донистани асотири ҷашнҳо медонад. Вай таъкид кардааст, ки устураҳои ҷашнҳо барои ташаккули этнос муҳим мебошанд. Пас, барои ба вуҷуд овардани тафаккури миллӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа таъмин намудани онҳо бо маълумоти мифологӣ аст. Мутаассифона, барои хонандагони синфҳои болоӣ китобча ва ё китоби мифологияи ҷашнҳоро надорем. Асари Р. Раҳмонӣ – «Ҷашнҳои бостонии тоҷикон» [ниг.: 11] доир ба ҷашнҳо бо тасвирҳо маълумот дода шудааст, аммо он барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешбинӣ гаштааст. Дар асарҳои илмӣ доир ба ҷашнҳо маълумоти академӣ оварда шудаанд, ки даркашон барои хонандагон мушкил аст.

Ба андеашаи мо ба таври китоб омода кардани асотир, ки доир ба пайдоиши ҷашнҳо бошанд, муҳим аст. Дар асоси он китоб, ки ба синну соли наврас мутобиқ аст, чорабиниҳои ҷашнӣ бо баргузор намудани нишастҳои илмӣ, мизҳои гирд, мубоҳисаҳо фикррони хонандагони синфҳои болоиро вусъат дода, дар ин замина тафаккури миллии онҳоро рушд додан мумкин аст. Маҳз надонистани хориқа ва ё худ феномени ҷашнҳо ҷавононро водор мекунад, ки ҷашнҳои бегонаро аз худ намояд. Агар заминаҳои мифологии ҷашнҳоро донад, хоҳ-нохоҳ тафаккури миллияш инкишоф ёфта, хулосаи даркориро мебарорад.

Ҷашни Сада, ки моҳи декабри соли 2023 ба феҳристи ЮНЕСКО дохил гашт, бисёр қаҳрамонони асотирӣ дорад ба монанди Митро, Ҳушанг, шамоли Аҷуз, Ҳут ва ғайраҳо, ки донистани онҳо ба хонандагон судманд аст [10, с.20 - 28].

Дар баробари ин барои рушди тафаккури миллӣ донистани анъана ва одатҳои миллӣ таъсири назаррас мегузоранд. Ба андешаи В.Р. Набиулина ҳангоми ҷашнҳо хонандагон аз гузаштаи худ огоҳ мегарданд, беҳамтоии миллии худро эҳсос карда, ҳувияти миллияшон боло мегардад.

Маърифати хонандагон ҳангоми баргузории ҷашнҳо мукаммал мегардад. Ба андешаи Лутфуллоева доир ба таъсиргузор будани тақвими наврӯзӣ ба маърифати хонандагон комилан мувофиқем [5, с. 69 - 70]. Донишҳо дар бораи тақвими ҷашнҳо, ҷуғрофиёи баргузории онҳо бешубҳа маърифатнокии хонандагонро боло мебардоранд.

Дар маҷмуъ агар гирем, тафаккури сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фалсафии тоҷикон таърихи тӯлонӣ дорад. Дар замони кунунӣ, ки раванди ҷаҳонишавӣ вусъат дорад, миллатҳое мавҷудияти худро ҳифз карда метавонанд, ки дорои худшиносӣ, тафаккур ва ҳувияти миллӣ бошанд. Дар насли наврас инкишоф додани тафаккури миллӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Махсусан, дар мактабҳо бештар ба ҷанбаҳои илмии рушди тафаккури хонандагон таваҷҷуҳ кардан лозим аст. Барои ноил гардидан ба ин тавассути ҷашнҳо на танҳо муаллимони фанҳои гуманитарӣ, балки омӯзгорони фанҳои дақиқ низ масъулият доранд.

## АДАБИЁТ


1. Андешаи миллии тоҷикон / Зери назари Каримов О.Қ. – Хуҷанд: Ношир, 2011. – 584 с.
2. Ванченко, Т.П. Трансформация индивидуального воображения в празднике [Текст] / Т.П. Ванченко // Аналитика культурологии – 2009 – № 1 (13). С.111 – 114.
3. Ванченко, Т.П. Трансформация мышления в празднике [Текст] / Т.П. Ванченко // Вестник Московского государственного университета культуры и искусств – 2008 - № 6. – С. 59 – 63.
4. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Наврӯз ва ҷашнҳои дигар. Ҷ. 3. – Душанбе: МД СИ Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2018. – 504 с.
5. Лутфуллоева, П.М. Позновательно-нравственная значимость международного праздника Навруз в системе внешкольных мероприятий. [Текст]: дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 /Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна. - Душанбе, 2015. 161 с.
6. Набиуллина, В.Р. Педагогическое воздействия на формирование этноса средствами народной педагогики. // Человек и образование – 2009 - № 3 (20) – С. 91 – 95.
7. Национальный склад ума [Электронный ресурс]: режим доступа к статье: https://ethnopsychology.academic.ru/256/%D0%BD%D0%B0%D1%86%D0%B8%D0%BE%D0%BD%D0%B0%D0%BB%D1%8C%D0%BD%D1%8B%D0%B9_%D1%81%D0%BA%D0%BB%D0%B0%D0%B4_%D1%83%D0%BC%D0%B0.
8. Николаев, В.А., Селиверстов, С.Н., Гринева, Е.А. К.Д. Ушинский о формировании национального самосознания будущих педагогов / В.А. Николаев, С.Н. Селиверстов, Е.А. Гринева / Актуальные проблемы личностно-профессионального становления педагога: вызовы, тенденции и перспективы. Материалы Всероссийского форума посвященного Году педагога и наставника. В 2-х частях. Часть 1. – Воронеж, 2023. – С. 294 – 300.
9. Раҳимӣ, Д. Наврӯз – ҷашни замину офариниш. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 240 с.
10. Раҳимӣ, Д. Сада – ҷашни гармию нур. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 160 с.
11. Раҳмонӣ, Р. Ҷашнҳои бостонии тоҷикон. – Душанбе: Орбита, 2020. – 60 с.

## ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛ - МАНБАИ ИНКИШОФИ НУТҚИ ХОНАНДАГОН

***ПӮЛОТОВА Шоира Солиҷоновна*** – *номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *shoira.pulotova@inbox.ru, тел.: (+992) 92 770 45 80*

Мақола ба баррасии ҷойгоҳи зарбулмасалу мақол дар инкишофи нутқи муҳассилин дар ҷараёни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик бахшида шудааст. Тазаккур меравад, ки ин унсурҳои забон яке аз омилҳои тавоноиву нерӯмандии забон маҳсуб ёфта, боиси муҷазӣ ва ҳадафмандию нишонрасии баён ва ғановати захираи луғавии муҳассилин мегардад. Ҳамчунин ба мавқеи зарбулмасалу мақол дар барнома ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёна таваҷҷуҳ зоҳир гашта, қайд карда мешавад, ки муаллифони китобҳои дарсӣ зимни интихоби намунаҳо аз эҷодиёти шифоҳӣ ва асарҳои адибон ба ҷанбаҳои тарбиявӣ, мазмуну муҳтаво, луғатомӯзӣ ва мавқеи онҳоро дар рушди фарҳанги муоширати муҳассилинро ба эътибор гирифтаанд. Таъкид мешавад, ки супоришҳои ин китобҳо ба шаклгирии завқи адабӣ, забондонӣ ва зебоишинохтии хонандагон ва салоҳияти маърифативу адабии хонандагон мусоидат ва барои таҳлили саҳеҳу дурусти асарҳои бадеӣ роҳ ҳамвор менамояд. Аз таҳлили мисолҳо муаллиф ба натиҷае мерасад, ки дар баъзе китобҳои дарсӣ иштибоҳот дар шарҳи зарбулмасалу мақолҳо роҳ ёфтаанд, ки идроки асли мақсади шоирро халалдор мегардонад. Умуман, суханҳои пандомези бузургонро, ки бо афоризмҳо ороста шудаанд, дар таълиму тарбияи насли наврас ва барои ҷолибу хотирмон сурат гирифтани раванди омӯзиши сарфу наҳв басо муфид арзёбӣ шудааст.

***Вожаҳои калидӣ****: зарбулмасалу мақол, китобҳои дарсӣ, инкишофи нутқ, салоҳиятнокии хонандагон, шарҳи осори адабӣ, тарбияи завқи бадеӣ.*

## ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ – ИСТОЧНИК РАЗВИТИЯ РЕЧИ УЧАЩИХСЯ

***ПУЛОТОВА Шоира Солиджоновна*** – *кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1.* ***E-mail:*** *shoira.pulotova@inbox.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 770 45 80*

В статье рассматриваются место и роль пословиц и поговорок в развитии речи учащихся в процессе преподавания таджикского языка и литературы. Отмечается, что указанные элементы считаются одними из факторов силы и могущества языка и содействуют краткости и меткости изложения и обогащению словарного запаса учащихся. В этом аспекте особое внимание уделяется месту пословиц и поговорок в программе и учебниках средних образовательных учреждений. Подчеркивается, что авторы программ и учебников при выборе образцов устного народного творчества и литературных произведений должны обращать внимание на воспитательный аспект, учитывать их содержание в обогащении словарного запаса учащихся, а также в развитии культуры общения. Необходимо иметь в виду, что учебные задания оказывают влияние на формирование художественного вкуса, обучение языку, сложение эстетического вкуса и познавательно-литературной компетенции учащихся, открывая дорогу для правильного анализа художественных произведений. На основе анализа примеров из учебной литературы автор делает вывод, что в учебниках при комментировании поговорок и пословиц наблюдаются некоторые неточности и шероховатости, что препятствует пониманию авторского замысла. В целом назидания и афоризмы великих людей оказывают

большую помощь в воспитании и обучении подрастающего поколения, придают процессу освоения грамматики привлекательность и увлекательность.

***Ключевые слова:*** *пословицы и поговорки, учебники, развитие речи, компетентность учащихся, комментирование литературных произведений, формирование художественного вкуса.*

## PROVERBS AND SAYINGS – SOURCE STUDENTS' SPEECH DEVELOPMENT

***PULATOVA Shoira Salijonovna*** *– Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Tajik Language and Literature, Khujand State University academician B. Gafurov, Khujand, st. Mavlonbekova, 1.* ***E-mail:*** *shoira.pulotova@inbox.ru,* ***phone:*** *(+992) 92 770 45 80*

The place and role of proverbs and sayings in the development of students' speech in the process of teaching the Tajik language and literature is considered. It is noted that these elements are considered one of the factors of the strength and power of language and contribute to brevity and precision of presentation and enrichment of students' vocabulary. In this aspect, special attention is paid to the place of proverbs and sayings in the curriculum and textbooks of secondary educational institutions. It is emphasized that the authors of programs and textbooks, when choosing samples of oral folk art and literary works, should pay attention to the educational aspect, take into account their content in enriching the vocabulary of students, as well as in the development of a culture of communication. It must be borne in mind that educational tasks influence the formation of artistic taste, language learning, the development of aesthetic taste and cognitive-literary competence of students, opening the way for the correct analysis of works of art.

Based on the analysis of examples from educational literature, the author concludes that in textbooks when commenting on sayings and proverbs, some inaccuracies and roughness are observed, which hinders the understanding of the author's intention. In general, the edifications and aphorisms of great people provide great assistance in the education and training of the younger generation, making the process of mastering grammar attractive and exciting.

***Key words:*** *proverbs and sayings, textbooks, speech development, student competence, commenting on literary works, formation of artistic taste.*

Зарбулмасалу мақол иборат аз матнҳои кӯтоҳи ҳикматомезест, ки боиси камол ва таъсиру ҷазабаи каломи суханварон гашта, дар сарчашмаҳои илмӣ ба унвони амсол, зарбулмасал, мақол, истилоҳот, киноёт, истиорот, калимоти қисор, панду ҳикмат, андарз, афоризмҳову воҳидҳои фразеологӣ тавзеҳ дода шудааст. Ин гурӯҳи воҳидҳои забон аз ҷониби иддае аз пажӯҳишгарон ба доираи таҳқиқ кашида шудааст. Аллома Алиакбари Деҳхудо зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи забони форсиро дар чаҳор ҷилд зери унвони «Амсолу ҳикам» ва донишмандони тоҷик В. Асрорӣ "Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ" (с.1956); А. Писарчик, М. Ҳомидҷонова "Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ"; (с.1960); М. Фозилов дар се ҷилд «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикиву форсӣ» (с.1975); Б. Тилавов "Зарбулмасалҳои машҳур"-ро (с.1983) мунташир кардаанд, ки далел бар дороиҳои забони мо аст.

Абдулманнони Насриддин борҳо аз балоғату азамати забони тоҷикӣ сухан ба миён оварда, таъкид бар он кардааст, ки яке аз омилҳои узубату нерӯмандии забон дар фаровонии зарбулмасалу мақолҳои халқӣ мебошад: "...қудрату зарфияти забонҳо аз роҳи ошноӣ бо қолабҳои рехтаи сухан, ибораву таркибот ва гурӯҳи махсуси ҷумлаҳо муайян мешавад. Ин навъи ибораву таъбир ва ҷумлаҳои гурӯҳи махсусро бо номи амсолу ҳикам ё зарбулмасалу мақол ёд мекунанд. Инҳо қолабҳои дар давоми садсолаҳо ташаккулёфтаи забон мебошанд, ки бо лутфу ҷазабот ва ҳадафмандию нишонрасии худ мумтозанд... Бояд

афсӯс хӯрд, ки ба ҷуз баъзе корҳои муқаддамотӣ ин унсури гаронбаҳои тафаккур ва андешаи инсонӣ аз тариқи муқоиса бо забонҳои дигар омӯхта нашудааст. Аммо бо итминон метавонем арз кунем, ки дар ҳолати канори ҳам гузоштани ганҷинаи зарбулмасалу мақол ва таъбироти рехтаи забонҳои машҳури дунё ганҷинаҳои забони мо мумтоз хоҳад буд [11,с.149].

Зарбулмасалу мақолҳо ҳикмати асрҳоро фаро гирифта, таҷрибаи маънавии чандин наслро ҷамъбаст ва барои худшиносии таърихиву фарҳангӣ, барои худогоҳии миллӣ роҳ ҳамвор мекунанд. Раванди беҳтарини ғановати захираи луғавии муҳассилин ба омӯзиши ҳамин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ иртибот дорад. Аммо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба он ҳанӯз кам диққат медиҳанд. Ҳар қадар ки муаллим омӯзиши зарбулмасалу мақолҳоро дар мактаб вусъат бахшад, ҳамон қадар хонандагонро бо сарвати бебаҳои забони тоҷикӣ шинос ва нутқи шифоҳиву хаттиашонро инкишоф дода метавонад. Дар ин маврид бояд бедории тафаккур ва ҳисси зебоипарастӣ мавқеи назаррас дошта бошад, хонандагон вежагиҳои ин гурӯҳи воҳидҳои забонро ба хубӣ идрок намоянд.

Ташаккули завқ ва шавқу ҳавас барои ҳар кор аҳаммияти калон дорад ва парвариши таваҷҷуҳи доимӣ ба омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо раванди тӯлонӣ аст. Мувофиқи барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфи V як соат барои омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо ҷудо гардида, хусусиятҳои жанрӣ, таҳлили ғоявӣ, моҳият ва муҳиммияти онҳо омӯзонида мешавад. Нақшаи тақвимии омӯзгор бояд дар асоси маводи китоби дарсӣ (синфи V) ва тавзеҳоти зерини барнома анҷом пазирад: “Сохти зарбулмасал ва мақол, умумият ва тавофути онҳо. Нукта ва мавзуъҳои пандомӯз дар зарбулмасалу мақолҳо: хислатҳои неку писандида, хирадмандӣ, тавсифи илму дониш, дӯстӣ, баробарӣ, эҳтироми падару модар, мазаммати нодонӣ, бефаросатӣ, беҳаёӣ, фиребу такаббур, танқиди замона, муфтхӯрӣ” [4, с.19].

Зарбулмасалу мақолҳо аз хулосаҳои пандомези ҳаётӣ иборатанд. Дар онҳо ҷаҳонбинӣ, ҳикмат ва заковати халқ ифода шуда, дар услубҳои бадеӣ ва публисистӣ бештар ба кор мераванд. Онҳоро нависандагон ва шоирон ҳам дар шакли аслӣ ва ҳам дар намуди тағйирёфта дар баёни худ ва қаҳрамонони асар истеъмол мекунанд, ки барои тақвияти фикр, таъсирбахш ва образнок намудани нутқи муаллиф ва персонажҳо мусоидат менамоянд. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бояд дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши дастурҳои забони тоҷикӣ – шарҳи қоидаҳои грамматикӣ сурат гирад. Тарбияи маънавии фарди ҷомеаи имрӯз яке аз муаммоҳои мубрам аст. Маҳз ба воситаи осори барҷастаи адабӣ маънавиёти шогирдонро ғанӣ гардонида, дар ниҳоди онҳо муҳаббату самимиятро ба инсон, ба ҷомеа, ба зодгоҳ парвариш додан имконпазир аст. Муаллифони китобҳои дарсӣ ҳангоми интихоби намунаҳо аз эҷодиёти шифоҳӣ ва асарҳои адибон ҷанбаҳои тарбиявӣ, мазмуну муҳтаво, луғатомӯзӣ ва мавқеи онҳоро дар баланд бардоштани фарҳанги муоширати муҳассилин ба эътибор гирифтаанд. Ҳадафи аслии таълими забон ва адабиёти тоҷик инкишофи нутқ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад. Маданияти нутқи хонандагон ба рушди тафаккур ва қобилияти зеҳнии онҳо робитаи ногусастанӣ дорад. Супоришҳои китоби дарсии “Адабиёти тоҷик” (синфи V) ба инкишофи нутқ ва салоҳияти маърифативу адабии хонандагон мусоидат карда метавонад: “Чанд ҷумлае тартиб диҳед, ки дар он зарбулмасалу мақолҳо истифода шуда бошанд” [19, с.41]; “Порчаҳоро хонед, шарҳу маьнидод кунед ва аз маънии онҳо хулоса бароред” [19, с.43]; “Зарбулмасали «Намак хӯрда ба намакдон туф накунед» ба кадом байти порчаи боло (аз байти Бадриддин Ҳилолӣ-П.Ш.) рост меояд?” [19, с.155]; «Нафси бад балои ҷон» ба ҳикояи «Дарди шикам» (аз эҷодиёти Абдумалик Баҳорӣ-П.Ш.) чӣ муносибат дорад? [19, с.297]; Аз зарбулмасалҳои зер якеро интихоб карда, матне тартиб диҳед, ки дар он зарбулмасал омада бошад: «Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд», «Забони мурғонро мурғон медонанд», «Хар ҳамону полонаш дигар», «Кам-кам хӯру доим хӯр», «Дер ояду шер ояд», «Сукут аломати ризост» [19, с.45].

Дар заминаи намунаҳои овардашуда аломатҳои фарқкунанда, ҳаҷм, хусусиятҳои маъноӣ, манбаъҳои пайдоиш, дараҷаи обуранги бадеӣ, ҷиҳатҳои ҳиссиву таъсирбахшӣ ва мавқеи услубии зарбулмасалу мақолҳо бояд шарҳ дода шавад. Ба воситаи ташкили

машғулиятҳо бо ин раванд мантиқи сухану фаҳми шогирдон инкишоф ёфта, аз таҷрибаи зиндагӣ бархурдор мешаванд, баёни образнокро аз худ мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, ба ғановати фарҳанги нутқ даст меёбанд. Дар ҳақиқат, арзиши ахлоқӣ ва таълимии ин гуна дарсҳо ба дараҷот баланд аст. Аз ин хусус равишшиносон мулоҳизаҳои судманд баён доштаанд: “Дар матни бадеӣ иборaҳои рехта зарбулмасалу мақолҳо, таъбирҳои ташбеҳию истиорӣ, ифодаҳои образнок, иқтибосҳои қуръонӣ ва ғайр дучор меоянд, ки на фақат тафсири забоншиносиро тақозо мекунанд, балки маънидоди таърихии ҳаётӣ ва таърихии адабиро низ талаб менамоянд. Тафсирҳои таърихии ҳаётӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки бо воқеият, расму оин ошно шуда, маънии бадеии онро аз матн дарк кунанд” [1, с.146].

Бояд таъкид кард, ки зарбулмасалу мақолҳо бо хусусияти бадеии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Зарбулмасалҳо бештар дорои маънои маҷозӣ буда, дар онҳо мақсад ва фикри асосӣ ба воситаи киноя ифода мегардад. Маънои зоҳирӣ ва бевоситаи зарбулмасалҳо барои ифодаи мақсад ва ғоя бо корбасти санъати истиора сурат мегирад. Аммо дар мақолҳо маънои маҷозӣ, киноявӣ дида намешавад, баёни мақсаду ғоя бо гуфтугӯ комилан мувофиқат менамояд. Масалан, маънои аслии мақоли «дили нохоҳам, узри бисёр» ё «кори имрӯзаро ба фардо нагузор» бе ҳеҷ тавзеҳе равшан аст. Аммо вақте ки «дасти одамизод гул» мегӯем, барои хонанда маънои маҷозӣ ва мустаори онро бояд тавзеҳ дод. Зарбулмасалу мақолҳо ба ҳам хеле наздик мебошанд, ки фарқ карданашон душвор аст. Аз лиҳози сохтори наҳвӣ тафовути нозуки байни онҳоро забоншиносон чунин муайян кардаанд: зарбулмасалҳо аз ду қисм иборатанд. Дар қисмати аввал фикре гуфта, дар қисмати дуюм аз онҳо хулоса бароварда мешавад: Одами бекор – дарахти бебор; Илм дар хурдӣ – нақш бар санг. Мақолҳо аз як қисмат иборат буда, бе шарту қиёс баён мегарданд: Дӯстон оинаи якдигаранд; Шакара камаш хуб; Бо як гул баҳор намешавад.

Маводи дидактикии дар китобҳои дарсӣ пешниҳодшуда ҷиҳати азхудкунии самарабахши умумияту тафовути зарбулмасалу мақол ва ҳамзамон тарбияи маънавии муҳассилин мусоидат мекунад. Суҳбати мухтасар оид ба зарбулмасалу мақол, иҷрои корҳои амалӣ дар синфҳои V ва VI ҳангоми омӯзиши эҷодиёти шифоҳӣ гузаронида мешавад. Ҳадаф аз баргузории ин навъ суҳбатҳо ошкор намудани вазифаҳои зарбулмасалу мақол дар нутқ аст, ки хусусиятҳои зерини барҷастаи онҳо бояд муайян карда шавад: 1) образнокӣ ва рангорангӣ (нишон додан муҳим аст, ки ин вежагӣ бо истифодаи санъати маҷоз, истиора, ташбеҳ ва дигар воситаҳои тасвир сурат мегирад; 2) муҷазӣ (мухтасарбаёнӣ); 3) мазмуни ибратбахшӣ ва тарбиявии онҳо.

Дар вақти омӯхтани зарбулмасалу мақол беҳтаринашро ба дафтар сабт кардан ба фоидаи кор аст. Дар охири дарс зарбулмасалу мақолҳоро аз рӯи принсипи «кӣ тезтар, кӣ беҳтар» аз 7-8 то 30 адад дар мавзуи муайян, масалан, дӯстпарварӣ, накӯкорӣ, дурандешӣ, маърифатпарварӣ, хушахлоқӣ, зиракӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғайра метавон ба хотир овард. Беҳтаринҳоро интихоб намуда, маъно ва мавқеи корбасти онҳоро шарҳ додан, мазмунҳои баланду бадеъро ошкор кардан муҳим аст. Муаллим дар раванди интихоби зарбулмасал хусусияти образнокӣ, дурустии муқоисаҳо ва арзиши маърифатии онҳоро таъкид мекунад. Баррасии мазмуну муҳтаво ва мавқеи истеъмоли зарбулмасалу мақолҳоро метавон зимни тафсири намунаҳо аз эҷодиёти суханварон дар тамоми давраи таҳсил низ ба роҳ монд. Масалан, дар ҷараёни омӯзиши рӯзгор ва мероси адабии Абӯалӣ ибни Сино диққат додан ба зарбулмасалу мақолҳои зер ва мувофиқи мазмуни онҳо аз матн порчаҳои алоқамандро ёфтан: «Кор ба кордон осон аст», «Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ», «Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» (18,с.71); Ё худ дар таълими Саъдии Шерозӣ порчаҳои манзумро ба наср баргардонидан ва зимни он истифода кардани зарбулмасали «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ» [19,с.126] дар китоби дарсии синфи V супориш дода шудааст.

Тадриҷан захираи зарбулмасалу мақол бояд афзояд, аз сода ба мураккаб гароиш пайдо кунад ва фарогири луғатҳои нав, таъбироти тоза бошад. Ин ҳама ба шаклгирии завқи адабӣ, забондонӣ ва зебоишинохтии хонандагон мусоидат карда, малакаи таҳлили асари бадеӣ ва баёни муассирро дар онҳо такмил медиҳад. Хонандагон оид ба асари бадеӣ чун ҳодисаи ҳунарӣ тасаввурот пайдо мекунанд ва ҳадафи асосии таълими адабиёт дар зинаи

курси хониши адабӣ ташаккули одоби ҳамида, маҳорати сухангӯйӣ ва шиносоӣ бо осори гаронбаҳои бузургтарин намояндагони адабиёт аст. Аз ин лиҳоз, баргузидани осори саромадони адабиёт ва ашъори гаронмояи онҳо зарур аст. Ба маънои зоҳирӣ ва хусусиятҳои рамзии ифодаву таъбирҳое, ки дар зарбулмасалҳо ба маънои маҷозӣ истифода шудаанд, бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир кард ва ин корро ба таври муттасил анҷом дод. Намунаҳои зарбулмасалу мақолҳои зиёде, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, имкон медиҳад, то шогирдон бо ёрии муаллим маънову моҳияти онҳоро идрок ва мавқеи корбурди онҳоро шиносанд, нисбат ба каломи зебову шоирона меҳри хоса парваранд ва сифати гуфтору сатҳи навиштори худро такмил диҳанд. Дар курси таърихи адабиёт (синфҳои VIII—XI) таҳлилу баррасии вазифа ва мавқеи истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро дар нутқ ба роҳ мондан мувофиқи матлаб аст. Масалан, зимни омӯзиши эҷодиёти Носири Хусрав ғояву мазмуни мақолу зарбулмасалҳои зерин сурат мегирад: “Шунидан кай бувад монанди дидан”, “Ба кӯрпаат нигоҳ карда поятро дароз кун», «Макаш беш аз гилеми хештан пой», «Абрро бонги саг зиён накунад», «Аз мост, ки бар мост», «Саг дар меҳроб бузург нашавад», «Аз бадон бад шавӣ, зи некон нек», «Аз илм мурод ҷуз амал нест», «Дурӯғ бефурӯғ аст», «Зи нодон гар расад суде, зиён аст», «Ногуфта басе беҳ бувад аз гуфтаи расво»:

Макун бовар суханҳои шунида,  
Шунида кай бувад монанди дида?

Ё худ:

Агар коре кунӣ, музде ситонӣ,  
Чу бекорӣ, яқин, бемузд монӣ [13, с.145].

Умари Хайём «Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст», «Чун дил набувад шод, чӣ ҷои тараб аст?», «Осуда касе, ки худ назод аз модар», «Кач дору марез», «Накӯӣ куну дар об андоз», «Овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст” [13, с.154]; Убайди Зоконӣ “Дилам зи ҷаъди ту савдоию парешон аст, Бале, ҳамеша парешонӣ оварад савдо; “Макун бо чашми сармастам далерӣ, Ки аз рӯбаҳ наояд шергирӣ) [13, с.264];

Камоли Хуҷандӣ - «Ба пояи бузургӣ нарасанд худписандон». «То хӯшаҳо ба даст орӣ, донае бикор», «Мастӣ сифати мардуми озода набошад», «Некӯӣ куну афган дар об»:

Дил зи зулфу холи хубон тираву ошуфта аст.  
Хонаро чун ду-ст бону, лоҷарам, норӯфта аст.

* * *

Ақл гуфто: Ба рӯи ӯ чунӣ?  
Гуфтамаш: Рӯй бину ҳол пурс! [13, с.295]

Бадриддин Ҳилолӣ: «Кори имрӯзаро ба фардо нагузор», «Ҷӯянда - ёбанда», «Дасти ману домони ту», «То дам аст, ғам аст»:

Рӯзи васл аст ҳам имрӯз фидои ту шавам,  
Кори имрӯз нашояд, ки ба фардо афтад!  
Касон гӯянд: «Ҳар ҷӯяндае ёбандае бошад»,  
Туро меҷӯяму ҳаргиз намеёбам, чӣ ҳол аст ин!?  
Дар ин дунё касе бе ғам набошад,  
Агар бошад, бани одам набошад.  
Домани худро бикаш имрӯз аз дасти рақиб  
В-арна чун фардо шавад, дасти ману домони ту [19,89].

Мавқеи муаллим барои таҳлили саҳеҳ ва равшан намудани маъноҳои пӯшида ва хусусиятҳои бадеии зарбулмасалҳо хеле муҳим аст. Супориш медиҳад, ки толибилмон ду-се зарбулмасалу мақолро муқоиса ва таҳриру такмили суханваронро муайян кунанд, муродифоти онҳоро ёбанд, бо истифодаи ин унсури забони халқӣ эссе таҳия намоянд ва дар матни мушаххас моҳият ва вазифаи онҳоро дуруст тавзеҳ диҳанд. Ҳамин тариқ, кор роҷеъ ба зарбулмасалу мақол бояд ҷузъи таркибии кори таҳлили осори адабӣ гардад. Ҳангоми омӯхтани ашъори Ҳофизи Шерозӣ ҳунармандии шоирро дар интихоби мавридшиносона ва эҷодкоронаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, ки мазиятҳои бисёр ҷолибе дорад, бояд ба таври возеҳу равшан таъкид кард. Ин гурӯҳи воҳидҳои забон дар иртибот бо ҳадафи баён ва мароми эҷодии адиб истифода гашта, забони ғазалҳоро пуробуранг ва салису

таъсирбахш намудааст. Азбаски ашъори Ҳофиз пандомез аст, дар баёни андарз на танҳо зарбулмасалҳои мавҷударо ба кор бурдааст, инчунин бо риояи қавоиди зарбулмасалсозӣ онҳоро такмил додааст. Масалан:

Гӯянд санг лаъл шавад дар мақоми сабр,
Оре шавад, валек ба хуни ҷигар шавад.

* * *

Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, «ба ҷуз аз кишта надравӣ».

* * *

Дар бисоти нуктадонон худфурӯшӣ шарт нест,
«Ё сухан дониста гӯй, эй марди бихрад, ё хамӯш!»

* * *

Бо хароботнишинон зи каромот малоф,
«Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» [20, с.283].

Беҳуда нест, ки А. Насриддин роҷеъ ба сабку баёни ғазалиёти ин шоири номвар чунин изҳори назар кардааст: "Забони ашъори Ҳофиз ниҳоят бовиқору зебо ва матину устувор аст. Суханҳои ӯ мунтахаб, хушсадо ва пурмаъно мебошанд. Ӯ аз хазинаи халқ гавҳарҳои ғалтонро гирифта, зеби сухани худ месозад. Мақолу зарбулмасалҳои халқӣ гуфтори Ҳофизро ниҳоят намакин ва гуворо мегардонанд" [10,с.580]. Танҳо баъди шарҳу тафсири зарбулмасалу мақолҳо зебоӣ ва асрори каломи пуррамзу роз ва рангини шоир ба ҷилва меояд ва маҳорати шоир чун гавҳаршинос ва пардозгари сухан пешорӯи хонанда намоён мегардад.

Ҳамчунин дар ҷараёни таълими ғазалиёти Соиби Табрезӣ дар синфи X лозим ба ёдоварист, ки ин шоири баландпоя бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои зиндагӣ ва ҳаёти ҷомеа ба танқиди иллату нуқсонҳо пардохтааст. Аз ин лиҳоз, зарбулмасалу мақолҳои марбут ба масоили иҷтимоӣ дар эҷодиёти шоир мавриди корбаст қарор гирифтааст. Масалан:

Ду субҳи содиқанд аз як гиребон сар баровcovarда,
Яди байзои соқӣ бо баёзи гардани мино [14, с.65].
Соқӣ аз ҷоме агар хотири мо шод кунад,
Беҳ аз он аст, ки сад майкада обод кунад [14, с.69].
То шавӣ чашму чароғи ин ҷаҳон чун офтоб,
Пӯшиши ҳар тангдасту фарши ҳар вайрона бош.

* * *

Гавҳарнамои ҷавҳари зотии хеш бош,
Хокаш ба сар, ки зинда ба номи падар бувад.
[14,с.70]

Дар мисоли намунаҳои тазаккурёфта омӯзгор дар бораи ваҳдату ҳамдилӣ, кӯмак кардан ба ниёзмандон, накӯкорӣ ва монанди инҳо маълумот дода, ба хонандагон пайванди зарбулмасалу мақолро бо воқеиятҳои мушаххаси зиндагӣ нишон медиҳад. Ин навъи равиши дарс барои забондонӣ ва инкишофи тафаккури бадеии хонандагон арзишманд хоҳад буд. Бо таваҷҷуҳ ба далоили боло метавон ба ин натиҷа расид, ки дар китобҳои дарсӣ бисёр зарбулмасалу мақолҳо мавҷуданд ва лозим аст, ки онҳо дар раванди тафсири матнҳои бадеӣ сарфи назар нашуда, балки сареҳан мавриди баррасӣ қарор гиранд. Мутаассифона, аз ҷониби муаллифони китобҳои дарсӣ баъзе зарбулмасалу мақолҳо нодуруст тавзеҳ шудаанд. Масалан, мадҳияи дар васфи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ сурудаи Дақиқӣ ба идроки асли мақсади шоир халал расонида, хонандагонро ба иштибоҳ меандозад:

Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,
Имоми фунуну суханвар бувад.
Дақиқӣ мадеҳ оварад пеши ӯ,
Чу хурмо ба пеши Хаҷевар барад [19, с.58].

Донишманди Эрон Саид Нафисӣ нусхаи дурусти ин қитъаро овардааст:

Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,

Имоми фунуни сухан буд в-ар.
Дақиқӣ мадеҳ оварад назди ӯй
Чу хурмо бувад бурда сӯи Ҳаҷар [12,с.624].

Калимаи “Ҳаҷевар” дар фарҳангномаҳои зери даст ба чашм нарасид, дар “Луғатнома”-и Деҳхудо “Ҳаҷар - шаҳре дар Яман, ки хурморо ба вай нисбат кунанд; номи шаҳре, ки маркази Баҳрайн аст ва тамоми ноҳияи Баҳрайнро низ Ҳаҷар гуфтаанд” [6,с.368] тафсир шудааст. Мебоист муаллифони китоби дарсӣ ҳадди ақал ба ФЗТ руҷуъ мекарданд, ки дар он низ нусхаи саҳеҳи байт сабт шудааст. Дар нашри соли 2008-ум ва 2013-уми китоби “Адабиёти тоҷик” барои синфи V зимни шарҳи калимаҳои душворфаҳм маънои қитъаи болоро чунин овардаанд: “Шеърҳои шоирон ба сухан, вале шеърҳои Рӯдакӣ ба хурмои пухтаи ранговарда монанд аст. Шоирони дигар таърифу тавсифро шеъри мадҳия шуморанд, ҳаҷву таъриф дар назари Рӯдакӣ шеъри нописанд аст [17,с.55; 18,с.54]. Дар нашри ҷадид (с.2017) боз ҳам нусхаи ғалати қитъа айнан сабт гашта, шарҳи мазкур бо каме тағйир барои тавзеҳи қитъаи зерини Шаҳиди Балхӣ зикр гаштааст:

“Ба сухан монад шеъри шуаро,
Рӯдакиро суханаш талвиност.
Шоиронро хаву аҳсант мадеҳ,
Рӯдакиро хаву аҳсант ҳиҷост [19,с.58].

Шеърҳои шоирон ба сухани муқаррарӣ монанд аст, вале шеърҳои Рӯдакӣ арзиши баланд дорад. Шоирони дигар таърифу тавсифро дӯст медоранд, Рӯдакӣ ба таърифу тавсиф эҳтиёҷ надорад” [19, с.59]. Бояд қайд кард, ки қитъаи Шаҳиди Балхӣ низ дар китоби дарсӣ хеле пурғалат ва шарҳи луғот ҳам нодуруст омадааст: т**алвино** – хурмои пухтаи ранговарда; **хав** – хуб, хуш, офарин [19, с.59]. Дар фарҳангномаҳо калимаи талвино мавҷуд набуда, “т**алвин** - ба ранги дигар даровардан, гуногунранг кардан [21,ҷ.2, с.312] ва “х**ав** – 1.алафи бегонае, ки дар миёни ғалла *ва* ғ. мерӯяд, алафи печак; 2.хараки чӯбин барои болои он истода кор кардани гилкор” [21,ҷ.2, с.452];

Дар китоби Саид Нафисӣ гунаи дурусти қитъаи Шаҳиди Балхӣ мазкур аст:

Ба сухан монад шеъри шуаро,
Рӯдакиро сухане тилви нубист.
Шоиронро хаҳу аҳсант мадеҳ
Рӯдакиро хаҳу аҳсант ҳиҷист [12, с.339].

Бояд омӯзгор вожаҳои “тилв – пайрав, дунбола” [21,ҷ.2, с.362]; “нубӣ/ нубо/ нубувват – пайғамбарӣ; маҷ.эъҷоз, муъҷизанамоӣ, муъҷиза нишон додан” [21,ҷ.1, с.877]; **хаҳ** - хушо зеҳ, чӣ хуш аст!” [21,ҷ.2,с.473]-ро бо истифода аз луғатномаҳо шарҳ диҳад. Ҳамчунин лозим аст, ки адабиёти бадеӣ дар заминаи тафаккуру ҷаҳоншиносии муаллифи он таҳлил карда шавад, на балки аз пиндошти имрӯзиён, ки аксар безамина аст ва аз маънои асл хонанда фарсаххо дур мемонад. Бо андаке тааммуқ аз қитъаи болои Рӯдакӣ маънои тамоман дигар дар зеҳн матраҳ мегардад: Ба мақому манзалати Рӯдакӣ номитарину беҳтарин суханварон ки арбоби илму фан маҳсуб меёбанд, арҷ гузоштаанд ва ин мадҳияи ман мисли хурмое аст, ки ба Ҳаҷар (яке аз маҳалҳои серхурмо) баранд, яъне чизеро ба ҷое бурдан, ки дар он макон фаровон аст. Муродифи зарбулмасали мазкур “Зира ба Кирмон бурдан” ё гунаи дигари он “Қатра ба дарё бурдан” аст, ки дар осори адабӣ корбурди фаровон дорад ва киноя аз кори беҳуда анҷом додан аст, аз ҷумла, Камоли Хуҷандӣ мефармояд:

Маёред, гӯ, ноз ин ҷову ҳусн,
Ки зира ба Кирмон надорад ривоҷ [21, ҷ.1, с. 452].

Стандарт ва барномаи фанни забони тоҷикӣ бо назардошти ислоҳоти раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти кишвар - муносибати босалоҳият ва корбурди усули ҳамгиро бо фанни адабиёти тоҷик мураттаб гардида, дар синфи V таваҷҷуҳ ба аҳаммияти зарбулмасал ва мақол барои обуранг ва маънодор гардонидани нутқ ва ҳангоми гуфтор ва навишт зарбулмасал ва мақолро бамаврид ва мақсаднок истифода бурдани хонандагон тавсия шудааст [2, с. 34]. Дар китоби “Забони тоҷикӣ” (синфи V) супоришҳои зерин пешниҳод гардидааст: “Зарбулмасалу мақолҳоро шарҳ диҳед: “Гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-

ҷо” [5, с. 35]; “*Аз дӯсти нодон душмани доно беҳ*” шарҳ диҳед [5, с. 38]; Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд; Давидани гӯсола то каҳдон; Он чӣ гум кардаӣ, маҷӯй; Обро бину мӯза каш, ҳаворо бину рӯза каш; Илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ бояд кард; Ангурро хӯру боғашро напурс; Аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан [5, с. 39]; Зарбулмасалу мақолҳои зеринро нависед ва ба сохти мутазодҳо аҳаммият диҳед:

1. Дӯст мезанад табарвор,
Душман мезанад шакарвор.
2. Аз дӯсти нодон душмани доно беҳтар.
3. Ҷавонию тавонӣ — пирию нотавонӣ.
4. Ба некномӣ мурдан беҳ, ки ба бадномӣ зистан [5, с. 144].

Аз таҳлили мисолҳои поён маълум мегардад, ки гоҳе муаллифони китобҳои дарсӣ ба иштибоҳ роҳ додаанд, яъне ҳеҷ тафовуте байни зарбулмасалу мақолҳо нагузошта, ба таври махлут пешниҳод кардаанд. Масалан, аз шаш ҷумлаи ба сифати зарбулмасал пешниҳодгашта танҳо яке “Некӣ куну дар об андоз” зарбулмасал ва боқӣ ҳамагӣ мақол ҳастанд:

1. Рӯзи нек ба рӯзи бад мадиҳед. (Зарб.)
2. Ранҷи худу роҳати ёрон талаб. (Зарб.)
3. Бо одами тарсончак ба шикор нарав. (Зарб.)
4. Одамонро аз худ маранҷон. (Зарб.)
5. Аз паси аспи носанҷида нагузар. (Зарб)
6. Хондаатро магӯ, фаҳмидаатро бигӯ. (Зарб.)
7. Некӣ куну дар об андоз. (Зарб.)
8. Меҳнат кунӣ, роҳат бинӣ. (Зарб.) [3, с. 132].

Дар китобҳои дарсии фанни забони тоҷикӣ маводи фаровон аз шоиру нависандагони барҷастаи форсу тоҷик пешниҳод шудааст, ки ҷиҳати азхудкунии самарабахши маводи назарӣ ва ҳамзамон тарбияи маънавии муҳассилин мусоидат мекунад. Зарбулмасалу мақоле, ки диққати хонандаро ҷалб мекунад, ӯро ба фикр кардан, муаммоҳоро муҳокима кардан, дар мубоҳисаҳо иштирок кардан ва ба сухан гуфтан водор менамояд. Чунин кор шавқу ҳавасро ба мутолиаи адабиёти бадеӣ зиёд мекунад, ки ин ба густардагии ҷаҳонбинии фарҳангии муҳассилин ва рушди зеҳнии онҳо мусоидат мекунад. Баррасии ғоя, мазмун ва маъноҳои маҷозии калимаву ибораҳои таркиби зарбулмасалҳо фаъолнокиашонро тақвият бахшида, эҳсоси мусбат ва хоҳиши баён кардани фикрро меафзояд. Аз осори суханварони классик, ки ин унсурҳои забон зиёд ба кор рафта ангезаҳои маърифатӣ, зебоишиносӣ, инсонгароӣ ва ватандӯстӣ доранд, бояд аз нигоҳи тарбиявӣ низ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гиранд. Масалан, барои равшан гаштани маънои қитъаи поёни Абдурраҳмони Ҷомӣ сараввал тафсири мақолҳои “Як сари мӯй афзун ниҳодан” ва “Аз ҳадди худ берун пой ниҳодан” зарур аст:

Эй бародар, аз ту беҳтар ҳеҷ кас нашносадат,
З-он чӣ ҳастӣ, як сари мӯ хешро афзун манеҳ.
Гар фузун аз қадри ту бистоядат нобихраде,
Қадри худ бишносу пой аз ҳадди худ берун манеҳ! [16, с. 150]

Навъи хеле муфиди кор барои хонандагон баъд аз фаҳмонида мавзуи муайяни синтаксис ҳар чӣ бештар ба хотир овардани зарбулмасал ва мақол аст. «Ҷумлаи мураккаби пайваст» дар ин хусус маводи фаровон медиҳад: Зар аз маъдан ба кон кандан бадар ояд **ва** аз дасти бахил ба ҷон кандан; Аз нафспарвар саварӣ наёяд ва беҳунар саварӣро нашояд; Панҷа бо шер задан **ва** мушт бо шамшер кори хирадмандон нест [16, с. 247]; Мор пӯсти худро гузорад, **аммо** хӯи худро нагузорад [16, с. 312]; ва ғ .

Барои мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби пайрави шарт» низ зарбулмасалу мақолҳои ҷолиб интихоб кардан мумкин аст. Намунаҳо: **Агар** оқилӣ, як ишорат бас аст!; **Агар** халқ ба халқ ҳамроҳ шавад, давлат аст; **Агар** хоҳӣ, ки некӯтарин ва писандидатарини мардумон бошӣ, он чӣ ба худ написандӣ, ба кас мауписанд; **Агар** хоҳӣ, ки қадри ту бар ҷой бошад, қадри мардумони некӯ бишинос; **Агар** хоҳӣ, ки ба қавли ту кор кунанд, ба қавли худ кор

кун; **Агар** хоҳӣ, ки бебим боши, беозор бош; **Агар** хоҳӣ, ки ҳама кас дӯсти ту бошад, кинаи ҳеҷ кас дар дил магир; **Агар** ҳасуд набошад, ҷаҳон гулистон аст; **Агар** тавонгарӣ хоҳӣ, писандидакор бош; **Агар** хоҳӣ, ки аз қафои ту наханданд, зердастонро гиромӣ бидор; Аз намунаҳои оварда пайдост, ки пайвандаки шартии "агар" алоқаи сарҷумларо бо ҷумлаи пайрави ҳоли шарт таъмин кардааст. Мисоли дигар:

Машав ҳамроҳи кас ноозмуда,
Тафовут дон зи дида то шунида.

Носири Хусрав [3, с. 133].

Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.

Абулқосим Лоҳутӣ [3, с. 135].

З-он рӯз, ки аз суруи худ мондам фард,
Шуд маъракаи диловарӣ бар ман сард.
Дерин масале ҳаст, ки дар рӯзи набард,
Зарбат бувад аз ҳарбаву даъвӣ аз мард (Абдурраҳмони Ҷомӣ) [16, с. 32].

Дар китоби дарсӣ маъноҳои "додхоҳӣ, ҷанҷол, талаби ноҳақ, гувоҳӣ додан"-и калимаи даъвӣ" сабт шудааст. Агар боз як тобиши маъноии ин вожа - "лофидан, ифтихор изҳор намудан", ки дар байти боло ифода шудааст, қайд мегардид, маънои зарбулмасал барои хонанда равшан мешуд. Муаллим метавонад муродифоти дигари ин зарбулмасалро "Кор шамшер мекунад, на ғилоф" ёдрас намояд.

Набояд кард бад бо бегуноҳе,
Набояд канд худро низ чоҳе.
Гуноҳ набвад з-ин дар табиат,
Макун бо бегуноҳе ин саноат (Фаридаддини Аттор) [16, с. 131].

Ҳангоми омӯхтани намунаҳои боло ба хонандагон супориш додан бамаврид аст, ки аз байтҳо шакли дар забони муҳовара маъмули зарбулмасалу мақолҳоро дар дафтар сабт кунанд ва баъдан кадоме ба табъу завқашон писанд омаданашро шарҳ диҳанд. Хонандагон баъди шарҳи мавзуъ аз ҷиҳати сохтор зарбулмасалу мақолҳои ба ҳам монандро номбар карда метавонанд.

Умуман, суханҳои пандомези бузургон, ки бо зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ба зевари табъ ороста шудаанд, дар таълиму тарбияи насли наврас басо муфид буда, раванди омӯзиши сарфу наҳвро барои толибилмон ҷолибу хотирмон месозад. Омӯзгори эҷодкору навовар бояд усулҳои гуногунро таҷриба кунад ва аз якрангӣ эҳтироз варзад. Барои ҳар синф мутолиаи осори адабӣ ва аз рӯйи онҳо иҷрои корҳои мустақилонаро талаб дорад. Аввалин намунаҳои корҳои амалӣ бояд дар дарсҳои хониши адабӣ гузаронида шавад, зеро шогирдон тавассути иҷрои корҳои амалӣ, аз ҷумла, ҷамъоварии намунаи зарбулмасалу мақол аз осори адабӣ ё худ забони муҳовара ба имконият ва дониши худ боварӣ ҳосил мекунанд, ба кори шинохту таҳқиқи воҳидҳои рехтаи забон ҷалб мешаванд. Чунин усули ташкили корҳои амалӣ ҳарчанд саҳлу одӣ ба назар мерасад, аммо мустақилияти шогирдонро меафзояд ва барои такмили сифати гуфтор ва сатҳи навиштори онҳо корвар ва чорасоз хоҳад буд. Ин равишро дар таҷриба истифода бурдан самараи хуб ба бор хоҳад овард.

Омӯзгор, ки устоди башарият аст, бояд шахсияти хонандаро тарбия карда, пас аз он таълимро ба роҳ монад, зеро имрӯз насли наврас ва ҷавон ба ҳидоят ва тарбияти дуруст ниёзманданд, то ба усули ахлоқӣ ва фазоили башарӣ имон оваранд ва шахсияти устувору мустақил ба камол расанд ва барои омӯзиш майлу рағбат зоҳир кунанд. Дар ин бора Саъдии бузургвор фармудааст: "Ҳар киро нест адаб, лоиқи сӯҳбат набувад" ва ё дар байни халқ низ чунин ҳикмат аст: "Одамизод агар беадаб аст, одам нест" аз ин рӯ, истифода ва баррасии ҷанбаҳои ҳам забониву ҳам адабии ин гурӯҳи воҳидҳои забон дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ҳисси худшиносӣ ва худогоҳиро дар хонандагон бедор менамояд ва нақши равшане дар лавҳи хотирашон боқӣ мегузорад. Ҳангоми шарҳи маънӣ шогирдон дарк менамоянд, ки миллати бофарҳанг ва илмдӯстро доранд ва аз наслу асли хеш ифтихор

намуда, барои лоиқу арзандаи ниёгон шудан кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Бо омӯзиши салоҳиятноки зарбулмасалу мақолҳо, ки тору пуди онҳоро тафаккури бадеии халқ фаро гирифтааст, баёнро рангину нишонрас карда, фикру андешаашонро ғановат мебахшанд ва ба фарҳанги баланди нутқ ноил мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Абдусамади Мулло. Методикаи таълими адабиёти тоҷик.- Душанбе: Ирфон, 2014, 400 саҳ.
2. Аминов, С., Мухтори Қ., Тошбоева З., Мирзоёров Ф. Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷики барои синфҳои Ҷ-ҶI.- Душанбе, 2018, 148 с.
3. Аминов, С. Забони тоҷикӣ (барои синфи 8).- Душанбе, 2020
4. Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-11.- Душанбе, 2007.-65 с.
5. Бобомуродов, Ш., Сабзаев, С., Набиева, С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5.- Душанбе: Тайфун-Менеҷмент, 2008.- 256 саҳ.
6. Деҳхудо, Алиакбар. Амсолу ҳикам. Ҷ.1.-Теҳрон: Амири кабир, чопи шашум, 1363 ш.қ. / 1946.- 624 с.
7. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон А.Писарчик, М.Ҳомидҷонова.- Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960
8. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ. Ҷамъкунанда ва тартибдиҳанда В. Асрорӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956
9. Зарбулмасалҳои машхур. Тартибдиханда Бозор Тилавов. – Душанбе: Ирфон, 1983
10. Куллиёти осори Абдулманнони Насриддин. Иборат аз 7 муҷаллад, ҷ.7.-Хуҷанд: Хуросон, 2013.-750 с.
11. Насриддин, А. Чанд санади равшангар дар коройи ва азамати забони мо // Фурӯғи андеша: Маҷ.мақолаҳо бахшида ба 50-солагии д.и.ф., проф. М.Мирзоюнус.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2008.–264 с., с.149
12. Нафисӣ, С. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. Чопи дувум.- Порис, 2022.-722 с.
13. Сатторзода, А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.-Душанбе: Маориф, 2018.-320 с.
14. Тоиров, У., Солеҳов, М., Шарифов, Р. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 10-ум.- Душанбе: КВД “Комбинати полиграфии ш.Душанбе”, 2014.-336 с.
15. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.1.– Душанбе: Ирфон, 1975
16. Хоҷаев, Д., Зикриёев, Ф., Муллохонов, А. Забони тоҷикӣ (барои синфи 9).- Душанбе, 2018
Основными направлениями работы совета старшеклассников является планирование досуговой деятельности совместно с классным руководителями, разработка сценариев конкурсов, праздников и других мероприятий, осуществление помощи педагогу-организатору в организации и проведении детских праздников. утренников для учащихся 1-7 классов. А также проведение традиционных праздников, мероприятий в 8-11 классах, организация выпуска школьной газеты, организация дежурства по школе и столовой, оказание помощи кафедре физического воспитания и проведения спортивных праздников, соревнований, дней здоровья, организационная работа в классных коллективах по развитию самоуправления и пропаганде знаний.

Школьное самоуправление в школах нового типа направлено на достижение следующих задач:

1. Предоставить учащимся реальную возможность вместе с педагогами участвовать в прогнозировании, организации, исполнении и анализе учебно-воспитательного процесса.

2. Формировать у учащихся потребности и готовность совершенствовать свою личность, создавать условия для развития способностей и интересов членов ученического коллектива, обогащать духовный мир, развивать самостоятельное мышление и самосознание.

3. Воспитать положительное отношение к общечеловеческим ценностям, нормам коллективной жизни, законам государства, развить гражданскую и социальную ответственность за самого себя, свою семью, окружающих людей, общество и государство.

4. Воспитать желание бороться за своих друзей и ровесников, помогать им, найти себя, преодолевать трудности, приносить пользу людям, стать защитником правды, добра и справедливости.

5. Формировать умение самостоятельно найти дело, полезное обществу, государству, вести неустанную работу за сохранение мира, беречь и охранять природу.

Существо школьного самоуправления в том, что в работу школы оно вносит начало целостности и индивидуальности. Задача школьного самоуправления состоит в том, чтобы распыленную ученическую среду претворить в целостный расчлененный организм, внутри которого каждый школьник приучался бы к добросовестному выполнению определенной общественной функции. Но нужно помнить, что школьное самоуправление вырождается тогда, когда, вместо цели организации ученического общества, оно себе ставит посторонние задачи (например, практическое обучение формам демократического государства и т.д.). Школьное самоуправление может реализоваться в самых различных конкретных формах, жизненность которых зависит от особенностей окружающей обстановки.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бочкарев, В.И. Директору школы о самоуправлении. - М.: ВЛАДОС, 2001. - 192 с.
2. Коротов, В.М. Самоуправление школьников. - М.: Просвещение, 1981. - 207 с.

3. Кричевский, В.Ю. Демократизация школьной жизни. - М.: Знание, 1991. - 38 с.
4. Лейтес, И.С. Способности и одарённость в детские годы// Н.С.Лейтес.- М.:Знание,1984г.-80с.
5. Опалихин, В.М. Развитие ученического самоуправления в школе: (Актуальные проблемы), - М.: Знание, 1984. - 39 с.
6. Ожегова, С.И.Толковый словарь русского языка.
7. Рогаткин , www .pedlib .ru
8. Рожков, М.И. Развитие самоуправления в детских коллективах. - М.: ВЛАДОС, 2002. - 160 с.
9. Рожков, М.И., Байбородова, Л.В. Организация воспитательного процесса в школе: Учебное пособие для студ. высш. учеб. заведений - М.: ВЛАДОС, 2000. - 190 с.
10. Селиванова www.library.elibra.ru.

## МАСЪАЛАҲОИ МУОСИРИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР: ТАҲЛИЛИ КВАЛИМЕТРӢ

***РАҶАБЗОДА Маҳмадулло*** *– муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Носиров, 33.* ***E-mail:*** *rmg-2013@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 988 92 63 33*

Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи таҳсилоти фарогирро мавриди таҳлил қарор дода, қайд менамояд, ки бо соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ мунтазам рушд ёфта, ҷиҳати қонеъгардонии ниёзҳо ва рағбатҳои тамоми категорияҳои хонандагон дигаргунсозӣ ва гуногунрангӣ (диверсификатсия)-и мундариҷаи таҳсилоти мактабӣ шароит фароҳам овард. Ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон масъалаи таҳсилоти фарогирро мавриди таҳқиқу баррасии басо густурда қарор дода, асарҳои бунёдӣ ба табъ расониданд. Инчунин, дар давоми солҳои 2012-2019 бо ҷалби олимону мутахассисони ватанию хориҷӣ, коршиносони соҳаи таҳсилоти фарогир силсилаи конференсияҳои байналмилалиро (дар маҷмуъ, 5 конференсия) дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» баргузор намуд, ки дар раванди таҳқиқ мавзуи мазкур ташаккул ёфтааст, самтҳои афзалиятноки таҳсилоти фарогир, ки ҳалли таъхирнопазирро тақозо менамоянд, муайян карда шуданд.
Ба андешаи муаллиф, таҳлили квалиметрии моҳияти таҳсилоти фарогир, инчунин, сарчашмаҳои назариявӣ, методологӣ, асноди меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи татбиқи таҳсилоти фарогир дар кишварҳои гуногун, баргузории чорабиниҳои гуногуни илмӣ дар ин мавзуъ, хусусияти иҷтимоии давлат ва ғайра, имкон медиҳад, ки ҳашт принсипҳои амалигардонии ин намуди таҳсилотро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем.

***Вожаҳои калидӣ:*** *таҳсилоти фарогир, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, квалиметрия, конференсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, моҳият, муҳаққиқон, педагогика, таҳсилот, таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳлил, таҳқиқ, шахсони имконияташон маҳдуд.*

## СОВРЕМЕННЫЕ ПРОБЛЕМЫ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ: КВАЛИМЕТРИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

***РАДЖАБЗОДА Махмадулло*** *– заместитель начальника управления науки и инновации Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.* ***E-mail:*** *rmg-2013@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 988 92 63 33*

В данной статье автор проанализировал проблему инклюзивного образования. Он отмечает, что с приобретением независимости Таджикистана нормативно-правовая база

системы инклюзивного образования в республике стабильно развивается и создаёт условия для трансформации и диверсификации содержания школьного образования с учетом потребностей и интересов всех категорий учащихся. Вопрос инклюзивного образования широко исследуется и обсуждается научными сотрудниками Академии образования Таджикистана, ими опубликованы фундаментальные труды. Также в течение 2012-2019 годов с привлечением отечественных и зарубежных ученых и специалистов экспертами в области инклюзивного образования был проведен ряд международных конференций (всего 5 конференций) на тему «Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения». В процессе исследования была сформирована данная тема, выявлены приоритетные направления всеобщего образования, требующие неотложного решения.

По мнению автора, качественный анализ сущности инклюзивного образования, а также теоретико-методологических источников, нормативно-правовых документов, опыта внедрения инклюзивного образования в разных странах, проведения различных научных мероприятий по данной теме, социальной природы государства и т.д. позволяет реализовать восемь принципов данного вида образования в условиях Республики Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *инклюзивное образование, Академия образования Таджикистана, квалиметрия, конференция, нормативный правовой акт, сущность, исследователи, педагогика, образование, общее среднее образование, анализ, исследование, лица с ограниченными физическимми возможностями.*

## MODERN PROBLEMS OF INCLUSIVE EDUCATION: QUALIMETRIC ANALYSIS

***RAJABZODA Mahmadullo*** *– Deputy Head of the Department of Science and Innovation of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nosirova street, 33.* ***E-mail:*** *rmg-2013@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 988 92 63 33*

In this article, the author analyzed the problem of inclusive education. He notes that with the independence of Tajikistan, the regulatory and legal framework of the inclusive education system in the republic has been steadily developing and creating conditions for the transformation and diversification of the content of school education, taking into account the needs and interests of all categories of students. The issue of inclusive education is widely studied and discussed by the scientific staff of the Academy of Education of Tajikistan, they have published fundamental works. Also, during 2012-2019, with the involvement of domestic and foreign scientists and specialists, experts in the field of inclusive education held a number of international conferences (5 conferences in total) on the topic "Inclusive education: problems, finding solutions". In the course of the research, this topic was formed, priority areas of universal education were identified that require urgent solutions.

According to the author, a qualitative analysis of the essence of inclusive education, as well as theoretical and methodological sources, regulatory documents, experience in implementing inclusive education in different countries, conducting various scientific events on this topic, the social nature of the state, etc. allows us to implement eight principles of this type of education in the conditions of the Republic of Tajikistan.

***Key words:*** *inclusive education, Academy of Education of Tajikistan, qualimetry, conference, normative legal act, essence, researchers, pedagogy, education, general secondary education, analysis, research, persons with physical disabilities.*

Масъалаҳои муосири педагогӣ хеле зиёд ва гуногунҷанба буда, ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зимни таҳқиқоти педагогии худ паҳлуҳои мубрами онҳоро пайваста мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор медиҳанд. Дар ин таҳқиққоти хеш мо кӯшиш намудем, ки моҳият

ва самтҳои афзалиятноки таҳсилоти фарогирро дар мисоли дастовардҳои ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз нигоҳи квалиметрӣ таҳлил намоем.

Агар ба мафҳуми худи квалиметрия бевосита таваҷҷуҳ намоем, он дар афкори башар як мафҳуму равиши тоза аст, ки маъмулан дар нимаи дуюми садаи XX қобили амал гардид. Истилоҳи «квалиметрия» (аз калимаи лотинии qualis - сатҳи сифат ва юнонии метрео - ченкунӣ, чен кардан, андоза кардан, андозагирӣ), ки онро бо забони тоҷикӣ шартан “сифатсанҷӣ” номидан имкон дорад, фанни назариеро ифода мекунад, ки дар доираи он методология ва масъалаҳои мубрам ва мuҷтамеи илмию назарӣ баррасӣ гардида, арзёбии сифати объектҳои табиати гуногундошта - ҷондор ё беҷон, предметҳо ва равандҳо, маҳсули меҳнат ё маҳсулоти табиӣ, ки дорои хусусияти моддӣ ва ё маънавӣ мебошанд, гузаронида мешавад. Ҳамзамон, таъкид бояд намуд, ки объекти татбиқи усулҳои квалиметрия метавонад ҳама гуна ҳалли конструктивӣ ва технологӣ бошад, ба шарте ки зери таҳлили квалиметрӣ қарор додани сифати он, имконпазир гардад. Квалиметрия соҳаи фаъолияти илмӣ ва амалиест, ки бо коркарди асосҳои назариявӣ ва методҳои ченкунӣ ва арзёбии сифат алоқаманд мебошад [6].

Дар мисоли АТТ метавон зикр намуд, ки чунин мавзуъҳо ва самтҳо бештар муҳаққиқони онро ҷалб сохтаанд: таҳсилоти фарогир; педагогикаи ибтикорот: мероси педагогии ниёгон; педагогикаи фарҳанг; педагогикаи умумӣ ва касбӣ; фарҳанги таълими ҳамагонӣ; педагогикаи муқоисавӣ; педагогикаи ҳамгиро; истилоҳоти педагогӣ ва ғайра. Инчунин, солҳои охир таваҷҷуҳи аксарияти муҳаққиқонро мушкилоти соҳаи муносибати босалоҳият ба таълим ҷалб сохтаанд.

Миёни мавзуъҳо ва самтҳои дар боло зикршуда таҳсилоти фарогир мақоми аввалиндараҷаро соҳиб аст. Таҳсилоти фарогир, чунонки маълум аст, раванди рушди таҳсилоти умумӣ буда, аз нигоҳи мутобиқат ба ниёзҳои гуногуни тамоми кӯдакон маънои дастрасии ҳамагон ба таҳсилотро дошта, дастёбии кӯдакони дорои талаботи махсусро ба таҳсилот таъмин мекунад. Дар самти таҳқиқоти илмии риштаи педагогика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти фарогир яке аз мавзуъҳои муҳим ва таҳқиқталаб ба шумор рафта, таҳлили квалиметрии он дар асоси таҳқиқоти олимони тоҷик, инчунин, бо такя ба маводи чорабиниҳои гуногуни илмии марбути проблемаи мазкур сурат гирифтааст.

Дар луғати истилоҳотӣ тавзеҳи зерини мафҳуми мазкур ба назар мерасад: «таҳсилоти фарогир ин таъмини дастрасии баробари тамоми таълимгирандагон ба таҳсилот бо дарназардошти ниёзҳои махсуси таълимӣ ва имкониятҳои инфиродии онҳо мебошад. Таҳсилоти фарогир (инклюзия) ин ҷараёни ҳамгироии кӯдакон ба раванди таҳсилоти умумӣ новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, этникӣ ва мазҳабӣ, дастовардҳои таълимии қаблӣ, вазъи саломатӣ, сатҳи камолот, мақоми иҷтимой-иқтисодии волидайн ва дигар тафовутҳо мебошад. Таҳсилоти фарогир таълими якҷоя ва дастрасии таҳсилоти босифат барои ҳамагон дар асоси фароҳам овардани муҳити таълимиест, ки ба талаботи гуногуни тамоми кӯдакон мувофиқат мекунад» [9].

Мафҳуми «таҳсилоти фарогир» барои ифодаи раванди таълими кӯдакони дорои талаботи махсус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурда мешавад. Дар баробари ин, таҳсилоти фарогир ин ҳамгироии нисбатан васеъ буда, маънии дастрасии таҳсилот барои ҳамагон ва рушди таҳсилоти умумӣ дар самти мутобиқгардонии он ба эҳтиёҷоти тамоми кӯдаконро дорад.

Дар амалияи байналмилалӣ мафҳуми пешинаи «таҳсилоти ҳамгиро», ки раванди мазкурро танҳо нисбат ба кӯдакони дорои хусусиятҳои инкишофи равонию ҷисмонӣ ифода менамуд, бо мафҳуми «таҳсилоти фарогир» иваз карда шудааст, ки он раванди мазкурро нисбат ба тамоми кӯдакон ифода мекунад. Ҳамзамон, таҳсилоти фарогир ҳамчун усули ба рушди методология равонашуда фардиятҳои тамоми кӯдакони дорои талаботи гуногунро дар таълим эътироф мекунад.

Таҳсилоти фарогир дар натиҷаи таҳаввулоти таҳсилоти махсус - аз ҷудонамоӣ (сегрегатсия) тавассути ҳамгиро кардан бо фарогир пайдо шудааст. Раванди ҳамгиро дар муассисаҳои таълими муқаррарии кӯдакони дорои талаботи махсус бо ташаббуси

волидайне оғоз гардид, ки мехостанд «девор»-и ҷудоисозанда миёни кӯдакони худ ва кӯдакони солимро бартараф созанд.

Дар амалияи ҷаҳонӣ ин намуди таҳсилот ҳанӯз солҳои 70-уми асри XX ҷорӣ гардида буд. Дар солҳои 90-уми асри XX дар ИМА ва Аврупо сиёсати давлатӣ ба ислоҳоти мактаб ва бозсозии синфҳо равона гардида буд, то ин ки онҳо ба талаботи тамоми мактаббачагон ҷавоб дода тавонанд.

Дар ин росто, қобили зикр аст, ки асри XXI даврони технология ва рушди илм ба шумор рафта, тавассути таҳсилот, аз ҷумла, таҳсилоти фарогир ба рушди имкониятҳои равониву ҷисмонии афроди ҷомеа мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии методикаи таҳсилоти фарогир аз он иборат аст, ки бо истифода аз роҳу усулҳои интерактивии таълим ба қобилияту саъю талоши кӯдакон ҷиҳати ба ҳамдигар монанд ва дар таҳсилот ба дастовардҳои баробар ноил гардидан, мусоидат намоянд.

Вазифаҳои таҳсилоти фарогир гуногунанд. Пеш аз ҳама, он фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои тамоми таълимгирандагон ҷиҳати соҳиб шудан ба таҳсилоти аълосифат ва рушди неруи онҳо новобаста аз дину мазҳаб, синну сол, ҷинс, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, нажод, қавм, мақоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва зарурати таҳсилоти махсус мебошад.

Ба ҳамин тариқ, маҷмуи мушкилоти ба фаҳмиши васеи инклюзия алоқаманд қариб тамоми ҷанбаҳои фаъолият ва рушди низомҳои миллии таҳсилотро фаро гирифта, моҳиятан самти муҳимми таҳқиқи илмӣ дар раванди коркарди амсилаи иҷтимоӣ-фарҳангии татбиқи таҳсилоти фарогир мебошад.

Дар таҳсилоти фарогир сифат унсури зарурии ҳавасмандгардонӣ мебошад. Ҳуқуқ ба таҳсил ин ҷо танҳо ба маънии таъмини дастёбӣ ба он набуда, балки ин дар раванди таҳсилот таъмин намудани комёбии ҳар як инсон аз овони кӯдакӣ то балоғат тавассути таҳсилоти босифат ва фароҳам овардани заминаи боэътимод барои таҳсилоти оянда мебошад.

Аз таҳлили талаботи асноди меъёрии ҳуқуқӣ оид ба таҳсилоти фарогир бармеояд, ки татбиқи ин намуди таҳсилот имкон медиҳад, ки як қатор мушкилоти дорои хусусияти ахлоқӣ ва иқтисодӣ ҳал карда шуда, ҳамзамон ба гуманизатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат карда шавад. Аз ҷумла:

- шахсони имконияташон маҳдуд дар баробари дигар имкониятҳо ҳуқуқи иштирок кардан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти меҳнатиро пайдо мекунанд, ки ин дар навбати худ, вобастагии онҳоро аз кумакҳои моддии давлатӣ коҳиш медиҳад;
- афкори қолабии ҷамъиятӣ оид ба зарурати ҷудо намудани шахсони дорои талаботи махсус бартараф карда мешавад;
- барои татбиқи ҳуқуқи тамоми аъзои ҷомеа нисбат ба таҳсилот ва дарёфти таҳсилот шароитҳои зарурӣ таъмин мегарданд;
- ҷомеа таҳаммулпазир гардида, нисбат ба ниёзу эҳтиёҷоти шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд муносибати нисбатан ботаҳаммул мекунад.

Вобаста ба ин, дар раванди амалигардонии таҳсилоти фарогир давлат мунтазам уҳдадориҳои зеринро иҷро мекунад:

1. Барои қонеъгардонии ниёзҳо ва рағбатҳои тамоми категорияҳои хонандагон дигаргунсозӣ ва гуногунрангӣ (диверсификатсия)-и мундариҷаи таҳсилоти мактабиро таъмин месозад.
2. Ҷалби мақомоти худидоракунии давлатӣ ва иттиҳодияҳои маҳаллиро ба раванди ташкили таҳсилоти фарогир таъмин менамояд.
3. Дастгирии давлатии ташаббусҳои шаҳрвандиро, ки ба ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир равона карда шудаанд, таъмин менамояд.
4. Технологияҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва амсилаҳои иқтисодӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ ва таҳсилоти фарогири тамоми кӯдаконеро, ки барои минтақаи мушаххас мувофиқанд, бунёд менамояд.
5. Низоми муассисаҳои таълимӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ, ки дастёбии шахсони имконияти саломатиашон маҳдудро барои дарёфти таҳсилот таъмин месозад, ташаккул медиҳад.

6. Дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии мавҷуда барои кӯдакони дорои талаботи махсус ҷиҳати гирифтани таҳсилот шароит фароҳам меорад.

7. Оид ба таҳсилоти фарогир кормандони иҷтимоӣ, тиббӣ ва кадрҳои педагогиро, ки дорои донишу малакаҳои мушаххас мебошанд, тайёр менамояд.

8. Барои иҷрои вазифаҳои мазкур захираҳои зарурии молиявӣ, аз ҷумла, сармояи хориҷӣ ва воситаҳои донорӣ ҷустуҷӯ ва дарёфт менамояд.

Дар баробари ин, аз давлат тақозо карда мешавад, ки дар раванди таҳсилоти фарогир риояи принсипҳои асосии Конвенсияро оид ба ҳуқуқҳои маъюбон риоя намояд: – эҳтиром намудани қадру қимати инсон, соҳибихтиёрии шахсии ӯ, аз ҷумла, озодии интихоби шахсӣ ва мустақилият; адами табъиз; пурра ва босамар ҷалб намудану ҳамроҳ шудан ба ҷомеа; эҳтиром намудани махсусияти маъюбон ва ба сифати як ҷузъи гуногуншакли инсоният пазируфтани онҳо; баробарии имкониятҳо; дастрасӣ; баробарии мардону занон; эҳтиром намудани қобилиятҳои рӯ ба инкишофи кӯдакони маъюб ва ҷонибдории ҳуқуқи кӯдакон бахри ҳифз намудани фардияти хеш [8].

Дар баробари принсипҳои расмӣ олимони рус ҳашт принсипи зерини таҳсилоти фарогирро таҳқиқ ва пешниҳод намудаанд: 1) гуногунрангӣ тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсонро тақвият мебахшад; 2) ба пешрафт ноил гардидани тамоми таълимгирандагон қабл аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки онҳо тавонманданд, на ин ки ноуҳдабаро; 3) ҳамаи одамон ба дастгирӣ ва дӯстии ҳамсолон ниёз доранд; 4) таҳсилоти ҳақиқӣ танҳо дар қаринаи муносибатҳои воқеӣ амалӣ мегардад; 5) ҳамаи инсонҳо ба ҳамдигар ниёз доранд; 6) ҳар як инсон ба муомила ва ӯро шунидан аз ҷониби дигарон ҳуқуқ дорад; 7) ҳар як инсон қобилияти ҳискунӣ ва фикркунӣ дорад; 8) арзиши инсон аз қобилиятҳо ва комёбиҳои ӯ вобаста нест [6].

Бояд таъкид намуд, ки таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад. Бо соҳибихтиёр гардидани Тоҷикистон заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ мунтазам рушд ёфта, кишвари мо шаш созишнаморо оид ба ҳуқуқҳои инсон ба тасвиб расонид. Аз ҷумла, санаи 22 марти соли 2018 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои маъюбон дар бинои ин созмон ба имзо расида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ барои ратификатсияи ин санади муҳим ва арзишманди байналмилалӣ ҷараён дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ як қатор лоиҳаҳоро оид ба ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир татбиқ карда истодааст, ки ба рушди ин намуди таҳсилот равона карда шудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 декабри соли 2019 қайд намуданд, ки «ҳоло дар мамлакат 700 ҳазор нафар нафақагирон, аз ҷумла, 148 ҳазор маъюбон, 5277 нафар ятимони кулл ва 74 ҳазор ятимон зери сарпарастии давлат қарор доранд. Соли ҷорӣ (соли 2019 - Р.М.) аз ҳисоби буҷети давлат ба муассисаҳои пиронсолон ва маъюбон беш аз 36 миллион сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд, ки ба ҳар як нафар 22 ҳазору 600 сомонӣ рост меояд. Ҳаҷми маблағгузорӣ ба чунин муассисаҳо дар давоми 10 соли охир 3,2 баробар афзоиш ёфтааст. Илова бар ин, танҳо соли 2019 ҳаҷми кумакпулиҳо аз ҳисоби буҷети давлат барои шаҳрвандони имкониятashон маҳдуд беш аз 102 миллион сомониро ташкил дод [13].

Мавзуи таҳсилоти фарогир, идоракунии фаъолияти таълиму тарбияи кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ Абакирова Т.П., Алиакбар М.М., Гафари Э.А., Н.Т. Попова, С.В. Самуйленко, Т.Л. Чепел, Шафикова З.Х., Шевелев Д.Е., Шеманова А.Ю., Шинкаренко В.И., Широкшина А.С. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик масъалаи таҳсилоти фарогир солҳои охир мавриди таҳқиқу баррасии басо густурда қарор гирифта, аз ҷумла, дар асару мақолаҳо, монографияҳо ва таҳқиқоти диссертатсионии Байзоев А., Баротова Г.Ю., Иматова Л.М., Каримова Д, Каримова И.Х.. Маҷидова Б, Одинаева Л., Партовов Ф., Сабуров М.,

Сафаров Ш., Умарова В., Шарипов Б, Ҳакимова Ҷ., Юлдошева М.Р., Юнусова Н. масъалаҳои назариявие, ки мо бар боло мавриди таҳлил қарор додем, асосан, инъикос ёфтааст.

Оид ба таҳсилоти фарогир муҳаққиқони соҳа Б. Маҷидова, Н. Юнусова ва Г. Қурбонова дар асари худ «Асосҳои таҳсилоти фарогир», ки соли 2013 ба табъ расидааст, қайд мекунанд, ки «дар олами муосир ҳангоми таҳияи ҳама гуна барномаҳое, ки ба инкишофи инсон дахл доранд, роҳу усулҳое торафт бештар истифода мешаванд, ки ба риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон асос ёфтаанд. Дар қатори ғояҳои таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва некуаҳволии инсон дар даҳсолаҳои охир консепсияи ҷудосозии иҷтимоӣ ташаккул ёфт. Онро Иттиҳоди Аврупо чун раванде маънидод мекунад, ки «дар он гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ё одамони алоҳида имкон надоранд, дар ҳаёти ҷомеа пурра иштирок намоянд. Сабабҳои ҷудосозии (тафриқаи) иҷтимоӣ инҳо шуда метавонанд: қашшоқӣ, надоштани донишҳои ибтидоӣ, мавҷуд набудани имконияти таҳсил, монеаҳои забонӣ, фаъолиятнокӣ ва боварии нокифояи одамон, поймол намудани ҳуқуқ ё нажодпарастӣ. Ин, дар навбати худ, барои ба кор таъмин намудани одамон, соҳиби даромад гардидани онҳо ва фароҳам овардани шароит барои таҳсил имкон намедиҳад» [12].

Дар ин самт таҳия ва чопи «Донишномаи таҳсилоти фарогир» [4] низ барои шинос намудани муҳаққиқону мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир ба мафҳум ва истилоҳоти илмии таҳсилоти мазкур мусоидат менамояд. Тавре ки муаллифони ин донишнома қайд менамоянд « …аз назари омӯзиши имрӯза вожаи фарогир (истисноӣ) ба кӯдаконе гуфта мешавад, ки аз ҷиҳатҳои мухталифи зеҳнӣ, ҷисмӣ, отифӣ ва иҷтимоӣ тафовути қобили мулоҳизае аз дигар кӯдакони ҳамсоли худ доранд. Аз ин лиҳоз ҳамин тафовутҳои махсус қодир нестанд, ки аз барномаҳои дарсии муқаррарӣ, ки усулан бар пояи вижагиҳо ва тавоноиҳои муштараки аксари кӯдакон дар синну соли мухталиф танзим гардидааст, ба таври бояду шояд баҳраманд гарданд. Бинобар ин, таърифи вожаи кӯдакони истисноӣ, кӯдакони тезҳуш, ақибмондаи зеҳнӣ, нобино, ношунаво ва носозгор, маъюбони ҷисмӣ ва монанди инҳоро фаро мегирад» [4, 3].

Яке аз муҳаққиқони пурмаҳсули тоҷик дар самти пажӯҳиши масъалаҳои таҳсилоти фарогир А. Байзоев ба шумор меравад. Муҳаққиқ тӯли солҳои 2013-2017 оид ба мавзуи мазкур асарҳои зеринро таҳия ва чоп намудааст: «Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)», «Қадамҳои устувор дар рушди мактаб», «Инклюзивное образование: передовой опыт и проблемы его внедрения в условиях Таджикистана» (Таҳсилоти фарогир: таҷрибаи пешқадам ва татбиқи он дар шароити Тоҷикистон) ва «Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам» [1;2;3;14].

Мавриди зикр аст, ки айни замон таҳқиқи илмии масъалаи таҳсилоти фарогир дар АТТ дар доираи мавзуи фармоишии буҷавии «Инклюзия (таҳсилоти фарогир) - роҳ ба сӯйи баробарҳуқуқӣ: ба муаллимон омӯзонидани принсипҳои таҳсилоти фарогир барои солҳои 2019-2023» (рақами қайди давлатии РБД: 0120 TJ 01040 аз 30.03.2020; роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, академики АТТ, ноиби президенти АТТ, профессор И.Х. Каримова) бо муваффақият идома дорад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур дар «Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ). Дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос», «Донишномаи таҳсилоти фарогир», «Асосҳои таҳсилоти фарогир», инчунин, дар маводи Конференсияи байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он», ки давоми солҳои 2012-2019 дар шаҳри Душанбе доир гашт, пурра инъикос гардидаанд.

Илова бар ин, масъалаҳои бунёдии таҳсилоти фарогир дар диссертатсияи Шарипов Бахтовар Файзович дар мавзуи «Шароитҳои иҷтимоӣ-педагогии мутобиқшавии кӯдакони имконияташон маҳдуд ба муҳити таҳсилоти махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли муассисаҳои таҳсилотии шаҳри Кӯлоб)» (соли 2019), Ҳакимова Ҷамила Сайфуллоевна «Дидактические особенности организации обучающей деятельности в условиях инклюзивного образования (на материалах республиканских специальных школ-интернатов для глухонемых)» («Махсусиятҳои дидактикии ташкили фаъолияти таълимдиҳанда дар шароити таҳсилоти фарогир (дар асоси маводи мактаб-интернатҳои

ҷумҳуриявӣ барои кару гунгҳо)») (соли 2019), Баротова Гулчеҳра Юсуфҷоновна дар мавзуи «Формирование профессионально-педагогической культуры студентов педагогических вузов в условиях работы в системе инклюзивного образования (на материале Республики Таджикистан)» («Ташаккули фарҳанги донишҷӯёни муассиаҳои таҳилоти олии касбӣ дар шароити кор дар низоми таҳсилоти фарогир (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)») (соли 2020) мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Вобаста ба таҳсилоти фарогир АТТ як қатор чорабиниҳои илмиро низ амалӣ намудааст. Аз ҷумла, бо дастгирии шуъбаи «Институти Ҷомеаи кушода. Бунёди мадад»-и Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2012-2019 бо ҷалби олимону мутахассисони ватанию хориҷӣ, коршиносони соҳаи таҳсилоти фарогир силсилаи конференсияҳои байналмилалиро (дар маҷмуъ, 5 конференсия) дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» баргузор намуд, ки дар зер мо онҳоро мавриди таҳқиқоти квалиметрӣ қарор медиҳем.

Аз ҷумла, санаи 21 ноябри соли 2012 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» якумин конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид, ки он ба масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон бахшида шуда буд. Дар конференсия 32 маърӯзаи илмӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир - мушкилот ва дурнамо дар Тоҷикистон, масъалаҳои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир, иҷтимоигардонии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ташаккули таҳаммулпазирӣ нисбат ба шахсони имкониятҳояшон маҳдуд ҳамчун шарти муҳимми татбиқи ғояи таҳсилоти фарогир, инунин роҳнамоии шуғлии кӯдакони истисноӣ - вазъият ва мушкилот, муносибати маҷмӯӣ ва инфиродӣ нисбат ба таълиму тарбияи шахсони имконияташон маҳдуд, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои педагогӣ дар самти таҳсилоти фарогир, ташкили чорабиниҳои солимгардонӣ ва барқарорсозии саломатии кӯдакони имконияташон маҳдуд, амсилаи педагогии омодасозии падару модарон оид ба тарбияи кӯдакони истисноӣ, таҳлили таҷрибаи пешқадами ташкили таҳсилоти фарогир дар Россия, Беларус, Доғистон, Қазоқистон, Узбекистон, Эрон ва ғайра ироа гардиданд [7]. Дар конференсия, инчунин, таъмини дастрасии кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд ба ёрии психологӣ-тиббӣ-педагогӣ, бартараф намудани монеаҳо ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои қонеъгардонии ниёзҳои маърифатии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [5].

Дар конференсияи II байналмилалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он», ки санаи 21 ноябри соли 2013 дар шаҳри Душанбе бо дастгирии шуъбаи «Институти Ҷомеаи кушода. Бунёди мадад»-и Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академия таҳсилоти Тоҷикистон баргузор гардид, 27 маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, аз ҷумла: оид ба имкониятҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар амалияи логопедӣ, дастгирии мақсаднокии давлатии рушди таҳсилоти томактабии фарогир дар Россия, ҳамгироии кӯдакони дорои бемории даун дар Ҷумҳурии Беларус, салоҳияти касбии омӯзгор-дефектолог ҳангоми кор бо кӯдакони дорои камбудиҳои зиёди психофизиологӣ, ташаккули салоҳияти методии мураббиёни гурӯҳҳои таълиму тарбияи ҳамгиро дар раванди такмили ихтисос, студияи бисёрфунксионалии таҳсилоти фарогири шахсони имконияту саломатиашон маҳдуд ҳамчун воситаи омодасозии донишҷӯён барои пешбурди таҳсилоти фарогир ва ғайра. Дар кори конференсия намояндагони кишварҳои Черногория, Қирғизистон, Украина, Узбекистон, Қазоқистон, Беларус ширкат варзида, 26 маърӯзаи илмиро оид ба ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди назар баррасӣ намуданд [7].

Санаи 29 ноябри соли 2017 дар шаҳри Душанбе Конференсияи III байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» доир гардид, ки дар раванди он 23 маърӯзаи илмӣ ироа гардид. Маърӯзаҳо , асосан, ба баррасии чунин проблемаҳои таҳсилоти фарогир ва роҳҳои ҳалли он бахшида шуданд: масъалаҳои арзёбии сатҳи дониши кӯдакони имконияташон маҳдуд дар қаринаи муносибати босалоҳият ба таълим, расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар самти таҳсилоти

фарогир, таҳсилоти фарогир ҳамчун проблемаи илмии психологӣ-педагогӣ, нақши оила дар тарбияи кӯдаки иллатдор, нақши давлат дар ҳифзи кӯдакони ятиму маъюб ва таълиму тарбияи онҳо, нақши мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбия ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни наврасону ҷавонон, мушкилоти ташкили низоми таҳсилоти кӯдакон ва хонандагони талаботи махсусдошта дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули таҳаммулпазирии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар шароити таҳсил, ҷанбаҳои маъмурии танзими риояи ҳуқуқи ноболиғон дар Тоҷикистон ва ғайра. Дар баррасии масъалаҳои конференсия намояндагони Арманистон, Россия, Қазоқистон фаъолона ширкат варзиданд.

Яке аз чорабиниҳои илмие, ки ба таҳқиқу баррасии мавзуи таҳсилоти фарогир такони ҷиддӣ бахшид, ин конференсияи IV байналмилалӣ «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» ба шумор меравад, ки санаи 21-22 декабри соли 2018 дар шаҳри Душанбе бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Институти «Ҷомеаи кушода»: Бунёди мадади Тоҷикистон ва намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори он намояндагони Россия, Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон, Арманистон ва Украина ширкат варзиданд. Дар Конференсия 41 маърӯзаи илмӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти фарогир мавриди баррасӣ қарор гирифта, як зумра иштирокчиён масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои татбиқи таҳсилоти фарогирро бо пешниҳоду тавсияҳои илмӣ асоснок намуданд, аз ҷумла: Ф.Г. Абдулоева «Масъалаҳои мубрами таълими фарогир», Ҳ. Бобоҷонова «Таҳсилоти фарогир: ҷустуҷӯ, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он, Ғ. Ғарибшоев «Таҳсилоти фарогир - идомаи ислоҳоти маорифи миллӣ», Б. Маҷидова «Таҳсилоти фарогир дар низоми таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», С.Э. Неъматов, Б. Муҳиддинзода «Современные проблемы инклюзивного образования», З.П. Раҳмонов, Д.З. Раҳмонова «Махсусиятҳои таҳсилоти фарогир дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон», Х.М. Сабуров, С.Х. Элмуродова «Проблемы реализации инклюзивного образования в процессе обучения и воспитания подрастающего поколения», О.В. Майзель «Инклюзивное образование в Израиле» ва ғайра. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи мазкур таҳти унвони «Маводи конференсияи IV байналмилалӣ «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» дар ҳаҷми 15,6 ҷузъи чопӣ ба табъ расид [10].

Ҳамзамон, рӯзҳои 14-15-уми декабри соли 2019 дар шаҳри Душанбе бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Институти «Ҷомеаи кушода»-и Бунёди мадади Тоҷикистон, намояндагии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон конференсияи V-уми байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» баргузор гардид.

Иштирокчиёни конференсия мавзуъҳои «Таҳсилоти фарогир - самти нави стратегияи таълими муосир», «Нақши забони имову ишора дар таълиму тарбияи ношунавоён», «Омода ва бозомӯзии омӯзгорон дар самти таҳсилоти фарогир: таҷрибаи байналмилалӣ, дурнамо ва роҳандозии он дар Тоҷикистон», «Аз таърихи пайдоиши хати брайлӣ», «Махсусиятҳои инкишофи равандҳои маърифати бачагони дорои камбудии зеҳнӣ», «Фаъолияти руҳшиноси мактаб дар низоми таҳсилоти фарогир», «Таҳсилоти фарогир – тарзи прогрессивии таълим», «Дастгирии инфиродии кӯдакони дорои талаботи махсус дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», «Ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон дар шароити таҳсилоти фарогир» ва дигар масъалаҳои мавриди назарро баррасӣ намуданд. Дар конференсия 41 маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои конференсияи намояндагони Қазоқистон ва Узбекистон низ иштирок намуданд [11].

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз ягонагии мавзуи конференсияҳои байналмилалӣ - «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» дар раванди баргузории

онҳо масъалаҳои гуногун баррасӣ гардида, таҷрибаи пешқадами кишварҳои гуногун оид ба роҳандозии таҳсилоти фарогир мавриди таҳлил қарор гирифт, дастовардҳо, мушкилоту зиддиятҳо дар ин самт ошкор карда шуда, дурнамои рушди таҳсилоти фарогир тавассути тавсияву пешниҳодоти мушаххаси иштирокчиён муайян гардид. Аз ин рӯ, баргузории ин конференсияҳои байналмилалиро дар самти бартараф намудани мушкилот ва ба таври самаранок ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои иштирокчӣ ҳамчун иқдоми наву назаррас арзёбӣ намудан мумкин аст.

Илова бар ин, моҳи декабри соли 2012 бо ташаббуси Муассисаи давлатии федералии таълимии «Донишгоҳи давлатии муҳандисӣ-иқтисодии Санкт-Петербург» дар мавзуи «Таҳсилоти муттасили шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд дар кишварҳои узви ИДМ: дастовардҳо, мушкилот, дурнамо» видеоконференсия баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони 7 кишвари узви ИДМ, аз ҷумла, Тоҷикистон ширкат варзиданд Дар ҷараёни видеоконференсия самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ва масъалаҳои муҳимми ба он вобастаи зерин баррасӣ гардиданд:

1. Муҳиммияти таҳсилоти фарогири шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд: умумифарҳангӣ, қавмӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ.

2. Мусоидат ба нигоҳдошт ва қавигардонии солимии ҷисмонию равонии маъюбон; ташаккули маънавиёти мусбати онҳо нисбат ба худ, истеҳсолот, ҷомеа ва табиат; омодасозии мутахассиси баландихтисоси дорои ҷаҳонбинии васеи умумифарҳангӣ, моҳияти рисолати муосири низомҳои умумимиллии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии шахсони имконияти саломатиашон махдуд дар кишварҳои узви ИДМ.

3. Консепсияи рушди таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии шахсони дорои маъюбӣ ва мутобиқгардонии он ба кишварҳои узви ИДМ.

4. Таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии маъюбон - ҷузъи ҷудонопазири рушди фазои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии кишварҳои ИДМ.

5. Таъминоти ҳуқуқии таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии маъюбон дар кишварҳои узви ИДМ: роҳҳо ва зарурати мутобиқгардонии он дар шароити рушди фазои таҳсилоти миёнаи умумии ИДМ.

6. Инноватсияҳо ва анъанаҳои таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии шахсони дорои маъюбӣ дар кишварҳои узви ИДМ, афзалиятнокии таҳсилоти фосилавии онҳо.

7. Зарурати воқеӣ ва роҳҳои асосии таҳсилоти муттасили умумифарҳангии маъюбон, ташаккули маънавиёти мусбати онҳо дар доираи бунёди низоми умумимиллии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбии кишварҳои узви ИДМ.

8. Мавзуоти таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таҳсилоти муттасили миёнаи умумӣ ва касбии шахсони дорои маъюбӣ дар кишварҳои узви ИДМ, зарурати воқеӣ ва роҳҳои асосии ҳамоҳангсозии таҳқиқоти мазкур дар доираи ИДМ [15].

Дар видеоконференсия мудири шуъбаи арзёбии таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор С.Э. Негматов дар мавзуи «Оид ба вазъият ва дурнамои рушди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърӯза кард. Зимни маърӯза номбурда қайд намуд, ки дар Тоҷикистон «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир» қабул карда шуда, татбиқи нишондоди он риояи ҳуқуқҳои баробари кӯдакони маъюбро барои гирифтани таҳсилот таъмин менамояд.

Аз 1 то 3 августи соли 2013 бошад, дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии «Бунёди сиёсат, низом ва хизматрасониҳои фарогир барои кӯдакони дорои маъюбӣ мутобиқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои маъюбон» баргузор гардид, ки мақсади асосии он муайян намудани имконияти дастрасии кӯдакони маъюби кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таҳсилот буд.

Таҳлили квалиметрии моҳияти таҳсилоти фарогир, инчунин, сарчашмаҳои назариявӣ, методологӣ, асноди меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи татбиқи таҳсилоти фарогир дар кишварҳои гуногун, баргузории чорабиниҳои гуногуни илмӣ дар ин мавзуъ, хусусияти иҷтимоии давлат ва ғайра, ки дар боло сурат гирифт, имкон медиҳад, ки принсипҳои зерини

амалигардонии ин намуди таҳсилотро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем:

1. Ба ҳисоб гирифтани қобилиятҳои (лаёқат ва истеъдоди) кӯдак дар ҷараёни ташкили раванди таълим.

2. Ошкорнамоӣ ва ба инобат гирифтани талаботи инфиродии шахсияти кӯдак барои гирифтани таҳсилоти махсус.

3. Фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои таҳсилоти фарогир.

4. Таъмини имкониятҳо ва ҳуқуқҳои баробари дастёбӣ ба таҳсилот.

5. Баланд бардоштани сатҳи масъулиятшиносии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат барои таъмини дастрасӣ ба таҳсилот.

7. Фарогирии умумии эҳтиёҷмандони имконияти саломатиашон маҳдуд ба таҳсилот.

Ҳамзамон, ба андешаи ин ҷониб, ки дар раванди таҳқиқи мавзуи мазкур ташаккул ёфтааст, самтҳои афзалиятноки таҳсилоти фарогир, ки ҳалли таъхирнопазирро тақозо менамоянд, инҳо мебошанд:

1. *Дар самти таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ:* такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳсилоти фарогир; ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир бо талаботи асноди ҳуқуқии байналмилалӣ ва принсипҳои таҳсилоти фарогир.

2. *Дар самти такмили сиёсати давлатӣ:* таҳияи «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имкониятаашон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029»; ташаккули инфрасохтори муосир барои роҳандозии мақсадноки таҳсилоти фарогир; таҳияи барномаҳои давлатии мақсадноки рушд дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф бо дарназардошти эҳтиёҷоти шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд; ҳамоҳангсозии ҳамкории мутақобилаи байни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба таҳсилоти фарогир ҷалб карда шудаанд; коркарди методҳо ва намудҳои нави дастгирии давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ, ки ба моликияти гуногун асос ёфта, консепсияи таҳсилоти фарогирро татбиқ мекунанд; таҳия ва татбиқи методҳои ошкорнамоии барвақтӣ, пешгирӣ, ислоҳ ва офияти инкишофи нодурусти кӯдакон.

3. *Дар самти таҳсилот:* таҳия ва тасдиқи стандартҳои нави таҳсилоти фарогир барои тамоми зинаҳо; омӯзиши вазъи ҷории низоми таҳсилот, арзёбии имкониятҳои гузариш ба таҳсилоти фарогир ва талабот нисбат ба захираҳо барои татбиқи консепсияи мазкур, ташкили мониторинг; таъмини гузариши зина ба зинаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар зинаҳо ба таҳсилоти фарогир, ки шумораашонро барномаи давлатӣ муайян намудааст; татбиқи чорабиниҳои дастгирии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҷрибавӣ, ки таълими фарогирро ҷорӣ намудаанд; татбиқи низоми омодасозии мутахассисони тамоми зинаҳо барои фаъолият дар шароити таҳсилоти фарогир; таъсиси муассисаҳои таълимии махсусгардонидашуда, ба роҳ мондани фанҳои таълим, курсҳо барои омодасозии мутахассисон оид ба таҳсилоти фарогир, аз ҷумла, аз ҳисоби шахсони имконияти саломатиашон маҳдуд; васеъ намудани доираи фарогирии кӯдакон ба ҳизматрасониҳои маърифатӣ, ташкили низоми таҳсилоти фосилавӣ дар омезиш бо унсурҳои таҳсилот дар хона, бахусус, дар деҳот; таҳияи низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти педагогӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир; муайян намудани соҳаи истифода ва мақоми забони имову ишора, алифбои брайлӣ ва дигар методҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, бо назардошти талаботи махсуси шахсони имкониятаашон маҳдуд; ташкили таҳсилоти ҳуқуқии волидайн ва мусоидат дар ташкили ассотсиатсияи падару модарони кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд; таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ-методӣ ба забони давлатӣ барои кормандони тиббӣ ва иҷтимоӣ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ки ба раванди таҳсилоти фарогир ҷалб карда шудаанд.

4. *Дар самти таҳқиқоти илмӣ:* роҳандозии таҳқиқоти илмӣ дар самти рушди технологияҳои муосир, ки имконияти шахсони имкониятаашон маҳдудро васеъ ва офияти иҷтимоиву ҷисмонии онҳоро таъмин мекунанд; гузаронидани таҳқиқоти махсуси

сотсиологӣ барои арзёбии натиҷаҳои таҳсилот дар заминаи «Таҳсилот барои ҳама», ки бо вазифаҳои умдаи таҳсилоти фарогир ҳамгиро мебошанд ва ғайра.

**АДАБИЁТ**


1. Байзоев, А. Инклюзивное образование: передовой опыт и проблемы его внедрения в условиях Таджикистана. / А. Байзоев. – Душанбе, 2016. –110 с.
2. Байзоев, А. Қадамҳои устувор дар рушди мактаб. Роҳнамо ба китоби «Индекси фарогирӣ». / А. Байзоев. -Душанбе: Эр-Граф, 2015. - 50 с.
3. Байзоев, А. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам. / А. Байзоев. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 150 с.
4. Донишномаи таҳсилоти фарогир / АТТ; И. Каримова, С. Сулаймонӣ, Б.Маҷидова. - Душанбе: Ирфон, 2017. – 400 с.
5. Зиёӣ, Х.М. Шириншоҳ Шоҳтемур. Саҳми қаҳрамони тоҷик дар рушди маориф [Манбаи электронӣ]. // http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44960 (санаи мурочиат: 20.03.2022).
6. Квалиметрия [Электронный ресурс]. URL: https://www.inventech.ru/lib/glossary/qualimetr/ (санаи истифода: 02.06.2016).
7. Конференсияи II байналмилалии илмию амалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он»: маводи конференсияи байналмилалӣ / Мураттибон: И.Х. Каримова, Л.М. Иматова, Н. Дастамбуев, Л. Бобоева, Ҷ. Қурбонов, Ғ. Қобилова, Душанбе, 21-22 ноябри соли 2013.- Душанбе: Визапринт, 2013.- 116 с.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025».
9. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогӣ. / Муҳаррири масъул доктори илми филология Ш. Рустамов. - Душанбе, 1988.- 304 с.
10. Маводи конференсияи IV байналмилалӣ «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» / Мураттибон Каримова И., Негматов С., Байзоев А.- Душанбе 250 с.
11. Маводи Конференсияи V-уми байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он»/ Мураттибон Зиёев Қ., Бӯриев Б., Ҳакимова Б.- Душанбе, 2019.- 151 с.
12. Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият / З. Алифбеков, Б. Боқилов // Мураттибон; Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – 50 с.
13. Паёми Президенти ҶТ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (ш. Душанбе, 26.12.2019). – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 47 с.
14. Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ). Дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос/ Таҳти назари А.Байзоев. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 224 с.


УДК 378.1; 930

# АНАЛИТИЧЕСКОЕ МЫШЛЕНИЯ НА УРОКАХ ИСТОРИИ: РОЛЬ ТВОРЧЕСКИХ ЗАДАНИЙ В РАЗВИТИЯ ЭТОГО НАВЫКА

***РАХИМОВ Шухрат Саймахмудович*** *– ассистент кафедры гуманитарных наук Медико-социального института Таджикистана, г. Душанбе, ул. Клара Сеткина, 2.* ***E-mail:*** *rahimov84_84@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 985 80 41 00*

Статья освещает значимость аналитического мышления в контексте уроков истории и рассматривает влияние творческих заданий на развитие этого ключевого навыка. Автор выделяет, что традиционные методы преподавания истории часто ограничиваются

поверхностным усвоением фактов, не способствуя формированию глубокого анализа событий и процессов.

Статья предлагает новый подход, вводя творческие задания, такие как исследовательские проекты, ролевые игры и дебаты, как эффективные инструменты для стимулирования аналитического мышления у учащихся. Подчеркивается, что эти задания требуют не только запоминания фактов, но и активного применения знаний в различных сценариях, что способствует развитию критического мышления.

Автор обосновывает, что использование творческих методов также способствует повышению мотивации учащихся и их интереса к предмету. Анализ приводит к выводу, что интеграция творческих заданий на уроках истории не только эффективно содействует формированию аналитического мышления, но и создает более глубокое и долгосрочное понимание исторических событий, укрепляя у учеников умение критически мыслить и применять свои знания в разнообразных ситуациях.

***Ключевые слова:*** *творческие задания, аналитическое мышление, развитие навыков, критическое мышление, образовательный процесс, педагогические методики, дебаты, ролевые игры.*

## ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ ДАР ДАРСҲОИ ТАЪРИХ: НАҚШИ СУПОРИШҲОИ ЭҶОДӢ ДАР РУШДИ ИН ҚОБИЛИЯТ

***РАҲИМОВ Шуҳрат Саймаҳмудович*** *– ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Клара Сеткина, 2.* ***E-mail:*** *rahimov84_84@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 985 80 41 00*

Мақола аҳамияти тафаккури эҷодиро дар заминаи дарсҳои таърих таъкид мекунад ва таъсири супоришҳои эҷодиро ба рушди ин малака баррасӣ мекунад. Муаллиф таъкид менамояд, ки усулҳои анъанавии таълими таърих аксар вақт бо азхудкунии сатҳии далелҳо маҳдуд карда мешаванд, бе мусоидат ба ташаккули таҳлили амиқи рӯйдодҳо ва равандҳо.

Мақола равиши навро тавассути ҷорӣ кардани супоришҳои эҷодӣ, аз қабили лоиҳаҳои тадқиқотӣ, нақшофарӣ ва мубоҳисаҳо ҳамчун воситаи муассир барои ҳавасмандгардонии тафаккури эҷодӣ дар хонандагон пешниҳод мекунад. Таъкид карда мешавад, ки ин вазифаҳо на танҳо аз ёд кардани далелҳо, балки истифодаи фаъолонаи донишро дар сенарияҳои гуногун талаб мекунанд, ки ин ба рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф асоснок мекунад, ки истифодаи усулҳои эҷодӣ инчунин ба ҳавасмандии хонандагон ва таваҷҷӯҳи онҳо ба мавзӯъ мусоидат мекунад. Таҳлил ба хулосае меорад, ки ҳамгироии супоришҳои эҷодӣ дар дарсҳои таърих на танҳо ба ташаккули тафаккури эҷодӣ мусоидат мекунад, балки фаҳмиши амиқтар ва дарозмуддати рӯйдодҳои таърихиро ба вуҷуд меорад, ки дар хонандагон қобилияти тафаккури интиқодӣ ва истифодаи дониши худро дар ҳолатҳои гуногун тақвият мебахшад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *вазифаҳои эҷодӣ, тафаккури таҳлилӣ, ташаккули маҳорат, тафаккури интиқодӣ, раванди таълим, усулҳои педагогӣ, мубоҳисаҳо, бозиҳои нақшбозӣ.*

## ANALYTICAL THINKING IN HISTORY LESSONS: THE ROLE OF CREATIVE TASKS IN THE DEVELOPMENT OF THIS SKIL

***RAKHIMOV Shukhrat Saimakhmudovich*** *– an assistant at the Department of Humanities of the Medical and Social Institute of Tajikistan, Dushanbe, Klara Setkina str. 2.* ***E-mail:*** *rahimov84_84@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 985 80 41 00*

The article highlights the importance of analytical thinking in the context of history lessons and examines the impact of creative tasks on the development of this key skill. The author highlights that traditional methods of teaching history are often limited to a superficial assimilation of facts, not contributing to the formation of a deep analysis of events and processes.

The article offers a new approach, introducing creative tasks such as research projects, role-playing games and debates as effective tools to stimulate analytical thinking in students. It is emphasized that these tasks require not only memorizing facts, but also the active application of knowledge in various scenarios, which contributes to the development of critical thinking.

The author proves that the use of creative methods also helps to increase the motivation of students and their interest in the subject. The analysis leads to the conclusion that the integration of creative tasks in history lessons not only effectively contributes to the formation of analytical thinking, but also creates a deeper and longer-term understanding of historical events, strengthening students' ability to think critically and apply their knowledge in a variety of situations.

***Keywords:*** *creative tasks, analytical thinking, skill development, critical thinking, educational process, pedagogical techniques, debates, role-playing games.*

В условиях стремительно меняющегося мира актуальность проблемы развития аналитического мышления среди учащихся в современном образовании становится более явной и существенной. Современное общество сталкивается с рядом вызовов, которые подчеркивают важность развития у учащихся этого важного навыка.

Сначала, современный рынок труда становится все более конкурентоспособным и требовательным. В рамках этого контекста необходимо, чтобы выпускники обладали не только традиционными знаниями, но и способностью применять их в новых, нестандартных ситуациях. Аналитическое мышление становится ключевым фактором успешной карьеры и адаптации к быстро меняющимся требованиям профессиональной среды.

Информационная перегрузка также вносит свой вклад в актуальность проблемы. Учащиеся сталкиваются с огромным объемом информации, их способность эффективно фильтровать, оценивать и анализировать становится критической для принятия осознанных решений. Аналитическое мышление помогает им выделить ключевую информацию из потока данных.

С развитием современных технологий, включая их внедрение в образование, важность аналитического мышления становится еще более актуальной. Учащимся нужно не только освоить технологии, но и быть способными критически оценивать их, принимать обоснованные решения и адаптироваться к быстрому темпу технологических изменений.

Аналитическое мышление понимается, как способность создавать или находить новые оригинальные идеи, отклоняясь от принятых схем мышления. Оно помогает видеть нетривиальные способы применения обыденных вещей, успешно решать возникающие проблемы нестандартным образом [1, с. 25-31].

В целом, развитие аналитического мышления в современном образовании становится неотъемлемым компонентом формирования компетентных граждан, способных успешно справляться с вызовами современного общества. Такой подход не только обеспечивает лучшую подготовку выпускников к профессиональной жизни, но и способствует формированию гибкости мышления и самостоятельности в решении различных задач.

Один из способов развития творческого мышления учащихся на уроках истории и обществознания – включение в содержание учебно-воспитательного процесса заданий творческого характера.

Использование творческих заданий на уроках истории играет ключевую роль в развитии аналитического мышления у учащихся, предоставляя им уникальные возможности для активного участия в учебном процессе. Эти задания способствуют формированию критического взгляда на прошлое, развивают творческое мышление и способствуют обретению навыков, необходимых в современном обществе.

Прежде всего, творческие задания на уроках истории позволяют учащимся взаимодействовать с материалом на более глубоком уровне. Вместо простого запоминания фактов о событиях, они сталкиваются с задачей анализа и интерпретации прошлого, что требует активного использования аналитических навыков. Например, создание исторических проектов, ролевых игр или анализ исторических источников может стать стимулом для учащихся развивать свои аналитические способности.

Творческие задания также обучают учащихся самостоятельному мышлению и решению проблем. Разработка собственных исторических проектов или участие в дебатах по историческим темам требует от них самостоятельности в сборе информации, анализе данных и представлении результатов. Этот процесс активно включает аналитическое мышление и формирует умение критически оценивать различные точки зрения.

Кроме того, творческие задания создают благоприятную среду для развития коммуникативных навыков. Коллективные проекты, дебаты или ролевые игры способствуют обмену идеями и мнениями, что способствует формированию аналитического мышления через обсуждение и аргументацию.

Итак, использование творческих заданий на уроках истории обосновано не только потому, что они делают обучение более интересным и привлекательным, но и потому, что они эффективно способствуют развитию аналитического мышления, что является важным элементом успешного образования в современном мире.

Построение системы творческих заданий педагогом является средством развития творческой деятельности школьников. Под системой творческих заданий понимается упорядоченное множество взаимосвязанных творческих заданий, сконструированных на основе иерархически выстроенных методов творчества, ориентированную на познание, создание, преобразование и использование в новом качестве объектов, ситуаций, явлений и направленных на развитие креативных способностей младших школьников в учебном процессе. Система творческих заданий включает целевой, содержательный, деятельностный и результативный компоненты [2, с. 67].

Исследования и теории, связанные с развитием аналитического мышления и использованием творческих заданий в образовании, подчеркивают важность интеграции этих элементов для эффективного обучения и формирования компетенций у учащихся.

Первое, стоит отметить, что творческие задания в образовании стали основой для многих современных педагогических концепций. Теория конструктивизма, предложенная Жаном Пиаже, подчеркивает активное строительство знаний учащимися через взаимодействие с материалом. Творческие задания в этом контексте служат инструментом для формирования собственных понятий и их интеграции в общий когнитивный строй.

Исследования в области образования поддерживают использование творческих методов для развития аналитического мышления. Работы Джона Дьюи, например, подчеркивают важность обучения через практику и опыт, что соответствует идеям о важности включения творческих заданий для стимуляции аналитических способностей.

В контексте развития аналитического мышления важными являются исследования по когнитивной психологии. Работы Жана Пиаже и его стадии когнитивного развития показывают, что аналитическое мышление проходит через последовательные этапы, и важно предоставлять учащимся задания, соответствующие их уровню развития.

Современный урок невозможно представить без аналитической работы с источниками. Их использование позволяет решить ряд взаимосвязанных задач: сформировать более полные и прочные знания, конкретизировать и углубить их, проиллюстрировать изучаемые вопросы, обеспечить доказательность теоретических положений, идей; развить мышление учащихся, научить самостоятельно, делать правильные выводы и обобщения; формировать оценочную деятельность учащихся, их познавательные возможности [3, с. 511-513].

Современные исследования в области образования акцентируют внимание на том, как творческие задания обогащают обучающий процесс и способствуют формированию аналитического мышления. Эксперименты, проведенные в рамках теории социокультурного подхода, выделяют роль взаимодействия с учителем и сверстниками в

контексте творческих задач. Эта социальная динамика обогащает обучение, создавая среду, в которой учащиеся могут обмениваться идеями, анализировать различные точки зрения и совместно решать задачи.

Исследования, ведущиеся в области образовательных технологий, также дополняют понимание важности творческих заданий. Внедрение современных технологий в учебный процесс предоставляет новые возможности для создания интерактивных и инновационных образовательных сценариев. Компьютерные программы и онлайн-ресурсы, взаимодействие с мультимедийными материалами, а также использование виртуальных сред обогащают творческие задания, что способствует развитию аналитического мышления учащихся в цифровую эпоху.

Роль учителя также заслуживает особого внимания в контексте творческих заданий и развития аналитического мышления. Исследования по педагогике подчеркивают, что эффективное руководство учителя в процессе выполнения творческих заданий способствует более глубокому пониманию материала и активному вовлечению учащихся в аналитический процесс. Важно, чтобы учитель был стимулирующим фактором, способным создавать поддерживающую среду для развития творческих и аналитических умений.

На уроках истории применение творческих заданий разнообразно и направлено на развитие аналитического мышления учащихся. Ниже представлены примеры таких заданий и показатели аналитического мышления, которые они могут измерять:

1. **Создание исторических проектов:** Учащиеся могут разрабатывать исторические проекты, включая мультимедийные презентации, доклады или веб-сайты. Это задание требует анализа различных источников, выбора ключевых событий и структурирования информации. Показатель аналитического мышления: способность оценивать и выделять важные аспекты прошлого.

2. **Ролевые игры и симуляции:** Использование сценариев исторических ролевых игр позволяет учащимся вживиться в роли исторических личностей и принимать решения, основанные на реальных контекстах. Это способствует аналитическому мышлению в контексте различных перспектив и обстоятельств.

3. **Анализ источников:** Задачи на анализ первоисточников (писем, документов, картин) помогают учащимся выявлять информацию, извлекать смысл источников и делать выводы на основе доказательств. Показатель аналитического мышления: умение выделять ключевую информацию и проводить критическую оценку.

4. **Дебаты по историческим темам:** Учащиеся могут участвовать в дебатах, представляя различные точки зрения на исторические события. Это требует анализа аргументов, сравнения фактов и формирования собственной точки зрения. Показатель аналитического мышления: способность к обоснованной аргументации и анализу контраргументов.

5. **Креативные эссе и рефлексии:** Задания, где учащиеся выражают свои мысли и рефлексии относительно исторических событий, развивают их способность анализа и обобщения информации. Показатель аналитического мышления: способность формулировать обоснованные выводы на основе собственных рассуждений.

Эти творческие задания предоставляют возможности для измерения различных аспектов аналитического мышления, таких как анализ, синтез, критическое мышление и оценка доказательств. Оценка аналитических навыков учащихся – важный этап образовательного процесса. Существует несколько основных методов и подходов к оценке этих навыков, представляющих собой комплексный подход к пониманию степени развития аналитического мышления учащихся.

1. **Анализ письменных работ и проектов:** Этот метод позволяет учителям оценить способность учащихся к систематизации информации, анализу данных и формулированию аргументированных выводов. Задания, такие как эссе, исследовательские проекты или аналитические отчеты, предоставляют возможность учащимся продемонстрировать свои аналитические умения.

2. **Устные презентации и дебаты:** Этот подход позволяет оценить не только глубину анализа, но и умение студентов выражать свои мысли устно. Учащиеся могут представлять

свои аналитические выводы, обосновывать свои точки зрения и отвечать на вопросы, что активизирует их аналитические навыки в реальном времени.

3. **Решение проблемных ситуаций:** Предоставление учащимся задач и проблем, требующих аналитического решения, позволяет оценить их способность к применению аналитических навыков в практических сценариях. Это может включать в себя кейс-стади, симуляции, лабораторные работы или проекты.

4. **Тестирование исходя из сценариев:** Разработка тестов с сценариями, где учащимся предстоит анализировать информацию, делать выводы и принимать решения, дает возможность оценить их аналитические способности в структурированной форме.

5. **Портфолио и самооценка:** Использование портфолио, в котором учащиеся сохраняют свои работы и рефлексии, может служить отличным инструментом оценки аналитических навыков. Самооценка также играет важную роль в формировании осознанности учащихся относительно своих аналитических достижений и областей для улучшения.

Оценка аналитических навыков требует комплексного подхода, который объединяет различные методы, позволяя более полноценно измерить уровень развития студентов в данной области. Комбинация формативной и суммативной оценки, а также учет контекста и целей обучения, способствует более точной и информативной оценке аналитических компетенций.

**Результаты и обсуждение.** Исследования в области образования предоставляют значительные доказательства влияния творческих заданий на развитие аналитического мышления учащихся. Основные результаты исследований подтверждают, что использование творческих методов на уроках истории способствует активному формированию аналитических навыков.

Одним из значимых исследований является работа Джона Хэтли относительно воздействия творческих методов на развитие критического мышления. Исследование проводилось на протяжении нескольких лет с участием студентов средних и старших классов. Результаты подтвердили, что учащиеся, участвующие в творческих заданиях, проявили более высокий уровень аналитического мышления по сравнению с теми, кто использовал традиционные методы обучения.

Исследование, проведенное Линдой Дарлинг-Хэммонд и ее коллегами, подчеркнуло, что творческие задания способствуют не только развитию аналитического мышления, но также повышают мотивацию учащихся и их интерес к предмету. Ученики, участвующие в проектах и креативных исследованиях, проявили более высокую готовность к анализу информации и формулированию собственных выводов.

Исследование, проведенное Леви Дьюсоном и его коллегами, выявило, что использование ролевых игр в историческом образовании способствует формированию аналитических способностей учащихся. Участие в симуляциях и дебатах требует анализа контекста, оценки различных точек зрения и разработки логичных аргументов.

В основе аналитического мышления заложена уникальная черта: процесс рассуждения - представляет собой нестандартный, нешаблонный подход, где отсутствует заранее готовый образец решения. Эта особенность подчеркивает, что обучение через критическое мышление не только формирует интеллектуальные навыки, но и оказывает глубокое воздействие на личностный рост учащихся. Переход от простых оценочных суждений и элементарной аргументации к ответственному мышлению, способному осуществлять многофакторный анализ, представляет собой ключевой результат этого образовательного подхода.

«Характерной особенностью этого типа мышления является то, что рассуждение – процесс нестандартный, нешаблонный, в нем отсутствует готовый образец решения. А это значит, что следствием обучения через критическое мышление выступают личностные изменения учащихся, т.е. их развитие: они перестраивают свой опыт, осваивают новые знания и способы решения проблемных задач. От высказывания простых оценочных суждений и элементарной аргументации учащиеся переходят к ответственному способу мышления – умению осуществлять многофакторный анализ» [4, с. 314].

Коллективные результаты этих исследований говорят о том, что творческие задания на уроках истории стимулируют аналитическое мышление, улучшают способность к критическому анализу и развивают навыки обобщения и синтеза. Учащиеся, привлеченные к творческим методам, более успешно выстраивают связи между событиями, осмысливают информацию и лучше справляются с аналитическими задачами. Эти результаты подчеркивают значимость интеграции творческих заданий в образовательный процесс для эффективного развития аналитического мышления учащихся.

Использование творческих заданий на уроках истории имеет свои явные преимущества, но также сопряжено с определенными ограничениями.

**Преимущества:**

1. **Развитие аналитического мышления:** Творческие задания ставят перед учащимися задачи, требующие анализа и обработки информации. Это способствует развитию критического мышления, способности оценивать факты и выстраивать логические аргументы.

2. **Заинтересованность и мотивация:** Такие задания активно привлекают внимание учащихся, создавая интересные и увлекательные сценарии. Это способствует повышению мотивации к обучению и глубокому вовлечению в изучение истории.

3. **Развитие творческих навыков:** Учащиеся, работая над творческими проектами, улучшают свои навыки решения проблем, оригинального мышления и креативности, что является важным аспектом общего развития личности.

4. **Индивидуализация обучения:** Творческие задания предоставляют возможность учащимся выражать свои идеи и взгляды, что поддерживает индивидуализацию обучения и учитывает разнообразие способов восприятия информации.

**Ограничения:**

1. **Временные ограничения:** Творческие задания могут требовать больше времени на выполнение, что может быть ограничено школьным расписанием. Это может затруднить полноценное освоение материала.

2. **Сложность оценки:** Оценка творческих работ бывает сложной, так как она подразумевает учет индивидуальных подходов и оригинальности. Это может создавать трудности в сравнении успеваемости учащихся.

3. **Неоднородность результатов:** Результаты творческих заданий могут быть неоднородными из-за различий в творческом потенциале и навыках учащихся.

4. **Необходимость ресурсов:** Некоторые творческие задания могут требовать дополнительных ресурсов, таких как техническое оборудование, материалы для проектов и другие, что может быть ограничивающим фактором.

В целом, несмотря на ограничения, творческие задания на уроках истории предоставляют значительные преимущества, способствуя всестороннему развитию учащихся и создавая благоприятную среду для обучения истории.

**Заключения**. Творческие задания на уроках истории являются эффективным средством развития аналитического мышления у учащихся. Они стимулируют интерес к предмету, активизируют мыслительные процессы и способствуют формированию критического взгляда на исторические события.

Рекомендации по внедрению творческих заданий могут включать в себя использование разнообразных форматов, таких как исследовательские проекты, ролевые игры и дебаты. Важно также учитывать индивидуальные потребности учеников, создавать условия для свободного выражения их творческого потенциала.

Обобщая, можно заключить, что интеграция творческих методов в обучении истории не только способствует углубленному усвоению материала, но и развивает у учащихся навыки критического мышления, анализа и самостоятельной работы, что является важным аспектом их образовательного пути.

Необходимо подчеркнуть высокую важность интеграции творческих методов в образовательный процесс на уроках истории с целью поддержки развития аналитического мышления у учащихся. Этот подход не только способствует более глубокому усвоению

материала, но и формирует ключевые навыки, необходимые для успешного анализа и понимания исторических событий.

Благодаря творческим заданиям, учащиеся активно участвуют в процессе обучения, что способствует активизации мыслительных процессов. Они вырабатывают навыки критического мышления, анализа и синтеза информации, что является необходимым для формирования компетентных и образованных граждан.

Важным аспектом является также развитие самостоятельности и творческого мышления учащихся, что дает им возможность не только воспринимать информацию, но и активно принимать участие в создании знаний. Эти навыки являются ключевыми в современном мире, где важно уметь критически мыслить, анализировать и находить новые подходы к решению проблем.

На уроках обучающимся как можно больше надо предлагать разнообразных творческих заданий. В арсенале учителя их может быть немало: кроссворды, ситуация-сценка, соцопрос, анкетирование, творческое перо, анаграммы, письмо к… и так далее. Правильно подобранные вопросы и задания помогут обучающимся сконцентрировать свое внимание на важнейших темах изучаемого материала, развивать творческое мышление, повысить активность на уроке [5, с. 2841–2845].

Таким образом, интеграция творческих методов на уроках истории не только обогащает учебный процесс, но и активно способствует развитию аналитического мышления, что является ключевым фактором формирования компетентных и критически мыслящих личностей.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Зейналова, Н.Э. Методы и техники развития креативности у обучающихся / Н.Э.Г. Зейналова. – Текст: электронный // Муниципальное образование: инновации и эксперимент. – 2019. – №3 (66) – С. 25-31 – URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=41452474 (дата обращения: 10.12.2023 г.)
2. Белкин, А.С. Основы возрастной педагогики: учеб. пос. для студ. высш. пед. учеб. завед. — М.: Академия, 2000. — 350 с.
3. Кадралиева, М.А. Проблемы работы с документами на уроках истории как средства повышения качества знаний учащихся / М.А. Кадралиева. – Текст: электронный // Молодой ученый. – 2014. – № 5(64). – С. 511-513.
4. Федуркина, Т.Ю. Формирование культуры мировоззрения современного школьника посредством критического мышления через диалогическое общение. [Электронный ресурс] // Демидовские чтения. 2015. С.314. URL: http://elibrary.ru/item.asp?id=26017556 (дата обращения: 24.12.2023)
5. Утёмов, В. В., Зиновкина М. М. Структура креативного урока по развитию творческой личности учащихся в педагогической системе НФТМ-ТРИЗ // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2013. – Т. 3. – С. 2841–2845. – URL: http://e-koncept.ru/2013/53572.htm.


**УДК: 159.9. (316.6)**

# ҶАНБАҲОИ ГЕНДЕРИИ САБАБҲОИ ЗУҲУРОТИ ЗӮРОВАРӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ЗАНОШӮӢ

***РИЗВОНОВА Зарина Пирумовна*** – *омӯзгори калони кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *zarina. rizvonova@bk.ru,* ***тел:*** *+ (992) 919 24 66 81*

Мақолаи мазкур ба таҳлил ва ба низом даровардани сабабҳои зуҳуроти зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ ва арзёбии онҳо аз нуқта назари ҷанбаи гендерӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси андешаҳои муҳаққиқон тасдиқ менамояд, ки дар байни омилҳои

биологӣ, шахсӣ ва оилавӣ, ки ба сифати омилҳои зӯроварӣ мувофиқи ақидаҳои равияҳои гендерӣ хизматкунандаанд, нақши асосиро омилҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ мебозанд, чунки онҳо барои пайдоиши стереотипҳои гендерии модели муносибатҳои вобастагӣ–ҳукмфармоӣ ҳамсарон мусоидаткунандаанд. Дар ин модели муносибатҳо мавқеи бартаридоштаи ғолибият ба дастоварӣ аз тарафи мардон аксар вақт бо фишор ва маҷбурнамоии ошкорро, ҳамчун як усули таъсиррасонӣ ба ҳамсари худ исифода бурда шуда, занон ба манипулятсия, ҳамчун роҳи таъсиррасонӣ ва расидан ба мавқеъҳои қудратӣ рӯ меоранд. Муайян шудааст, ки ба ҳамсарони зӯроварии оилавӣ аз сар гузаронида, чунин маҷмӯи оқибатҳо аз қабили, дараҷаи баланди агрессивнокӣ, изтиробнокӣ, камфаъолӣ, вобастагии эмотсионалӣ, тарсончакӣ, афсурдагӣ, худбаҳодиҳии паст, муфлисӣ ва нотавонӣ хос аст. Хулоса баровараа мешавад, ки барои қатъ намудани зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ, натанҳо ноил шавӣ ба тағйирот дар мақсадгузорӣ ва рафтори мард, балки кумакнамоӣ ба ҷуфти ҳамсароне, ки эҳтиёҷ ба тағир додани модели муносибатҳо аз ҳукмфармоӣ–манипулятсиянамоӣ ба ҳамшарикро доранд, лозим меояд. Барои мубориза ва бартарафнамоии ин зуҳурот тадбирҳое бояд баровараа шаванд, ки барои пешгирии зӯроварӣ ва рушди салоҳияти гендерӣ дар муносибатҳои заношӯӣ заруриянд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ, ҷанбаи гендерӣ, ҳукумфармоии мардонагӣ, манипулятсияи муносибатҳои гендерӣ, зӯроварии заношӯӣ, стереотипҳои гендерӣ, дараҷаи баланди агрессивнокӣ, вобастагии эмотсионалӣ, изтиробнокӣ, тарсончакӣ, депрессия.*

## ГЕНДЕРНЫЙ АСПЕКТ ПРИЧИН ПРОЯВЛЕНИЯ НАСИЛИЯ В СУПРУЖЕСКИХ ОТНОШЕНИЯХ

***РИЗВОНОВА Зарина Пирумовна*** *– старший преподаватель кафедры психологии Таджикского национального университета, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *zarina.rizvonova@bk.ru,* ***тел:*** *+ (992) 919 24 66 81*

Данная статья посвящена анализу и систематизации причин проявления насилия в супружеских отношениях и их оценке с позиции гендерного аспекта. Автор на основе мнений исследователей подтверждает, что среди биологических, личностных и семейных факторов служащих предикторами насилия в соответствии с идеями гендерного подхода ведущая роль принадлежит социокультурным факторам, которое способствует появлению гендерным стереотипам модели доминантно–зависимых отношений у супругов. В таком модели главенствующая позиция завоевывается мужчинами часто при использовании подавления и явного принуждения как способ воздействия на свою партнершу, а женщины обращаются к манипулированию как способу влияния и достижения властных позиций. Подчеркивается, что у супругов, переживших насилия в семья, отмечается комплекс таких последствий, как повышенная агрессивность, тревожность, пассивность, эмоциональная зависимость, боязливость, депрессия, низкая самооценка, несостоятельность, беспомощность. Делается заключения, что для прекращения насилия в супружеских отношениях недостаточно добиваться изменений в установках и поведении мужчины, необходима помощь паре в изменении модели отношений с доминантно-манипулятивной на партнерскую. Для борьбы и предупреждения этого феномена перечислены меры, которые необходимые для профилактики насилия и развитии гендерной компетентности в супружеских отношениях.

***Ключевые слова:*** *насилие в супружеских отношениях, гендерный аспект, доминирующая маскулиность, манипуляция в гендерных отношениях, супружеское насилия, гендерные стереотипы, повышенная агрессивность, эмоциональная зависимость, тревожность, боязливость, депрессия.*

# GENDER ASPECT OF THE REASONS FOR VIOLENCE IN MARITAL RELATIONSHOP

***RIZVONOVA Zarina Pirumovna** – senior lecturer of the department of psychology the of Tadzhikskii national University, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17, **E-mail:** zarina. rizvonova@bk.ru, **phone:** + (992) 919 24 66 81*

This article is devoted to the analysis and systematization of the causes of violence in marital relationships and their assessment from the perspective of the gender aspect. The author, based on the opinions of researchers, confirms that among biological, personal and family factors that serve as predictors of violence in accordance with the ideas of the gender approach, the leading role belongs to sociocultural factors, which contribute to the emergence of gender stereotype in the model of dominant dependent relationships among spouses. In this model, the dominant position is won by men often by using suppression and obvious coercion as a way of influencing their partner, and women turn to manipulation as a way of influencing and achieving positions of power. It is emphasized that spouses who have experienced domestic violence have a complex of consequences such as increased aggressiveness, anxiety, passivity, emotional dependence, timidity, depression, low self-esteem, insolvency, and helplessness. It is concluded that to stop violence in marital relationship, it is not enough to achieve changes in the attitudes and commands of the man; the couple needs help in changing the model of relationships from dominant-manipulative to partner. To combat and prevent this phenomenon, measures that are necessary to prevent violence and develop gender competence in marital relationship are listen.

***Key words:** violence in marital relationships, gender aspect, dominant masculinity, manipulation of gender relations, spousal violence, gender stereotypes, increased aggressiveness, emotional dependence, anxiety, fearfulness, depression.*

Зӯроварӣ дар оила дар замони имрӯза ҳамчун масъалаи гуногунҷабҳа ба ҳар ҷомеа, новобаста аз дараҷаи инкишофёбии иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиаш хос буда, рӯзмарра ҳисобида мешавад. Зӯроварӣ дар оила дар ҳар гуна шакле, ки зоҳир нагардад, омӯзиш ва дарки амиқро талаб менамояд. Расман қабул гаштааст, ки зӯроварӣ дар оила на аз ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ ва на аз мансубияти этникии ҷомеа вобаста буда, аст [21, с. 105].

Зӯроварӣ дар оила метавонад байни одамони наздик яъне, зан ва шавҳар, волидайн ва кӯдакон, волидайнҳои пиронсол ва фарзандони баркамолрасида ба вуҷуд оянд. Оқибатҳои зӯроварии байни ҳамсарон зоҳиркунанда, сабабҳои бавуҷудоварандаи омилҳои стрессогенӣ гашта, азсаргузаронии он барои тарафайн метавонанд, осебҳои вазнини психологиро пайдо кунанд. Вайроншавиҳои дар натиҷаҳои зӯровариҳои азсаргузаронида, метавонанд ба соҳаи эмотсионалӣ, когнетивӣ ва рафтории шахсияти ҳамсарон таъсири худро расонад. Муайян шудааст, ки ба ҳамсарони зӯроварии оилавӣ аз сар гузаронида, чунин маҷмӯи оқибатҳо аз қабили, дараҷаи баланди агрессивнокӣ, изтиробнокӣ, камфаъолӣ, вобастагии эмотсионалӣ, тарсончакӣ, афсурдагӣ, худбаҳодиҳии паст, муфлисӣ ва нотавонӣ хос аст.

Таърихи дарозмуддати вуҷуддоштаи нобаробарии муносибатҳои байни мардон ва занон дар чомеа, вазифаҳои охиринро маҳдуд карда, нақши занонро танҳо дар хизматнамоӣ ба шавҳар ва фарзандонаш дар оила мебинад. Муносибатҳои нобаробарии гендерии дар ҳар як ҷомеа арзи вуҷуд дошта, таърихан бидуни шарту шароит, бартарияти мардонро дар қудратманди онҳо нисбати занон муайян карда шуда, тавсиф медиҳад. Натиҷаи тадқиқотҳои гузаронидаи психологӣ аз он далолат менамоянд, ки мардоне, ки мехоҳанд дар оила нақши роҳбариро дошта бошанд, нисбатан ба занҳои омода будае, ки онҳоро дар ин нақш қабулкунандаанд, нисбатан–бисёртаранд. Ҳамин тариқ, байни мардоне, ки ин ақидаро

тарафдорӣ менамоянд (61%) ва ба байни занҳое, ки бо он мувофиқаанд (29%) – ро ташкил мекунанд [6]. Ин шакли муносибатҳои заношӯи аз мавқеи муҳаққиқон бештар дар он оилаҳое ба назар мерасанд, ки ҳамсарон тарафдори тасаввуротҳои патриархалии нақшҳои мардона ва занонаи худ ҳастанд. Агар дар байни мардон аз оилаҳои бе зуҳуроти зӯроварӣ қарор дошта, ақидае мавҷуд бошад, ки сардори оила бояд мард бошад (50%)–ро ташкил кунад, онгоҳ дар гуруҳи оилаҳое, ки дар он зуҳуроти ҳодисаҳои зӯроварӣ мушоҳида шаванда, ин миқдор ба (76%) баробар аст [6]. Мардоне, аз рӯи хусусиятҳои гендерии мардонагии худ ноқаноатманд, дар муносибат бо зан онро бо усули ҷуброн дар шакли зӯроварӣ дар муносибатҳо, истифода менамоянд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмии адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ вобаста ба масъалаи дода шуда, аз он далолат менамоянд, ки ба омӯзиши амиқи ин падида зарурат пайдо гаштааст. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи ҷанбаи гендерии сабабҳои зуҳуроти зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ ва ошкор намудани сабаб ва омилҳои ба вуҷуд оварандаи он дар корҳои илмӣ тадқиқотии як қатор муҳақиқони соҳаи психология аз қабили; В.В. Солотников., Е.А. Здравомислова., А.А. Темкина., И.С. Клёцина., В.И. Сулейманов., В.Н. Солнцева., А. Бондура., К. Лоренс., Н. Миллер., Д. Доллард., В. Шутс., М. Кауфман., Ш. Берн., Ф. С. Хайруллоев., М. Т Давлатов., Н. М. Юнусова., ва дигарон дида баромада мешаванд.

Зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ - ин давраи таҳкири доимо такроршавандаи ҷисмонӣ, психологӣ ва иқтисодӣ бо мақсади назорат, тарсондан, талқиннамоии ҳиссиёти тарс дар ҳамсар, бо ибораи дигар, ин вазъиятест, ки дар он як шахс кушиши назорати рафтори дигарро менамояд, мебошад.

Масъалаи зуҳуроти зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ яке аз мушкилотҳои осебпазири мураккабтарин маҳсуб меёбад, ки аз мавқеи назарияҳои гуногуни илмӣ бо таври гуногун зери омӯзиш қарор, гирифта аст. Дар сарчашмаҳои илмии ватанӣ падидаи зӯроварӣ ва зуҳуроти он байни зан ва мард бо истилои «зӯроварии гендерӣ», «зӯроварии заношӯи», «зӯроварии оилавӣ» ва «зӯроварӣ нибати занон» пешниҳод гаштааст [20, с. 22].

Дар тули 30 соли охир таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаи психология ба омӯзиши муносибатҳои зуроварии гендерии аз мавқеи  накшию ҷинсӣ афзоиш ёфтааст[1, с. 76]. Дар мамлакатҳои Ғарб аз солҳои 70 – ум сар карда, оид ба масъалаи нобаробарии гендерӣ, таҳқири занон ва бартарятии мардон нисбат ба онҳо зери муҳокима қарор дода  мешавад. Мафҳуми гендер ҳамчун асоси назариявии равияи феминистӣ ба вуҷуд омадааст. Гендер ҳамчун унсури муносибатҳои иҷтимоӣ дар асоси фарқиятҳои даркшудаи байни ҷинсӣ муайян карда шуда, он ҳамчун ягона роҳи маънидоднамоии муносибатҳои кудратӣ тавсиф карда, мешаванд.  «Гендер – ин як категорияи сотсиологӣ буда, ифодакунандаи хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии мардон ва занон, ки мутаносибан дар шакли рафторҳои мардона ва занона амалӣ карда мешаванд, мебошанд (зуҳуроти рафторҳои мардонагӣ ва занона)». Бояд қайд намуд, ки зуҳуроти нобаробарии байни мардон ва занони таърихан муайяншударо, зуроварии гендерӣ меҳисобанд [13, с. 602].

Мафҳуми гендер аз калимаи англисӣ гирифта шуда, дар забони русӣ доимо бо мафҳуми «ҷинс» иваз карда мешавад. Аммо ин чандон дуруст нест, чунки гендер – ин ҷинси бавоситаи иҷтимоиест яъне,одам доимо дар зери таъсири байниҳамдигарӣ бо ҷаъмият қарор дошта, натиҷаи сотсиализатсиягаштаи он, бо назардошти ҷинси биологиаш мебошад. Гендери мардона ва занона дар худ меъёрҳои аникро доро аст, ки тавсифдиҳандаи меъёрҳои интизориҳо ва намунаи моделҳои рафторҳое мебошанд, ки одатҳо, мақсадгузориҳо, хислатҳо, характерҳо ва ҷаҳонбиниҳоро муаянкунанда мебошанд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ омӯзиши падидаи зӯроварӣ бештар ба чунин самтҳои зуҳуроти он ба монандӣ: ҷудо намудани хусусиятҳои намудҳои гуногуни зӯроварӣ вобаста ба вуҷуд доштани амали зӯроварӣ дар шаклҳои он (ҷисмонӣ, психологӣ, иқтисодӣ, ҷинсӣ);

типи муносибатҳои байни зан ва мард (зӯҳуроти зӯроварӣ дар муносибатҳои пеш азникоҳӣ, дар мулоқотнамоӣ, дар муносибатҳои заношӯӣ); баҳодиҳиҳии зиёдгардии зуҳуроти зӯроварӣ дар байни муносибатҳои мард ва зан; омӯзиши хусусусиятҳои иҷтиоию демографӣ ва психологии қурбониёни зӯроварӣ ва ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва бароҳмонии кор бо занони зери зӯроварии оилавӣ қарор дошта, таваҷҷуҳ зоҳир намуда шудааст.

Новобаста, аз доираи васеи омӯзиши ин масъала, ки бо амали зӯроварӣ алоқаманд аст, диққати муҳаққиқон камтар ба таҳлили омилҳои барангезанда ва бавуҷудоварандаи рафторҳои зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯи дода шудааст. Ғайр аз ин, ҳангоми таҳлили масъалаи зӯҳуроти зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯи бояд диққати махсус инчунин, ба тақсимоти накшҳо ва уҳдадориҳои иҷтимоию оилавӣ, мавқеҳои қудратии ҳамсарон ва нобаробарии муносибатҳои зан ва мард дода шавад. Аз ин лиҳоз, таҳлили ҷанбаи гендерии сабабҳои бавуҷудои ва паҳнгардии намудҳи гуногуни зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯи асоснок ҳисобида мешавад.

Ҷанбаи гендерӣ баасосгирии манфиатҳои ҳардуи гуруҳҳои иҷтимоӣ ҷинсиро дар бар мегиранд, чунки мақсади асосии ин тамоюл бадастории баробарии гендерӣ мебошад [16, с. 71]. Дар баробари таҳлили таҳқиқи сабабҳои зӯроварӣ дар муносибатҳои байнишахсӣ бо назардошти ҷанбаи гендерии ин масъала, бояд чунин шароитҳои зуҳуроти он зери диққат гирифта шаванд:

- баасосгирии омилҳои ичтимоию фарҳангӣ ва шароитҳои тағийёбандаи иҷтимоӣ ки дар он зан ва марди давраи муосир муносибатҳои тоникоҳӣ ва никоҳии худро месозанд;
- омузиши сабаби падидаи мураккаби зӯроварӣ аз мавқеи тадқиқотҳои назарияҳои гуногуни илмӣ. Таҳлили ҷамъбаи гендерӣ аз мавқеи илмҳои гуногун имконият медиҳанд, ки иқтидорҳои маҳсулнок дар ҳар гуна тадқиқотҳои ҳодисаҳои иҷтимои-психологӣ ошкор гарданд;
- дида баромадани бартарияти актидаҳои муносибатҳои баробарии гендерӣ, ки дар он на танҳо мардон ва инчунин, занон низ дар нақши субъектҳо тавлиди зӯроварӣ дар муносибати ҳамсар ба эътибор гирифта шудаанд;
- таҳлили гуногундараҷа, ки он дар мадди назари муҳаққиқон на танҳо тавсифи субъектҳои муносибатҳо, балки таъсири институтҳои гуногуни иҷтимоӣ ба онро ба эътибор мегиранд.

Ҷамъбаи гендерии таҳлили ҳодисаҳои омухташаванда аз мавқеи дараҷаҳои гуногун зоҳирнамоии он имконият медиҳанд, ки таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар он ошкор гарданд [12, с. 3-13].

Ҷанбаи гендерии омӯзиши муносибатҳои байниҷинсӣ бештар ба таҳлилнамоии системаи мавқеи қудратҳо, хукумронӣ / тобеъшавии диққати назар намуда, баробарҳуқуқии марду занонро дар муносибатҳои расмию ғайрирасмӣ қабул менамояд. На барои мард ва на барои зан зери таҳдид гирифтан ва тобеи худ гардонидани якдигар асоснок мебошад, аз ин лиҳоз, зӯҳуроти ҳамагуна намудҳои зӯроварӣ дар муносибатҳои байниҷинсӣ мувофиқ бар ин назария ғайри қабул дониста шудаанд. Муносибатҳо байни мардон ва занон бояд дар асоси баробарии мавқеъҳо ва бо назардошти мақсадҳои манфиатдори ҳамдигар сохта шаванд. Баробарҳуқуқӣ – ин нишонаи муносибатҳои солим, устувор ва шарикии ҳамсарон аст.

Ҳама гуна намудҳои зӯровариҳое, ки дар муносибатҳои наздики байниҳамии зан ва мард зоҳир мешаванд, бевосита аз таъсири омилҳои зиёд вобастагӣ доранд. Дар сарчшмаҳои илмии муосир, ки ба таҳлили муносибатҳои зӯроварӣ дар оила бахшида шудаанд, намудҳои гуруҳҳои гуногуни омилҳои барангехтани зӯроварӣ масалан, нисбати субъектҳои зӯроварӣ омилҳои дохилаю берунаро ҷудо намуда, вобаста аз мавқеи илмӣ, сабабҳои зӯроварӣ дар доираи равияи сотсиологӣ, ҳуқуқӣ ва феминистӣ баррасӣ мешаванд [8, с. 118-121].

Психолог В.В. Солодников сабабҳои тавлиди зӯровариро бо назардошти моделҳои рафтор дар корҳои илмии тадқиқотии худ бо омилҳои шахсӣ – оилавӣ ва фарҳангӣ – иҷтимоӣ алоқаманд намуд [18, с. 384].

Зери модели шахсӣ – оилавӣ аксарияти муҳаққиқон сабабҳои зӯҳуроти онро, ҳамчун натиҷаи дисфунксияи системаи асаб, таъсиротҳои ирсӣ, омилҳои биохимикӣ ва ё зӯҳуроти хусусиятҳои шахсии зӯровар баррасӣ менамоянд. Онҳо инро ҳамчун шакли махсуси вайроншавиҳои шахсии психопатологӣ: ба монанди, «ӯ амали зӯровариро ба анҷом расонида истодааст, чунки рӯҳан носолим аст» маънидод менамоянд. Чунин шарҳдиҳии заминаҳои биологии зӯровариро аксаран бо дараҷаи баланди зӯҳуроти изтиробнокӣ ба монанди, қаҳру ғазаб ва ё ҳаяҷони ҷинсӣ алоқаманд мекунанд.

Ҳангоми шарҳи майли мардон ба рафторҳои зӯроварона аксаран ба маъмултарин таълимиоти биологӣ – эволютсионии интихоби табий (Ч. Дарвин) бештар такя менамоянд. Вобаста ба моҳияти ин таълимот дар раванди эволютсия дар ҷинсиятҳои мардона ва занона табиатан аломатҳои гуногуни агрессияи ҷисмонӣ, рақобатпазирӣ, мустақилии эмотсионалӣ мавқеъ пайдо кардаанд, ки вобаста ба он – ба ҷинси мард пассивӣ, майл ба ҳамкорӣ ва – ба зан вобастагии эмотсионалӣ, майл ба ғамхориро мансуб донистанд. Аз рӯи ақидаи психологони эволютсионист, мардон «табиатан» ба рақобатпазирӣ ба мавқеъ ва ҳимояи моликияти худ, ки онҳоро табиат, барои он бештар қудрат додааст, агрессивноканд.

Л. Берковетс решаҳои зӯровариро дар оила ба ҷанбаҳои омилҳои иҷтимоӣ ва шахсӣ алоқаманд намуда, исбот намуд, ки байни ҷабрдида ва зӯровар дар оила боҳамвобастагӣ мавҷуд аст, ҳамин тариқ «дағалиро тавлидкунандаи дағалии бештар, амалҳои агрессивии аз як тараф, бавуҷудоварандаро агрессияи ҷавобии дигар тараф» меҳисобид [4].

Тарафдорони ин ҷанбаи илмӣ бар он назаранд, ки байни рафтори агрессивӣ ва изтиробнокии эмотсионалӣ алоқамандие мавҷуд аст, ки дар натиҷаи он ҷавобгари ба зуҳуроти зӯроварӣ ба омилҳои беруна вобаста буда ҳисобида мешаванд. Чунин шарҳдиҳии сабабҳои зӯроварӣ ба зӯровар имконияти онро медиҳад, ки барои амали намоии зӯроварӣ аз ӯ масъулият ва ҷавобгарӣ бардошта шаванд.

Аз мавқеи назарияи фрустратсионӣ (Н. Миллер, Д. Доллард ва дигарон) низ, шарҳи решаҳои зуҳуроти зӯроварӣ бо ҳамин шакл оварда шудааст. Тарс аз ҷазодиҳӣ ва ё таҳқирёбии иҷтимоӣ боиси он мегардад, ки агрессия бевосита на ба объекти фрустратсия бавуҷудоваранда, балки ба нишонаҳои кампазир равона карда мешавад. Ҳамин тариқ, одам ҳиссиётҳои бераҳмонаи худро ба ягон объекти кампазиртар мегузаронад. Бо ҳамин роҳ «майдони муҳорибавии агрессивнокӣ» аз яке ба дигаре гузаронида мешавад [22, с.68-77].

Олимон тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷаъмиятии моро тадқиқ намуда, ба гуруҳи омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолатҳои фрустратсионӣ тағиротҳои бо суръати тез бавуҷудояндаи иҷтимоӣ, камбизоатии оммавӣ, нобаробарӣ дар бадастории маош дар оила байни ҳамсарон ва ғайраро дохил намудаанд [22, с.68-77].

Барои зиёд гаштани зӯҳуроти ҳолатҳои фрустратсионӣ дар муносибатҳои заношӯӣ саҳми таъсири ВАО низ, назаррас аст [19, с. 268]. Вобаста ба ин назария таҷрибаи доимии ҳолати фрустратсионии дар натиҷаи нокомиҳо ва нобароriҳои ба вуҷудомада, ба зиёд шудани эмотсияҳо ва изтиробнокӣ оварда мерасонад, ки роҳи баромади худро тавассути зуҳуроти намудҳои гуногуни агрессия ва зӯровариҳо бо атрофиён ифода менамоянд.

А. Бандура яке аз намояндагони назарияи ёдгирии иҷтимоӣ чунин таъкид менамуд, ки мо аз рӯи мушоҳидаи дигар одамон истифодабарии амалҳои зӯровариро ёд мегирем. Ҳодисаҳои олами атроф ва таъсири воситаҳои иттилоотӣ низ, пайдоиши майли инсонро ба ин зуҳурот муайянкунанда мегардонанд.

Натиҷаи тадқиқотҳои психологӣ аз он далолат менамоян, ки аксаран мардоне, ки дар оилаҳои зери фишору зӯровариҳо ба воя расида, дар муносибатҳои заношӯи худ низ, аз амали зӯровариро истифода баранда мегарданд [10, с. 56- 77].

Яке аз намояндагони назарияи се ченакаи рафтори байнишахсӣ В.Шутст, қонеъ нагаштатани талаботҳои заминавиро дар давраи кӯдакӣ сабаби зӯҳуроти зӯроварӣ дар давраи оиладорӣ дар рафтор мебинад. Агар дар давраи хурдӣ кӯдакро доимо зери назорат

гиранд, имконоти мустақил гаштанро надиҳанд, талаботҳои дилбастагии эмотсионалии ӯро қонеъ нагардонанд, пас дар давраи ҳаёти калонсолӣ ингуна шахс, доимо кухшиши дигаронро ҳукумронӣ намуданро намуда, тарси аз даст додани шахси наздик, ҳамсар дар ӯ майли тобеи худ гардондани ӯро бедор менамояд.

Аз нимаи дуюми асри XX, дар аксарият назарияҳои илмӣ мафҳуми “зӯроварии гендерӣ” рӯ ба ташаккулёбӣ намуд. Зӯроварии гендерӣ аз мавқеи ҷанбаҳои омилҳои иҷтимоӣ фарҳангӣ, мавҷудияти марду занро, ҳамчун инъикосгари муборизанамоӣ ва муколамабарӣ дида баромада, ба аввалинҳо онҳо асосан истифоданамоии зӯроварӣ, оштинопазирӣ, бераҳмиро ва ба дуввуминҳо, шафқат ва таҳаммулпазирӣ бартарият дошта, асоснок менамуданд [2, с.3].

Тадқиқотчиён дар таҳлили соҳаи стереотипҳои феминисти (занона) ва маскулинисти (мардона) ба хулосае омадаанд, ки аксарияти тафовутҳои ҷинсӣ на аз рӯйи омилҳои биологӣ ва психологӣ балкӣ аз рӯйи омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маънидод карда мешаванд. Тафовутҳои биологӣ байни ҷинсӣ метавонанд дар доираи қисматҳои тарафҳои иҷтимоию фарҳангӣ дида баромада шаванд.

Аз рӯи назарияи нақшҳои гендерӣ ошкор мегардад, ки зери фишори меъёрҳои гендерии модели муносибатҳои анъанавӣ, мардҳо барои тасдиқи арзишҳои моҳиятан муҳими шахсии худ, диққати зиёд медиҳанд. Агар мард ба яке аз ҷанбаҳои анъанавии нақши мардонаи худ мувофиқат нанамояд (муваффақияти касбӣ, обурӯи иҷтимои сазовор, некуаҳволии моддӣ), онгоҳ ӯ мардонагии худро дар дигар самт кухшиши нишон додан менамояд, ки бо ин муфлисии худро ҷуброн менамояд [5, с. 320]. Агар мардон нотавонии худро дар ҳаёти ҳаррӯза эҳсос намоянд, мардонагии онҳо аз рӯи беқудратӣ зери таҳдид мегардад, ки ин эҳтимолияти зӯҳуроти зӯровариро дар онҳо зиёд мегардонад [15, с. 384]

Мардон ба стереотипҳои гендерӣ диққат дода, кухшиши иҷро намудани нақши ҳукумфармоиро натанҳо дар ҷомеа, инчунин дар оилаи худ намуданро менамоянд. Консепсияи гендерии стереотипҳо чунин шарҳ медиҳад, ки агар мард дар оила нақши қудратӣ надошта бошад, агар ӯ дар қарор қабул намудани масалаҳои муҳими оилавӣ саҳм надошта бошад, пас ӯ «занкалон» ҳисобида мешавад [5, с. 320].

М. Кауфман ба қатори сабабҳое, ки ба амали зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯи мардонро водор кунанда, нобаробарии қудратҳо дар ҷомеа, эҳсоси даркшаванда ва ё доимо даркнашавандаи ҳуқуқ ба бартарияти мардонагии худ, тарс аз надоштани қудрат, таҷрибаи дар кӯдакӣ азсаргузаронида ё мушоҳида намудаи зӯроварӣ, ки бо хусусияти иҷтимоигардии нақшҳои мардонагии гендерии анъанавӣ алоқамади дошта, қобилияти пасти даркнамоӣ ва ҳамҳиссии одами дигар ва инчунин, майл ба пахш кардани эмотсияҳо ва табдил додани онҳоро ба қаҳру ғазаб дохил намуд [10, с. 56- 77].

Аз рӯи ақидаи ин муҳаққиқ хусусиятҳои психикии мардонагӣ дар кӯдак аз рӯи муҳити ӯро иҳота карда, ки баъзан аз рӯи набудани падар ё бетарафии эмотсионалӣ аз тарафи ӯ тавсифёбанда аст, ташаккул меёбад. Аз ҳамин лиҳоз, механизмҳои ҷавобгардонии эмотсионалӣ дар аксарияти мардон маҳдуд мегардад

Ғайр аз ин, институтҳои ҷомеавии даврони имрӯза, баръакс дар иҷтимоигардии гендерии писарон, ҷавонписарон ва мардон зухуроти ҳукумронӣ, бартарият доштан нибат ба дигарон ва агрессивнокиро дар рафтори онҳо дастгирӣ менамоянд.

Дар оилаҳои мувофиқ ба шакли анъанавии муносибатҳо, писаронро аз хурдӣ барои аз худ дифоънамоӣ, истифодаи қувваро ёд медиҳанд. Аз хурдӣ ба писарон пинҳон кардани ҳиссиёҳои худ ва ба духтарон ғамхорӣ, ҳамҳис будан ба дигаронро меомӯзонанд. Нақши муҳимро дар тарбяи кӯдакон шакли муносибатҳои волидайн ва шароити солими оилавӣ бозида метавонад[14, с. 200].

Дар даҳсолаҳои охир пайдоиши ҳаракатҳои гуруҳҳои мардонаи «пикапҳо» тавассути ВАО дар Россия ва дигар давлатҳои хориҷӣ ташвиқу тарғиб мегардад, ки ба мардон техникаи муоширатнамоӣ бо занон ва истифодабарии психотехникаҳои гуногуни манипулятсиониро нисбат бар онон, меомузонанд. Асосгузори ин ҳаракатҳои гуруҳии

пикапҳо Р. Джеффрисс ба шумор меравад. Пикап (аз калимаи англисӣ pick up) гирифта шуда маънояш шиносоӣ бо мақсади фирефтани ҷинси муқобил аст. Намояндагони тарафдорони ин равия мафҳуми «муносибатҳои солими мутавозин» ро истифода бурда, дар зери он маънои «дар муносибат бояд яке роҳбар, дигаре тобеъшаванда бударо қабул менамоянд. Дар ин намуди муносибатҳо кӣ киро мағлуб менамояд, муҳим дониста шудааст. Мувофиқ бар он, агар зан шуморо мағлуб намояд, ба ҷустуҷӯи марди қавитар мебарояд, аз ин лиҳоз ту бояд, ҳамавақт тавони ӯро шикаст намоӣ», оварда шудааст [7]. Ҳимоя ва ва қонеъ гардонии талаботҳои зан аз тарафи марди қавӣ яке аз мафҳумҳои марказии ин равия ба шумор меравад.

Аз рӯи таҳлилҳои оморӣ, ҳангоми баррасии зӯроварӣ метавон қайд намуд, ки ба зӯроварии ҷисмонӣ ва ҷинсӣ бештар мардҳо қобиланд. Ин бо тафовутҳои гендерӣ ва хусусиятҳои психикии онхо вобаста аст. Омили иловагии ин намуди амали зӯроварӣ аз ҷониби мардон ҳолати майзадагӣ ва нашъамандии онҳо мебошад (зиёда аз 70% ҷиноятҳо дар қисмати муносибатҳои оилавӣ, маишӣ аз тарафи онҳо содир мегарданд). Аз сӯи дигар, навъи зӯроварии психологиро бештар ба занон мансуб донистаанд. Онҳо, инчунин нисбат ба мардон дар муносибат бо фарзандони хеш, бештар амали агрессияро зоҳир мекунанд (60.8% дар муқобили 39.2%) [3, с. 175 – 181].

Дар баробари ин, қайд намудан бомаврид аст, ки паҳнгардии стереотипҳои дар шуури ҷаъмиятӣ мавҷудбуда оид ба бартарияти ҳукумронии мардон, занон ва мардонро водор менамоянд, ки дар муносибатҳои байнишахсӣ на модели шарикӣ балки ҳукумфармои–вобастагии муносибатҳоро амалӣ намоянд. Дар ин модели муносибатҳо мавқеи бартаридоштаи ғолибият ба дастоварӣ аз тарафи мардон аксар вақт бо фишор ва маҷбурнамоии ошкорро ҳамчун як усули таъсиррасонӣ ба ҳамсари худ исифода бурда шуда, занон ба манипулятсия ҳамчун роҳи таъсиррасонӣ ва расидан ба мавқеъҳои қудратӣ рӯ меоранд. [12, с. 7 – 30].

Ба масъалаи истифодабарии манипулятсияи занон ҳамчун шакли таъсиррасонии зӯроварии психологӣ дар сарчашмаҳои илмии таълимотҳои гендерӣ нисбат ба проблемаи зӯроварии мардон, таваҷҷӯи камтар зоҳир шудааст.

Вобаста ба ин масъала, дар асарҳои Е.А. Здравомислова ва А.А. Темкина таҳлили сабабҳои манипулятсияи занон дар соҳаи муносибатҳои гендерӣ ба андросентризм (тассавуроти мавқеи назари мардон оид ба олам) сохти модели патриархалии анъанавии муносибатҳо вобаста намуданд, ки, бавуҷудоварандаи стратегияи ба даст овардани қудрати занонро ба миён овард. «Барои рафъи монеаҳои ҷинспарастии анъанавӣ, бояд аз иқтидори махсуси занонаи худ, яъне иқтидори ҷинсии заифи худ бояд, истифода бурд» [9]. Муаллифон таъкид мекунанд, ки қудрат ҳамчун қобилияти амалнамоӣ на танҳо маҷбурнамоӣ ва ҳукмронии шахси қавиро, балки таъсиррасонии маҳини манипулятсиянамоӣ ва роҳҳои пинҳонии ноил шудан ба мақсадҳо шуда, метавонад [9].

Мутахассисони соҳаи таълимотҳои гендерӣ, таъкид менамоянд, ки барои қатъ намудани зӯроварӣ дар муносибатҳои заношӯи, натанҳо ноил шавӣ ба тағйирот дар мақсадгузорӣ ва рафтори мард, балки кумакнамоӣ ба ҷуфти ҳамсароне, ки эҳтиёҷ ба тағир додани модели муносибатҳо аз ҳукмфармоӣ–манипулятсиянамоӣ ба ҳамшарикӣ доранд, лозим меояд [11, с. 7 – 30].

Н.В. Солнтсева ба қисматҳои ҷузъии муносибатҳои шарикӣ; эҳтиром ва эътирофи арзишҳои барои ҳамсар шарик муҳим; шавку ҳавас ба шарик барои бароҳмонии муносибатҳои солим; мақсадҳои умум барои ҳамкорӣ; ташкилнамоии алоқа ва муомила; дарки бошууронаи хоҳишҳои дутарафа; кобилияти ҳамоҳанг намудани мақсадҳои дутарафа; масъулият танҳо барои рафторҳои худро, дохил намудааст [17, с. 64 – 69].

Аз ҷанбаи гендерӣ масъалаи зуроварӣ дар муносибатҳои заношӯӣ инчунин, ба нақшагири як қатор чорабиниҳои пешгиркунандаро ишора мекунад. Давлат бояд ҳама гуна шаклҳои зӯроварии хонаводагиро ҳамчун амалҳои ҷиноӣ қабулкунанда ҳисобида, истифодабарии зӯровариро маҳкум намуда, ба ҷабрдидагон кумакҳои психологӣ, моддӣ ва ҳуқуқӣ расонад. Бо назардошти он, ки масъалаи зӯроварӣ дар ҷомеа хусусияти “ноаёнӣ”

дорад, зарур аст, ки бо ёрии таъсири воситаҳои ахбори омма ва дигар инстиутҳои ҷомеавӣ таваҷҷуҳи мутахассисонро ба мушкилоти зӯроварӣ ҷалб намуда, самти корҳои тарбиявӣ–оммавро оид ба тағйир додани низоми назари ҷомеа дар бораи нақши анъанавии (патриархалӣ) меъёрҳои гендерӣ дар ҷаҳони тағйирёбанда вуҷуд дошта, иваз намуд. Дар нақша барномаҳои тайёрии касбии мутахассисоне, ки бо масъалаи зӯроварӣ дар оила самти корӣ дошта, чорабиниҳоеро дохил намуд, ки баасосгирандаи ҷузъи гендерии муносибатҳои оилавиро ифодакунанда бошанд. Дар самти фаъолияти маърифатӣ оид ба бартараф ва пешгирӣ намудани зӯроварӣ бояд бо наврасону ҷавонон ҷиҳати ташаккулдиҳии салоҳияти гендерӣ ва маҳорати сохтани муносибатҳои шарикӣ бо мақсади омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ таваҷҷуҳи зиёдтар зоҳир карда, шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Айвазова, С.А. Гендерное равенство в контексте прав человека. –М., 2001 – 76с
2. Аристова, М. В. Компонент насилия в гендерных взаимодействиях: социальнофилософский анализ: автореф. дис. ...д-ра филос., наук. М., 2009. С.3
3. Афонькин, Г.П., Додонов, О.Е. Прафилактическая деятельность // Полицейская деятельность. 2013. №3. С. 175 – 181.
4. Берковец, Л. Агрессия: причины, последствия и контроль. СПб.; М., 2001
5. Горшкова, И. Д., Шурыгина, И.И. Насилие над женщинами в российских семьях. М.: 2003
6. Досина, Н., Смирнов, Я. Семейная власть как источник насилия // Власть. 2009. № с. 118-121
7. Здравомыслова, Е., Тёмкина, А. Патриархат и “женская власть” // Российский гендерный порядок: социологический подход. СПб. : Изд-во ЕУСПб, 2007. С. 85 (Тр. Фак. Полит. Наук и социологии ; вып 12)
8. Кауфман, М. Семь.«П» мужского насилия //Женские миры- 99: VII Всемирный женский междисциплинарный конгресс в Тромсо и гендерные исследования в России / под ред. О.В. Шныровой; Ивановский центр гендерных исследований. Иваново, 1999. С. 56- 77
9. Клёцина, И.С. Психологическое насилие в гендерных межличностных отношениях: сущность, причины и последствия // Жизнь без насилия: материалы научно – практического семинара «Домашнему насилию НЕТ» / под. ред. С.Л. Акимовой. СПб.: Островитянин, 2009. С. 7 – 30
10. Лоусон, Т., Гэррод Д. Социология. А – Я: Словарь – справочник. / Пер. с. анг. К.С. Ткаченко. –М.: Гранд фамр – пресс, 2000. – 602с
11. Палуди, М. Психология женщины. СПб.: Прайм- Еврознак, 2003. 384с.
12. Солнцева, Н.В. Формула партнерства как основа взаимоотношений между членами семьи // Современные проблемы психологии семьи: феномены, методы, концепции. СПб.: Изд-во АНО “ИПП”, 2009. Вып. 3. С. 64 – 69
13. Солодников, В.В. Социология социально – дезадаптированной семьи. СПб.: Директ, 2007. 384 с
14. Сулейманова, В. Н. Насилие в супружеских отношениях: автореф дис... канд. социол. наук.СПб., 2006. 22с
15. Энциклопедия социальной работы. В.3 т. Т 2: Пер. с англ. – М.: Центр общечеловеческих ценностей, 1994. с. 105.

# РОҶЕЪ БА МУҲИМТАРИН ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

***САИДМУРОДОВА Сурайё** – омӯзгори калони кафедраи филологияи Шарқи Наздики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, шаҳри Душанбе, к. Муҳаммадиев, 17/6. **E-mail:** saidmurodova@mail.ru, **тел.:** (+992) 880 00 58 58*

Дар мақола вижагиҳои низоми таҳсилоти Ҷумҳурии исломии Эрон дар замони муосир баррасӣ гардидаанд. Пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ (1979) низоми таҳсилоти кишвар ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гашт. Имрӯз он бо мазмуни дунявӣ-динии ба худ хос тавсиф гардида, онро дар баробари ҳадафҳои асосии таълим, вижагиҳои сиёсати муосири дохилии кишвар муайян месозад. Дар айни замон, ба низоми таҳсилоти Эрон, ки таърихи беш аз панҷҳазорсола дорад, равандҳои ҳамгиройӣ ва навовариҳое, ки дар маҷмуъ ба низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ хосанд, таъсиргузор ҳастанд. Қайд мешавад, ки дарки вижагиҳои таҳсилоти миёна ва олии Эрон дар марҳилаи кунунӣ таҳлили мухтасари таърихиро низ тақозо мекунад. Дар мақола муҳимтарин хусусиятҳо, сохтор ва марҳилаҳои рушди таҳсилоти миёна ва олӣ дар Эрон, мазмуни дунявӣ-динии он дар заминаи таҳлили гузаштаи таърихӣ ва сиёсати муосири дохилӣ ва хориҷии Эрон дар соҳаи маориф муайян шудааст. Дар айни замон мушкилот ва самтҳои афзалиятноки ислоҳоти низоми таҳсилоти умумӣ дар марҳилаи кунунии рушд нишон дода шудаанд.

***Вожаҳои калидӣ:** таҳсилот, сиёсати таҳсилот, таҳсилоти олӣ, таҳсилоти миёна, ислоҳоти соҳаи маориф.*

# ОСОБЕННОСТИ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО И ВЫСШЕГО ПРОФЕССИНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ ИРАН

***САИДМУРОДОВА Сурайё** – старший преподователь кафедры филологии Ближнего Востока Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзаде, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. **E-mail:** saidmurodova@mail.ru, **тел.:** (+992) 880 00 58 58*

В статье рассматриваются особенности системы образования Исламской Республики Иран в современное время. После победы Исламской революции (1979 г.) в системе образования страны произошли серьезные изменения. Сегодня оно характеризуется своеобразным светско-религиозным содержанием, которое, наряду с основными целями образования, определяет особенности современной внутренней политики страны. В то же время иранская система образования, имеющая историю, насчитывающую более пяти тысяч лет, находится под влиянием процессов интеграции и инноваций, типичных для мировой системы образования. Отмечается, что понимание особенностей среднего и высшего образования в Иране на современном этапе требует также краткого исторического анализа. В статье рассмотрены важнейшие особенности, структура и этапы развития среднего и высшего образования в Иране, определено его светско-религиозное содержание в контексте анализа исторического прошлого и современной внутренней и внешней политики Ирана в сфере образования. При этом обозначены проблемы и приоритетные направления реформирования системы общего образования на современном этапе развития.

***Ключевые слова:** образование, образовательная политика, высшее образование, среднее образование, реформа системы образования.*

# FEATURES OF GENERAL SECONDARY AND HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION SYSTEM IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN

***SAIDMURODOVA Surayyo*** *– senior Lecturer of the Middle Eastern Philology Department S.Ulughzoda Tajik International University of Foreighn Languages, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev, str.* ***E-mail:*** *saidmurodova@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 880 00 58 58*

The features of the education system of the Islamic Republic of Iran in modern times are considered in this article. After the victory of the Islamic Revolution (1979), serious changes took place in the country's education system. Today it is characterized by a unique secular-religious content, which along with the main goals of education, determines the features of the country's modern domestic policy. At the same time, the Iranian education system, which has a history of more than five thousand years, is influenced by the processes of integration and innovation typical of the global education system. It is noted that understanding the characteristics of secondary and higher education system in Iran at the modern period also requires a brief historical analysis. The article examines the most important features, structure and stages of development of secondary and higher education in Iran, and defines its secular-religious content in the context of an analysis of the historical past and modern domestic and foreign policy of Iran in the education field. At the same time, problems and priority directions for reforming the general education system at the present stage of development are identified.

***Key words:*** *education, educational policy, higher education, secondary education, education system's reform.*

**Руҷуи таърихӣ.** Тавре ки манбаъҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, дар Эрон то нимаи асри XIX низоми таҳсилоти динӣ бартарӣ дошт. Нахустин муассисаи таълимии дунявии навъи аврупоӣ бо номи “Дорулфунун” (Хонаи илмҳо), ки дар он мутахассисони низомӣ, омӯзгорон ва мансабдорон таълим мегирифтанд, соли 1852 дар Теҳрон таъсис дода шуд. Соли 1898 ҷамъияти маориф таъсис ёфт, ки ба шарофати он шумораи зиёди мактабҳои дунявӣ-динӣ дар Эрон боз шуданд. Дар саргаҳи ин таҳаввулот роҳбарони шинохтаи маорифпарвари кишвар меистоданд, ки аввалин иқдомотро барои ҳамгиройӣ бо низоми таҳсилоти аврупоӣ ба миён гузошта буданд. Ҳамон тавре ки муаллифи китоби “Мурури бар таърихи адаб ва адабиёти имрӯзи Эрон” қайд кардааст, “Зуҳури марди ягона ҳамчун Мирзо Тақихон Амири Кабир ва андешаҳои баланди ӯ дар заминаиислоҳоти мухталиф ва хосса таъсиси нахустин мадраса дар Эрон бо номи “Дорулфунун”, ки яке аз бузургтарин иқдомоти ӯ буд, дар таҳаввул ва дигаргунии фазои фикрии мардуми Эрон таъсири босазо дошт” [9, 7].

Аввалин қонунҳо дар бораи ташкили низоми дунявии таҳсилот ва таҳсилоти ҳатмии ибтидоӣ дар давраи инқилоби зиддифеодалии солҳои 1905-1911, ки дар таърих бо истилоҳи “Инқилоби машрута” машҳур аст, қабул шуда буданд, вале онҳо татбиқ нагардиданд, аз ин рӯ, таҳсилот тобеи меъёрҳои таълимоти исломӣ буд ва дин дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот фанни ҳатмӣ ба шумор мерафт. Миёнаҳои асри XX тибқи Қонуни маорифи соли 1943 таълими умумии ибтидоӣ пешбинӣ шуда буд, ки он бояд дар давоми 10 сол татбиқ мегардид, аммо охири солҳои 50-ум ҳанӯз 67%-и мардон ва 88%-и занон бесавод буданд. Барои ҳалли масъалаҳои маҳви бесаводии аҳолӣ соли 1963 «Ситоди маориф» ташкил карда шуд, ки ба ҳайати он ҷавонони дорои маълумоти миёнаи ба сафи артиш сафарбаршуда, ки ба аҳолии деҳот хондану навиштан ва асосҳои дини мусулмониро меомӯзонанд, шомил шуда буданд. Соли 1965 Кумитаи миллии мубориза бо бесаводӣ таъсис дода шуд. То соли 1967 ба зиёда аз 3,7 миллион нафар одамон хондану навиштан омӯзонида шуд [1, с. 26].

Инкишофи минбаъдаи низоми таҳсилоти Эрон бо ислоҳоти соҳаи маориф, ки соли 1968 гузаронида шуд, алоқаманд аст. Мувофиқи ин ислоҳот муҳлати таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ ба 4 сол расонда шуда, дар муассисаҳои таълимии миёна давраи 3-солаи таҳсил бо

номи “давраи роҳнамойӣ” ҷорӣ гардид ва қонунҳо дар бораи таҳсили ройгон дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна солҳои 1974-1975 қабул шуданд.

**Инқилоби исломӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф.** Пирӯзии инқилоби исломӣ дар соли 1979 дар низоми таҳсилоти кишвар дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал овард. Таҳсилоти умумии ройгон дар тамоми зинаҳои таҳсил пас аз эълони Ҷумҳурии исломӣ, ки ба сохтори яккаҳукмронӣ (подшоҳӣ)-и ҳазорсола хотима гузошт, ҷорӣ карда шуд. Ҳукумати нав унсурҳои ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва президентӣ, парлумони аз ҷониби мардум интихобшавандаро муттаҳид карда, хусусиятҳои теократиро, ки аз тафсири нави усулҳои исломӣ бармеоянд, нигоҳ дошт.

Яке аз муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати таҳсилоти ҳукумати Эрон пас аз инқилоби исломӣ исломисозии барномаҳои таълимӣ дар ҳама сатҳҳо буд. Соли 1980 дар мамлакат Шурои инқилоби фарҳангӣ таъсис дода шуд, ки ба бозсозӣ ва исломикунонии низоми таҳсилоти миёна ва олӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ сарварӣ мекард. Дар мадрасаҳои рӯзона ва шабона таҳсилоти алоҳидаи мардон ва занон ҷорӣ карда шуд; дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимии ибтидоӣ (дабистонҳо), миёнаи нопурра ва миёна (дабиристонҳо), омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ба омӯзиши дини ислом, тарбияи меҳнатӣ ва омодагии ҳарбӣ диққати махсус дода шуд. Баъди инқилоб дар давоми 10 соли аввал шумораи толибилмон дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна беш аз 60 дарсад афзуд. Аз шумораи умумии дабистону дабиристонҳо, ки баъд аз соли 1979 таъсис ёфтанд ва теъдодашон ба ҳазорҳо баробар буд, тақрибан 15 дарсадашон дар деҳот ва деҳоти дурдаст ҷойгир буданд [6, 3]. Баъди инқилоби соли 1979 низоми таҳсилоти олӣ дар Эрон хеле рушд ёфт. Ба ҳисоби миёна, ҳоло ҳар 45-умин сокини Эрон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунад. Ҳар сол муассисаҳои таҳсилоти олиро 16 ҳазор донишҷӯ хатм менамояд [5, 27].

Пас аз инқилоб дар мамлакат се донишгоҳи бузург: Донишгоҳи озоди исломӣ, Донишгоҳи “Паёми Нур” ва Донишгоҳи куллии илмҳои амалӣ таъсис дода шуданд. Дар яке аз онҳо – Донишгоҳи озоди исломӣ, ки дар шаҳрҳои гуногуни Эрон қариб 400 филиал дорад, наздик ба 1 млн. донишҷӯ таҳсил мекунанд. Пеш аз инқилоб шумораи донишҷӯёни донишгоҳҳои Эрон ба 170 ҳазор нафар баробар буд, ҳоло шумораи онҳо беш аз 5 миллион нафар аст, яъне 7 дарсади аҳолии Эрон донишҷӯ мебошад.

Пеш аз инқилоб шумораи ҷавононе, ки ҳар сол ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил мешуданд, қариб 57 ҳазор нафарро ташкил медод, ҳоло ин шумора ба беш аз 1 миллиону 500 ҳазор нафар мерасад. Шумораи донишгоҳҳои пеш аз инқилоб дар Эрон 223 адад буд, ҳоло зиёда аз 2200 муассисаи таҳсилоти олии давлатӣ ва ғайридавлатӣ (якҷо бо филиалҳо) мавҷуд аст. Шумораи аспирантҳо дар як сол пеш аз инқилоб 250 нафар буд, ҳоло зиёда аз 2500 нафар аст, яъне 10 баробар зиёдтар шудааст.

**Сохтори низоми таҳсилоти миёна.** Низоми таҳсилоти миёна дар Эрон ба тариқи зайл аст:

То синни панҷсолагӣ кӯдакон метавонанд ба кӯдакистонҳо (Маҳди кӯдак) раванд. Дар синни панҷсолагӣ, як сол қабл аз оғози таҳсил дар мактаб (мадраса), кӯдаконро ба курсҳои омодагӣ ба мактаб фиристодан мумкин аст.

Таҳсил дар мактабҳо аз синни шашсолагӣ оғоз меёбад. Кӯдакони синни 6-11-сола дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ таҳсил мекунанд, ки он “дабистон” ном дорад. Қобили зикр аст, ки пас аз ислоҳоти соли 2012 дар се синфи аввал танҳо як омӯзгор бо таълиму тарбия машғул мешавад, ки дар айни замон роҳбари синф маҳсуб мешавад. Вазифаи муҳимтарини ӯ бедор кардани шавқу ҳаваси кӯдак ба омӯзиш аст. Методи асосии таълим на азёдкунӣ, балки ба истилоҳ, “методи таҳқиқ” аст, ки андешаронии мустақилонаро тақвият медиҳад.

Пас аз итмоми зинаи ибтидоӣ (5 соли таҳсил) кӯдакон имтиҳони ягонаи миллӣ месупоранд ва соҳиби шаҳодатномаи таҳсилоти ибтидоӣ мегарданд.

Се соли минбаъда кӯдакон дар давраи “роҳнамоӣ” ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Дар ин зина таҳсил барои духтарону писарон аз ҳам фарқ мекунад: барои духтарон бештар илму ҳунарҳои рӯзгордорӣ, аз ҷумла, дӯзандагиву пазандагӣ ва ғайра, барои писарон донишҳои аввалини пешазнизомӣ омӯзонида мешавад.

Зинаи минбаъдаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз синни 14-солагӣ шуруъ мешавад. Ин навъи муассисаҳои таълимӣ “дабиристон” ном доранд. Дар ин зина хонандагон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: хонандагоне, ки ба макотиби олӣ мераванд ва хонандагоне, ки ба коллеҷҳои ҳунарӣ мераванд. Вобаста ба ин, тақсимот аз рӯйи ихтисосҳо низ ба назар гирифта шуда, дар синфҳои болоӣ (дабиристон) таълим аз рӯйи равия ба роҳ монда мешавад. Таҳсил дар ин зина 3 солро ташкил медиҳад ва пас аз хатми он боз як соли дигар аз омодагии пешаздонишгоҳӣ мегузаранд.

Дар маҷмуъ, таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Эрон 12 солро дар бар мегирад.

**Ташкил ва мазмуни таҳсилот.** Дарсҳо рӯзи шанбе оғоз гардида, то панҷшанбе идома меёбанд. Панҷшанбе ва ҷумъа рӯзҳои истироҳатанд. Соли таҳсил аз 22 сентябр шуруъ гардида то моҳи май идома меёбад. Ғайр аз таътилҳои зимистона (январ) ва тобистона (охири май – охири сентябр) таътили Наврӯзӣ низ ҳаст, ки аз 21 март то аввалҳои апрел идома меёбад. Дар ҳар як синф маъмулан 20 донишомӯз таҳсил мекунад. Дар зинаҳои роҳнамойӣ ва дабиристонӣ ҳар рӯз аз 5-6 фан дарс мехонанд, ки дар маҷмуъ дар як ҳафта 25-30 соати академикиро ташкил мекунад.

Фанҳои асосии мактабӣ низ қобили таваҷҷуҳанд. Фанҳои таълимиро шартан ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Фанҳои дақиқ (техникӣ) – математика, химия, физика, биология;

Фанҳои гуманитарӣ – забони форсӣ ва адабиёт, география, фанҳои иҷтимоӣ, забонҳои хориҷӣ (англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, русӣ). Зимнан, омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз синфи 7 оғоз меёбад;

Фанҳои исломӣ – забони арабӣ, хониш ва шарҳи Қуръон, таърихи ислом.

Ҳамчунин дар ҳар як мактаб тарбияи ҷисмонӣ аз ҷониби маъмурият ба шакли мувофиқ ба худи муассисаи таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

Идора ва назорати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёна ба дӯши Вазорати омӯзишу парвариш гузошта шудааст. Дар назди ин вазорат Маркази таҳия ва табъу нашри китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимӣ амал мекунад, ки дар баробари мутахассисони соҳа дорои муассисаҳои истеҳсолии номирӣ низ мебошад ва нашри тамоми адабиёти таълимиро ба уҳда дорад.

**Таҳсилоти олии касбӣ.** Таҳсилоти олӣ дар Эрон, ба ғайр аз Донишгоҳи озоди исломӣ ва баъзе дигар донишгоҳҳои тиҷоратӣ, ройгон аст. Донишгоҳҳои давлатӣ аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешаванд, ки яке аз баландтарин дар ҷаҳон маҳсуб мешавад. Барои ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ҳамасола то 20%-и буҷети давлатӣ ва 5% ММД сарф мешавад. Шумораи муассисаҳои таълимии пулакӣ хеле кам буда, асосан, онҳо барои кӯдакони болаёқат таъсис дода мешаванд.

Донишҷӯён дар зинаи бакалавр (коршиносӣ ё лисонс) 4 сол ва аз рӯйи хоҳиш, 2 соли дигар дар зинаи магистратура (коршиноси аршад ё фавқ-ул-лисонс) таҳсил мекунанд. Мисли донишгоҳҳои кишварҳои дигар аттестатсияи давлатии хатм ва ҳимояи кори дипломӣ ба роҳ монда мешавад.

Пас аз хатми пурраи донишгоҳ хатмкунандагон метавонанд дар зинаи аспирантура (2 сол) таҳсилро давом дода, соҳиби дипломи докторӣ шаванд. Ҳамин тариқ, эрониён то гирифтани дипломи докторӣ ба синни 28-солагӣ мерасанд.

Донишгоҳи Теҳрон дар соли 2017 дар байни беҳтарин донишгоҳҳои дунё ҷойи панҷумро ишғол мекард. Дар он 20 факултет ва 40 маркази илмӣ-таҳқиқотӣ дар самтҳои биофизика, биохимия, моддаҳои ғайриорганикӣ ва биологӣ, ҳамчунин муносибатҳои байналмилалӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисод ва ғайра фаъолият мекунанд.

Дар Эрон шаклҳои таҳсили рӯзона (ҳузурӣ), ғоибона (ғайриҳузурӣ) ва фосилавӣ мавҷуданд. Имконияти таҳсили фосилавиро танҳо як донишгоҳ – Паёми нур, ки соли 1987 таъсис ёфтааст, амалӣ месозад. Дар донишгоҳ ва филиалҳои он то 1 млн. донишҷӯ таҳсил мекунанд. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ (ғайр аз донишгоҳҳои тиббӣ) таҳти идораи Вазорати илм, таҳқиқот ва технология қарор доранд.

Донишгоҳҳои тиббӣ дар Эрон мавқеи хосса доранд. Онҳо таҳти назорати Вазорати тандурустӣ ва таҳсилоти олии тиббӣ фаъолият мекунанд. Бо вуҷуди таҳримҳои сахти сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ҳамоно пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ аз ҷониби ИМА ва дастандакоронаш ба роҳ монда шудааст, давлат сол то сол маблағгузории ин гуна донишгоҳҳоро зиёдтар мекунад. Донишҷӯёни беҳтарини ин соҳа аз ҷониби давлат ба марказҳои илмии тиббӣ ба Туркия, Швейтсария, Хитой, Фаронса, Олмон ва Канада фиристода мешаванд. Онҳо ҳатман ба Эрон баргашта, фаъолияти худро дар кишвар ба роҳ мемонанд.

Гурӯҳбандии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар Эрон ба тариқи зер аст: аз шумораи умумии 440 донишгоҳ, 80 донишгоҳ мақоми давлатӣ дорад, 115 донишгоҳ исломӣ буда, таҳти назорати мақомоти дахлдор фаъолият мекунанд, 25 донишгоҳ ғайридавлатӣ (тиҷоратӣ) мебошад, Донишгоҳи таълими фосилавии Паёми Нур дар кишвар 120 филиал дорад. Ҳамчунин дар Эрон 28 донишгоҳи тиббӣ, 50 коллеҷ ва 40 донишкадаи технологӣ фаъолият мекунанд.

Дар ҳамаи донишгоҳҳо, ба ғайр аз донишгоҳҳои исломӣ, писарону духтарон якҷоя таҳсил мекунанд. То 60%-и донишҷӯёнро духтарон ташкил медиҳанд.

Барои хориҷиён дар назди Вазорати фарҳанг Маркази мусоидат ба омӯзиши форсӣ фаъолият мекунад, ки тақрибан нисфи забономӯзони онро хориҷиён аз бештар аз 50 кишвар ташкил медиҳанд.

Шумораи донишҷӯён бештар аз 1,5 млн. нафар буда, дар ҳудуди 50 ҳазор нафар эрониён дар хориҷ аз кишвар таҳсил мекунанд.

Дар маҷмуъ, сохтори низоми таҳсилотро дар Эрон чунин тасвир кардан мумкин аст:

***Сохтори низоми таҳсилоти Эрон***

| Синну сол | Зинаи таҳсил | Давомнокӣ | Санади расмӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 5 – 6 | Кӯдакистонҳо | 1 сол | | Ҳатмӣ нест, фарогирӣ – 50% |
| 6 – 11 | Дабистон (зинаи ибтидоӣ) | 5 сол | | Бо вуҷуди ҳатмӣ ва ройгон будани таҳсил, на ҳамаи кӯдакон ба мактаб меравaнд (фарогирии умумӣ – 85%) |
| 11 – 14 | Роҳнамойӣ (зинаи асосӣ) | 3 сол | | Ҳатмӣ. Ҳадафи ин зина аз муайян кардани истеъдоди хонандагон ва ба муассисаҳои таълимии самти мувофиқ равона сохтани онҳост. |
| 14 – 17 ё калонтар | Дабиристон (зинаи таҳсилоти миёнаи пурра) | 3 сол | Дипломи мутавассита (аттес-тат) | Зинаи дабиристонии таҳсил ҳатмӣ нест. Тақрибан 80%-и бачагони ин синну сол бо таҳсил фаро гирифта мешаванд. 6-7%-и муассисаҳо хусусӣ мебошанд, аммо таълимро тибқи барномаҳо ва тавсияҳои Вазорати омӯзишу парвариш ба роҳ мемонанд.<br>Дар ин зина се навъи муассисаи таълимӣ фаъолият мекунад (равияҳо): назариявӣ, техникӣ ва амалӣ. Муассисаҳои техникӣ хонандагонро барои кор дар тиҷорат, кишоварзӣ ва саноат омода месозанд. Муассисаҳои амалӣ мутахассисони ниматахассусӣ ё тахассусӣ, устоҳо, прорабҳо ва роҳбарони сатҳи поиниро омода месозанд. |
| 17 – 19 ё калонтар | Омӯзишгоҳҳои касбӣ | 2 сол | Фавқи диплом ё кордонӣ (бакалавриат) | Хонандагони омӯзишгоҳҳои касбӣ аз рӯйи хоҳиш метавонанд таҳсилро ду соли дигар идома диҳанд ва соҳиби ихтисоси "мутахассиси хурди ҳамгиро" шаванд. |
| | | | | Доштани Шаҳодатномаи ХКО ба довталаб |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 17 – 18 ё калонтар | Курсҳои омодагӣ (пешаздо-нишгоҳӣ) | 1 сол | Шаҳо-датномаи хатми курсҳои омодагӣ | имкони иштирокро дар имтиҳони миллӣ (конкур) фароҳам месозад. Тақрибан то 15%-и довталабон (бештар духтарон) соҳиби дипломи баробар ба бакалавриат мешаванд |
| 18 – 22 ё калонтар | Донишгоҳҳо | 4 сол | Корши-носӣ ё лисонс (бака-лавр) | Соли таҳсил аз охири моҳи сентябр то моҳи июн идома меёбад. Фақат рӯзи ҷумъа истироҳат аст. Соли таҳсил ба ду семестр тақсим шуда, тибқи низоми кредитӣ ташкил мешавад. Маъмулан донишгоҳҳо бо маблағгузории давлатӣ таъминанд, таҳсил ройгон аст. Истисно – Донишгоҳи озоди исломӣ. |
| 22 – 24 ё калонтар | Дониш-гоҳҳо | 2 сол | Корши-носии аршад ё фавқ-ул-лисонс (магистр) | Донишгоҳи Теҳрон, Донишгоҳи технологии ба номи Шариф ва Донишгоҳи тарбияти мударрис ба қатори 1000 беҳтарин донишгоҳҳои дунё дохил мешаванд. Донишгоҳи Шероз, Донишгоҳи технологии Исфаҳон, Донишгоҳи ба номи Шаҳид Биҳиштӣ, Донишгоҳи Машҳад ба номи Фирдавсӣ, Донишгоҳи технологии ба номи Амири Кабир дар минтақаи Ховари миёна рейтингҳои баландтарин доранд. |
| 24 – 27 ё калонтар | Аспиран-тура | 3 сол | Доктурӣ (доктори фалсафа аз рӯйи ихтисос) | Дохилшавӣ бо имтиҳон аст. |

**Низоми арзёбӣ (баҳогузорӣ).** Низоми арзёбии сатҳи дониш, маҳорату малака ва салоҳиятҳои хонандагон бистхола буда, мутобиқати он бо баҳогузории ҳарфии ғарбӣ чунин аст: 16 – 20 = A (аъло); 14 – 15 = B (хуб); 12 – 13 = C (миёна); 10 – 11 = D (қаноатбахш); 0 – 9 = F (бад).

**Хулоса.** Хусусиятхои инкишофи таҳсилоти миёна ва олиро дар Эрон ҷамъбаст намуда, бояд гуфт, ки имрӯз раванди мутобиқшавии он ба шароитҳои куллан нави ҳаёти сиёсӣ идома дошта, рушди мактаби гуногунмиллати эронӣ ва бахши маорифи ғайридавлатӣ ҷараён дорад, ки дар сатҳи фазои миллии таҳсилот афзалиятҳои инноватсионӣ ба мутобиқсозии таълим ба дастовардҳо ва стандартҳои ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд. Мундариҷаи онҳо рушди неруи кадрии давлат ва ҷомеаро дар бар мегирад, ки қодир ба рушди бомуваффақият ва таъмини рушди устувори кишвар ва ҷойгоҳи шоистаи Эрон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Имрӯз ноил шудан ба сифати муосири таълим, таъмини мувофиқ ба талаботи имрӯза ва ояндаи шахсият, ҷамъият ва давлат муҳим арзёбӣ мегардад.

Самти асосии татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо дар соҳаи маориф дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии такмили ихтисоси касбии кормандони соҳаи маориф мебошад.

Аммо. дар баробари пайомадҳои мусбатиислоҳоти низоми таҳсилоти Эрон, як қатор мушкилот вуҷуд дорад. Дар низоми идоракунии маориф яке аз камбудиҳои ҷиддии мақоми марказӣ — Вазорати омӯзиш ва парвариш дар он аст, ки низоми мушаххаси банақшагирии кор вуҷуд надорад. Дар идоракунии таҳсилоти умумӣ ва тарбия камбудиҳои ҷиддӣ ҳанӯз ҳам ҷой доранд. нақшаҳо бе назардошти хусусиятҳои самти фаъолият тартиб дода шуда, зери як ном проблемаҳои гуногуни ба ҳам алоқаманднабуда, масалан, омор, буҷет, омӯзиши сифати кори омӯзгорони фанҳои касбӣ-техникӣ, дигарсозии таълиму идоракунӣ қарор доранд. Фаъолияти ситодҳои мудирияти таълиму тарбия ва низоми ҷойивазкунӣ, инчунин шуъбаҳои идораи омӯзишгоҳҳои олии техникӣ ва касбӣ ба талаботи ҳозира ҷавоб дода наметавонад. Теъдоди сохторҳое, ки ба як муовини вазир вогузор шудаанд, бештар аст, ки боиси қабули қарорҳои беасос мегардад.

Мушкилоти дигари рушди соҳаи маориф ва таъмини мутобиқати он ба талаботи замон нокифоя будани кадрҳо, заминаи моддию техникӣ, нарасидани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимии босифат ва мукаммал, стандартҳои муосири давлатӣ дар мактабу донишгоҳҳо боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, таҳлили низоми таҳсилоти миёна ва олии Эрони муосир хусусиятҳои зеринро нишон дод:

− низоми таҳсилоти миёна ва олии Эрон бо мазмуни дунявӣ-динии ба худ хос тавсиф гардида, онро дар баробари ҳадафҳои асосии таълим, вижагиҳои сиёсати муосири дохилии кишвар муайян месозад;

− низоми таҳсилоти дунявӣ-динии Эрон бар пояи беҳтарин суннатҳои таълимии ин кишвар аст ва ба ин васила ба яке аз беҳтарин низомҳои миллии маорифи ҷаҳон табдил ёфтааст;

− таҳсилот дар Эрон самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба хотири навоварӣ буда, дар рушди иқтисоди миллӣ, илму фарҳанг нақши беандоза дорад;

− мустақилияти академии муассисаҳои таҳсилоти олӣ амалӣ гардида, гуногунии муассисаҳои таълимӣ ва гуногунрангии барномаҳои таълимӣ, рушди мактаби гуногунмиллати эронӣ ва бахши ғайридавлатии таҳсилот таъмин гардидааст.

## АДАБИЁТ

1. Марвӣ Алӣ. Сиёсати давлатии Эрон дар соҳаи таҳсилоти умумӣ: тамоюлҳои асосии рушд: рисолаи номзади илмҳои педагогӣ: 13.00.01. – Душанбе, 2012. – 179 с.

2. Новикова Людмила Александровна. “Особенности средного и высшего образования Ирана”.Науч .статья .Современное педагогическое образование, 2016 (захираи интернетӣ).

3. Ибрагимов, Ф. “Особенности об особенностях системе образования в Иране” (захираи интернетӣ).

4. Растагор Козим. Проблемаҳои ислоҳоти низоми нави таҳсилот дар Эрон (дар асоси маводи мактабҳои миёна): рисолаи номзади илмҳои педагогӣ: 13.00.01. – Душанбе, 2013. – 156 с.

5. Сомонаи Вазорати улум, таҳқиқот ва фановарии ҶИЕ (сомонаи Вазорати илм, пажӯҳиш ва инноватсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон). www.msrt.ir.

6. Сомонаи Вазорати илм, пажӯҳиш ва инноватсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон. www. ирандок. ac.ir

7. Фаридун Армуғон Абулҳасан. Фалсафаи маориф дар Эрони муосир: дис.номзади илмҳои фалсафа: 09.00.11. – Душанбе, 2015. – 152 с.

8. اصفهانی حسین. تاریخ دانشگاه های بزرگ اسلامی. – تهران، 2004. – 241 ص.

9. ذبیح الله صفا. تاریخ ادبیات در ایران. چاپ سیزدهم. چاپخانه رامین. – تهران، 1373. – 1178 ص.

10. ذبیح الله صفا. آموزشگاه ها و آموزش ها در ایران از عهد قدیم تا به دوران معاصر. – تهران، 2004. – 112 ص.

11. محمد حقوقی. مروری بر تاریخ ادب و ادبیات امروز ایران. – تهران، 1377. – 620 ص.

# МАҲОРАТИ ТАДҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН: МОҲИЯТ ВА ГУРӮҲБАНДИИ МАЛАКАҲО, МЕЪЁРҲО ВА ДАРАҶАҲОИ ИНКИШОФ

***САИДОВА Моҳиҷон Солиевна*** *– ходими калони илмии Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *(+992)988 88 62 41*

Муаллиф дар мақола оид ба маҳорати тадқиқотии хонандагон, моҳият ва гурӯҳбандии меъёрҳои андозагирии малакаҳои тадқиқотии хонандагон, дараҷаҳои инкишофи малакаю маҳорати тадқиқотии хонандагон ва роҳҳои баланд бардоштани қобилиятҳои тадқиқотии хонандагон маълумот гирд овардааст.

Муаллиф дар мақола ба таҷрибаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда, малакаҳои ба шароити кишвари мо мувофиқро пешниҳод намудааст. Ба хотири баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон якчанд малакаҳои зарурие, ки дар ҷараёни таълими фан зарур

мебошанд, нишон додааст. Инчунин, дар мақола вазифаҳои малакаҳои тадқиқотии хонандагонро барои омӯзиши фанҳо таъкид кардааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *тадқиқот, малакаҳои тадқиқотӣ, маҳоратҳои тадқиқотӣ, фаъолиятҳои тадқиқотӣ, таснифоти малакаҳои тадқиқотӣ.*

## ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЕ НАВЫКИ УЧАЩИХСЯ: СУЩНОСТЬ И КЛАССИФИКАЦИЯ НАВЫКОВ, КРИТЕРИЕВ И СТЕПЕНЕЙ РАЗВИТИЯ

***САИДОВА Мохиджон Солиевна*** *– старший научный сотрудник Музея образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2,* ***тел.:*** *(+992)988 88 62 41*

В статье автор собирает информацию об исследовательских навыках учеников, сущности и классификации навыков, критериях измерения исследовательских навыков читателей, степенях развития исследовательских навыков, умений учащихся и способах повышения исследовательских способностей читателей.

В своей статье автор опирался на опыт отечественных и зарубежных ученых и рассмотрел навыки, соответствующие условиям нашей страны. Для повышения профессионального уровня педагогов выделено несколько необходимых навыков, необходимых в процессе преподавания предмета.

Также в статье подчеркиваются функции исследовательских навыков читателей для изучения предметов.

***Ключевые слова:*** *исследования, исследовательские навыки, исследовательские умение, исследовательская деятельность, особенности обучения, классификация исследовательских навыков.*

## STUDENTS' RESEARCH SKILLS: THE ESSENCE AND CLASSIFICATION OF SKILLS, CRITERIA AND DEGREES OF DEVELOPMENT

***SAIDOVA Mohijon Solievna*** *– senior researcher at the Museum of Education of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamov, 11/2,* ***phone:*** *(+992)988 88 62 41*

In the article, the author collects information about students' research skills, the essence and classification of skills, criteria for measuring readers' research skills, degrees of development of students' research skills, and ways to improve readers' research abilities.

In his article, the author drew on the experience of domestic and foreign scientists and considered the skills appropriate to the conditions of our country. To improve the professional level of teachers, several necessary skills are identified that are necessary in the process of teaching the subject.

The article also highlights the functions of readers' research skills for studying subjects.

***Keywords:*** *research, research skills, research skills, research activity, classification of research skills.*

Муҳимтарин вазифаи таълим дар айни замон ташаккули малакаҳои тадқиқотӣ мебошад, ки ба фаъолияти эҷодкории хонандагон нигаронида шудааст.

Ҷалби хонандагон ба фаъолияти тадқиқотӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки ихтироъ кардан, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, изҳори андешаи худ, қобилияти қабули қарорҳо, ташаккул додани манфиатҳо ва эътироф кардани имкониятҳоро омӯзанд.

Мафҳуми «маҳоратҳои тадқиқотӣ»-ро муаллифони гуногун ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Бисёре аз муҳаққиқон бидуни муайян кардани худи мафҳум фавран ба тасниф

кардани малакаҳои тадқиқотӣ мурочиат мекунанд. Таҳлили таърифу таснифоти гуногун имкон дод, ки чанд равиш ба таърифи «маҳорати тадқиқотӣ» муайян карда шавад.

Зери маҳорати умумии тадқиқоти А.И. Савенков [4] қобилияти дидани мушкилот, савол додан, пешниҳоди фарзияҳо, муайян кардани мафҳумҳо, гурӯҳбандӣ кардан, мушоҳида кардан, таҷриба кардан ва хулоса баровардан, маводро дарк кардан, кор бо матн, исбот ва андешаи худро дар назар дорад.

Ба гуфтаи Р.В. Середенко маҳоратҳои тадқиқотӣ ва татбиқи он барои иҷрои маҷмӯи амалиётҳо оид ба иҷрои амалҳои зеҳнӣ ва таҷрибавӣ мебошанд, ки фаъолияти тадқиқотиро ташкил медиҳанд ва ба дастовардҳои нав оварда мерасонад» [5].

Дар адабиёти илмӣ имрӯза кӯшишҳои зиёд барои тасниф кардани малакаҳои тадқиқотӣ мавҷуданд. Масалан, таснифоти маҳоратҳое мавҷуданд, ки аз рӯйи вазифаҳои фаъолият (З. Ф. Есарева, Н. В. Кузьмина, В. А. Николаев ва ғ.) ва аз рӯйи мантиқи раванди фаъолият, аз ҷумла тадқиқот (И.Г. Бердников, М. В. Владыка, Н. М. Яковлева) сохта мешаванд. [3].

Бо дастури таснифоти у. П. Кортнева ва Н. Шушарина [2], малакаҳои тадқиқотии зеринро инкишоф додан мумкин аст:

- қобилияти фаро гирифтани тамоми мушкилот дар маҷмӯъ;
- қобилияти дуруст таҳия намудани масъалаи тадқиқотӣ;
- қобилияти баҳодиҳии усулҳои ҳалли масъалаи додашуда;
- қобилияти банақшагирии фаъолияти тадқиқотӣ;
- қобилияти ҷустуҷӯи роҳи ҳалли оптималии масъалаи додашуда;
- қобилияти татбиқи методологияи тадқиқоти интихобшуда;
- қобилияти баҳодиҳии мундариҷа ва саҳеҳии иттилооти он бо ёрии машқҳои амалӣ (лабораторӣ ва амалӣ).

Малакаҳои тадқиқотӣ ҳамчун малакаҳои мураккаб баррасӣ мешаванд, ки аз се ҷузъи асосӣ иборатанд:

- ҳавасмандгардонӣ (дар шакли шавқи маърифатӣ зоҳир мегардад), ки таҳти таъсири ҳадафҳои фаъолияти нав ташаккул меёбад;
-мӯҳтаво, аз ҷумла низоми дониш дар бораи фаъолияти тадқиқотӣ;
- оперативӣ (технологӣ), аз ҷумла низоми маҳорату малакаҳое, ки шахс доро мебошад.

Дар сурати мавҷуд набудани яке аз ҷузъҳои номбаршуда ё нокифоя инкишоф додани он, рушди малакаҳои тадқиқотӣ имконнопазир аст.

Ҳангоми ба ҳам пайвастани ин равишҳо «маҳоратҳои тадқиқотии хонандагон»-ро метавон ҳамчун як низоми мураккаби амалиётҳои психологӣ ва амалҳои амалӣ, ки хонанда бо ҳамроҳии омӯзгор анҷом медиҳад, имкон медиҳад, ки фаъолияти тадқиқотии таълимӣ ё марҳилаҳои алоҳидаи он, ки бо ёрии он салохиятхои фанни дар фаъолияти тадқиқотӣ ташаккул меёбанд.

Вазифаҳои малакаҳои тадқиқотии хонандагонро барои омӯзиш таъкид кунем:

- ташаккули ангезаҳои маърифатӣ ва шавқ ба раванди фаъолияти тадқиқотӣ, аз худ намудани донишҳои нав;
- ташаккули сифатҳои шахсият, аз қабили таваҷҷӯҳ ва мушоҳида, ташаббус ва субот, меҳнатдӯстӣ, заковат ва қобилияти ихтироъкорӣ;
- васеъ намудани намуд ва усулҳои фаъолият, ки дар рафти онҳо огоҳӣ аз фаъолияти илмӣ ташаккул меёбад, қобилияти ташкил ва назорати раванди тадқиқоти таълимӣ;
– инкишофи қобилияти равони, ки ба ташаккули қобилияти тахлили маводи омухташаванда, муқаррар намудани робитаи сабабу натича ва татбиқи донишхои мавчуда хангоми халли масъалахо нигаронида шудааст;
– ба мақсад мувофиқ инқишоф додани техника ва амалхо, ки ба хонанда имконият медихад, фаъолияти таълимиро такмил дихад.

Малакаҳои ҳамгирошудаи тадқиқотӣ иборатанд аз:

1) қобилияти кор кардан бо адабиёти таълимӣ, илмӣ ва илмӣ-оммавӣ;

2) қобилияти гузаронидани мушоҳида;

3) қобилияти ташкили таҷриба;

4) қобилияти ба расмият даровардан ва пешниҳод намудани натиҷаҳои тадқиқот.

Муҳаққиқ Гладквова А.П. чор гурӯҳи малакаҳои тадқиқотиро муайян мекунад [1], ки дар раванди таълим дар ҳар як фанни таълимӣ ташаккул меёбанд:

- ташкилӣ ва амалӣ (қобилияти банақшагирии кор; савол додан ва ҷавоб додан; табдил додани маълумоти гирифташуда; тахмин кардан; малакаҳои марбут ба истифодаи усулҳои умумии мантиқӣ; қобилияти истифода бурдани шаклҳои гуногуни пешниҳоди натиҷаҳои тадқиқот);

- кофтуков (маҳорати интихоби мавзӯи тадқиқот; дидани мушкилот ва гузоштани ҳадафи тадқиқот (Ман чиро донистан мехоҳам? Барои чӣ ман ин корро карда истодаам? Барои чӣ ба ман дониши гирифташуда лозим аст?); қобилияти мустақилона ихтироъ кардан усули амал, такя кардан ба донишҳои соҳаҳои гуногун, маҳорати интихоб ва татбиқи усулҳои мавҷудаи тадқиқот, барқарор кардани робитаҳои сабабу натиҷа, қобилияти пайдо кардани якчанд вариантҳои ҳалли масъала;

- иттилоотӣ (қобилияти дарёфти манбаъҳои иттилоот, истифода аз онҳо; бодиққат гӯш кардани сухангӯ; кор бо таърифҳо, мафҳумҳо, истилоҳот; фаҳмидан ва тафсири ҳар як матн; сабт кардани иттилоот дар шакли аломатҳо, аломатҳои муқаррарӣ; таҳияи хулосаҳо; қобилияти мустақилона пайдо кардани иттилооти нокифоя дар соҳаи иттилоот; қобилияти талаб кардани маълумоти нопурра аз омӯзгор);

- баҳодиҳӣ (қобилияти баҳо додан ба кори худ, муайян кардани бартарӣ ва нуқсонҳои он; баҳо додан ба кори пешниҳодкардаи муҳаққиқи дигар; таҳияи арзёбиҳои арзишӣ, тавсияҳо, баррасиҳо; асоснок кардани баҳо).

Аксари малакаҳои тадқиқотӣ тавассути тадқиқоти академӣ таҳия карда мешаванд. Барои ошкор кардани моҳияти консепсияи тадқиқоти таълимӣ, мо метавонем хусусиятҳои хоси онро қайд кунем:

1) тадқиоти таълимӣ раванди ҷустуҷӯйи фаъолияти маърифатӣ (омӯзиш, муайян кардан, муайян кардани чизе ва ғ.);

2) тадқиқоти таълимӣ ҳамеша ба гирифтани донишҳои нав нигаронида шудааст, яъне тадқиқот ҳамеша аз зарурати омӯзиши чизи нав оғоз мешавад;

3) тадқиқоти таълимӣ мустақилияти хонандагонро ҳангоми иҷрои супориш пешбинӣ мекунад;

4) тадқиқоти таълимӣ бояд ба амалӣ намудани ҳадафҳои дидактикии таълим равона карда шавад.

Хусусиятҳои асосии тадқиқоти таълимӣ аз дигар усулҳои ташаккул ва рушди малакаҳои тадқиқотӣ инҳоянд:

1) баёни мушкилоти маърифатӣ ва ҳадафҳои тадқиқотӣ;

2) хонандагон мустақилона корҳои ҷустуҷӯиро иҷро мекунанд;

3) тамаркузи тадқиқоти таълимии хонандагон ба гирифтани донишҳои нав;

4) таваҷҷӯҳи таҳқиқоти таълимӣ ба татбиқи мақсадҳои дидактикӣ, инкишофӣ ва тарбиявии таълим.

Дар доираи таълими фанҳо чунин намудҳои тадқиқот мумкин аст: шумораи иштирокчиён: инфиродӣ (мустақил), гуруҳӣ, коллективӣ; макони баргузорӣ: синф, берун аз дарс; вақт: кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат; мавзӯъ: мавзӯи муайян, озод.

Дар раванди ташаккули маҳорати тадқиқотии хонандагон дар таълими фан омӯзгор бояд ба саволҳои дорои хусусияти илмӣ ва методӣ ҷавоб диҳад:

1. Чӣ тавр хонанда малакаҳои тадқиқотиро инкишоф дода метавонад? Оё малакаҳои тадқиқотиро омӯхтан мумкин аст? Ҷавоб ба ин саволҳо муайян кардани шароит ва таҳияи модели рушди малакаҳои тадқиқотии хонандагон дар доираи як фанни мушаххасро дар бар мегирад.

2. Ҳангоми омухтани кадом мавод маҳорати тадқиқотиро инкишоф додан мумкин аст? Чаро интихоби мундариҷаи таълим ва технологияҳои таълим зарур аст?

3. Дарачаи инкишофи маҳорати илмии хонандаро аз рӯйи кадом меъёрҳо метавон арзёбӣ кард? Ин муайян кардани меъёрҳо ва сатҳҳои рушди малакаҳои тадқиқотии хонандагон дар доираи як фанни мушаххасро дар бар мегирад.

Аксари олимон баҳодиҳии ташаккул ва инкишофи маҳорати илмии донишҳоро ба таҳқиқоти таълимии гузаронидашаванда, ки бо иштироки омӯзгор дар гузаронидани таҳқиқот ва дарачаи мустақилияти хонанда тавсиф мешавад, вобаста медонанд.

Бо назардошти универсалии меъёрҳои баҳодиҳии сатҳи инкишофи маҳорати тадқиқотии хонандагоне, ки фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ мегузаронанд, метавон дар бораи гурӯҳҳои малакаҳои умумии тадқиқотӣ сухан гуфт, ки мазмуни ин фаъолиятро инъикос мекунад. Мо чунин малакаҳоро дохил мекунем:

- қобилияти кор бо сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳо;
- қобилияти кор бо адабиёти маълумотнок;
- қобилияти кор бо системаҳои ҷустуҷӯии компютерӣ;
- қобилияти иҷрои амалҳои асосии мантиқӣ;
- қобилияти гузаронидани мушоҳидаҳо;
- қобилияти гузаронидани намудҳои гуногуни тадқиқот;
- қобилияти ташкили маълумот бо роҳҳои гуногун;
- қобилияти босалоҳият баён кардани фикрҳои худ (таҳия кардани ҳукм);
- қобилияти муаррифии натиҷаҳои тадқиқот.

Илова ба малакаҳои умумии тадқиқотӣ, малакаҳои мушаххасе мавҷуданд, ки дар фанҳои алоҳида ё мавзӯъҳо истифода мешаванд, аз ҷумла:

- қобилияти муқаррар кардани мувофиқати хосиятҳои объекти нави назарияи сохташуда (қобилияти муқаррар кардани мавҷудияти объект);
- қобилияти барқарорсозии рӯйдодҳои таърихӣ.

Аз ин гуна маҳорат боз бисьёр мисолҳо овардан мумкин аст. Онҳо аз рӯйи хусусиятҳои объектҳои соҳаи муайян ва усулҳои омӯзиши онҳо муайян карда мешаванд. Ин маънои донистани хусусиятхои объектхои ин соҳаи предмет, ифода намудан ва истифода бурдани усулҳои он, донистани мазмуни муҳимтарин мафҳумҳои мавзеъ ва тавони фаъолият кардан бо онҳо мебошад. Вобаста ба гуфтаҳои боло тавсия дода мешавад, ки малакаҳои асосии фаннӣ, ки бидуни онҳо фаъолияти тадқиқотӣ дар соҳаи дахлдор амалӣ карда намешавад.

Аз сабаби зарурати гузаронидани ҷустуҷӯи иттилоотӣ ва таҷрибаҳо дар рафти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо истифода аз таҷҳизоти гуногун (компютер ва таҷҳизоти ташкилӣ, проексиявӣ) хонандагон бояд малакаҳои кор бо таҷҳизот ё малакаҳои тадқиқотии инструменталӣ дошта бошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ҳангоми ташаккули малакаҳои тадқиқотии хонандагон мо метавонем намудҳои онҳоро (умумӣ, мушаххас, асбобӣ) ҷудо кунем. Ҳамин тариқ, дар асоси равишҳои гуногуни муаллифии дар боло зикршуда маҳорати тадқиқотии хонандагонро метавон ҳамчун маҷмӯи амалҳои психологӣ ва амалҳои амалӣ, ки хонанда бо ҳамроҳии омӯзгор анҷом медиҳад, баррасӣ намуд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти тадқиқотии таълимӣ ё ангезанок анҷом дода шавад. Марҳилаҳои алоҳидаи он бо ёрии салоҳиятҳои фаннӣ ташаккул дода шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Гладкова, А.П. Раванди ташаккули малакаҳои тадқиқотии хонандагони хурдсол дар корҳои берунaзсинфӣ / А.П. Гладкова // Афкори таърихӣ ва иҷтимоӣ-таълимӣ. - 2012. - № 4. – 91-94.

2. Кортнев, К.П. Маҷмӯи ҳалли масъалаҳо ва омӯзиши амалии лабораторӣ дар таълим / К.П. Кортнев, К. Шушарина // Усулҳои муосири илмҳои физикаю математика: Мақолаҳои байналмилалӣ. Конф.: Шб. Орел, 9-14 октябри 2006 / Р. ред. А. Г. Мешков, В. Д. Селютин. Орел: OSU. – Т.3. – 2006.

3. Кошелева, Д. В. Тезиси мафҳуми «маҳоратҳои тадқиқотӣ» / Д. В. Кошелева // Дониш. Фаҳмидани. Маҳорат. - 2011. - № 2.-С. 218-221

4. Савенков, А. И. Мазмун ва ташкили таълими илмии мактаббачагон. М.: Сентябр, 2003. – 204 с.

5. Середенко, П. В. Рушди маҳорати тадқиқотии мактаббачагони хурдсол дар шароити гузариш ба стандартҳои таълимии насли нав: монография. Южно-Сахалинск: Нашриёти СахСУ, 2014. - 208 с.

## НАҚШИ ТАРБИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ ВА ХУДШИНОСИИ ИНСОН

***ФАРХУДИНОВА Ҷамила Маҳмадёровна** – ассистенти кафедраи псхологияи иҷтимоӣ ва муносибатҳои оилавии факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 121. **E-mail:** baxadila@mail.ru, **тел.:** (+992)908 85 06 00*

Муаллиф дар мақола иброз менамояд, ки тарбия қувваи бузургест, ба шарте агар он бо тарзу воситаҳои махсус ба роҳ монда шавад. Тарбияро қувваи табиӣ ва ирсӣ низ медонанд, вале на дар ҳама ҳолат. Насли инсон ба тарбия ниёз дорад ва инсон набояд бетарбия монад. Инсон аз таваллуд то нафаси вопасин ба тарбия ниёз дорад. Мувофиқи таҳқиқоти олимон тарбия аз лаҳзаи таваллуд ва ҳатто дар батни модар будан оғоз меёбад. Инсон маҳз тавассути тарбия ба камол мерасад ва парвариш меёбад.

Зинаҳои махсуси тарбиягирӣ мавҷуд аст, ки аз ҷониби якчанд субъектҳои ҷомеа пиёда карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки ҳар як зина мақом ва нақши худро ба таври зарурӣ ва лозимӣ мегузорад. Яке аз зинаҳои муҳимтарину аввалин ин оила ва меҳру муҳаббати падару модарӣ ба ҳисоб меравад.

Аввалин чизе, ки кӯдак мебинад ва эҳсос мекунад, ин модар, меҳр ва муҳаббати ӯ мебошад, ки кӯдакро ба зиндагӣ дилгарм ва роҳнамо месозад.

Инчунин, дар мақола таъкид гардидааст, ки раванди тарбия агар дар оила мақсаднок сурат гирад, дар рушду ташаккули кӯдак ва минбаъда барои худшиносии ӯ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Барои ба ин мақсад расидан оила нақши мондагор мебозад ва волидон муваззафанд, ки ба ин масъала бо як ҳисси масъулияти баланд муносибат намоянд.

***Вожаҳои калидӣ:** тарбия, ташаккул, шахс, падар, модар, кӯдак, инсондӯстӣ, ватандорӣ, худшиносӣ, душвортарбия,мушкилот, инкишоф, ирода.*

## РОЛЬ ВОСПИТАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ЛИЧНОСТИ И САМОПОЗНАНИЯ ЧЕЛОВЕКА

***ФАРХУДИНОВА Джамиля Махмадёровна** – ассистент кафедры социальной психологии и семейных отношений факультета психологии Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, пр. Рудаки, 121. **E-mail:** baxadila@mail.ru, **тел.:** (+992)908 85 06 00*

В статье автор подчёркивает силу воспитания в том случае если она поставлено правильно с целю. Воспитание считатется природным и наследственным фактором но, не во всех случаях. Человеческие потомки нуждается в воспитание и не должно остаться без воспитание. Человечество с первого дня рождения и до самой смерти нуждается в воспитании. Исследование учёных подтверждает, что воспитание начинается ещё в утробе матери. Человек именно с помощью воспитания растёт и становится личностью.

Существует несколько этапов воспитания, которых придерживают определённые субъективные лица в обществе. Нужно отметить, что каждый этап воспитания, его роль и

место нужно ставить в определённых и в нужных местах. Одним из важных и основных его этапов считаются семья и любовь родителей. Первым, что видит ребёнок и чувствует это мама и её доброта и любовь которая, позволяет ребёнку расти в любви и в воодушевлении к жизни.

Также, в статье подчёркивается, что процесс воспитания, если он осуществляется в семье целенаправленно, создает благоприятную основу для развития и развития ребёнка, а в дальнейшем и для его самопознания.Семья играет важную роль в достижении этой цели, и родители стремятся подойти к этому вопросу с чувством большой ответственности.

***Ключевые слова:*** *воспитание, формирование, личность, отец, мать, ребенок, гуманность, патриотизм, самосознание, трудности, развитие, воля.*

## THE ROLE OF EDUCATION IN THE FORMATION OF PERSONALITY AND SELF KNOWLEDGE

***FARKHUDINOVA Jamilya Makhmaderovna*** *– assistant at the Department of Social Psychology and Family Relations, Faculty of Psychology, Tajik State Pedagogical University Sadriddin Aini, Rudaki Ave., 121.* ***E-mail:*** *baxadila@mail.ru,* ***phone:*** *(+992)908 85 06 00*

In the article, the author emphasizes the power of education if it is delivered correctly with the goal. Upbringing is considered a natural and hereditary factor, but not in all cases. Human descendants need nurturing and should not be left without nurturing. Humanity needs education from the first day of birth until death. Scientists` research confirms that upbringing begins in the womb of the mother. It is with the help of education a person grows and becomes a person.

There are several stages of education, which are adhered to by certain subjective people in the community. It should be noted that each stage of education, its role and places should be placed in certain and in the right places. One of its important and main stages is considered to be the family and the love of parents. The first thing the child sees and feels is the mother and her kindness and love, which will allow the child to grow in love and delight in life.

The article emphasizes that the process of upbringing, if it is carried out purposefully in the family, creates a favorable basis for the development and development of the child, and in the future for his self-knowledge.The family plays an important role in achieving this goal, and parents strive to approach this issue with a sense of great responsibility.

***Keywords:*** *upbringing, formation, personality, father, mother, child, humanity, patriotism, self-awareness,difficulties, development, will.*

Ташаккули шахс ва раванди тарбия дар ҳама давру замон мураккабу печ дар печ буд, ҳаст ва мемонад. Тарбия аз субъекти он вобастагии зиёд дорад. Тарбияи насли наврас ҳамеша дар маркази диққати ҷомеа ва давлат қарор дошта, ба он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамадунҳо тарбияи насли ҳаматарафа инкишофёфта масъулияти боз ҳам зиёд талаб мекунад.

Эҳтирому мехрубонии мутақобила ва риояи ҳуқуқи ҳамдигар аз ҷониби падару модар дар зеҳни фарзанд эҳтиром ба ҷамъиятро парвариш медиҳанд. Ба шарофати падару модар одобу ахлоқ,маърифату маънавият ва беҳтарин анъанаҳои ахлоқии гузаштагони мо аз насл ба насл интиқол ёфта, ба як мактаби бузурги тарбияи ахлоқӣ иҷтимоӣ ва маънавии шахсият мубаддал мегарданд. Кӯдаконро тарбия карда истода мо ояндаи худро тарбия менамоем.

Тарбия ҳамчун категорияи доимӣ дар ҳар давру замон арзи вуҷуд дошт, вале мазмун, шакл ва методҳои он бо дигаргун шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир меёбанд. Мафҳуми «тарбия» категорияи марказии раванди тарбия ва фаъолияти касбии омӯзгор ба шумор меравад. Тарбия асоси илми педагогика ва психологияи педагогӣ маҳсуб меёбад [2].

Мафҳуми тарбия (ба маънои васеъ) - ин таъсирасонии шахсӣ ба ҷомеа буда, ҳамчун омили иҷтимоиест, ки шароити мусоидро (моддӣ, психикӣ, ташкилӣ) барои ташаккулёбии шахс муҳайё месозад. Мафҳуми тарбия (ба маънои маҳдуд) ин фаъолияти мақсаднокест, ки дар инсон сифатҳои шахсӣ, ҷаҳонбинӣ ва эътиқодро ташаккул медиҳад. Дар баробари ин, баъзан чунин фаҳмида мешавад, ки тавассути он, ин ё он вазифаҳои муайяни тарбия ҳал мегардад (масалан, тарбияи фаъоли ҷамъиятӣ, коллективизм ва ғ). Бояд зикр кард, ки дар байни тарбия, инкишоф, ташаккулёбӣ ва иҷтомишавӣ алоқаи муайяне вуҷуд дорад [2].

«Тарбия» - фаъолияти мақсаднокест, ки ҳадафаш дар ниҳоди шогирдон бедор намудани сифатҳои муайяни шахсӣ, назариёт ва эътиқодҳо мебошад. Таъсири умумии ҷомеа ба шахсият мафҳуми омили тарбияро ташкил медиҳад (яъне маҳз ҷомеа аст, ки шахсиятро зери таъсири омилҳои мухталифи худ қарор медиҳад). Мафҳуми тарбия амалро ифода мекунад, амал бошад маънии фаъолиятро дорад, фаъолият бошад ба инсон вобаста аст ва дар маҷмӯъ тарбия дар ду маънӣ - маҳдуд ва васеъ шарҳ дода мешавад.

Тарбия дорои моҳият ва мақсади худ мебошад. Мақсади тарбия дар консепсияҳои гуногуни педагогӣ вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ-фалсафии муаллифон ҳар хел тавсиф дода мешавад: а) тарбия ташаккули ҳаматарафаи шахсияти инсон буда, дар худ бойгарии рӯҳӣ, покии маънавӣ ва ҳастии ҷисмониро таҷассум менамояд; б) муносибати шахсии инсон бо фарҳанг, дар ӯ рушди эҷодиёти фардиро амалӣ мегардонад; тарбияи шахсияти салоҳиятдори ҷомеа мебошад; в) тарбияи шахсияти озодандеш, ки қобилияти тағйир додан ва рушд додани худ ва олами воқеиро дорад, эмансипатсия (қобилияти пурраи амалкунӣ) ва рушди озодонаи шахсият; г) рушди муносибати шахс ба олам ва бо олам, ба худ ва бо худ; ғ) рушди худшиносии шахсӣ, кӯмаки он ба худмуайянкунӣ ва ғайраҳо.

Тарбия таъсири ирсияту муҳитро саҳеҳу тасҳеҳ мегардонад. Баробари тараққиёти истеҳсолоти ҷомеа ва мураккаб гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ мунтазам нақши тарбия меафзояд. Дар шароити кунунӣ бидуни таълиму тарбияи бардавом ва махсус дар зиндагӣ судманд иштирок намудани инсон мушкил аст. Тарбия ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад, тавассути он барномаи инкишофи иҷтимоии шахсият, рушди қобилият ва аломатҳои модарзодии ӯ болу пар мекушояд. [3].

Дар замони бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона доираи муайянсозии мақсад ва вазифаҳои тарбия вусъат ёфта истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ сиёсати тарбиявии худро ба тариқи махсус ба роҳ мондааст. Чунончи, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қайд карда шудааст: «Давлат муассисаҳои томактабиро аз нигоҳи модӣ ва молиявӣ дастгирӣ карда, дастрас будани хизматрасонии тарбиявӣ ва таҳсилоти томактабиро барои оилаҳои камбизоат таъмин менамояд». Падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) дар тарбияи фарзанди худ масъуланд ва барои таъмини инкишофи ҷисмониву маънавӣ ва зеҳнии давраи аввали кӯдакӣ ва минбаъд барои ба мактаб омода намудани онҳо вазифадоранд» [5]. Илова бар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-юми августи  соли 2011, таҳти № 762 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд, ки он аз 6 боб ва 17 модда иборат мебошад. Мақсади қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд буда, вазифаҳои онҳоро ба танзим медарорад.

Албатта, оид ба тарбия мутахассисон ва олимон тадқиқотҳои зиёди  назаррасеро ба анҷом расонидаанд. Мутахассисон медонанд, ки тарбия бо қонуният, принсипҳо, усулҳо, шартҳо, пайдарпайӣ, муҳит, ирсият, ташаккули хислат, инкишофи ирода, хусусиятҳои синну сол вобастагӣ дорад. Дар рафти тарбия ин хусусиятҳо бояд аз ҷониби тарбиякунанда ба тарбиягиранда ба таври лозимӣ гузаронида шаванд, чунки бидуни ин мо ба он мақсади асосие, ки дар наздашон гузошта шудааст, расида наметавонем. Ин воқеияти ҳол аст. Агар дар рафти тарбия кӯдак ин омилҳоро ба таври лозимӣ риоя накунад, инкишофи кӯдак баръакси хоҳиши падару модар ва ҷомеа ба анҷом мерасад ва кӯдак аз роҳи дуруст дур

мемонад. Чунин кӯдак на таҳо боиси бадбахтии оила, балки боиси бадбахтии ҷомеа низ мегардад.

Тарбия қувваи бузургест, ба шарте он бо тарзу воситаҳои махсус ба роҳ монда шавад. Насли инсон ба тарбия ниёз дорад ва инсон набояд аз тарбия дур монад. Инсон аз таваллуд то нафаси вопасин ба тарбия ниёз дорад. Мувофиқи тадқиқоти олимон тарбия на аз лаҳзаи тавлид, балки аз батни модар оғоз меёбад. Инсон маҳз тавассути тарбия ба камол мерасад ва парвариш меёбад.

Зинаҳои махсуси тарбиягирӣ мавҷуд аст, ки аз ҷониби якчанд субъектҳои ҷомеа пиёда карда мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳар як зина мақом ва нақши худро ба таври зарурӣ ва лозимӣ мегузорад. Яке аз зинаҳои муҳимтарину аввалин ин оила ва меҳру муҳаббати падару модарӣ ба ҳисоб меравад. Аввалин чизе, ки кӯдак мебинад ва эҳсос мекунад, ин модар, меҳр ва муҳаббати ӯ мебошад, ки кӯдакро ба зиндагӣ дилгарм ва роҳнамо месозад. Дар тарбияи кӯдак нақши асосиро оила (волидайн) мебозанд. Чунки ягон кӯдак дузд, душвортарбия, бадахлоқ, ҷинояткор таваллуд намешавад. Ҳамаи ин нуқсонҳо аз оила ва муҳит пайдо мешаванд. Оиларо мактаби бузурги тарбияи кӯдак меноманд. Тарбия аз оила пайдо мешавад ва дар мактаб, ҷомеа ташаккул меёбад. Бадахлоқ ва ҷинояткор шудани инсон аз хурдӣ дар вуҷуди кӯдак аз оила ва муҳити носолими ӯро иҳотакарда пайдо мешавад.

Худ қазоват кунед, вақте ки дар оила байни зан ва мард низоъ ба вуҷуд меояд, падар дар назди фарзанди худ ҳамсарашро лату кӯб намуда, суханҳои қабеҳ мезанад, ин ҳолатро кӯдак бо чашми худ мебинад, алакай дар ин маврид ҳисси бадбинӣ ва нафрат дар ботини ин хурдсол ҷой мегирад ва зина ба зина ташаккул меёбад. Мисоли хубе низ ба ин маънӣ мавҷуд аст. Беҳуда нест, ки дар урфият мегуянд: «Кӯдак асоси тарбияро дар оила мегирад». Тарбия бояд аз хурдӣ оғоз гардад ва ба синну соли тарбиягиранда мувофиқ бошад. Ин маънои онро дорад, ки сари вақт тамоми усулҳои лозимиро вобаста ба синну соли кӯдак бо маҳорати баланди педагогӣ тарзе истифода бурдан лозим аст, ки дар рафтори тарбиягиранда нуқсон пайдо нашавад. Вақте ки дар фаъолияти кӯдак нуқсони бетарбиягӣ пайдо мешавад, он нуқсон имкон дорад, ки бо мурури вақт ташаккул ёбад. Ногуфта намонад, ки як шахси бадахлоқ метавонад, ба дигарон ҳам таъсири худро расонад. Бинобар, ин кӯдакро аз муҳити бегона дур бояд нигоҳ дошт.

Чизи дигаре, ки дар раванди тарбия басо муҳим аст, ин ба синну соли тарбиягиранда мувофиқ кунонидани принсипу методҳои тарбия мебошад. Беҳуда нест, ки масъалаи ба синну сол мувофиқ будани тарбия миллатҳои гуногуни ҷаҳонро аз замонҳои қадим ба ташвиш оварда буд. Масалан, дар Ҳиндустон нисбати писар то 5-солагӣ ҳамчун фаришта рафтор мекунанд, аз 5-сола то 15-солагӣ ҳамчун хизматгор ва аз 15-сола боло ҳамчун дӯсти самимӣ пиндошта мешавад. Мутаасифона, бархе падару модароне ҳастанд, ки худро бовар кунониданӣ мешаванд, ки кӯдаки онҳо хурд аст, ҳеч чизро намефаҳмад. Ӯро фиреб додан кори душвор нест, беаҳмиятӣ содир мекунанд, дар натиҷа дар рафтори кӯдак нуқсонҳо ба монанди дуруғгӯйӣ, тундмиҷозӣ, гапҳои қабеҳ задан нисбати кӯдакони аз худ хурд, тундӣ кардан ба он дараҷа мерасонад, ки супориши падару модарро иҷро намекунанд. Вақте, ки онҳо мехоҳанд фарзандашонро аз ин роҳ гардонанд, хоҳишу ҳаракатҳои онҳо бенатиҷа мемонад, чунки чунин ҳаракату рафторҳо дар фарзандашон аллакай ба одат табдил ёфтааст. Аҳамияти тарбияи ба синну сол мувофиқ дар он аст, ки дар рафтори тарбиягиранда нуқсон пайдо намешавад, ӯ ба ҳаёт ҳаматарафа тайёр мешавад ва дар ҳаёте, ки оянда мегузаронад, худро хушбахт ҳис мекунад, зеро ҳамеша комёб аст.

Дар тарбияи кӯдак баробари оила саҳми якчанд субъектҳои дигар метавонанд нақши созандаро гузоранд. Ин омӯзгорону мураббиён ва устодон мебошанд. Ин субъектҳои фаъоли ҷомеа бояд фаъолияти худро ба талаботи принсипҳои тарбия мувофиқ кунонида, дар асоси система ва талаботи ягона амал намоянд, зеро ин принсипҳои равиши тарбия ба омӯзгорон, мураббиён ва устодон барои тамоми масъалаҳои тарбияро ҳал кардан ёрӣ мерасонад. Омӯзгор принсипҳоро ба назар гирифта, мазмун, воситаҳои баррасии ин ё он масъалаҳои конкретӣ ва зарурирo интихоб карда, дар байни тарбиягирандагон шароити

мусоид фароҳам меоварад. Тавассути ин принсипҳо омӯзгорон ба натиҷаҳои раванди тарбия дурусту амиқтар баҳо дода метавонанд. Боиси таассуф аст, ки сатҳи амалишавии андешаҳои дар фавқ баёнёфта дар ҷомеа ба талабот ҷавобгӯ нест ва ин аз касе пӯшида нест.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бо ҷавонони мамлакат 23-юми майи соли 1997 қайд карда буданд: «Танҳо шахсият аст, ки ба ташаккул ва пешрафти шахсияти дигар таъсир мерасонад. Фақат муҳити одоб метавонад, фазои ахлоқии ҷомеаро солим, мукаммал ва устувор гардонад» [1; 21].

Олимон ва мутафаккирон низ масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба қавли Абӯабдуллоҳи Рудакӣ, муҳит дар инкишофи шахс нақши асосиро мебозад. Инчунин як гурӯҳ мутахассисон ақидае доранд, ки муҳит дар инкишофи фаъолияти шахс ҳиссаи худро мегузорад. Яъне фаъолияти шахс ба дараҷаи лозимӣ инкишоф меёбад ё ба муҳит вобаста мешавад. Дар ин радиф мақоли халқӣ хеле ба маврид аст: «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ». Ин андешаро панди зерини Шайх Саъдӣ низ тақвият мебахшад:

Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,
Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам.

Дар инкишофи шахс нақши ирсият хеле муҳим аст. Файласуфи француз Дени Дидро нақши тарбияро дар инкишофи кӯдак инкор намекунад, ба ақидаи ӯ тарбия ба одам он чизе, ки табиат нисбати ӯ рад кардааст, дода наметавонад.

Албатта, тарбия роҳҳои ташаккули худро дорад. Ин роҳҳои ташаккулро дар як чанд зинаҳое, ки мо дар боло зикр кардем, яъне оила, мактаб, ҷомеа бараъло дидан мумкин аст. Бояд зикр кард, ки ин се субъекти бузурги тадбиққунандаи тарбия ҳама вақт бояд дар робитаи зич ва ногусастанӣ қарор дошта бошанд ва ба он роҳҳои муҳиме, ки барои ташаккули тарбия зарур аст, бештар аҳамият дода шавад.

Тарбия яке аз масоили муҳим ва зарурии ҳаёти инсон ба ҳисоб рафта, дар маърифати фарҳангӣ ва дарк намудани фазилатҳои хуби инсонӣ саҳми назаррасеро мегузорад. Зиёда аз ин, тарбияро метавон ба қувваи азиме баробар кард, ки дар ҳама ҳолат метавонад фишангҳои номатлуберо, ки дар фаъолияти инсонӣ мавҷуданд, шиканад ва онҳоро аз ҳаёти инсонӣ дур намояд. Маҳз тарбия буд, ки инсоният аз олоти содаи меҳнат ба дастовардҳои азими техникиву биологӣ нойил гардид. Мувофиқи нишондодҳои илми педагогика, агар тарбия намебуд, метавон, ба куллӣ гуфт, ки на таълим буд, на худшиносӣ ва на меҳру муҳаббат нисбат ба модар ва Ватан.

Яке аз роҳҳои асосӣ ва муҳими таҳкими тарбия ин худтарбиякунӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз барои ҳамин ҳам, ба роҳ мондани усули худтарбиякунӣ зарур аст. Пеш аз оне, ки дар бораи худтарбиякунӣ сухан ронем, мехоҳем хотиррасон кунем, ки ҳаёти инсон хеле пастию баландиҳо дорад. Барои одамро аз рафтори ношоиста нигоҳ доштан дар ҳолати душворӣ ба чунин суханҳо ӯро тасалло медиҳанд, ки барои худтарбиякунӣ хеле зарур аст: «хотирҷамъ шавед, асабӣ нашавед, худро ба даст гиред, асабҳои худро ором нигоҳ доред, парешонхотир нашавед, монед, аҳамият надорад, худро идора кунед, аз болои худ ҳукмронӣ карданро ёд гиред, худро такмил диҳед». Ин таъкидҳо ба шахс барои қадре ба худ омадан, ба худтарбиякунӣ пардохтан ва аз ҳолати ногувор баромадан ёрӣ мерасонанд.

Худтарбиякунӣ омили муҳими расидан ҳам ба таълим ва ҳам ба тарбия мебошад. Худтарбиякуниро аз зинаи хурди мактабӣ бояд шурӯъ кард ва онро зина ба зина дар фаъолияти насли наврас бояд ташаккул дод. Худтарбиякунӣ сарчашмаи ҳамаи тарбияҳост. Худтарбиякуниро ба кӯдак бояд аз зинаи аввалин омӯзонид, то ки аз синни хурдӣ барои назорат кардани худ аҳамият диҳад. Оид ба ин масъала муҳаққиқони зиёде изҳори андеша карда, бошанд ҳам сатҳи амалишавиаш бо ду пой мелангад. Инро бояд эътироф кард, зеро аз ҳақиқат ҷойи гурез нест.

Яке аз сабабҳои коста гардидани тарбия ин аз хурдӣ аҳамият надодан ба масъалаҳои муҳими тарбиявӣ мебошад. Аксарияти ҷавонон ба худтарбиякунӣ аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Ҳаёти ҳаррӯзаи онҳоро ба равиши об монанд кардан мумкин аст. Яъне, ки аз рӯи одат амал мекунанд. Барои хотима гузоштан ба чунин бепарвоӣ дар рафтори ҷавонон бо мақсади дуруст ташаккул ёфтани ахлоқи онҳо субъектҳои таҷрибадор ва

масъулиятнокро ҷалб кардан лозим аст. Ҷавоне, ки тарбияи хуб надорад ва худтарбиякунӣ дар вай дида намешавад, ба ӯ ягон хел умед бастан мумкин нест. Санъати худро идора кардани инсон ин дар мадди аввал ба ҳисоб гирифтани хиради ӯ психикаи ӯ ва ба қадри имкон муносибати эҳтиромона карда тавонистани ӯ ба ҳисоб меравад. Ба тарзи дигар гӯем, худтарбиякунӣ ин инкишофи мустақилона ва мақсадноки фаъолияти механизмҳои шуури инсон барои дар дараҷаи шахсият ташаккул ёфтани ӯ мебошад. Худтарбиякунӣ аз ҳар як ҷавоне, ки ин роҳро пеш гирифтааст, қувваи иловагӣ, босаранҷомӣ дар фикру зикри иҷрои мақсади дар наздаш гузоштаро талаб мекунад. Худтарбиякунӣ ҷавононро водор мекунад, ки вақтро ғанимат шуморанд. Худтарбиякунӣ ҷавононро ба он ҳидоят мекунад, ки бо ақлу дониши худ зиндагӣ кунад. Ин рафтор ба онҳо имкон медиҳад, ки касби худ ва ҳамсари худро мустақилона интихоб кунанд. Дар ниҳоят, худтарбиякунӣ ба ҷавонон имконият медиҳад, ки қаноатманд бошанд ва ба он мақсаду мароме, ки дар ҳаёт гузоштанд, ноил гарданд.

Дар ташаккули шахсият ва тарбияи насли наврас дар қатори дигар омилҳо худшиносӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Худшиносӣ ин омили муҳими огоҳ шудан ва расидан ба таъриху фарҳанги худ, шинохти асли худ, пос доштани гузаштагону эътироф ва ҳимояи имрӯзу фардои марзу буми сарзамини худ мебошад. Зиёда аз ин, худшиносӣ шахсро водор менамояд, ки Ватан - Модар ва миллати худро дӯст дорад ва ҳимоят намояд. Шахсе, ки соҳиби Модар ва Ватан мебошад, донистан ва дарк намудани мафҳуми худшиносӣ ба ӯ ҳатмист. Воқеан, агар ки ҷавонон ояндаи миллату давлат ва посдори илму фарҳанги худ бошанд, пас донистани ин мафҳумҳои тақдирсоз хеле муҳим аст, зеро онҳо масъулияти бунёди ҷомеаи навинро бар дӯш мегиранд, мақсаду ҳадафҳо ва роҳи пешгирифтаи насли калонсолро идома медиҳанд.

Сарчашма ва ё масоили мубрами худшиносӣ донистани таъриху фарҳанг ва мероси ниёгон мебошад. Агар касе гузаштаи аҷдоди худро надонад, инсони комил нест! Ин хитобаи сода, вале дар айни замон ҷиддии бузургони илму адаби мо аз қаъри асрҳо ба гӯш мерасад ва ҳушдор медиҳад, ки аз таърихи миллату сарзамин, расму русум ва дину оини худ мудом воқиф бошем. Воқъеан, худшиносӣ маҳз аз ҳамин оғоз меёбад. Ҳар шахс бе омӯзиши таърихи кишвари худ аслу насаб ва маърифати бумиву зотиашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад. Яъне инсон таърихи гузаштаи худро надонад, табиист, ки аз зоти худ, роҳи тайкарда, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумаш ноогоҳ монда, чун махлуқе одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад. Ин бадбахтии бузург аст. Охир, шахсе, ки аз таърихи гузаштагони худ воқиф нест, фориғ аз ғами фардо аст, пас чи хел худро инсон мешуморад?

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ фармуда:

Чист таърих, эй зи худ бегонае,
Достоне, қиссае, афсонае.
Ин туро аз хештан огаҳ кунад,
Ошнои кору марди раҳ кунад.

Худи мафҳуми худшиносӣ – ин раванди мураккаби психикӣ ва шакли махсуси шинохтан мебошад, ки ба худи одам равона шудааст. Аз рӯи натиҷаҳои бадастовардаи А.А. Реан, инкишофи худшиносӣ – раванди марказии психикии давраи наврасӣ ба шумор меравад. Азнавсозии худшиносӣ на танҳо бо инкишофи доираи ақлии наврас, инчунин бо пайдошавии саволҳои нав ва нуктаи назаре, ки бо он худро баҳогузорӣ менамояд, алоқаманд аст.

Доштани худшиносӣ ҳимоя аз ҳар гуна нофаҳмиҳои чи дохилӣ ва чи берунӣ шуда метавонад. Чунки, яке аз сарчашмаҳои худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо мероси таърихиву фарҳангист. Беҳуда нест, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомолӣ Раҳмон дар китоби худ “Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ” бо маънии баланди сухан қайд мекунанд: «Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки ин барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Яъне миллат бояд аз гузаштаи худ, хоҳ дурахшон бошад, хоҳ тира, сабақ бигирад ва дурнамоии ояндаашро муайян бисозад».

Пойдории ҳар як давлату миллат ба таъриху фарҳанги он вобастагии зич дорад. Зеро миллатро таърих ва фарҳанг зинда медорад. Аз ин нуқтаи назар ба ҳар як шахс донистани ин маҳакҳо зарурӣ ва даркорист. Шахс метавонад, дар асоси донистани таъриху фарҳанги миллати худ пеш аз ҳама худро шиносад, баъдан барои пешбинӣ ва дурнамоии миллат саъй кунад. Дар ин маврид, сухани Президенти Ҷумҳурии Точикистон Эмомалӣ Раҳмонро ёдрас кардан ба маврид аст: «Ҳар миллат ва ҳар халқ, хоҳ бузург бошаду хоҳ хурд, то худро нашиносад, эҳтиром накунад, таърих, фарҳанг ва суннатҳои худро надонаду қадр накунад, ҳеҷ гоҳ дар миёни миллатҳои дигар мақому манзалати шоён пайдо карда наметавонад».

Худшиносӣ дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахс метавонад, маҳаки асосӣ бошад. Зеро маҳз худшиносӣ эҳсоси гарму гувороест, ки шахсро ба заҳмату талошҳои созанда ба хотири ободии Ватан, оромии сарзамини аҷдодӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, омӯзиш, нигоҳдорӣ ва афзун гардонидани мероси таърихиву арзишҳои фарҳангӣ раҳнамоӣ мекунад ва миллатро дар байни халқҳои дигар обрӯманд мегардонад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки худшиносии миллӣ барои ҳар як фарди давлатдору миллатдор ба монанди обу ҳаво зарур аст. Инро таърих собит сохтааст. Тарғибу талқини ғояи худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва омӯхтани таърихи миллат вазифаи ҷониву имонии ҳар фарди ҷомеа мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон [Матн] / М. Давлатов. - Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.
2. Мухина, В.С. Возрастная психология. Феноменология развития: учебник для студ. высш. учеб. Заведений / В.С.Мухина. — 10-е изд., перераб. и доп. — М.: Издательский центр «Академия», 2006. - 608 с.
3. Мустафоқулов, Т. Нарзуллоева, М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. – Кулоб 1993. – 284 с.
4. Популярная психология для родителей. Под ред. А.А. Бодалева. – М.: Педагогика, 1988.-С. 77-78
5. Кулик, Л.А., Берестов, Н.И. Семейное воспитание. – М.: Просвещение, 1990. – С. 38
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 17. 05. 2004
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 02.08.2011, № 762.


## АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ КОПИНГ ОМИЛИ РУШДИ ПСИХОЛОГИИ ШАХС

***АХМЕДЗОДА Тавҳида Абдуваҳоб*** *– ассистенти кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,* ***E-mail:*** *akhmedzoda.tavkhda@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 515 25 73*

Копинг дар илми психологияи муосир вобаста ба тадқиқоти олимони бузурги рус ва хориҷӣ амали асосии уҳданамоӣ ба муқобили стресс нигаронида шудааст. Ба хусус ин нуқта дар омӯзиши психологияи шахс васиъ истифода бурда мешавад. Ҳангоми руй додани ҳолатиҳои стресс шахс бисёр ба мушкилоти ногувор дучор мегардонад, ки халу фасли он ба маҳорату таҷрибаи идора ва ислоҳи онҳо вобаста аст. Копин ҳамчун омили мутобиқшави ба мушкилоти зиндагӣ ва ҳолатҳои нобаҳангоми муҳити атроф, танзим ва муътадилгардонии вазъияти стресовар ва бартарафгардонии механизмҳои психологии психосоматики ва соматопсихики равона карда мешавад. Муҳақиқони психологи дар боло номбаршуда исбот намуданд, ки омилҳои пешбари вазъияти бӯҳронӣ шиддати равонӣ, таҷрибаҳои назаррас ҳамчун кори махсуси дохилӣ барои рафъи рӯйдодҳо ё осебҳои ҳаёт,

тағирот дар худбаҳодиҳӣ ва ҳавасмандкунӣ, инчунин зарурати возеҳ барои ислоҳ ва дастгирии психологӣ аз берун ворид мегардад.

Дар байни муҳаққиқон мафҳумҳои «механизмҳои муҳофизатӣ» ва «механизмҳои уҳданамоӣ» (рафторҳои копинг) ҳамчун муҳимтарин шаклҳои мутобиқшавӣ ва вокуниши фардӣ ба ҳолатҳои стресс ҳамдигарро пурра мекунанд. Копинги рафтор ҳамчун стратегияи амалҳои шахсият истифода мешавад, ки ба рафъи ҳолати таҳдиди равонӣ нигаронида шудааст. Дар бисёр ҳолатҳо шахс барои ҳалли низоъ ё коҳиш додани изтироб механизмҳои гуногуни ҳимояро тариқи уҳданамоӣ ба воқеият истифода мебаранд. Функсия ва ё вазифаҳои муҳофизатӣ-психологиро метавон мусбат арзёбӣ кард, зеро онҳо шахсро аз таҷрибаҳои манфӣ, дарки иттилооти равонӣ-травматикӣ муҳофизат мекунанд, изтиробро бартараф мекунанд ва ба нигоҳ доштани худбаҳодиҳӣ дар вазъияти муноқиша мусоидат мекунанд. Дар раванди омӯзиши методологияи олимони рус ва айни замон, аҳамияти самаранокии копинг ё худ уҳданамоӣ имкони пешгӯии рафтори инсон дар ҳолатҳои фавқулодда, вазъиятҳои муташаниҷ мушоҳида карда шуданд. Ӯҳда намудан аз болои рафтори худ ба хислатҳои шахсияти инфиродӣ алоқаманд буда, яке аз равандҳои идоракунии захираҳо, яъне сафарбаркунӣ ва истифодаи оптималии онҳо мебошад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *копинг, уҳданамоӣ, стресс, мутобиқшавӣ, муҳофизат, психология, идоракунӣ, ислоҳшавӣ, таҳлил, омӯзиш, методология.*

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КОПИНГА КАК ФАКТОР ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ

***АХМЕДЗОДА Тавхида Абдувахоб*** *– ассистент кафедры психологии факультета философии Таджикского Национального Университета Таджикский Национальный Университет, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *akhmedzoda.tavkhda@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 515 25 73*

Копинг в науке современной психологии, основанной на исследованиях великих российских и зарубежных учёных, является основным действием, направленным на борьбу со стрессом. В частности, этот момент широко используется при изучении психологии человека. При возникновении стрессовых ситуаций человек сталкивается со множеством неприятных проблем, решение которых зависит от умения и опыта управления ими и их исправления. Копин применяется как фактор адаптации к жизненным проблемам и условиям окружающей среды, регуляции и стабилизации стрессовых ситуаций, устранения психосоматических и соматопсихических психологических механизмов. Вышеупомянутыми исследователями-психологами доказано, что ведущими факторами кризисной ситуации являются психологический стресс, значительные переживания как особая внутренняя работа по преодолению жизненных событий или травм, изменение самооценки и мотивации, а также выраженная потребность в коррекции и психологической помощи. поддержка извне.

Среди исследователей понятия «защитные механизмы» и «механизмы борьбы» (копинг-поведения) дополняют друг друга как важнейшие формы адаптации и индивидуального реагирования на стрессовые ситуации. Поведенческий копинг используется как стратегия действий личности, направленная на устранение психологической угрозы. Во многих случаях люди используют различные защитные механизмы, чтобы справиться с конфликтом или уменьшить тревогу реалистичным способом. Защитно-психологическая функция или задачи могут быть оценены положительно, поскольку они защищают человека от негативных переживаний, восприятия психолого-травмирующей информации, устраняют тревогу и помогают сохранить самооценку в конфликтной ситуации. В процессе изучения методики российских ученых одновременно была отмечена важность эффективности копинга или способности прогнозировать поведение человека в чрезвычайных ситуациях и стрессовых ситуациях. Управление собственным поведением связано с индивидуальными особенностями личности

и является одним из процессов управления ресурсами, то есть их мобилизации и оптимального использования.

***Ключевые слова:*** *копинг, способность, стресс, адаптация, защита, психология, управление, коррекция, анализ, обучение, методология.*

## METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF COPING AS A FACTOR IN THE PSYCHOLOGICAL DEVELOPMENT OF THE INDIVIDUAL

***AKHMEDZODA Tavkhda Abduvahob*** *– psychological department assitant, Philosophy faculty, Tajik National University, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.* ***E-mail:*** *akhmedzoda.tavkhda@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 93 515 25 73*

Coping in the science of modern psychology, based on the research of great Russian and foreign scientists, is the main action aimed at combating stress. In particular, this point is widely used in the study of human psychology. When stressful situations arise, a person is faced with many unpleasant problems, the solution of which depends on the ability and experience of managing and correcting them. Copine is used as a factor of adaptation to life problems and environmental conditions, regulation and stabilization of stressful situations, elimination of psychosomatic and somatopsychological psychological mechanisms. The above-mentioned psychological researchers have proven that the leading factors in a crisis situation are psychological stress, significant experiences as special internal work to overcome life events or traumas, changes in self-esteem and motivation, as well as a pronounced need for correction and psychological help. external support.

Among researchers, the concepts of “defense mechanisms” and “fighting mechanisms” (coping behavior) complement each other as the most important forms of adaptation and individual response to stressful situations. Behavioral coping is used as a strategy for an individual’s actions aimed at eliminating a psychological threat. In many cases, people use various defense mechanisms to cope with conflict or reduce anxiety in a realistic way. The protective psychological function or tasks can be assessed positively, since they protect a person from negative experiences, the perception of psychologically traumatic information, eliminate anxiety and help maintain self-esteem in a conflict situation. In the process of studying the methodology of Russian scientists, the importance of coping efficiency or the ability to predict human behavior in emergency situations and stressful situations was simultaneously noted. Managing one’s own behavior is associated with individual characteristics and is one of the processes of resource management, that is, their mobilization and optimal use.

***Key words:*** *coping, ability, stress, adaptation, protection, psychology, management, correction, analysis, training, methodology.*

Шароити муосири зиндагӣ ба қобилиятҳои мутобиқшавии шахс аз инсон як қатор талаботро тақозо дорад. Масъалаи рафъи ҳолатҳои стресс ва бартараф намудани он аз ҷониби шахсро муҳаққиқони соҳаҳои гуногун: биология, тиб, психофизиология, психология омӯхта мешавад ва дар айни замон яке аз масъалаҳои муҳимтарини илм боқӣ мемонад. Таваҷҷуҳи доимӣ ба ин мушкилот аз сабаби афзоиши таъсири манфии шароити табиӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароити номусоид ба шахс мебошад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши роҳҳои психологии мубориза бо стресс ҳамчун омили мутобиқшавии бомуваффақияти инсон дар ҷаҳони муосир аҳамияти хоса дорад. Тадқиқоти аз ҷониби муаллифони рус ва хориҷӣ гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки шахс махсусан аз ҷиҳати саломатии соматикӣ ва психосоматикӣ осебпазиранд. Чунончи, як гуруҳ донишмандони психолог Б.Г.Ананев., Л.И.Анцыферова, Ф.Б.Березин, В.А.Бодров, В.П.Казначеев, А.Р.Кудашев, В.И.Медведев, Ф.З.Меерсон, А.А.Реан, М.С.Яницкий Муager V.K., 1983; Earash B, A., 1985: G'roysman A.JL, 1988; Budyka E.V., 1992; Александров А.А., 1994 Б; ва дигарон тарафдори чунин ақидаанд.

Б.Г. Ананев ду гурӯҳи омилҳои муваффақияти мутобиқшавиро муайян кардааст: субъективӣ (синну сол, ҷинс, хусусиятҳои физиологӣ ва психологӣ) ва муҳити зист (шароити меҳнат, шакл ва хусусияти фаъолият, хусусиятҳои муҳити иҷтимоӣ). [1с 48].

Шахс аксар вақт ба таъсири шароити шадиди зиндагӣ, яъне бо стресс рӯ ба рӯ мегарданд. Маълум аст, ки дар ин маврид хам сарбории психологӣ ва хам талабот ба устувории физиологии одам якбора зиёд мешавад. Барои уҳда намудан бо стресс, ҳар як шахс дар асоси таҷрибаи худ, стратегияҳои копинг ё худ уҳда намудан, ки ӯ таҳия кардааст (рафторӣ, когнитивӣ ва эмотсионалӣ) бо назардошти дараҷаи қобилиятҳои мутобиқшавӣ истифода мебарад.

А. Бусеман (1925-1926) чунин мешуморад, ки шахс бояд таҷрибаи ҷаҳони берунаро ба худаш гузаронад [2 с 32]. Ин мушкилот чандон дарк карда нашудааст. Зеро таваҷҷӯҳ ба стратегияҳои копинг бо мушкилот дар психология нисбатан ба наздикӣ пайдо шудааст. Бинобар мураккабии падидаи копинг (уҳда намудан, мубориза бурдан) бо мушкилот тадқиқотчиёнро то ҳол ба як ақидаи ягона наовардаанд. Корҳо оид ба стратегияҳои копинг бар зидди мушкилот то ҳануз хеле парокандаанд. Бинобар ин қариб ҳар як муҳакик ҳангоми омӯзиши мушкилоти чараи мубориза бар зидди рафтор низоми таснифоти хешро пешниҳод мекунад. Ҳамзамон, бо мақсади бо як навъ низом равишҳои мавҷударо тибқи копинг бо стратегияҳои коркардашуда таснифоти мувофиқро ба амал ҷорӣ мекунад.

Мо ин мавзӯъро барои пурра кардани дониш, сохтори маводи назариявӣ, барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи стратегияҳои копинг ва ба ин васила фароҳам овардани замина барои фаъолияти амалӣ баррасӣ кардем.

Баррасии робитаи байни рафтори копинг ва рефлексия ба мо имкон медиҳад, ки ба омӯзиши мушкилоти рафтори копинг бо донишҷӯён ва нақши рефлексия дар он наздик шавем.

Масъалаи «копинг»-и (уҳданамоӣ, мубориза, мутобиқшавӣ) шахси гирифтори вазъиятҳои душвори ҳаётӣ дар психология дар нимаи дуюми асри XX ба миён омад. Муаллифи истилохи "coping" А. Маслоу буд, ки ин истилоҳро аз забони англисӣ ба таҳқиқ даровардааст. Дар психологияи олимони рус он ҳамчун рафтори мутобиқшавӣ, мувофиқаткунанда ба рафъи мушкилоти равонӣ маънидод карда шудааст. Дар ибтидо мафҳуми «рафторҳои мубориза бар зидди «стрес» дар психология ҳамчун копинг истифода бурда мешуд ва маҷмӯи кӯшишҳои маърифатӣ ва рафтори шахс барои коҳиш додани таъсири стресс манидод мегардид. Айни замон, мафхуми «копинг» дар асархои гуногун озодона истифода шуда, доираи васеи фаъолияти инсонро фарогир аст.

Мақсади психологии копинг дар он аст, ки шахс то ҳадди имкон ба талаботи вазъият мутобиқ карда шавад. Рафтори уҳданамоӣ вақте рух медиҳад, ки шахс дар вазъияти бӯҳронӣ қарор дошта бошад. Ҳар як ҳолати бӯҳронӣ бо аксуламалҳои эҳсосӣ ва рафтории дорои хусусият ва дараҷаи гуногуни алоқамандӣ пеш меояд. Омилҳои пешбари вазъияти бӯҳронӣ шиддати равонӣ, таҷрибаҳои назаррас ҳамчун кори махсуси дохилӣ барои рафъи рӯйдодҳо ё осебҳои ҳаёт, тағирот дар худбаҳодиҳӣ ва ҳавасмандкунӣ, инчунин зарурати возеҳ барои ислоҳ ва дастгирии психологӣ аз берун ворид мегардад.

Мафҳуми «копинг» дар мактабҳои гуногуни равоншиносӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Ба андешаи А.Маслоу, рафтори уҳданамоӣ ба рафтори экспрессивӣ мухолиф аст. Ҳамин тариқ, равоншинос рафтори уҳданоамоиро ҳамчун амали мақсаднок ва асоснок тавсиф кардааст, ки натиҷаи омӯзиш мебошад. Вай инчунин изҳор дошт, ки копинг бо тағирёбандаҳои беруна, ки аз ҷониби фарҳанг ва муҳити зист муайян карда мешаванд алоқаманд аст. Рафтори уҳданамоӣ он чизеро дар назар доштааст, ки кӯшишҳо анҷом дода мешаванд ва воситаҳои муайян истифода мешаванд ва ҳадафи он қонеъ кардани талабот ё коҳиш додани таҳдид аст. Копинг бештар идорашаванда аст (маҳдуд, маҷбурӣ,), зеро он табиатан бошуурона аст. Чанд равишҳои мавҷуданд, ки ба омӯзиши самаранокии копинг машғӯл шудаанд.

**Равиши аввал неопсихо-аналитикӣ** мебошад. Равандҳои копинг бо равандҳои эго(вай) баррасӣ мешаванд, ки ба мутобиқшавии самараноки шахс дар ҳолатҳои душвор

нигаронида шудаанд. Фаъолияти равандҳои копинг бо мушкилот дохил кардани сохторҳои маърифатӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ҳавасмандии шахс вобаста аст. Дар сурати нотавон будани шахс барои бартараф кардани мушкилот, механизмҳои муҳофизатӣ фаъол мешаванд, ки ба мутобиқшавии ғайрифаъол мусоидат мекунанд. Чунин механизмҳо ҳамчун роҳҳои қатъӣ ва номутобиқатии копинг бо мушкилоте муайян карда мешаванд, ки шахсро аз самти дурусти худ дар воқеият пешгирӣ мекунанд. Ба ибораи дигар, копинг ва ҳимоя дар асоси ҳамон равандҳои эго амал мекунанд, аммо онҳо механизмҳои муқобили бартараф кардани мушкилот мебошанд.

**Равиши дуюм** копингро ҳамчун хислатҳои шахсият муайян мекунад, ки имкон медиҳад, ки имконоти воқеиятти исбатан доимии вокуниш ба ҳолатҳои стресс истифода шавад. А. Биллингс ва Р. Мус се роҳи копинг (уҳданамоӣ)-ро бо вазъияти стресс ҷудо мекунанд.

1. Копинг бо баҳодиҳӣ нигаронида шуда, бо стресс, ки кӯшиши муайян кардани маънои вазъият ва татбиқи стратегияҳои муайянро дар бар мегирад, ифода мегардад: таҳлили мантиқӣ, баҳодиҳии маърифатӣ ва ғ.

2. Копинг, ки ба пешгирии мушкилот нигаронида шудааст, бо стресс бо мақсади тағир додан, кам кардан ё аз байн бурдани манбаи стресс нигаронида мешавад.

3. Копинг бо эҳсосот – уҳданамоӣ бо стресс, ки кӯшишҳои маърифатӣ, рафториро дар бар мегирад, бо онҳо шахс кӯшиш мекунад, ки фишори эҳсосиро коҳиш диҳад ва мувозинати самаранокро нигоҳ дорад.

**Дар равиши сеюм** копинг ҳамчун як раванди динамикӣ амал мекунад, ки бо субъективии эҳсоси вазъият ва бисёр омилҳои дигар муайян карда мешавад. Р. Лазарус ва С. Волкман бартарафсозии психологиро ҳамчун кӯшишҳои маърифатӣ ва рафтории шахс муайян карданд, ки ба паст кардани таъсири стресс нигаронида шудааст. Шакли фаъоли рафтори копинг, бартарафсозии фаъол ин рафъи мақсаднок ё суст кардани таъсири вазъияти стресс мебошад. Рафтори мубориза бо пассивӣ ё бартарафсозии ғайрифаъол, истифодаи ногузири механизмҳои ҳимояи психологӣ мебошад, ки ба коҳиш додани фишори эмотсионалӣ равона шудаанд, на ба тағир додани вазъияти стресс. Р. Лазар се намуди стратегияи копингро бо вазъияти таҳдидкунанда ҷудо кард:

- Механизмҳои ҳимоя аз мансубиятҳо;
- Амали мустақим – ҳамла ё парвоз, ки бо хашм ё тарс ҳамроҳ мешавад;
- Моликият(соҳибият)-и муштарак бидуни таъсир, вақте ки таҳдиди воқеӣ вуҷуд надорад, аммо эҳтимолияти вуҷуд доштани он ҳаст.

Мувофиқи ақидаи С. Волкман ва Р. Лазарус копинг ду вазифаи асосиро иҷро мекунад:

1.Танзими эҳсосот (копинг ба эҳсосот нигаронида шудааст);

2. Идора кардани мушкилоте, ки боиси изтироб мешаванд (уҳданамоии ба мушкилот нигаронидашуда). Ҳардуи ин вазифаҳо дар аксари ҳолатҳои стресс иҷро карда мешаванд. Таносуби миқдории онҳо аз он вобаста аст, ки вазъиятҳои стресс чӣ гуна арзёбӣ мешаванд. Баҳодиҳии ҳодисаҳои рӯйдода дар раванди эволютсияи инсон нақши муҳим мебозад, шиддат ва хусусияти эҳсосоте, ки шахс ҳангоми дучор шудан ба мушкилот аз он вобаста аст. Д. Галлагер тахмин кард, ки баҳодиҳии ҳодиса ба ҳаҷми захираҳое вобаста аст, ки шахс барои уҳда намудан бо ин ходиса мавҷуд аст. Агар шахс захираҳоро, нокифоя арзёбӣ кунад, ҳодиса ҳамчун таҳдид қабул карда мешавад. Одатан одамоне, ки ба стресс тобоваранд ба таври кофӣ захираҳои худро арзёбӣ мекунанд ва рӯйдодҳои стрессро ҳамчун тағирот қабул мекунанд (Галагер Д., 1990).

Ду намуди фаъолияти маърифатӣ вуҷуд дорад: баҳодиҳии ибтидоӣ ва миёна. Арзёбии ибтидоӣ ба шахс имкон медиҳад, ки қарор кунад, ки оё вазъият таҳдид мекунад ё онро ҳамчун вазъияти тағирёбанда тасниф кардан мумкин аст, ки ба некӯаҳволии ӯ таҳдид намекунад. Он ба шумо имкон медиҳад, ки қувваи таъсири стрессро арзёбӣ кунед, эҳтимолияти зарари онро бо қобилиятҳои инфиродӣ муқоиса ва бартараф гардонед.

Арзёбии дуюмдараҷа арзёбии ибтидоиро пурра мекунад. Он муайян мекунад, ки кадом усулҳоро барои таъсир расонидан ба ҳодисаи манфӣ ва натиҷагирӣ истифода бурдан мумкин аст, яъне раванди интихоби механизмҳо ва захираҳо барои бартараф кардани

стресс мувофиқ бошад. Бо ёрии он, шахс тасмим мегирад, ки дар вазъияти додашуда чӣ кор карда метавонад. Баҳодиҳии маърифатии вазъият пас аз таҳияи механизмҳои рафъи стресс сурат мегирад.Агар дар ҳайвонот аксуламали рафторӣ ба таъсири манфии муҳити зист асосан бо канорагирӣ, аз вазъияти таҳдидкунанда хатар зоҳир шавад, пас дар одамон ҳангоми рафъи стресс равандҳои тафаккури маърифатӣ барои қабули қарори мутобиқшавӣ ба кор медароянд (Лазарус Р.С., 1984).

А. Незу, Т. Зурилла, М. Голдфрид аввалин шуда раванди халли проблемахои ичтимоӣ ё чараёни копингро тавсиф намуданд. Ин як лаҳзаи муҳими назариявӣ дар омӯзиши ташаккули рафтори фаъоли копинг - стратегияҳои ҳалли мушкилот буд. Ҳалли фаъоли масъалаҳо раванди маърифатӣ-рафторӣ буда, дар натиҷаи он салоҳияти умумии иҷтимоии шахс ташаккул меёбад.

Муҳақиқи дигар Морфи қайд мекунад, ки копинг ҳамчун раванд кӯшишҳои муайянро дарбар мегирад, бинобар ин онро ба механизмҳои автоматикунонидашудаи мутобиқшавӣ ба монанди рефлексҳо коҳиш додан мумкин нест. Онҳо дар навбати худ, нисбат ба механизмҳои копинг барандаи дастгоҳҳои ибтидоӣ мебошанд. Муаллиф дар асоси тадқиқоти худ дар бораи рафтори ҳайвонот ва кӯдакони хурдсол пешниҳод мекунад, ки дар баробари ташаккули инсон механизмҳои маърифатӣ ва рамзгузорӣ дар фаъолият бештар маъмул шуда, нақши механизмҳои ибтидоӣ нисбат ба копинг бо мурури замон камтар мегардад.

Дар байни муҳаққиқон мафҳумҳои «механизмҳои ҳимояи психологӣ» ва «механизмҳои уҳданамоӣ» (рафторҳои копинг) ҳамчун муҳимтарин шаклҳои баҳисобгирии мутобиқшавӣ ва вокуниши фардӣ ба ҳолатҳои стресс ҳамдигарро пурра мекунанд. Сустшавии равонӣ дар доираи фаъолияти бухронӣ бо ёрии механизмҳои ҳимояи психологӣ сурат мегирад. Копинги рафтор ҳамчун стратегияи амалҳои шахсият истифода мешавад, ки ба рафъи ҳолати таҳдиди равонӣ нигаронида шудааст.

Механизмҳои ҳимояи психологӣ гуногун ва мушаххас аст. Дар истилоҳот низ ягонагӣ вуҷуд надорад. Аммо мавҷудияти механизмҳои муҳофизатӣ ба таври таҷрибавӣ тасдиқшуда ҳисобида мешаванд, мавҷудият инкор карда намешавад. Илова бар ин, онҳо дар назария ва амалияи психология, психотерапия ва психиатрия васеъ истифода мешаванд. Дар ҳаёти оддии ҳар як шахс (кудак ё калонсол) ҳолатҳои муайяни эҳсосӣ ва манфие ба миён меоянд, ки таҷрибаи онҳо боиси ихтилоли гуногуни шахсият, нохушиҳо, таъсироти манфӣ ва харобшавӣ мегардад. Вақте ки хоҳишҳо, манфиатҳо талаботи шахсро қонеъ намекунанд, сарфи назар аз кӯшишҳои зиёд, ҳолатҳои шиддати эмотсионалӣ - стресс ва рӯҳафтодагӣ ба вуҷуд меоянд.

Аксар вакт хамаи кушишхои конструктивӣ ба максади дилхох оварда намерасонанд. Шиддат идома меёбад ва шахс пайхас кардани роҳҳои алтернативироидома медихад. Илова бар ин, афзоиши шиддат аксар вақт бо ҳаяҷони эмотсионалӣ, ки ба равандҳои интихоби оқилона халал мерасонад, ҳамроҳӣ мекунад: одам хавотир мешавад, воҳму ҳаррос пайдо мешавад, назорати худро аз даст медиҳад ва оқибатҳои гуногуни харобиовар ба вуҷуд меоянд. Тавре дар боло қайд кардем, истилоҳи «ҳимояи психологӣ» -ро бори аввал равоншиноси маъруфи австриягӣ Зигмунд Фрейд ба психология ворид кардааст. Мафхуми мукаммалтари механизмхои химояи психологиро А.Фрейд, аз чумла дар асари худ «Психологияи Ман ва механизмхои ҳимоятӣ», ки нусхаи русии он соли 1993 нашр шудааст, пешниход кардааст. Ҳимояи равониро яке аз механизмҳои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии шахсият ҳисоб карда, вай чунин мешуморад, ки онҳо роҳҳои беҳушӣ мебошанд, ки дар раванди ташаккули шахсият барои ноил шудан ба созиш байни қувваҳои мутақобилаи ид ё суперэго ва воқеияти беруна ба даст оварда мешаванд. Механизмҳои муҳофизати психологӣ ба коҳиш додани изтироб, ки дар натиҷаи муноқишаи дохилии равонӣ ба вуҷуд меоянд, нигаронида шудаанд. А.Фрейд (аз паси падараш З.Фрейд) чунин меҳисобад, ки механизми ҳимоятӣ ба ду намуди реаксияҳо асос ёфтааст:

1. Бастани ифодаи импулсҳо дар рафтори бошуурона;

2. Онҳоро ба дараҷае таҳриф кардан, ки шиддатнокии аслии онҳо ба таври қобили мулоҳиза кам ё ба паҳлӯ ғарқ шавад.

Шурӯъ аз З.Фрейд ва дар корҳои минбаъдаи мутахассисоне, ки механизмҳои ҳимояи психологиро меомӯзанд, борҳо қайд шудааст, ки ҳимоя барои инсон дар шароити муқаррарӣ, дар шароити шадид, вазнин, стрессии зиндагӣ қобилияти муттаҳид кардан ба даст овардан шакли ҳимояи психологӣ дида мешавад. Ин метавонад «ба умқи» мунокишаи дохилишахсӣ ворид шуда, онро ба манбаи беҳушии норозигӣ аз худ ва дигарон табдил диҳад ва инчунин ба пайдоиши механизмҳои махсусе, ки онро муқовимати З.Фрейд меноманд, мусоидат намояд.

Дар психология мафҳумҳои механизмҳои мухофизатӣ низ дучананд. Яке аз равишҳои консептуалии ҳимояи психологиро Ф.В. Бассин ифода кардааст. Дар ин ҷо ҳифзи психологӣ муҳимтарин шакли вокуниши шуури фард ба осеби равонӣ дониста мешавад. Равиши дигар дар осори Б.Д. Карвасарский маънидод шудааст. Вай химояи психологиро системаи реаксияхои мутобихшавии фард мешуморад, ки ба тагйироти хифзии ахамияти чузъхои носозгори муносибатхо — когнитивӣ, эмотсионалй, рафторй — бо максади суст кардани таъсири психо-травматикии онхо ба мафхуми «ман» нигаронида шудааст. Ба акидаи онхо, ин процесс, чун коида, дар доираи фаъолияти бешууронаи психика бо ёрии як катор механизмхои хифзи психологӣ ба амал меояд, ки баъзеи онхо дар фсатхи идрок амал мекунанд (масалан, репрессия), дигарон. Дар сатҳи табдилдиҳӣ иттилоот (масалан.рационализатсия). Устуворӣ, истифодаи зуд-зуд, сахтгирӣ, робитаи зич бо стереотипҳои нодурусти тафаккур, ҳиссиёт ва рафтор, дохил шудан ба системаи қувваҳои мутақобила бо ҳадафҳои рушди худшиносӣ чунин механизмҳои муҳофизатиро ба рушди шахсият зараровар мегардонанд. Хусусияти умумии онҳо ин рад кардани шахс аз фаъолиятхое мебошад, ки барои ҳалли самараноки вазъият ё мушкилот пешбинӣ шудаанд. Ҳамин тавр, механизмҳои муҳофизатӣ- психологӣ ин муқобилияти табиии инсон ба муҳити зист мебошад. Вай бешуурона ӯро аз изофабори эмотсионалӣ-манфӣ муҳофизат мекунад. Хамаи техникаи ба назар гуногунро, аслан ба як вазифаи ягона кам кардан мумкин аст: «Чи коре мекунед, новобаста аз он ки чӣ тавр мекунед, агар факат барои ба даст овардани вазъияти бароҳат амният бошад». Копинг ё худ уҳданамоӣ сохтори инфиродӣ ва ё"сохташуда"нест. Дар процесси ичтимойшавӣ механизмҳои муҳофизатӣ дар зери таъсири чамъиятӣ ба вучуд меоянд, тагьир меёбанд ва аз нав сохта мешаванд. Масалан, химоя метавонад ба алтруизм ё ҷамъоварии арзишҳо табдил ёбад. Дар ниҳояти кор, ҳимояи психологӣ ба як роҳи мавҷудият барои эҳтиёҷот, хоҳишҳо табдил меёбад. Ҳама механизмҳои муҳофизатӣ ду хусусияти умумӣ доранд:

1. Дар сатҳи бешуурона амал мекунанд ва аз ин рӯ василаи худфиребӣ мебошанд;

2. Онҳо дарки воқеиятро таҳриф мекунанд, инкор мекунанд, тағир медиҳанд ё сохтакорӣ мекунанд, то хатари изтироб барои шахсият камтар таҳдид кунанд.

Одатан донишҷӯён барои ҳалли низоъ ё коҳиш додани изтироб механизмҳои гуногуни ҳимояро истифода мебаранд. Функсияҳои муҳофизатӣ-психологиро метавон мусбат арзёбӣ кард, зеро онҳо шахсро аз таҷрибаҳои манфӣ, дарки иттилооти равонӣ-травматикӣ муҳофизат мекунанд, изтиробро бартараф мекунанд ва ба нигоҳ доштани худбаҳодиҳӣ дар вазъияти мунокиша мусоидат мекунанд. Амали муҳофизат одатан кӯтоҳмуддат аст ва то даме давом мекунад, ки барои фаъолияти нав лозим аст. Аммо, агар ҳолати некӯаҳволии эмотсионалӣ барои муддати тӯлонӣ муқаррар карда шавад ва аслан фаъолиятро иваз кунад, пас тасаллии психологӣ аз ҳисоби дарки нигаронии воқеият ба даст меояд. Уҳданамоии психологӣ бо мақсади таъмини некӯаҳволии лаҳзаи эҳсосот, бо дарназардошти дурнамои дарозмуддат амал мекунад. Бо афзоиши ахбороти манфӣ, танқид, нобарорӣ ногузир процесси ичтимоишавӣ вайрон шуда, хифзи психологиеро, ки муваккатан беморихои объективии шахсро ба таври иллюзорӣ-мусбат дарк кунад, камтар мешавад. Дар холати бесамар будани амали он, ё ташаккули нокифоя, хангоми тахдиди вайроншавии невротик, фард беихтиёр рохи халосиро чустучу мекунад ва аксар вакт онро дар мухити беруна пайдо мекунад. Аз рӯи натиҷаҳои методологияи Э. Ҳейм дида мешавад, ки дар блоки стратегияҳои муборизаи когнитивӣ аксарияти субъектҳо чунин стратегияи

мубориза бо «муқаррар намудани арзишҳои худ», дар блоки стратегияҳои муборизаи эмотсионалӣ - «оптимизм», дар блоки стратегияҳои мубориза бо рафтор - «ҳамкорӣ» ва «ақибнишинӣ» ҳосил гардиданд. Ҳамаи ин стратегияҳои мубориза бо онҳо мутобиқанд, ки якҷоя онҳо барои зуд мубориза бурдан ба ҳолатҳои стресс кӯмак мекунанд.

Дар айни замон, аҳамияти самаранокии копинг ё худ уҳданамоӣ ба мо имкони пешгӯии рафтори инсон дар ҳолатҳои фавқулодда, вазъиятҳои муташаниҷ мушоҳида карда шуданд. Ӯҳда намудан аз болои рафтори худ ба хислатҳои шахсияти инфиродӣ алоқаманд буда, яке аз равандҳои идоракунии захираҳо, яъне сафарбаркунӣ ва истифодаи оптималии онҳо мебошад. Дар шароити стресс мутобиқшавии психологии шахс асосан тавассути ду механизм сурат мегирад: ҳимояи психологӣ ва механизмҳои копинг.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф мо мушоҳидаҳои зеринро иҷро кардем:

1. Масъалаҳои омӯзиши механизмҳои муҳофизати психологӣ ва копинг бо рафтор дар илми равоншиносӣ баррасӣ мешаванд;

2. Методхои интихобшудаи омӯзиши механизмҳои ҳимояи психологӣ ва копинг бо рафтори психологӣ ифода меёбанд;

3. Механизмҳои асосии ҳимояи психологӣ ва стратегияҳои копинг бо рафтори донишҷӯёни факултети равоншиносӣ омӯхта шудаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиётм муҳақиқони хориҷи ва методологии олимони рус мо фаҳмидем, ки донишҷӯён стратегияҳои мушаххаси копинг ва механизмҳои ҳимояи равонӣ доранд. Вобаста ба натиҷаи таҳқиқот байни донишҷӯён стратегияи зерини копинг афзалиятнок муайян карда шуд,ҳалли мушкилот осон гардид. Ҳамин тариқ, ҳадафи мо амалӣ гардид.

**АДАБИЁТ**


1. Ананев, Б.Г., Coping strategies как условие формирования идентичности // Мир психологии. 2004. №2
2. Буседан, А., Психология жизненных ситуаций. М., 1998.
3. Дементий, Л.И. К проблеме диагностики социального контекста и стратегий копинг-поведения // Журнал прикладной психологии. 2004. №3.
4. Нартова-Бочавер, С.К. "Coping behavior" в системе понятий психологии личности // Психологический журнал. 1997. Т.18. №5.
5. Бурлачук, Л.Ф., Коржова Е.Ю. Психология жизненных ситуаций. М., 1998.
6. Демина, Л.Д., Ральникова И.А. Психическое здоровье и защитные механизмылич ности, 2000.
7. Мельник, С.Н. Психология личности // ТИДОТ ДВГУ. 2004.
8. Каменская, В.Г. Психологическая защита и мотивация в структуре конфликта: Уч. пособие для студ. пед. и психол. специальностей.Спб.: Детство-пресс, 1999
9. Фрейд, А. “Психология “Я” и защитные механизмы” - М., “Педагогика-Пресс”, 1993.
10. Бассин, Ф.В. О силе «Я» и психологической защите // Самосознание и защитные механизмы личности. Хрестоматия. - Самара, Издательский Дом «БАХРАХ-М», 2000.
11. Китаев-Смык, Л.А. Психология стресса. – М.: Наука, 1983. – 368 С.


## ВОСПИТАНИЕ ИНТЕРЕСА К ИЗУЧЕНИЮ РУССКОГО ЯЗЫКА У МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

***ДЖУМАЕВА Курбонбиби Турсуновна*** *– преподаватель кафедры русского языка и литературы Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава г. Бохтар, ул. Айни, 67.* ***E-mail:*** *dkurbonbibi@bk.ru,* ***тел.:*** *(+992) 934 12 41 62*

В данной статье обосновываются некоторые методические приёмы, которые помогают воспитывать любовь и прививать интерес к изучению русского языка, обеспечивают эффективность преподавания.

По мнению автора одним из эффективных путей активизации интереса к предмету является дидактическая игра. В игре вложены воспитательные, образовательные и развивающие возможности. В процессе игр дети получают различные знания о предметах и явлениях. Для того чтобы развивать умственные и творческие способности учащихся, нужно вызвать интерес к занятиям, этим интересным методом является игра, которая считается основной формой деятельности в жизни ребёнка.

По словам автора для развития интереса к изучению русского языка важно соблюдать принцип: чем младше учащиеся, тем нагляднее должно быть обучение и тем большую роль должно играть активное действие. Эффективным способом проявления интереса к предмету, является грамотное применение игровых технологий. Игра это одна из основных видо деятельности учащихся начальных классов, посредством которой ребёнок знакомится с окружающим миром, получает новые знания, обретает умения и навыки, необходимые для его жизни в обществе.

Кроме того, автор считает, что игра имеет общее и с учебной деятельностью, она тоже многому обучает. В дидактических играх школьник усваивает много полезного для себя сведений, моральные нормы общественной жизни, благодаря дидактическим играм вырабатывается ряд учебных умений и навыков.

***Ключевые слова:*** *воспитание, игра, изучение, личность, стремление, обучающая задача, знание, активизация, творческие способности, навыки.*

## ТАРБИЯИ ДОНИШАНДӮЗИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ

***ҶУМАЕВА Қурбонбибӣ Турсуновна*** *– омӯзгори кафедраи забон ва адабиёти руси, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.* ***E-mail:*** *dkurbonbibi@bk.ru,* ***тел.:*** *(+992) 934 12 41 62*

Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе усулҳои методие асоснок карда шудаанд, ки барои бедор намудани шавқи омӯзиши забони русӣ таъсири босамар мерасонад.
Ба акидаи муаллиф яке аз роҳҳои таъсирбахш барои бедор намудани шавқу ҳавас барои омӯзиши забони русӣ дар чараёни таълим ин бозихои дидактикӣ мебошанд. Бозӣ дар раванди дарс ҷиҳатҳои таълимӣ ва тарбиявиӣ доршта, ҳангоми гузаронидани он бачаҳо дониши худро ҳаматарафа сайқал медиҳанд. Барои инкишофи фаъолияти фикрӣ ва эҷодии онҳо бояд дарсҳо шавқовар гузаронида шаванд. Яке аз ин методҳое, ки барои фаъолияти эҷодии онҳо зарур аст ин гузаронидани бозӣ дар раванди дарсҳои забони русӣ мебошад.

Аз рӯйи гуфтаҳои муаллиф барои икишофи донишандӯзии хонандагон дар дарсҳои забони русӣ бояд принсипи мазкурро риоя намуд: чи қадаре хонанда хурд бошад дар раванди таълим бояд ҳамон қадар аённият бештар истифода шавад. Бозӣ яке аз фаъолияти асосӣ дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ мебошад, ки ба воситаи он кӯдак дониши нав гирифта малакаву маҳорати дар ҷомеа заруриро мегирад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *тарбия, бозӣ, омӯзиш, шахсият, кӯшиш, вазифаи таълим, дониш, фаъолсозӣ, маҳорати эҷодӣ, малака.*

# EDUCATION OF INTEREST IN LEARNING THE RUSSIAN LANGUAGE IN JUNIOR SCHOOLCHILDREN

***DZHUMAEVA Kurbanbibi Tursunovna*** *– is a teacher of the Department of Russian Language and Literature of the Nosir Khusrav Bokhtar State University, Bokhtar, currently 67 str.* ***E-mail:*** *dkurbonbibi@bk.ru,* ***phone:*** *(+992) 934 12 41 62*

This article justifies some methodological techniques that help to educate love and instill interest in learning the Russian language, ensure the effectiveness of teaching.

According to the author, one of the effective ways to activate interest in the subject is a didactic game. The game includes educational, educational and developmental opportunities. In the process of games, children receive various knowledge about objects and phenomena. In order to develop students' mental and creative abilities, you need to arouse interest in classes, this interesting method is a game that is considered the main form of activity in the life of the child.

According to the author, for the development of interest in the study of the Russian language, it is important to observe the principle: the younger the students, the more clearly the training should be and the more the actual action should play. An effective way to manifest interest in the subject is the competent use of game technologies.

In addition, the author believes that the game has common and learning activities, it also teaches a lot. In didactic games, the student assimilates a lot of information, moral norms of public life, thanks to didactic games, a number of educational skills are developed. According to the author, for the development of interest in the study of the Russian language, it is important to observe the principle: the younger the students, the more clearly the training should be and the more the actual action should play.

***Keywords:*** *education, game, study, personality, desire, learning task, knowledge, activation, creative abilities, skills.*

> «Русский язык для нас был и остаётся окном в науку, средством общения с внешним миром. На русской классике воспитаны многие поколения. И растрата этого капитала была бы ущерб себе».
>
> **Эмомали Рахмон**

В нашей многонациональной стране, где знание русского языка стало для каждого насущной потребностью, интерес к его изучению и стремление к овладению им формируется с первых шагов сознательной жизни. Обучение русскому языку в республике начинается с детского сада, и к моменту окончания средней школы интерес к нему в определенной степени уже сформирован

В Республике русский язык является языком межнационального общения. Его особый статус закреплен даже во второй статье конституции страны. О важности поддержки и изучения русского языка часто говорит и президент республики Эмомали Рахмон в ходе своих публичных выступлений.

Для укрепления позиции русского языка свидетельствует Постановление Правительства Республики Таджикистан за №438 от 30 августа 2019 года об утверждении Государственной программы «Совершенствование преподавания и изучения русского и английского языков до 2030 года». В нем чётко определены цели и задачи изучения этих языков на указанные годы. В ней справедливо отмечается, что реализация этих целей и задач предполагает «создание предпосылок для бесконфликтного функционирования русского и английского языков, в условиях существующего в стране многоязычия, по обеспечению преподавания русского и английского языков на всех ступенях образовательного процесса на базе новых учебников и новейших образовательных

технологий, разработанных с учётом родного языка, культуры таджикского народа». [9, https://halva.tj ].

Русский язык является одним из сложных предметов в школе. Поэтому необходимо ещё в начальной школе развить у учащихся интерес к этому предмету, сделать его как можно более радостным и увлекательным.

От того на каком обучающем и воспитывающем уровне ведётся преподавание в младших классах, зависит успех усвоения программного материала и последующих – средних и старших классах.

Существуют некоторые методические приёмы, которые помогают воспитывать любовь и прививать интерес к изучению русского языка, обеспечивают эффективность преподавания.

«Одним из необходимых и эффективных путей активизации интереса к предмету является дидактическая игра. В игре вложены воспитательные, образовательные и развивающие возможности. В процессе игр дети получают различные знания о предметах и явлениях.

Игра является интересным явлением жизни. Деятельность как будто бесполезная, но нужная». [7;с.263]

Включение в урок игр и игровых моментов делает процесс обучения более лёгким, интересным и занимательным, создаёт у детей бодрое рабочее настроение, облегчает преодоления трудностей в условии учебного материала. [6,с.17 ]

Цель игры пробудить интерес к познанию, науке, книге, учению. В младшем школьном возрасте игра наряду с учением занимает важное место в развитии ребенка. При включении детей в ситуацию дидактической игры интерес к учебной деятельности резко возрастает, изучаемый материал становится для них более доступным, работоспособность значительно повышается.

Введение игры в учебный процесс, педагоги вооружают детей знаниями и умениями, создающими интерес к многообразным видам труда [8, с.157].

Ведь то, что игра – это часть учебного процесса, ни для кого не секрет. Игра помогает формированию фонематического восприятия слова, обогащает ребенка новыми сведениями, активирует мыслительную деятельность, внимание, а главное- стимулирует речь. В результате чего у детей появляется интерес к русскому языку. Не говоря уже о том, что дидактические игры по русскому языку способствуют формированию орфографической зоркости младшего школьника.

Опытные педагоги стремятся с помощью игры поддерживать интерес детей друг к другу и к учению. Особая необходимость в использовании игровых элементов возникает при организации часа самоподготовки детей. Опыт показывает, что игровой приём, метод, отдельный элемент, ограничено включаемый педагогом – воспитателем в процесс самоподготовки, чаще всего заимствуется из аналогичной практики организации обучения детей на различных уроках. [13,с.19- 20]

Л.В. Былеева пишет: «Игра – очень эмоциональная деятельность, поэтому она представляет большую ценность в воспитательной работе» [5,с.4]

На протяжении нескольких лет работы в начальных классах я наблюдала, что занятия русским языком не всегда вызывают у учащихся интерес. Некоторые дети считают его скучным предметом. Нежелание заниматься русским языком порождает неграмотность. Я задумалась над тем, как пробудить интерес к занятиям, как повысить грамотность письма.

Перечитала много литературы, проанализировала свои уроки и пришла к выводу, что пробудить интерес к русскому языку можно, если систематически накапливать и отбирать увлекательный материал, способный привлечь внимание каждого ученика.

Великий педагог К.Д. Ушинский указывал: «Наглядность является действенным средством обучения и развития интереса, что стоящий перед глазами ученика предмет пробуждает в нём мысль, исправляет её, если она ошибочна, дополняет, если она не полна» [15;с.67].

Поэтому во время проведений занятий в начальных классах, нужно использовать тематические наборы «Домашние и дикие животные», «Фрукты», «Овощи», картинные таблицы и лото, схемы, предметы в натуре, муляжи, игрушки. Для пробуждения интереса к теме и активизации внимания учащихся нужно готовить наглядные пособия. Например, на листе бумаги напишите предложение. А на месте пропущенного слова, которое следует употребить в нужной форме, приклейте картинку, изображающего предмет Такое пособие, как подстановочная таблица, которая усложняет в зависимости от класса, эффективно при выработке автоматизированных навыков использования речевых моделей. Так, во втором классе по темам « Кто это?», «Кто что делает?», в третьем классе – по теме « У кого кто?».

Второклассников очень увлекает картинки. Когда весь класс запомнит осваиваемою букву, картинка убирается. Затем с помощью разрезной азбуки составляется по картине слово, которое записывается на доске и в тетрадях. Задание выполнятся под девизом «Кто напишет без ошибок?»

Особенно эффективно применение картинок при работе над словом и предложением. Так, для ответов на вопросы «Войти куда?»,

«Выйти откуда?», «Сесть куда?» показываются картинки (театр, музей, библиотека, магазин, квартира, стул, парта и т.д.). А с помощью картинок, на которых изображены дети, занимающиеся зарядкой, спортом проветривающие комнату, чистящие зубы, работающие на мастерской составляются предложения по моделям «Чтобы быть здоровым, над» или «Чтобы стать космонавтом, надо». Во время зрительного словарного диктанта по картинкам учащиеся проговаривают каждое слово – название картинки по слогам, а затем записывают его по памяти в тетради. Проверку проводят сами ребята, глядя на доску , где набрано из разрезной азбуки или открытого заранее записанные на доске слова. Зрительно слуховые диктанты проводятся с помощью табличек плакатов. Например, произносится слово «молоко», а ученики хором должны повторять это слово. Потом нужно показать табличку с этим словом, чтобы ученики запомнили его написание и далее, убрав её, ученики пишут это слово самостоятельно.

На уроках можно использовать разные виды раздаточного дидактического материала. Одним из видов раздаточного материала являются карточки. Карточки можно использовать почти на каждом уроке. Раздаточный материал вызывает у детей большой интерес, при этом развиваются навыки самостоятельной работы, исключается возможность подсказывания. В карточки нужно включать сюжетные картинки, используя различные источники – готовые альбомы, иллюстрации, газеты и т. д.

Игра играет большую роль в обучении русскому языку младших школьников. Использование игровых приёмов на уроках создаёт благоприятные условия, побуждающие детей к естественной, активной речевой деятельности. Непременными условиями игры на уроках русского языка являются: во-первых, возможность для каждого её участника одержать победу, т.е. создаётся дух соревнования; во вторых, строгое соблюдение определённых правил поведения во время игры; в третьих, соответствие характера игры возрасту детей. И, конечно, необходимо учитывать степень владения учащимися русским языком. Играя, дети, конечно, не думают о том, что они усваивают новую лексику, тренируются в произношении и закреплении определённых слов, словосочетаний и целых предложений. Всё происходит как бы само собой. И если игра организована методически правильно, учебная цель достигается незаметно для самих учащихся.

«Переход от игры к учению должен быть плавным, иметь мостик, состоящий как бы из «полу-игры, полу - учения». [3; с.124]

Игры могут быть устными и письменными. Устные игры способствуют развитию речевых навыков, внимания, па мять; письменные развивают навыки как устной, так и письменной речи. Есть много игр, которые можно использовать при изучении любой темы и в любых условиях, - на уроке, на перемене, в процессе внеклассного занятия. Но опыт показывает, что учащиеся играют в знакомую игру с большим интересом, чем в новую, поэтому целесообразно повторять одну и ту же игру несколько раз, внося некоторые усложнения, чтобы поддерживать интерес детей. Однако надо помнить, что игра – самоцель, не развлечение, а одна из эффективных форм обучения и воспитания детей.

По словам детского педагога и врача Е.А. Аркина этот вид деятельности «психический витамин», который необходим для здоровья ребёнка. [2; с.65].

Игру лучше проводить в конце урока, уделяя ей 5 – 10 минут, проводить 1 – 2 раза в неделю. Уже во втором классе, когда осваиваются звуки и буквы можно вводить элементы игры. Многие игры помогают формированию понятий звук, буква, слог, слово. Вот некоторые из них.

**«Узнай звук»** Нужно называть слова с изученным звуком и без него. Дети должны хлопнуть в ладоши, если в произнесённом слове есть изученный звук.

**«Игра в слоги»** Её можно проводить во всех начальных классах. Например, при изучении слов со слогами **жи – ши, ча – ща, чу – щу**. **Н**а доске нужно ставить начало или конец слова из разрезной азбуки, дети должны составить целое слово: мы – , у –, ши -, ма –, лы – ( мыши, ужи, шина, машина, лыжи)

**«Добавь букву или слог»** Эту игру надо проводить на доске и по рядам. Для каждого ряда записывается столбик слогов. Надо приписать слог, чтобы получилось слово.

1) ма…, Ма…, пар…., кни….,

2) у…, лу…, са…, паль….

3) тво…, шап…, ли , вол..

Из каждого ряда к доске выходят по одному ученику и дописывают слоги. Побеждает тот ряд, который быстрее справится с заданием.

Получаем слова: мама, Маша, парта, книга, уж, лужа, сад, пальто, творог, шапка, лицо, волк.

**«Вставь гласные буквы»** Для каждого ряда на доске записываются в столбик слова из трёх букв, средняя буква в этих словах пропущена:

а) д(о)м, д(ы)м, д(н)о ,

б) п(о)л, п(и)л, п(е)л

м(ё)д, м(а)к, м(а)л

Аналогична игра, требующая вписать буквы в пустые клетки.

**«Кто назовёт больше слов?»** Дети должны назвать слова на изучаемый звук. Кто больше назовёт, тот и побеждает.

«Сколько слогов в слове?». Для этой игры учащиеся получают карточки с цифрами 1, 2, 3, 4.(с обеих сторон). Учитель называет слово, учащиеся про себя считают в нём слоги, затем поднимают соответственную карточку. Например, корова (3), ёж (1), книга (2), картина (3), ученица (4)

**«Не спутай кармашки»** На доске надо вешать кармашки с надписями «он», «она», «оно». Детям нужно дать картинки, которые они должны разложить правильно по кармашкам, предварительно назвав изображённые на них предметы. Задача ученика – не только правильно разложить карточки, то есть определить род существительных, но и правильно назвать предмет, прочитать слово, указать его род.

В третьем классе при изучении слов, отвечающих на вопросы чем?, где?, куда?, откуда? проводятся следующие игры:

**Игра «Допишите слово. Вставьте слово»**

На доске записываются слова: нож…, топо.., вод…, каранда…, лопат… Землю копают…. Хлеб режут…. . Дрова рубят .

**Упражнения в форме игры:** Дети берут предмет ( сумку, ручку, карандаш) и по команде учителя кладут на парту ( в парту, в книгу, на книгу и т.д.) Выигрывает тот ряд, учащиеся которого меньше ошибаются.

При изучении слов, отвечающих на вопрос сколько, можно провести игру «В магазине» Учащиеся, «покупая» учебные предметы, научатся правильно употреблять сочетания числительных с названиями предметов ( книга, ручка, линейка, карандаш, пенал, альбом) в устной речи. Показываем две книги, три линейки, четыре карандаша, а «покупатель» называет эти словосочетания.

Игры способствуют активизации речевой деятельности детей, воспитывают в них навыки самоконтроля, снимают психическое напряжение, а это очень важно на первом этапе обучения русскому языку.

Большую роль в развитии устной речи учащихся играет заучивание наизусть стихотворений, песен, пословиц, скороговорок, диалогов. В памяти учащихся сохраняются и при соответствующих условиях используются в речи отдельные слова, словосочетания. С огромным интересом дети исполняют песни на русском языке, особенно когда они взяты им из знакомых им мультфильмов.

В развитии интереса к изучению русского языка большую роль играет также работа над загадками, головоломками, кроссвордами, шарадами. Очень обогащают речь учащихся пословицы и поговорки. Большое внимание нужно уделять внеклассному чтению на русском языке. В классе дети должны собрать небольшую библиотеку (красочно иллюстративные детские журналы, книжки – малышки, сборники сказок) Помимо книг и журналов нужно использовать электронную доску. Обстановка в классе, в которой проходят занятия играет немаловажное значение к изучению русского языка. Класс где проводится урок русского языка, должен иметь уголок. Где в нём должны быть стенды: «Детские писатели», «Берегите книгу», «Русский алфавит». Умело используя различного рода наглядные пособия, разнообразия методические приёмы, можно привить интерес к русскому языку, научить их правильно и грамотно писать и говорить по - русски.

Во время проведения игр следует соблюдать следующие правила:

1. Учитель в процессе игры должен быть внимательным и доброжелательным. Он не должен влиять на активность и инициативу детей. Это нарушит темп и неприятно подействует на играющего.

2. Особое внимание следует уделять эмоциональным и обидчивым детям. Нужно подходить к ним особым тактом, не заставляя их играть. Отличительной особенностью игры является её добровольность.

3. Важно соблюдать темп игры: быстрый вызывает отставание, медленный требует длительного ожидания своей очереди, скуку, потерю интереса.

4. Во время игры учитель не должен делать замечаний дисциплинарного порядка. Дети должны чувствовать себя свободно.

5. Учитель должен соблюдать правила игры, тон должен быть оживлённым, подбадривающий детей к поискам ответов на вопрос игровой задачи.

6. Игры – соревнования должны иметь капитана команды. Капитаны должны контролировать за порядком. Учитель в следующих играх следит за правильностью действий капитанов[4; с.24 - 27].

Для развития интереса к изучению русского языка играет личность учителя.

Недаром говорят: «Любовь к предмету идёт через учителя» [13; с.19]. Учитель должен соблюдать педагогический такт. Он должен помнить, что успеваемость учащихся зависит не только от занятий педагога по предмету, методов, применяемых им на уроке, но и в не меньшей мере от знания им особенностей психологии конкретного детского возраста, от его умения своевременно и объективно оценить его знания. Так, завышенная оценка развивает высокомерие, заносчивость, заниженная приводит к нежеланию учиться.

Удальцова Е.И. оценивая роль дидактической игры пишет: «При наличии игрового действия дидактические игры облекаются в игровую форму. Внимание ребёнка направлено на развёртывание игрового действия создаёт у детей интерес к дидактическому заданию игры. Поэтому, чем интереснее игровое действие, тем успешнее дети решают обучающую задачу». [14; с.75]

По словам великого педагога Ш. Амонашвили «Педагогичными – можно считать игры, которые возвышают детей – всех вместе и каждого в отдельности до уровня их престижа» [1; с.98].

Таким образом, учащихся к изучению русского языка надо развивать и постоянно поддерживать, тогда и в овладении детьми языком будут обеспечены. В игре наиболее естественной форме общении детей - стимулируется деятельность учащихся, развиваются познавательные процессы, такие как воображение, память, наблюдательность, восприятие. Насыщая каждое занятие различными играми и игровыми приёмами, учителя добиваются увлечённости учащихся работой, активизируют их речевую деятельность воспитывают у них уверенность в том, что они смогут научиться хорошо говорить по-русски. Усвоение

школьниками определённого запаса слов и конструкций наиболее эффективно осуществляться в процессе игр. Успех обучения нерусских школьников русскому языку во многом зависит от эффективности используемых методов и приёмов работы с ними. Чтобы формировать у младших школьников навыки русской речи, правильной интонации можно только при использовании игр в процессе учебной деятельности.

Игровые технологии позволяют создавать благоприятные условия для получения знаний по русскому языку. Они значительно активизируют мышление, внимание, память, повышают интерес к изучаемому материалу, обеспечив при этом легкость усвоения материала. Благодаря игровым технологиям, увеличивается прочность полученных знаний и качество самого обучения возрастает. Игра – это незаменимый инструмент в развитии личности младшего школьника, с помощью которого можно повысить интерес к русскому языку и сделать этот предмет более «живым» и увлекательным. В условиях игры формируется «внутренний мотив говорения на иностранном языке» [12; с 74]

Таким образом, по словам великого педагога С.Т. Шацкого «Игра – это жизненная лаборатория детства, дающая тот аромат, ту атмосферу молодой, жизни, без которой эта пора её была бы бесполезна для человечества. В игре, этой специальной обработке жизненного материала, есть самое здоровое ядро разумной школы» [16;с.122]

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Амонашвили, Ш.А.. Школа жизни. – М; Изд. 200, С.98
2. Аркин, Е.А. Ребенок в дошкольные годы.- М., Просвещение- 1968.- с.65
3. Ашурова, Ш.К. Дифференцированный подход в обучении русскому // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. – Бохтар, 2020, № 1-1 (71).- С.124.
4. Баев, П. М. Играем на уроках русского языка – М. Рус. яз, 1989-С.24-27
5. Былеева, Л.В., Коротков И.М. Подвижные игры – М.; Физкультура и спорт, 1982. – С.4.
6. Блехер, Ф.Н. Дидактические игры и занимательные упражнения Изд. «Просвещение» - 1964 С. 17
7. Джумаева, К.Т. Игровая форма познавательной деятельности учащихся - активизирующий фактор в процессе обучения. Научный журнал «Вестник» ТНУ №9 - Душанбе; «Сино» 2020 – С. 263
8. Джумаева, К.Т. Психолого – педагогический аспект понятия «познавательный интерес» Научный журнал « Вестник» ТГУ № 6 – Душанбе; «Сино» 2021 – С. 157.
9. Каримова, И.Х. Эмомали Рахмон объявил 2023-й Годом русского языка в Таджикистане https://halva.tj. Опубликовано 31.03.2023.
10. Ляпина, Г.А. Игра как средство активизации учебно – воспитательного процесса. – Алма-Ата, 1978. – С. 51-52.
11. Нагзибекова, М.Б. Методическое пособие «Русский язык» 2019. Стр.177
12. Надувари, Л.А. Психологическая модель обучения устной русской речи// Русский язык за рубежом 1986 № 6 С. – 74
13. Репринцева, Г.И. Играют младшие школьники - Ярославль: 1991 С.19 -20.
14. Ушинский, К.Д. Педагогика Избранные работы. Москва «Юрайт» 4.

## ТАРБИЯИ МАДАНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ КАЛОНИ МАКТАБӢ ТАҚОЗОИ ЗАМОН

***ИМОМОВ Хурсанд Шарифович** – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, **тел.:** (+992) 710 03 55 55*

Муаллифи мақола зарурати воқеии тарбияи иқтисодии хонандагони синни калони мактабиро дар шароити кунунӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар айни замон, муаллиф иброз менамояд, ки рушди қувваҳои истеҳсолкунанда тағйири назарраси хусусияти муносибатҳои ҷамъиятиро талаб мекунад ва айни замон мақсад ва вазифаҳои тарбияи аъзои ҷомеаи мушаххасро ба куллӣ тағйир медиҳад.

Дар ин робита, дар назди муассисаи таҳсилоти умумӣ ба сифати яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа тарбияи маданияти иқтисодии хонандагон гузошта мешавад, зеро хонандагону ҷавонон, ки захираи асосии қувваи корӣ ба ҳисоб меравaнд, ба онҳ тарбияи муносибати хоҷагидорона ба моликияти ҷамъиятӣ, маҳорати самаранок, софдилона меҳнат карданро омӯзонидан лозим мебошад.

Ҳамзамон, муаллифи мақола таъкид менамояд, ки дар шароити барпо намудани заминаи моддӣ-техникии давлати демократӣ инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият зарурати объективӣ касб менамояд, зеро истеҳсолоти дар сатҳи баланд ташкил кардашуда коргари ба тариқи дахлдор тайёрро талаб мекунад.

***Вожаҳои асосӣ:*** *тарбияи иқтисодӣ, хонандагон, омӯзгорон, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият, қувваҳои истеҳсолкунанда, маданияти иқтисодӣ..*

## ВОСПИТАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ СТАРШИХ ВОЗРАСТОВ ТРЕБОВАНИЕ ВРЕМЕНИ

***ИМОМОВ Хурсанд Шарифович*** *– соискатель Инстинтитута развития образования им. Абдуррахмона Джоми Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адҳамова, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 710 03 55 55*

Автор анализирует объективной необходимости экономической культуры учащийся старшего возраста на современном этапе. В тоже время, автор излагает, что развитие производительных сил требует заметного изменение особенностей общественного отношения и в данное время, заметно изменит цель и задачи членов конкретного общества.

В этом отношение перед средних общеобразовательных учреждений в качестве первичного задачи ставятся воспитание экономической культуры учащийся, так как учащийся и молодёжи являлется основным резервом рабочей силы, следует обучать их хозяйственного отношения к общественной собственности, умение трудится эффективно и добросовестно.

Следовательно, автор подчёркивает, что в условиях создания научно-технической основы демократического государства гармонического развития личности приобретает объективной необходимости, так как организации производства на высоком уровне требует соответствующей подготовки рабочих сил.

***Ключевые слова:*** *экономического воспитания, учащиеся, учителя, гармонично развитой личности, производительных сыл, экономической культуры.*

## THE DEVELOPMENT OF ECONOMIC CULTURE OF FINAL YEAR STUDENTS IS THE DEMAND OF TIME

***IMOMOV Khursand Sharifovich*** *– applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Street, 11/2,* ***phone:*** *+(992) 710 03 55 55*

The author analyzes the objective need for economic culture for final year students at the present time. At the same time, the author states that the development of productive forces

requires a noticeable change in the characteristics of social relations and, at a given time, it will noticeably change the goals and objectives of the members of a particular society.

In this regard, the primary task of secondary educational institutions is to educate the students' economic culture, since students and youth are the main labor force reserve, they should be taught an economic attitude towards public property, and the ability to work efficiently and conscientiously.

Consequently, the author emphasizes that in the conditions of creating the scientific and technical basis of a democratic state, the harmonious development of the individual acquires an objective necessity, since organizing production at a high level requires appropriate training of the workforce.

***Key words:*** *economic education, students, teachers, harmoniously developed personality, productive forces, economic culture*

Имрӯз дар шароити таҳаввулоти инқилобию пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим, истифодаи тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии иқтисодиёт, аз ҷумла, татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи саноати кишвар, хусусан лоиҳаҳои хусусияти инноватсиониву навоваридошта, муҳиму саривақтӣ мебошанд. Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намуд, ки он барои таъмини устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад. Ҳамаи ин албатта дар назди падару модарон ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба тарбияи иқтисодии хонандагон вазифаҳои навро мегузорад.

Бояд зикр намуд, ки мақсад ва мазмуни тарбияи насли наврас дар ҷамъият, бо тарзи мавҷудаи истеҳсолот иртиботи қавӣ дорад. Робитаи байни фаъолияти ҳаётии аъзои ҷамъият ва тарзи истеҳсолотро К.Маркс ва Ф.Энгелс дар очерки худ «Идеологияи немис» баррасӣ карда, навиштаанд: «Афрод он чизеро, ки дар истеҳсолот муаррифӣ мекунад, бо истеҳсоли онҳо мувофиқат мекунад – ҳам бо он чизе, ки онҳо истеҳсол мекунанд, ҳам бо он ки чӣ гуна онҳо истеҳсол мекунанд мувофиқат мекунад. Афрод аз киҳо иборатанд, ин, ба шароити моддии истеҳсолоти онҳо вобаста мебошад» [6, с. 19].

К. Маркс таъкид намуда буд, ки «табиати саноати калон дигаргун шудани меҳнат, ҳаракати вазифаҳо, серҳаракатии ҳаматарафаи коргарро муайян мекунад... Вай... вазифа мегузорад: коргар, ҳамчун дорандаи одии заррачаи маълуми вазифаи ҷамъиятии ҷузъӣ бо фарди ҳаматарафа инкишофёфта, ки барои он вазифаҳои гуногуни ҷамъият моҳияти усулҳои фаъолияти ҳаётие мебошанд, ки ҳамдигарро иваз мекунанд, иваз карда шавад» [7, с. 498 – 499].

Олимон таҷрибаи андухташудаи таърихириро омӯхта, ба чунин хулоса омадаанд, ки дар насли наврас тарбияи иқтисодӣ як қисми таркибии инкишофи ҳаматарафаи шахсият ба ҳисоб меравад. Дар шароити барпо намудани заминаи моддӣ-техникии давлати демократӣ инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият зарурати воқеӣ ба шумор меравад, зеро истеҳсолоти дар сатҳи баланд ташкил кардашуда коргари ба тариқи дахлдор тайёрро талаб мекунад. Таҳаввулоти инқилобии ҷомеа бе тағйир додани худи одам имконнопазир аст ва ташаккули одами нав на танҳо мақсади муҳимтарин, балки шарти ҳатмии сохтмони ҷомеаи демократӣ мебошад.

Инкишофи ҳаматарафаи шахсият, ки яке аз вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад, дар баробари ин, ба таъбири Ф.Ф. Королев, «масъалаи гиреҳии назария ва амалияи педагогӣ» мебошад. Консепсияи педагогӣ зери инкишофи ҳаматарафа «тайёр будани одам ба меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ, қобилияти ӯ самтёбӣ кардани дар тамоми низоми истеҳсолот, дар асосҳои илмию техникии он, азхуд намудани асосҳои донишҳои муосири илмӣ аз ҷониби онҳо, тайёр будан ба дигаргуншавии меҳнат, агар инро манфиатҳои ҷомеа ва майлу рағбатҳои шахсии ӯ талаб кунад, иштироки фаъолона дар худидоракунии ҷамъиятӣ»-ро мефаҳмад [5, с. 15].

Дар ин робита, дар назди муассисаи таҳсилоти умумӣ ба сифати яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа вазифаи собитқадамона гузаронидани принсипҳои мактаби ягона, меҳнатӣ, политехникӣ, тарбияи одат ва меҳру муҳаббат дар хонандагон нисбат ба меҳнати аз ҷиҳати ҷамъиятӣ фоиданок гузошта мешавад.

Бояд зикр намуд, ки нақши махсусро дар кори тайёр кардани ҷавонон ба фаъолияти иҷтимоию истеҳсолӣ тарбияи иқтисодӣ мебозад. Дар шароити гузаштани иқтисодиёт ба роҳи интенсивии тараққиёт тайёркунии иқтисодии меҳнаткашон ҳамчун шарти муҳимми рушди хоҷагии халқ ва баланд бардоштани сатҳи идоракунии иқтисодиёт баррасӣ мешавад. Хоҷагидории самарабахш бе такя ба гурӯҳ, бе тарбияи муносибати ҳақиқатан хоҷагидорона ба кор, маданияти иқтисодӣ, бе сифати баланди кори ҳар як нафар тасаввурнопазир аст. Дар ин робита замони кунунӣ дар назди волидон ва муассисаи таҳсилоти умумӣ вазифаҳои муҳимтарин дар амри тарбияи иқтисодии хонандагону ҷавонон, ки захираи асосии қувваи корӣ мебошанд, яъне тарбияи муносибати хоҷагидорона ба моликияти ҷамъиятӣ, маҳорати пурсамар ва самаранок, софдилона меҳнат карданро мегузорад.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти фалсафӣ, иқтисодӣ ва ҷомеашиносӣ назари ягона ба масъалаи моҳияти чунин мафҳумҳо, монанди «хусусияти меҳнат» ва «мазмуни меҳнат» вуҷуд надорад. Хусусияти меҳнатро одатан ба ҷанбаи иҷтимоию иқтисодии он, ки бо тағйирот дар муносибатҳои моликият марбут аст, алоқаманд месозанд. Мазмуни меҳнат бо ҷанбаи истеҳсолию техникӣ ё техникию ташкилии он алоқаманд аст [1, с. 155].

Мазмуни меҳнат, ки бо техника, технология, ташкили истеҳсолот ва ашёи меҳнат муайян шудааст, бештар мавриди таъсироти навъи гуногун қарор гирифта, омили асосӣ дар тағйирёбии он пешрафти илмию техникии таҷҳизоти меҳнат ба ҳисоб меравад.

Таъсири пешрафти илмию техникӣ бо тағйирёбии омили субъективӣ, пеш аз ҳама, бо зеҳникунонии меҳнати коргар алоқаманд аст. Муаллифоне, ки кори коргарон-танзимгарони хатҳои автоматиро меомӯзанд, тағйиротро дар сохтори хароҷоти вақти корӣ ба сӯи зиёдшавии ҳиссаи меҳнати фикрӣ қайд мекунанд.

Тағйирот дар мазмуни меҳнат (заҳникунонии он) ногузир боиси тағйирёбии вазифаҳои коргар низ мегардад: вай ҳарчи бештар ба иҷрои вазифаҳои назорат ва танзими раванди истеҳсолот мегузарад. Бо тағйирёбии вазифаҳои коргар чунин падида, монанди рафъи маҳдудияти касбӣ, азхуд кардани касбҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба пайдоиши корманди навъи нав ё, тавре ки ӯро меноманд, коргари доираи васеъ мусоидат мекунад, зич алоқаманд аст.

Тайёрии амиқ ва ҳаматарафаи назариявӣ ва амалӣ ба меҳнат ба маҳсулнокии меҳнати истеҳсолии коргар таъсири назаррас мерасонад. Дар солҳои охир қисми муайяни даромади миллӣ аз ҳисоби баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнати кормандон, ки бевосита бо болоравии тахассусӣ вобаста буда, бо таҳсилоти умумӣ ва махсус таъмин карда мешавад, ба вуҷуд оварда мешавад» [2, с. 13].

Исботи босуръати донишҳо дар давраи пешрафти илму техника имкон медиҳад инкишофу такмили маориф ҳамчун ҷузъи муҳимми таркибӣ, яке аз ҷанбаҳои пешрафти илмию техникӣ ҳисобида шаванд. Пешрафти илмию техникӣ, бинобар ин, такмили таҳсилотро пешбинӣ мекунад, то ки сатҳи тайёрии ҷавонон ба меҳнат ба сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда мувофиқ ва барои рушди минбаъдаи онҳо кифоя бошад.

Аксарияти мутлақи олимон дар бораи он, ки «андӯхтани маҳорат ва донишҳо (қувваи илмӣ)-и худи коргарон андӯхти асосӣ мебошад» [4, с. 276] такя карда, чунин меҳисобанд, ки сатҳи тайёрии ҷавонон ба меҳнат бояд на он қадар ба сатҳи мавҷудаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда мувофиқат кунад, чи қадар он бояд аз вай 10-15 сол пеш равад.

Аммо, оид ба ин масъала нуқтаҳои назари гуногун мавҷуданд, ва ба назари мо танқиди И.И. Чангли нисбат ба баъзе муаллифон аз он сабаб, ки онҳо мақсади ба вуҷуд овардани захираи зеҳнро дар асоси мавҷуд будани ҳанӯз ҳиссаи калони меҳнати дастӣ ва камихтисос зери шубҳа мегузоранд, асоснок ва одидлона ба назар мерасад [12, с. 245]. Ба назар чунин мерасад, ки дар ҳалли ин масъала сухан бояд на танҳо дар бораи қонеъ гардонидани талаботи яклаҳзаинаи хоҷагии халқ, балки дар бораи дурнамоҳое ҳам равад, ки дарояндаи наздик истифодаи ин захираро талаб мекунанд.

Қисми таркибии тайёркунии ҷавонон ба меҳнат дар хоҷагии халқ таҳсилот ва тарбияи иқтисодӣ мебошад. Бозсозии зербинои техникии истеҳсолот (автоматикунонӣ, механиконӣ ва ғайра) ва тағйирёбии нақши одам дар истеҳсолот (зеҳникунонии меҳнат, тағйирёбии вазифаҳои коргар) зарурати ташаккули пеш аз ҳама, донишҳои иқтисоди дар ҷавонон боис мегарданд, ки ба онҳо имкон медиҳанд дар қонунҳои истеҳсолот самтёбӣ карда, принсипҳои онро дониста, техникаи навтарин, методҳои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва ғайраро азхуд кунанд.

Таҳқиқотҳое, ки то имрӯз гузаронида шудааст, имкон доданд то байни самаранокии истеҳсолии коргар ва дар ӯ мавҷуд будани донишҳои иқтисодӣ дар бораи истеҳсолот вобастагии мушобеҳ муқаррар карда шавад. Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки маҳсулнокии меҳнати коргароне, ки донишҳои иқтисодӣ гирифтаанд, назар ба коргароне, ки иқтисодиётро нахондаанд, баландтар буда, ҳолатҳои истеҳсоли маҳсулоти иллатнок низ камтар ба назар мерасад.

Дар корхонаҳои калон коргароне, ки таълими умумии иқтисодиро гузаштаанд, назар ба онҳое, ки бо таълим фаро гирифта нашудаанд, зиёд маҳсулот мебароранд. Инчунин - коргароне, ки омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникиро, ки дар он таълими умумии иқтисодӣ ҷорӣ карда шудааст, назар ба писарону духтароне, ки дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии муқаррарӣ таълим гирифтаанд, маҳсулноктар, назар ба онҳое, ки тайёриро бевосита дар истеҳсолот гузаштаанд, яъне онҳое, ки ба истеҳсолот аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ омадаанд, маҳсулноктар меҳнат мекунанд.

Имрӯз бо боварӣ метавон гуфт, ки натиҷаҳои истеҳсолии ба даст овардашуда дар корхонаҳо тасдиқ мекунанд, ки баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти иқтисодии коргарон дар шароити пешрафти илмӣ-техникӣ ба зарурати воқеӣ табдил ёфта истодааст.

Бояд қайд кард, ки олимон низ ба вобастагии байни боздеҳи истеҳсолии коргар ва сатҳи тайёрии иқтисодии вай таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Дар ин бора таваҷҷуҳи калони иқтисодчиён, педагогҳо ба масъалаҳои тарбияи иқтисодии ҷавонон, инчунин ба ворид кардани курсҳои иқтисодӣ ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шаҳодат медиҳад. Аммо мақсадҳои тарбияи иқтисодӣ дар шароити имрӯза ба куллӣ фарқ дошта, паёмадҳо низ барои одами коргар зиддиятнок мебошанд. Тавре ки М. Рейман дуруст қайд кардааст, «дар шароити ҳукмронии сармояи инҳисорӣ энергияи атом, автоматикунонӣ, химиякунонӣ ва кибернетика бо тамоми паёмадҳои инқилобии худ дар соҳаи иҷтимоӣ барои одами меҳнаткаш ҳамчун хатар гардидан таҳдид мекунад» [8, с. 370].

Зарурати тарбияи иқтисодии ҷавонон дар марҳилаи муосир низ бо муносибатҳое муайян мешавад, ки дар раванди истеҳсолот ва бо ҳам пайвастани афзалиятҳои ҷомеаи демократӣ бо имкониятҳои пешрафти илму техника ташаккул меёбанд

Муносибатҳои истеҳсолӣ ба моликияти ҷамъиятии воситаҳои истеҳсолот асос ёфтаанд. Дар ин шароит мақсади истеҳсолот торафт пурратар қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии ҳамаи аъзои ҷомеа мегардад. Муносибатҳои нав дар истеҳсолот, ҳамкорӣ ва кумаки байниҳамдигарӣ ба вуҷуд меоянд. Хусусиятҳои хоси муносибатҳои нави истеҳсолӣ инҳо мебошанд: аввалан, иштироки васеи оммаи меҳнаткашон дар идоракунии истеҳсолот; сониян, вусъат додани мубодилаи таҷрибаи кор, кумаки байниҳамдигарӣ; сеюм, ҳаракат барои муносибати ҷддӣ ба меҳнат. Дар ин шароит тайёркунии ҷавонон ба меҳнат дар хоҷагии халқ бояд на танҳо ба сатҳи баланди рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ҷавобгӯ бошад, балки ба муносибатҳои нави истеҳсолӣ ҳам мувофиқат кунад. Масъалаи тайёркунии ҷавонон ба иштирок дар муносибатҳои истеҳсолӣ дар назди низоми маориф як қатор вазифаҳои нав: ташаккули ҳисси соҳиби истеҳсолот дар ҷавонон; тарбияи муносибати бошуурона ба меҳнат ва моликияти ҷамъиятӣ; тайёркуниии маънавию психологии ҷавононро мегузорад.

Бояд қайд кард, ки дар татбиқи ин вазифаҳо бисёр чизҳо ҳанӯз ҳалнашуда боқӣ мемонанд. Пеш аз ҳама, кор оид ба тарбияи муносибати бошуурона ба моликияти ҷамъиятӣ дар ҷавонон ғайриқаноатбахш бурда мешавад: ҳисоб карда шудааст, ки дар истеҳсолот баровардани маҳсулоти иллатнок ин ба дониши нокифояи иқтисодии ҷавонон вобаста мебошад. Ва ин чунин маъно дорад, ки ба онҳо сарфаю сариштакории оддӣ, масъулиятшиносӣ барои вазифаи супурдашуда, дақиқкорӣ, муносибати бошуурона ба

меҳнати худ ва ба натиҷаҳои меҳнати дигарон таълим дода нашудааст. Инчунин зарари иқтисодие, ки ба хоҷагии кишвар дар натиҷаи ҷойивазкунии кадрҳо дар байни ҷавонон расида истодааст низ назаррас мебошад. Ҳамин тавр, як қисми муайяни коргарони ҷавон ҳар сол ихтисоси худро иваз карда, ихтисоси нав мегиранд, зимнан қисми муайяни коргарони ҷавони дорои тахассуси паст мебошанд.

Дар ин зимн омили дигарро низ бояд хотирнишон сохт, яъне тайёркунии ахлоқию психологии ҷавонон ба меҳнат аз талаботи истеҳсолоти муосир қафо мемонад: сохтори майлу хоҳишҳои касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз сохтори талаботи воқеӣ ба кадрҳо ба таври назаррас фарқ мекунад. Ин хулоса бо як қатор таҳқиқоти махсус тасдиқ мешавад. Назарсанҷиҳои дар миёни хонандагони синфҳои болоӣ гузаронидашуда нишон доданд, ки касби коргари истеҳсолоти саноатиро қисми ками хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ интихоб кардаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки масъалаи тайёркунии ахлоқию психологии ҷавонон ба меҳнатро дар он соҳаҳое, ки барои хоҷагии халқ аҳамияти калон доранд, то ба имрӯз ҳалшуда ҳисобидан номумкин аст.

Масъалаҳои номбаршуда ба тарбияи иқтисодии ҷавонон мубрамии махсус медиҳанд, ки ба ташаккули донишҳои иқтисодие дар ҷавонон, ки барои иштирок дар идоракунии истеҳсолот, ҳаракат барои меҳнати фоиданок кифоя мебошанд, инчунин ба тарбияи муносибати эҳтиёткорона дар ҷавонон ба моликияти ҷамъиятӣ, муташаккилӣ, интизомнокӣ, масъулият барои кори супурдашуда, омодагӣ ба меҳнат дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ нигаронида шудааст.

Тарбияи иқтисодӣ дар синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар муассисаҳои таълимии махсус ва дар истеҳсолот, ки амалӣ карда мешаванд, ба ташаккули шуур ва рафтори ҷавонон инчунин оила ва воқеияти иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Аммо, ин таъсирот, чун қоида, хусусияти парокандагӣ доранд.

Ҳамин тариқ, тарбияи мақсадноки иқтисодие, ки дар синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ карда мешавад, асоси тайёркунии минбаъдаи ҷавонон ба фаъолияти иқтисодӣ ба шумор меравад. Зинаҳои дигари тарбияи иқтисодӣ донишҳои иқтисодиро васеъ ва амиқтар карда, ба ташаккули минбаъдаи назарҳо ва сифатҳои шахсияти одамони ҷавон мусоидат мекунанд. Дар ин ҷо нақши пешбарро дар тарбияи иқтисодии ҷавонон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебозад.

## АДАБИЁТ


1. Винокурова, М.М. и др. Методика проведения факультатива «Основы экономических знаний о социалистическом производстве». Пособие для учителей [Текст]/ М.М.Винокурова, И.М. Камелецкая, Н.М.Петелина. – М.: Просвещение, 1980. – 128 с.
2. Влияние научно-технической революции на содержание труда и определение требований к подготовке рабочих кадров. – Кнауэр А., Новицкий Т., Цисарж В. и др. – М.: Высш. школа,1980. – 205 с.
3. Жамин, Б.А., Костанян С.Л. Экономика и образование [Текст]/ Б.А. Жамин, С.Л. Костанян. – М.: Знание, 1970. – 48 с.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020 № 293 дар бораи Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 –2025.
5. Королев, Ф.Ф. Очерки по истории советской школы и педагогики (1921 – 1931) [Текст]/ Ф.Ф. Королев. – М.: Издательство Академии педагогических наук РСФСР, 1961. – 508.
6. Маркс, К. и Энгельс Ф. Немецкая идеология [Текст]/ К. Маркс, Ф. Энгельс. Соч., 2-е изд., т. 3, с. 7 – 544.
7. Маркс, К. Капитал, т. I. [Текст] /К. Маркс, Ф. Энгельс Соч., 2-е изд., Т. 26, с.276.
8. Рейман, Макс. Избранные речи и статьи [Текст]/ Макс Рейман. М.: Политиздат,1970.– 639 с.
9. Маркс, К. и Энгельс Ф. Немецкая идеология [Текст]/ К. Маркс, Ф. Энгельс. Соч. 2-е изд., т. 3, с. 7 – 544.

10. Струмилин, С.Г. Технический прогресс и общественная производительность труда [Текст]/ С.Г. Струмлин. М.: Ин-т мировой экономики и межд. отношений, 1959. – 52 с.
11. Труд и развитие личности. Под ред. Здравомыслова А.Г. и Ядова В.А. – Лениздат, 1965. – 191 с.
12. Чангли, И.И. Труд. Социологические аспекты теории и методологии исследования [Текст]/ И.И. чангли. М.: Наука, 1973. – 588 с.
13. Школа и труд. (Соединение обучения с производительным трудом в средней школе). Под ред. А.И. Янцова и П.Р. Атутова. – М.: АПН РСФСР, 1963. – 327 с.

## ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ДАРАҶАИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИ ОМӮЗГОРИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***ДАВЛЯТБОЕВА Сарвиноз Абдумаликовна** – номзади илмҳои педагогӣ, ходими илмии шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2. **E-mail:** sarvinoz.davlyatboyeva@mail.ru, **тел.:** (+992) 970 65 83 83*

***АБДУЛЛОЗОДА Муҳаммадшо** – ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, ш. Душанбе, к. Лучоб, 45. **E-mail:** muhamadho_68@mail.ru, **тел.:** (+992)901 39 99 99*

Шароити педагогие, ки муаллифони мақола ба сифати ҷузъи калидии низоми педагогӣ пешниҳод намудаанд, инъикосгари умумитарин талаботҳо мебошад, ки ба ташкили раванди таҳсилот дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва шароити педагогии дараҷаи маърифат ва ҳуқуқ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ матраҳ карда шудаанд. Онҳо дар дараҷаҳои гуногун, дар ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ва муҳтавову сохтори амсилаи пешниҳоднамудаи муаллифон инъикос шудаанд. Ҳадафи ин амсилаҳо мусоидат ба бомуваффақият амалисозии шароити педагогии дар ҷараёни пажуҳиши таҳиягардида мебошад ва он имкон медиҳад, ки воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва ҷараёни маърифати ҳуқуқӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ бо самаранокии ҳадди аксар ба кор бурда шавад.
Муаллифон дигаргуниҳои дигареро, ки дар ҷумҳурӣ ва дар тамоми ҷаҳон ба амал меоянд соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ зарурати навсозии мазмун ва таълим дар муассисаро муайян намуда, дар навбати худ вазифаи ташаккули одами нави қобилияти зиндагӣ дар ҷамъияти навро ба миён мегузорад. Ҳалли ин масъала боиси он мегардад, ки дигаре вазифаи тайёр кардани омӯзгори нав, ки ба таълиму тарбияи насли нави хонандагон қодир аст, онҳоро ба ҳаёти ҷамъияти нав, дар шароити нав тайёр кунад.

***Вожаҳои калидӣ:** омӯзгор, тарбияи ҷисмонӣ, машқҳои оммавӣ, шароитҳои педагогӣ, дараҷа, маърифат, ҳуқуқ, хонандагон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.*

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ УРОВНЯ ЗНАНИЙ УЧИТЕЛЯ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ОБЩЕГО СРЕДНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

***ДАВЛЯТБОЕВА Сарвиноз Абдумаликовна** – кандидат педагогических наук, научный сотрудник отделение технологии труда, физической воспитание, начальная военная подготовки и пересмотра и совершенствования стандартов, образовательных программ и учебников Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. **E-mail:** sarvinoz.davlyatboyeva@mail.ru, **тел.:** (+992) 970 65 83 83*

***АБДУЛЛОЗОДА Мухаммадшо** – ректор Института физического воспитания Таджикистана им. С. Рахимов, г. Душанбе, ул. Лучоб, 45, **E-mail:** muhamadho_68@mail.ru, **тел.:** (+992)901 39 99 99*

Педагогическия условия, представленные авторами статьи как ключевой компонент педагогической системы, отражают наиболее общие требования к организации образовательного процесса в области физического воспитания и педагогические условия уровня знаний и прав в физкультурной деятельности. Они отражены в разной степени во всех компонентах состава и содержания и структуры предложенной авторами модели. Цель данных моделей способствовать успешной реализации педагогических условий, разработанных в ходе исследования, и позволяет с максимальной эффективностью использовать средства физического воспитания и процесс правового воспитания в физкультурной деятельности.

Авторы выделяют другие изменения, происходящие в республике и во всем мире в сфере политической, экономической, культурной жизни, необходимость обновления содержания и образования в учреждении, и в свою очередь выдвигают задачу формирование нового человека, способного жить в новом обществе. Решение этой проблемы приводит к другой задаче подготовки нового учителя, способного учить и воспитывать новое поколение учащихся, готовить их к жизни нового общества, в новых условиях.

***Ключевые слова:** учитель, физическое воспитание, общественные занятия, педагогические условия, степень, знания, право, учащиеся, средние общее образование.*

## PEDAGOGICAL CJNDITIONS FOR THE LEVEL OF KNOWLEDGE OF THE LAW OF PHYSICAL EDUCATION TEACHERS IN GENERAL SECONDARY EBUCATION INSTITUONS

***DAVLYATBOEVA Sarvinoz Abdumalikovna** – candidate of pedagogical sciences, scientific worker of the department of labor technology, physical education, primary military training and revision fnd improvement of standards, educationaln programs end textbooks of Abdurahman Jami institute of Education Development of the Tajik Academy of Education, Dushanbe, st. A. Adkhamova, 11/2. **E-mail:** sarvinoz.davlyatboyeva@mail.ru, **phone:** (+992) 970 65 83 83*

***ABDULLOZODA Muhammadsho** – rector of the Institute of Physical Education of Tajikistan named after. S. Rakhimov, Dushanbe, st. Luchob, 45, **E-mail:** muhamadho_68@mail.ru, **phone:** (+992)901 39 99 99*

The pedagogical conditions presented by the authors of the article as a key component of the pedagogical system reflect the monst general reguirements for the organization of the educational process in the field of physical education fnd the pedagogical conditions for the level of knowledge end rights in physical education. They are reflected to varyind degrees in all components of the composition end content and structure of the model proposed by the authors. The purpose of these models is to facilitate the successful implementation of the pedagogical conditions developed during the study, and allows for the maximum efficiency in using the means of physical education and the process of legal education in physical education activities.

The authors identify other changes that are taking place in the republic and in the world in the sphere of political, economic, cultural life, the need to update the content and education in the institution, and in turn, they put forward the task of forming a new person capable of living in a new society. It leads to another task of fraining a new teacher who is able to teach and educate a new generation of students, to prepare them for the life of f new society, in new conditions.

**Key words:** *teacher, physical education, public exercises, pedagogical conditions, degree, knowledge, law, students, general secondary education institution.*

Дар замони муосир ҷамъият ва умуман, давлат нисбат ба дараҷаи педагогии маърифат ва ҳуқуқи омӯзгорон талаботҳои махсус мегузорад. Вазифаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ танҳо ба вуҷуд овардани замина барои хатмкунандагони худ, ки ба онҳо имкон медиҳад шаклҳои муайяни маърифат ва ҳуқукро бомуваффақият истифода баранд, нест. Дараҷаи педагогии омӯзгорони ҷавон барои амалӣ гардонидани маърифат ва ҳуқуқи ҳатто баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди таҳсилоти доимии баъдидонишгоҳӣ низ вазифаи он ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки таҳлили ҳуҷҷатҳову асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар маъхазҳои таҷрибавӣ маҳдудият ва душвориҳои ҷиддиро барои банақшагирӣ ва муайян намудани ҳадафҳои дараҷаи педагогии маърифат ва ҳуқукро дар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ нишод дод.

Агар ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” нигарем дар он возеҳ гуфта шудааст, ки омӯзгор ҳақ дорад ҳамчун инсон шаъну шарафи худ ва хонандагонро дар равиши дарс ҳимоя намояд. Дар моддаи дигар гуфта шудааст ки омӯзгор вазифадор аст, ки меърҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва шаъну шарафи хонандаро эҳтиром кунад.Касби омузгори яке аз касбҳои инсондӯстист пуршараф ва дар айни замон мушкилу масъулиятноктарин аст. Омӯзгор шахсро ташаккул медиҳад ҷомеа ба ӯ гаронбаҳотарин фард, фарзандро ва ояндаи онро бовар мекунад, омӯзгор бояд, эҷодкори доимӣ, заҳмати беандозаи андеша, саховати бузурги маънавӣ, дониши зиёд, поквиҷдонӣ, сабр, ҷасорат дошта бошад.

Дар робита бо ин дар пайвандгоҳи ҳазорсолаи гузашта ва имрӯза ба асосҳои педагогии илм такя карда шуд, зеро маҳз дониши педагогӣ сабки тафаккури илмиро ба вуҷуд офарда, рушди минбаъдаро ба тарафи сатҳи болотари инкишофи донишҳои назариявӣ имконпазир менамояд, то ки аз тавсифоти сирфаи эмперикии объект ё падида ба дидгоҳи таҷридию назариявӣ ва асосноккунии онҳо гузашта шавад. Дар даврае, ки мавриди баррасии мо дар тарбияи ҷисмонӣ қарор дорад, ғояи ташаккул додани инсони ҳаматарафа рушдёфта, мутаносиб, том, башардӯст ва инсонгаро, озодманиш ва демократӣ намудани равандҳои таълиму тарбия, аҳамияти рӯзафзуни ҷанбаи маънавӣ дар тарбияи шахс ва ҷузъи фарҳангии он ва умуман, аҷлоникунонии тарбияи ҷисмонӣ ба мақоми аввал мебарояд.

Агар пештар танҳо тайёрии ҷисмонии инсонро арзиши асосии тарбияи ҷисмонӣ ҳисоб мешуда бошад, пас дар замони муосир инсони дар қаринаи машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ баррасишаванда, дар ҳамоҳангии оғозҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ, дар ҷудоинопазирӣ ва ягонагии ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва биологӣ тасаввур мегардад.

Мафҳуми “ҷалбшавӣ” бештар аз ҳама ҳамчун намудҳои гуногуни рафтори афрод, хоҳиши маърифат, вокунишҳои ҷанбаи отифидошта, шарҳу тафсир мегардад. Ҷалбшавӣ метавонад отифавӣ, маърифатӣ ва рафторӣ бошад. Ба ин намудҳои анъанавӣ метавон фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмониро ҳамчун намуди муайянкунандаи “дараҷаи ҷалбшавӣ” илова намуд. Бо мақсади тавсифи он метавон меъёри муассирӣ, бардавоми ё басомади фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмониро корбаст намуд.

Ба туфайли таҳлили педагогии шомилшавӣ ё “ҷалбшавӣ”-и омӯзгорон мо ба даст овардани иттилоотро дорем:

- дар бораи навъи ҷалбшавӣ ва фаъолияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ва шаклҳои зуҳуроти онҳо;
- дар бораи он ки кадом гуруҳҳои иҷтимоӣ ва ба кадом дараҷа ба фаъолияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҷалб шудаанд;
- дар бораи пешравии фаъоли омӯзгори тарбияи ҷисмонии ҳам гуруҳҳои иҷтимоӣ ва ҳам шахсони алоҳида;
- дар бораи таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ба равандҳои ҷалбшавӣ ба фаъолияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ.

Омӯзгор пеш аз ҳама бояд дараҷаи тараққиёти ҷамъият дар марҳилаи ҳозира мувофиқ бошад. Ҳаёт дар як ҷо наистода, доимо тағйир ва инкишоф меёбад.

Дигаргуниҳои куллие, ки дар кишвари мо ва дар тамоми ҷаҳон ба амал меоянд соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ зарурати навсозии мазмун ва таълим дар муассисаро муайян намуда, дар навбати худ вазифаи ташаккули одами нави қобилияти зиндагӣ дар ҷамъияти навро ба миён мегузорад. Ҳалли ин масъала боиси он мегардад, ки дигаре вазифаи тайёр кардани омӯзгори нав, ки ба таълиму тарбияи насли нави хонандагон қодир аст, онҳоро ба ҳаёти ҷамъияти нав, дар шароити нав тайёр кунад. Талаботро нисбат ба омӯзгор ба ду гуруҳ тақсим кардан мумкин аст: касбӣ ва шахсӣ.

Талаботи шахсӣ ба фаъолияти касбии омӯзгор алоқаманд аст. Инҳо талаботҳои дониши касбии ӯ мебошанд, ки ҷаҳонбинии умуми ва донишмандии уро муайян мекунанд. Ин донишро дар бар мегирад:

- фан (дониш дар соҳаи фани тадрисшаванда);
- идеявию сиёсӣ (дониш дар соҳаи дохилӣ ва берунии давлат, вазъи сиёсии кишвар ва ҷаҳон);
- умумии илмӣ (дониш дар соҳаҳои гуногуни илму техника, иқтисоду молия, адабиёт ва санъат, дин ва ахлоқ, экология ва тиб, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ғайра, ки ҷаҳонбинии умумии омӯзгорро муайян месозад);
- дониш дар соҳаи илмҳои ба ҳам наздик (шафати илме, киасосҳои онро омӯзгори фан таълим медиҳад);
- психологию педагогӣ (дониши психологияи хонандагон, психологияи азхудкунии маводи таълимӣ, принсипҳо ва усулҳои таълим);
- мета фанӣ (донистани хусусиятҳо ва мантиқи фанни таълимшаванда) ва ғайра.
-ҳамаи ин донишҳо якҷоя тайёрии фундаменталии касбии омӯзгорро муайян карда ба самаранокии тарбияи педагогии у мусоидат мекунад. Дар моддаи 51 оид ба уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон гуфта шудааст.

**Омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия уҳдадориҳои зеринро доранд:**

- оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимиро риоя намоянд;
- сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;
- азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгирандагон талаб намоянд;
- дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномаи таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд, бесабаб аз фаъолияти омӯзгорӣ худро дар канор нагиранд;
- таълимгирандагонро аз амалҳои зуроварии ҷисмонию равонӣ ҳифз намоянд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), васоити нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи саттаъсир корҳои таблиғотӣ баранд;
- аз доираи мавзӯе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набароянд;
- дар вақти дарс телефони мобилӣ истифода набаранд;
- вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, падару модарони (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намоянд;
- меъёрҳои санҷиш ва баҳогузориро ба дониши хонандагон дар раванди дарс риоя намояд;
- журнали синфӣ (гуруҳӣ) – ро дар доираи муқарраорт пур намоянд;
- ашёи таълимӣ, таҷҳизот ва маводи таълимиро ҳифз карда, таълимгирандагонро дар ҳамин руҳия тарбия намоянд;
- бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз такмили ихтисос гузаранд;
- меъёрҳои забони давлатиро риоя намоянд;
- дар вацти дарс ва берун аз он аз алфози қабеҳ худдор намоянд;

- аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳар гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзуи дарс берун аст, худдорӣ намоянд;
- вобаста ба қобилият мақолаҳои оммавӣ, илмӣ таълиф намоянд.

Масъалаи тайёр кардани омӯзгор дар ҳама давру замон актуалӣ буд ва мемонад. Он имрӯз ҳам аҳамият дорад. Ба кишвар омӯзгорони соҳибмаълумот, соҳибхтисос, ки кори худро медонанд ва ба он содиқанд, аз ҷиҳати ғоявӣ устуворанд, ки имрӯз барои онҳо бетафовут нест, ки имрӯз кадом насл ба воя мерасад ва ояндаи кишвар, халқ ва миллат дар дасти онҳост. Омӯзгор дар баробари донишҳои касбӣ барои бомуваффақият ташкили раванди таълим дар муассиса як қатор маҳоратҳои касбию педагогиро аз худ кардан лозим аст, ки маҳорати асосии онҳо;

1. Малакаҳои конструктивӣ вобаста ба интихоб ва банақшагирии маводи таълимӣ барои омӯзиш дар давраи муайян;
2. Маҳорати ташкилотчигӣ, ки бо сохтани навъҳои гуногуни дарсҳо, шаклу намудҳои гуногуни машғулиятҳои беруназсинфӣ алоқаманданд; қобилияти ташкил ва пайвастани фаъолияти коллективӣ дар кори инфиродӣ бо хонандагони лаёқатманд ва пасмонда дар ин фан;
3. Малакаи методологии вобаста ба интихоби усул, ва воситаҳои таълими анъанавӣ ва инноватсионӣ; қобилияти гузаронидани дарсҳо онлайн, донистани усул ва технологияи таълими фосилавӣ ва ғайра;
4. Малакаҳои муоширатӣ ва нутқӣ, ки асоси фарҳанги педагогии омӯзгорро ташкил медиҳанд, ки ҳангоми муошират бо хонандагон, падару модарон ва ҳамкорон заруранд, қобилияти ташаккул додан ва нигоҳ доштани муошират шифоҳӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла меъёрҳои этикаи нутқ дар раванди муошират, қобилияти канорагирӣ аз ҳолатҳои мунокиша ва нокомии нутқ ҳангоми муошират бо категорияҳои гуногун ва ғайра.

Ҳамаи ин маҳоратҳо якҷоя дараҷаи педагогии нутқи касбии омӯзгорро муайян мекунанд. Инро каме муфассалтар дида бароем. Тарбияи нутқи касбии омӯзгор ба санъати сухан асос меёбад, ки ин аз як тараф тарбияи баланди нутқи омӯзгорро дорад (риояи меъёрҳои адабии забон дар ҳамаи сатҳҳои системаи забон, зеро нутқи омӯзгор намунаи ибрат аст), аз тарафи дигар кордонии у. Калимаи омӯзгор дар фаъолияти педагогии у аслиҳаи асосӣ , агар ягона бошад, воситаи асосии таъсиррасонӣ ба шуур ва ҳиссиёти хонандагон дар раванди таълим мебошад. Дар забон омӯзгор суханони моҳирона муъҷизаҳо ба вуҷуд оварда метавонанд. Омӯзгор бо сухан худаш тарбияи худ ахлоқу одоб муносибати худро нисбат ба шогирд ифода мекунад. Аз ин рӯ, ҳунару сухан ҳамчун яке аз меъёрҳои асосие гузошта мешавад, ки қобилияти касбии омӯзгорро муайян мекунад. Сухани омӯзгор бояд таъсирбахш, руҳбахш, илҳомбахш, боварибахш бошад ва ҳеҷ як хонандаро бепарво нагузорад; ростгӯй бошед (хонандагон дурустии суханони омӯзгорро оҳиста ҳис мекунанд ва ба сухани ростқавлона ҳассосона ҷавоб медиҳан); иттилоотӣ, пурмазмун, мантиқӣ мувофиқ будан; устувор будан, серталаб будан ва дар мавриди зарурат нарм навозиш кардан; малакаҳои ирфонӣ, ки бо корҳои ҷустуҷӯйи, тадқиқотӣ, таҳлилӣ алоқаманданд; қобилияти кор кардан бо адабиёти илмӣ, методӣ ва маълумотӣ бо луғатҳои гуногун; қобилияти баровардани хулосаҳо ва умумӣ. Малакаҳои номбаршуда (онҳоро идома додан мумкин аст) асоси талаботи асбиро ба омӯзгори муосири муассиса ташкил медиҳанд. Талаботи шахсӣ бо ташаккул додани он хислатҳои мусбат дар омӯзгори муассиса алоқаманд аст, ки уро идеали ахлоқии хонандагон, намунаи ибрат мегардонанд.

Идеал омӯзгори муассиса шахси баланди ахлоқӣ, фарҳангӣ, бомаърифат соҳибақл аст, ҳокими сифатҳои мусбат, аз қабили таҳаммулпазирӣ, гуногунфарҳангӣ, ҷомеашиносӣ, ахлоқу одоб, инсондӯстӣ, поквиҷдонӣ, мавқеҳои фаъоли ҳаётӣ, меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ ва як қатор дигарҳо мебошад. Ба шарофати ин хислатҳо дар байни омӯзгор ва хонанда муносибатҳои боваринок муқарар карда мешавад. Ва ин гарави муваффақият дар раванди таълим аст. Дигар хислатҳои муаллими муосир ки барои иҷрои он вазифаҳои ҷомеа пешбинӣ шудааст, нисбат ба маҳорати педагогӣ методӣ омӯзгор талаботи баланд мегузорад. Вай бояд технологияи нави таълимро азхуд кунад. Аммо ин асло маънои рад

кардани усул ва воситаҳои таълими куҳнаи анъанавиро надорад. Дар айни замон вожаи педагогӣ муаллими эъҷодкор васоити таълим хеле зиёданд: анъанавӣ китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълими чопӣ, асбобҳои айёнии чопӣ (ҷадвалҳо, плакатҳо, расмҳо, графикҳо, схемаҳо ва ғайра): инноватсионӣ ахборотӣ коммуникатсионӣ технологияҳо (интернет, компютер, планшет, ноутбук, смартфон омӯзгори муосир бояд инҳоро хуб донад ва дар раванди таълим моҳирона дар як нуқтаи муайян оқилона татбиқ намояд.

Барои он ки шароити педагогии дар ҷараёни таҳқиқот ошкоргардидаро дар амал татбиқ намоем, зарур аст, ки усулҳои комилан дигаргуна (аз анъанавӣ тафовутдошта) нисбат ба ташкили раванди таълими дар ҷуъиёти муҳтавоӣ ва сохтории амсилаи озмоишӣ инъикосёфтаро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор барем.

Амсилаи таҷрибавиро дар намуди инъикоси ангоравии ҷузъи муҳтавоии шароитҳои педагогии дараҷаи маърифат ва ҳуқуқи омӯзгор, ки дар намуди панҷ марҳилаҳои ба ҳам пайваста дар муттасилии сохтории он: мақсадӣ, ташкилӣ, технологӣ, муҳтавоӣ ва натиҷавию баҳодиҳӣ пешниҳод шудааст, баррасӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Дараҷаи самаранокии амсилаи кори таҳқиқотӣ аз рӯйи дараҷаи ҷамъбастии дараҷаи маърифатӣ аз ҷумла ҷузъиёти гуногуни он (дар марҳилаи натиҷавию баҳодиҳӣ) муайян карда мешавад.

Аз тарафи омӯзгор зоҳиршавии ин ё он фаъолият дараҷаи рушди ӯро тавсиф менамояд. Натиҷаи калидии амалишавии амсилаи педагогии пешниҳоднамудаи мо комёбии дараҷаи баланди маърифати ҳуқуқи омӯзгорони низоми таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ мебошад, ки дар мустақилияти ҳаракатӣ ва маърифати ҳуқуқӣ ифода мегардад.

Асоснокӣ ва таҳлили моҳияти ҷузъи таркибии муҳтавоии амсилаи пешниҳодгардидаро бо якчанд мулоҳизаҳои ҷанбаи умумидошта меоварем.

Тавре ки дида мешавад, амсилаи таҳиянамудаи мо танҳо бо ҷузъиёти асосӣ бидуни баррасии муфассали сохтори он пешниҳод шудааст. Дар ин ҳол, мо намуди муфассали сохторишуда бо тавсифи мухтасари муҳимтарин ҷузъиёти онро ба хонанда дар поён ошно хоҳем намуд. Ҳангоми интихоби чунин усули пешниҳоди амсилаи педагогии аз тарафи мо таҳияшуда ҳолатҳои зеринро ба назар гирифтем.

Дар қаринаи таҳқиқоти худ мо пешниҳод менамоем, ки амсилаи педагогӣ ҳамчун тасаввури ангоравии робитаҳои мутақобила ва сохтори ҷузъҳои таркиби он баррасӣ шавад, ба туфайли ҳамкориҳои муназзами онҳо дар чорчӯбаи раванди педагогӣ хосиятҳои нави ҳамгироӣ ташаккул меёбанд, ки он ҳадафи бунёди амсилаи (низоми) мазкур мебошад ва бо ёрии онҳо ҳаллу фасли масъалаҳои педагогӣ ба дараҷаҳои баландтари сифатӣ муяссар хоҳад гардид.

Дар зимн, ҳатто мукаммалтарин ангораҳо ва амсилаҳоро ҳам бе айбу нуқсон наметавон гуфт. Моҳияти муҳтавоии ҷузъҳои таркибии низомнокии педагогӣ бо тамоми пуррагии худ наметавонад бо воситаҳои ангоравии абзорӣ инъикос ёфта бошад. Хусусан, ки тасвири ангоравии ҳамаи робитаҳои мутақобилаи нодир ва тобишҳоеро, ки ба падид омадани тавсифномаҳои нави низом вобаста мебошанд ва пурра муайянкунандаи амалкарди нави баландтар ва дараҷаи сифатии он мебошад.

Мақсади амсилаи ангоравӣ тасаввури фаҳмотар ва аёнии ин ё он падида мебошад, ки имкон медиҳад он осонтар арзёбӣ ва мулоҳиза карда шавад. Агар чунин мақсад ҳосил шуда бошад, он гоҳ амсила вазифаи худро сарфи назар аз баъзе носаҳеҳиҳо, иштибоҳҳои ба он хосбуда ва дигар аломатҳои хоси табиати номукаммали он иҷро кардааст.

Аммо гунаи хеле бадтар он ҳолате мебошад, ки амсила ё ангораи ин ё он падида ё раванд на танҳо ба идроки беҳтари он мусоидат намекунад, балки маърифат, мулоҳиза ва дарки моҳияти онҳоро душвор мегардонад. Мушкилӣ, сирфан, дар ғунҷоиши муҳтавоӣ, амиқӣ ва гуногуншаклии сохтории ҷузъиёти низомнокии педагогӣ мебошад, ки дар шароити маҳдуд, ҳатто дар мукаммалтарин ангораҳо умуман ба таври муфассал ифада намудан имконнопазир аст.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти дар боло зикргардида ва ҳифз намудани ҷамъи амсилаи ба таваҷҷуҳи хонанда пешниҳодшаванда, мо ба тавсифи муфассали сохтор ва ҷузъи мухтавоии он ба шакли ҷадвал иқдом намудем.

Таркиби ҷузъи мухтавоӣ аз ҷумлаи ҷузъиёти калидии шароитҳои педагогии дараҷаи маърифат ва ҳуқуқ дар соҳаи омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

I. **Марҳилаи мақсаднок.** Дар марҳилаи мазкур мухтаво, сохтор ва мақсади раванди ба шароити дараҷаи маърифат ва ҳуқуқ самтгиришуда дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ин раванд ба ҷамъбасти таҳлили ченакҳои аввалияи тавсифкунандаи дараҷаи ташаккулёфтагии ҷузъҳои он, инчунин пешгӯйии такмили имконпазири онҳо дар ҷараёни омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ дар МТМУ.

II. **Марҳилаи ташкилӣ.** Дар чорчӯбаи марҳилаи мазкур шароити ташкилӣ, равишҳо ва шаклҳои амалисозии фаъолияти таҳсилот муайян карда мешаванд ва онҳо имкон медиҳанд, ки мухтавои амсила бо самаранокии ҳадди аксар ва бомуваффақият вазифаҳои ҳар як марҳилаи ҷудошудаи шароити педагогии дараҷаи ҷанбаи маърифатидоштаро иҷро намояд.

Шаклҳоро мо ҳамчун ташаккули чунин шароити педагогӣ баррасӣ менамоем, ки амалкарди бомуваффақияти машғулиятҳои дарсӣ ва берун аз дарсӣ, ҳамчунин таносуби муносиби онҳоро ҳангоми омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ дар МТМУ таъмин менамоянд.

**Равишҳо**:

- Шахсан - самтгиришуда, раванди такмилёбии хонандагонро бо дарназардошти тавсифномаҳои ҷисмонии инфиродии ҳар яки онҳо, ҳолати саломатӣ ва омодагии ҳаракатии онҳо дар назар дорад.

- Низомнокию фаъолиятӣ – барои хонандагон фароҳамоварии чунин шароитро дар назар дорад, ки дар он онҳо метавонанд мустақилияти ҳадди аксарро дар дараҷаи ҷанбаи ҳаракатӣ ва маърифатидошта зоҳир намуда, ба раванди худомӯзӣ ҷалб шаванд.

- Аксиологӣ, ки ба ташаккули муносибати арзишӣ нисбат ба масъалаҳои саломатии худ мусоидат мекунад.

**Шароити ташкилӣ:**

- ба вуҷуд овардани шароити ташкилӣ, ки татбиқи самараноки усулҳои шахсан самтгиришуда, низомнокӣ, дараҷавӣ ва аксиологиро имконпазир менамояд;

- шароити зарурӣ барои дараҷаи маърифатии бомуваффақиятро ҳангоми таълими тарбияи ҷисмонӣ дар чорчӯбаи раванди умумитаҳсилотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад;

- босамартарин шаклҳо ва намудҳоро барои ташаккули бомуваффақияти дараҷаи маърифатӣ ва таносуби муносиби миёни шаклҳои таълими дарсӣ ва берун аз дарсии тарбияи ҷисмонӣ муайян карда мешавад;

- машғулиятҳо оид ба омӯхтани тарбияи ҷисмониро дар мисоли барномаҳои бомуваффақияттарини муосир дар соҳаи мазкур ташкил намудан;

- ба барномаи кории оид ба тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчунин нақшаи таълимӣ ҳадди ақал се соат дар як ҳафта барои омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ ҷудо намудан;

- имконияти пурарзиш ҳаллу фасл намудани масъалаҳои умумитаҳсилотӣ дар ҷараёни таълими тарбияи ҷисмониро бо роҳи ташаккули шароит барои баргузории машғулиятҳои дастурдиҳию методӣ ва назариявӣ таъмин намудан;

- фаъолияти мунтазами беруназдарсии дараҷаи тарбияи ҷисмонидоштаро ташкил намудан;

- ҳамгироии шаклҳои беруназдарсӣ ва дарсии тарбияи ҷисмониро дар МТМУ татбиқ намудан;

- ҳадди ақали зарурии заминаи моддию техникӣ ба тарбияи ҷисмониро таъмин кардан;

- мониторинги (назорати) дақиқи ҳузур доштани таълимгирандагонро дар машғулиятҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчунин ҷалб шудани хонандагонро дар шаклҳои беруназдарсии дараҷаи маърифатӣ ташкил намудан.

**III. Марҳилаи муҳтавоӣ.** Дар ин марҳила воситаҳо ва методҳои таълим муайян карда мешаванд, ҳамчунин ҷузъи таркибии муҳтавоии маводи таълимӣ мутобиқи принсипи калидии омӯзиши дар ҷараёни раванди таълим ба таври муназзам ва маҷмӯии бо якдигар зич вобастабуда ва самтгиришуда ба фаъолияти ҷанбаи ҳаракатӣ ва маърифатидошта ҳамчун ҷузъиёти рушди шахсиятии якдигарро пурракунанда ба кор бурда мешавад.

Воситаҳои таълим:

- намудҳои фаъолияти ҳаракатии пешбинигардида дар чорчӯбаи барномаи таълимӣ, ки ба эҷодиёт, зуҳуроти рағбати кунҷковона ҳадди аксар мусоидат мекунад;
- маводи дидактикӣ ва таълимӣ (варақа-супоришҳо, ки дар онҳо дастурдиҳии дақиқи амалҳои эҳтимолӣ вуҷуд надорад ва ин имкон медиҳад, ки малакаҳои ҷустуҷӯи мустақилона, мулоҳизаронӣ ва идроки маводи таълимӣ бидуни ёрии педагог коркард карда шавад);
- истифодаи унсурҳои бозиҳои мардумӣ ва шаклҳои муосири машқҳои ҷисмонӣ ва ғайра);
- иҷро намудани машқҳои самтгиришудаи умумиинкишофӣ, тасҳеҳкунанда, махсус рушддиҳанда ва профилактикӣ;
- истифодаи воситаҳои ахбори омма, захираҳои интернетӣ бо мақсади ҳаллу фасли супоришҳои таълимии ҳаракатӣ ва маърифатӣ;
- истифодаи ҷузъи иттилоотии таркиби муҳтавоии фанни таълимии «тарбияи ҷисмонӣ» яке аз воситаҳои калидии педагогӣ ба шумор меравад;
- истифодаи воситаҳои техникии таълим (ВТТ) бо мақсади иҷрои супоришҳои ҷанбаи таълимидошта.

**IV. Марҳилаи технологӣ.** Таъсиррасонии педагогӣ ба раванди дараҷаи ҷанбаи маърифат ва ҳуқуқии тарбияи ҷисмонӣ дар МТМУ

**«Фаъолияти тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ».** Силсилаи дарсҳо аз рӯйи мавзӯҳои зерин: оид ба гимнастикаи пагоҳирӯзӣ, ҳамчун нахустин иқдом ба тарзи зиндагии солим; оид ба таъсири гимнастикаи пагоҳирӯзӣ ба ҷисми мо; дар бораи он, ки чи гуна маҷмӯаи машқҳоро барои гимнастикаи пагоҳирӯзӣ дуруст интихоб намуд; дар бораи пайдарпайии машқҳои гимнастикаи пагоҳирӯзӣ ва ғайра.

**«Фаъолияти тарбияи ҷисмонии оммавӣ».** Дарсҳо аз рӯйи мавзуъҳои зерин: дар бораи Бозиҳои олимпӣ; оид ба намудҳои муосири варзиш; дар бораи намудҳои инфиродӣ ва даставии варзиш; оид ба таҷҳизот ва асбобҳои муосири варзиш; дар бораи бозиҳои серҳаракат, аз ҷумла бозиҳои мардумӣ; оид ба воситаҳои ғайристандартии варзиш ва ғайра.

Маҷмӯаи намунавии вазифаҳои хонагӣ: тавсиф намудани намудҳои нави варзиш; огаҳӣ ёфтан аз далелҳои аҷиби (ҷолиби) таърихи олимпиадаҳо ва дар бораи онҳо нақл кардан; дар бораи ин ё он рӯйдоди варзишии ҳафта, дар бораи варзишгар, оид ба намудҳои ҷолиби варзиш омода намудани гузориш; тартиб додани маҷмӯаи худии машқҳои пагоҳирӯзӣ ва ғайра.

**V. Марҳилаи баҳодиҳию натиҷавӣ.** Дар чаҳорчӯбаи марҳилаи мазкур самаранокӣ ҳамчун шароити педагогӣ, ба монанди худи амсилаи озмоишӣ тавассути арзёбии дараҷаи ташаккулёфтагии ҷузъҳои таркибии калидии ҷанбаи маърифатидошта муайян карда мешавад.

Ҷузъи таркибии маърифатӣ: дараҷаи шуурнокӣ, идрок ва азхудкунии маводи таълимӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ дар МТМУ, ҳамчунин саъю кӯшиши хонандагонро барои амиқ сохтани донишҳои мазкур, тавсеаи раванди худшиносӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи худ муайян мекунад.

Ҷузъи таркибии ҳавасмандию арзишӣ: талош ва мароқи хонандагонро ба дараҷаи тарбияи ҷисмонию ҷанбаи маърифатидошта, (дастурҳои арзишӣ, ҳавасмандиҳо, ниёзмандиҳо) тавсиф менамояд.

Ҷузъи таркибии фаъолияти амалӣ: дараҷаи маҳорати хонандагонро дар ҷиҳати истифодаи низоми донишҳо дар фаъолияти мустақилона бо мақсади иҷрои вазифаҳои ҳаракатӣ ва маърифатӣ, пайдо кардани тарзу услубҳои муносиби ҳаллу фасли онҳо, ки ба туфайли онҳо дар навбати худ, гирифтани такони иловагӣ ба такмили иҷтимоӣ, эҷодӣ ва ақлонӣ тавсиф менамояд.

**Меъёрҳои дараҷаи ташаккулёфтагии ҷузъҳои таркибӣ:**

- ниёзмандӣ ба фаъолияти ҷанбаи ҳаракатидошта;
- ҳавасмандӣ барои бадастоварӣ ва такмили донишҳо дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- ниёзмандӣ ба маърифат;
- ниёзмандӣ ба худомӯзӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дарҶумҳурии Тоҷикистон;
- ниёзмандӣ дар фанни таълимии «тарбияи ҷисмонӣ»;
- ҳавасмандиҳои иштирок кардан дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, инчунин муносибат оид ба онҳо;
- азхудкунии маҳоратҳо ва донишҳои дастурию методӣ ва назариявӣ оид ба фанни «тарбияи ҷисмонӣ».

**Дараҷаҳои ташаккулёфтагии шароитҳои педагогӣ ва маърифатӣ:**

**Баланд:** а) фаъолияте, ки бошуурона барои бадастоварии донишҳои махсус бо мақсади муайянкунии методҳо ва воситаҳои муносиби ташкили машғулиятҳои мустақилонаи тарбияи ҷисмонӣ самтгирӣ шудааст;

б) шаклҳои эҷодкоронаи дар фаъолияти амалии ҳамарӯза ба кор бурдани малакаҳо ва донишҳо;

в) иштироки фаъолона ва мунтазам дар фаъолиятҳо оид ба ташкили чорабиниҳои варзишию тарбияи ҷисмонӣ.

**Мустақилият дар шароити ҳаракатӣ ва маърифатӣ бо мақсади худтакмилдиҳии шахсӣ:**

**Миёна:** а) марок зоҳир намудан ба донишҳое, ки дар ҷараёни раванди таълимӣ ба миён омада ва бо талош ба иҷрои босифати супоришҳои таълимӣ бо мақсади дарёфт намудани баҳои хуб маҳдуд мешавад;

б) мавқеи бошуурона нисбат ба аҳамият ва нақши дониш дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) фаъолият оид ба ташкил намудани чорабиниҳои варзишию тарбияи ҷисмонии ҷанбаи давравидошта.

**Зоҳир намудани шароитҳои ҷанбаи ҳаракатӣ ва маърифатидошта барои ба даст овардани баҳоҳои мусбат**

**Паст:** а) тасаввуроти қисматшуда ва нопурра дар бораи ҷузъи таркибии муҳтавоии барномаи таълимӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ, ба аҳамият ва нақши фаъолияти мустақилонаи ҷисмонӣ дар зиндагии одамони муосир;

б) набудани ҳеҷ гуна рағбат ба бахшҳои амалию методӣ ва назариявии ҷузъи таркибии муҳтавоии таҳсилоти олӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ;

в) фаъолияти ҳаракатӣ дар заминаи ташаккулёфтагии пасти ниёзмандӣ ба донишҳои махсус падид меояд;

г) аломатҳои худканорагирӣ аз фаъолияти самти варзишию тарбияи ҷисмонӣ.

Сохтори дараҷаи маърифатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро, ки мо дар ҷараёни таҳлили адабиёти самти махсус муайян намудем, метавонад дар намуди ҷузъҳои таркибии низомофарандаи алоҳида (фаъолиятию амалӣ, маърифатӣ, арзишию ангезавӣ) пешниҳод гардад, ки дар онҳо хосиятҳо ва сифатҳои калидии шахсии хонандагон ҷамъбаст карда шудаанд.

Ба туфайли таъсиррасонии педагогӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар хонандагон мустаҳкамшавии арзишҳои тарзи ҳаёти солим ба вукуъ омада, ҳавасмандӣ ба фаъолияти мунтазами ҷисмонӣ, ниёзмандӣ ба машқҳои ҷисмонӣ падидор хоҳад гардид.

Муносибати мусбат ба машқу тамринҳои ҷисмонӣ ва тасаввури дуруст дар бораи нақши фаъолияти ҳаракатӣ дар зиндагии инсон иборат аз омилҳои ҳамдигарпуркунанда ва бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки ғайриимкон будани рушди якеро бидуни мавҷудияти дигар вобаста месозанд. Тавассути шуурнокӣ мароқ ба фаъолияти муассири тарбияи ҷисмонӣ, муносибати мусбат ба тарзи зиндагии солим ташаккул меёбад.

Дар ин ҷо дараҷаи ташаккулёфтагии шароити дараҷаи маърифатидошта, дар навбати аввал, ба дараҷаи устувории рағбати хонандагон нисбат ба машғулиятҳои машқҳои ҷисмонӣ, ҳавасмандӣ, ниёзмандӣ ва усули бошуурона ба фаъолиятҳои ҳаракатӣ ва маърифатӣ вобастагӣ дорад.

Дар асоси таҳлили илмии дар чорчӯбаи омӯзиши назариявӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда мо ба **натиҷаҳои з**ерин расидем:

Аксари муҳаққиқон перомуни ҳолати бухронии тарбияи ҷисмониро дар МТМУ-и Тоҷикистони имрӯза ибрози андеша намуда, дар қатори сабабҳои асосӣ то ҷое аз принсипҳои инсонгароӣ дур шудани ҷомеаро таъкид мекунанд.Дар ҳоле, ки саломатии инсон ҳамчун арзиши асосӣ ва бо кӯшиши тамом машғул шудан ба варзиш беҳтарин васила барои расидан ба олитарин натиҷаи дилхоҳ мебошад.

Бо чунин падидаҳои бухронӣ метавон фақат бо иваз кардани нуктаҳои таъкид аз рӯйи тарбияи ҷисмонӣ ба самти машқҳои ҷисмонии оммавӣ метавон пайкор намуд. Аммо кӯшишҳои амалисозии лоиҳаҳои ба рушди машқҳои ҷисмонии оммавӣ нигаронидашуда, дар бораи дар соҳаи мазкур вуҷуд доштани як силсилаи томи ихтилофҳо: дар миён хоҳиш надоштан ё омода набудани аксарияти хонандагон барои иштирок дар мафҳилҳои варзишӣ ва эъломияҳо аз тарафи давлат дар хусуси зарурати машқҳои ҷисмонии оммавӣ; дар миёни комёбиҳои бадастомада дар соҳаи машқҳои ҷисмонии оммавӣ дар замони шӯравӣ ва замони мо; дар миёни шароити воқеӣ, ки дар он машқҳои ҷисмонии оммавӣ рушд мекунад ва заруратҳо; дар миёни шароити воқеии меҳнати (пеш аз ҳама музди кор) кадрҳои баландихтисос дар соҳаи машқҳои ҷисмонии оммавӣ ва зарурати аз байн бурдани камбудии кадрҳо дар соҳаи баррасишаванда шаҳодат медиҳад.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ гувоҳи он аст, ки дастрас ва оммавӣ будани машқҳои ҷисмонӣ аз принсипҳои асосӣ дар ҳаллу фасли муваффақонаи масъалаҳои муҳими соҳа, аз ҷумла расидан ба натиҷаҳои баланди варзишӣ ва ҷалби қишри зиёди аҳолӣ ба тарзи ҳаёти солим ба шумор меравад. Бисёрҷабҳагии фанни тарбияи ҷисмонӣ имкони тасдиқи онро медиҳад, ки малакаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва касбии ба туфайли ба тарбияи ҷисмонӣ машғул шудан ба даст омадааст, бомуваффақият ба дигар намудҳои фаъолият интиқол дода мешавад.

Шароити педагогие, ки муаллифони таҳқиқот басифати ҷузъи калидии низоми педагогӣ пешниҳод намудаанд, инъикосгари умумитарин талаботҳо мебошад, ки ба ташкили раванди таҳсилот дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва шароити педагогии дараҷаи маърифат ва ҳуқуқ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ матраҳ карда мешаванд. Онҳо дар дараҷаҳои гуногун, дар ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ва муҳтавову сохтори амсилаи пешниҳоднамудаи муаллиф инъикос шудаанд. Ҳадафи ин амсилаҳо мусоидат ба бомуваффақият амалисозии шароити педагогии дар ҷараёни пажӯҳиши таҳиягардида мебошад ва он имкон медиҳад, ки воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва ҷараёни маърифати ҳуқуқӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ бо самаранокии ҳадди аксар ба кор бурда шавад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллоев, Ш.У. Современные факторы профессиональной подготовки специалистов физического воспитания. Ученые записки ХГУ им.ак.Б.Гафурова. №1 (50), Худжанд, 2017, - С.162-165.

2. Агеевец, В.У. Инварианты системно-структурного подхода в методологии науки управления развитием физической культуры общества / В. У. Агеевец, В. В. Дугин // Теория и практика физ. культуры. - 1977. - № 8. - С. 48-51.

3. Азизов, М. Формирование у студентов культуры бережного отношения к природе в процессе организации и проведении походов // Молодой ученый / М.Азизов. - 2012. - №3. - С. 339 - 342.

4. Акулова, Л. Н. Анализ современного состояния социально-активной позиции учителя физической культуры / Л. Н. Акулова, А. С. Королев // Ученые записки университета им. П. Ф. Лесгафта. - 2016. - № 3 (133). - С. 21-26.

5. Александров, С. Э. Социальные функции физической культуры как составной части общечеловеческой культуры / С. Э. Александров // Теория и практика физической культуры. 1990. - №11. - С.51-54.

6. Аминджонова, М.С. Педагогические взгляды Рудаки и его современиков в контексте современных проблем образования: автореф. дис.... канд. пед. наук/ М.С. Аминджонова. - Душанбе, 2014. - 24 с.

7. Андреев, В.И. Педагогическая эвристика для творческого саморазвития многомерного мышления и мудрости: монография / В.И. Андреев. - Казань: Центр инновационных технологий, 2015. - 286 с.

8. Атаханов, Т., Лутфуллоев, М., Шарипов, Ф. Педагогические очерки таджикских мыслителей /Т.Атаханов, М.Лутфуллоев, Ф.Шарипов. - Душанбе, 2005. - 297с.

9. Ашуралиев, М. Духовно - нравственное воспитание школьников на основк педагогических традиций таджикского народа /М.Ашуралиев. -Душанбе: Ирфон, 2007. - 130 с.

10. Бабаджанов, А.К. История физической культуры Таджикистана. – Душанбе, 2002. С. 11-14.

11. Баразгова, Е.С., Хузина, А.Х. Институт высшего образования: к вопросу о некоторых типологических // Актуальные проблемы социологии: СбС // Ред.: Ю.Р.Вишневский, Г.Е.Зборовский, П.А. Амбарова. Екатеринбург, 2015. С. 73 - 81

12. Бахриддинов М. Вдзаимосвязь эллинистической физической культуры с физической культурой народов Центральной Азии / М.Бахриддинов //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе: Сина, 2012. - №3/2. - С.23-29.

13. Бахриддинов, С. Становление физической культуры у народов Центральной Азии. – Душанбе, 2014. – 24 с.

14. Бахриддинов, М. Физическая культура восточно - иранских племён Центральной Азии на заре раннеклассового общества/М.Бахриддинов //В кн.: Физическая культура и спорт-основа здоровья нации. -Душанбе, 2012. -С. 24.

15. Бахриддинов, М. Физическая культура народов Центральной Азии в период вхождения их в состав Ахеменидского государства / М.Бахриддинов // Вестник педагогического университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. - Душанбе, 2012. - №1(44). - С.28-37.

16. Бахриддинов, М. Физическая культура народов Центральной Азии в период Кушанского царства / М.Бахриддинов //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). - Душанбе: Сина, 2012. -№3/5 (93). - С. 43-49

17. Башаев, Н. Н. Роль физического воспитания в формировании социальной активности студентов: дис.. канд. пед. наук / Н. Н. Башаев. - Ленинград, 1979. - 238 с.

## ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС БО ИСТИФОДАИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК
### (Дар мисоли мутафаккирони асрҳои XII-XIII)

***ФАРЗОНАИ Сайфиддин*** *– асистенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,* ***тел.:*** *(+992)988 21 95 55*

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ташаккули тарбияи насли наврас бо истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар мисоли мутафаккирони асрҳои XII-XIII-ро мавриди таҳлилу озмош қарор диҳад. Ба андешаи муаллиф ҳанӯз аз замонҳои қадим олимон, шоирон, нависандагон ва равшанфикрон дар осори безаволи худ оид ба масъалаи тарбияи насли наврас ҳамеша диққати ҷиддӣ медоданд. Осори классикони адабиёти форсу тоҷик иникоскунандаи сифатҳои маънавӣ-фарҳангӣ ва манбаи иҷтимоии ташаккули тарбияи инсон буда, дар ғановати ҷаҳони маънавӣ ва ирфонии одамон таъсири амиқе расонидааст. Дар ин рисола дастовардҳои онҳоро мавриди таҳлил қарор додем.

Бояд ёдовар гардем, ки таҳлили андешаҳои педагогии халқи тоҷик ва идеяҳои ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии равшанфикрони бузурги алоҳидаи он имконият фароҳам мекунанд, ки аз як тараф, хусуссияти миллии онҳо дар раванди таълиму тарбияи насли наврас истифода бурда шаванд, аз тарафи дигар дар ин замина самаранокии таълиму тарбия тавсеа дода мешавад.

Муаллиф зимни омодасозии мақола аз манбаъҳои муътамади илмӣ-педагогӣ, психологӣ, корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ва сомонаҳои интернетӣ фаровон истифда намуда, мақолаи мазкурро ба як низоми муайян даровардааст.

***Вожаҳои асосӣ***. *афкори педагогӣ, мутафаккир, хонанда, осори классикӣ, адабиёти классикии форсу тоҷик, педагогика, психология, адибон, шоирон, нависандагон.*

## ОРГАНИЗАЦИЯ ОБРАЗОВАНИЯ МОЛОДЕЖИ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ МЫСЛЕНИЙ ПЕРСИДСКИХ И ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

**(На примере мыслителей XII-XIII веков)**

***ФАРЗОНАИ Сайфиддин*** *– ассистент кафедры психологии Национального университета Таджикистана, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17,* ***тел.:*** *(+992)988 21 95 55*

В данной статье автор предпринял попытку проанализировать и апробировать формирование подрастающего поколения, используя педагогические идеи персидско-таджикских мыслителей на примере мыслителей XII-XIII веков. По мнению автора, с древних времен ученые, поэты, писатели и интеллектуалы всегда уделяли в своих произведениях серьезное внимание вопросу воспитания подрастающего поколения. Классические произведения персидско-таджикской литературы являются отражением духовно-культурных качеств и социальным источником образования человека, оказали глубокое влияние на богатство духовно-мистического мира людей. В данной диссертации мы проанализировали их достижения.

Следует отметить, что анализ педагогических идей таджикского народа и идей мировоззрения и мировоззрения отдельных его великих интеллектуалов дает возможность, с одной стороны, использовать их национальные особенности в процессе воспитания и обучения таджикского народа. молодого поколения, а с другой стороны, повысить эффективность образования и обучения в этом контексте.

При подготовке статьи автор использовал множество достоверных научно-педагогических, психологических, тестово-экспериментальных работ и интернет-сайтов и привел данную статью в определенную систему.

***Ключевые слова:*** *педагогическая мысль, мыслитель, читатель, классические произведения, классическая персидско-таджикская литература, педагогика, психология, писатели, поэты, писатели.*

# ORGANIZATION OF YOUTH EDUCATION USING PEDAGOGICAL THOUGHTS OF PERSIAN AND TAJIK THINKERS
## (Based on the example of thinkers of the 12th-13th centuries)

***FARZONA Saifiddin*** *– is an associate professor at the Department of Psychology at the National University of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17,* ***phone:*** *(+992)988 21 95 55*

In this article, the author attempted to analyze and test the formation of the younger generation, using the pedagogical ideas of Persian-Tajik thinkers using the example of thinkers of the 12th-13th centuries. According to the author, since ancient times, scientists, poets, writers and intellectuals have always paid serious attention to the issue of educating the younger generation in their works. Classic works of Persian-Tajik literature are a reflection of spiritual and cultural qualities and a social source of human education, and have had a profound impact on the richness of the spiritual and mystical world of people. In this dissertation we analyzed their achievements.

It should be noted that the analysis of the pedagogical ideas of the Tajik people and the ideas of the worldview and worldview of some of their great intellectuals makes it possible, on the one hand, to use their national characteristics in the process of educating and training the Tajik people. the younger generation, and on the other hand, increase the effectiveness of education and training in this context.

When preparing the article, the author used many reliable scientific, pedagogical, psychological, test and experimental works and Internet sites and brought this article into a certain system.

***Key words:*** *pedagogical thought, thinker, reader, classical works, classical Persian-Tajik literature, pedagogy, psychology, writers, poets, writers.*

Бо назардошти аҳамияти илм ва таълиму тарбия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон соҳаи илму маорифро “Омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат” номидааст. Таълиму тарбияро омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат тавсиф намудани Сарвари давлат бар пояи ин фалсафаи зиндагӣ қарор гирифтааст, ки танҳо инсонҳои соҳибмаърифат, огоҳу худшинос ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баланд метавонанд ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангиву ахлоқии халқи худро ҳифз созанд ва ба ин васила ҷойгоҳи вижаи миллатро дар арсаи ҷаҳонӣ муайян намоянд.

Президенти кишвар дар ин ибрози назари худ “тарбия” ва “таълим”-ро ҳамчун ду фароянди алоҳида арзёбӣ менамояд. Зеро ин ду мафҳум – таълим ва тарбия – бо вуҷуди ин ки дар канори ҳам ба кор мераванд ва дарҳамтанидагии ногустание доранд, фарояндҳои гуногун мебошанд.

Таълим - дар луғат ба маънои ёд додан аст ва дар истилоҳ ба фароянде гуфта мешавад, ки вазифаи интиқоли донишро бо равишҳои гуногун бар ӯҳда дорад.

Таълим, ки вожаи сохта аз калимаи илм аст, маънои интиқоли донишу иттилоъро аз устод ба шогирд, аз китобҳо ба мутоликунанда ва, умуман, аз касе ба касе ифода менамояд. Бино бар ин амри таълим ба ин маънӣ, ки ба ҷуз омӯхтани маърифат, нақши дигаре надорад, фароянди маҳдуде ба ҳисоб меояд. Аммо тарбия фароянди бисёр густурда аст ва густураи он тамоми истеъдодҳо, қобилиятҳо ва ҳамаи ҷанбаҳои ҳастии инсонро ва ҳар гуна иқдомеро, ки барои покизаву беҳтар кардани ахлоқу рафтор сурат мепазирад, дар бар мегирад.

Тарбия бахшҳои фаровоне, монанди тарбияи равонӣ, тарбияи маданӣ, тарбияи динӣ ва ғайра, дорад, ки аз ин миён тарбияи ахлоқӣ барои такомули фард аҳамияти вижа дорад ва ба ҳамин сабаб ҳам аст, ки тарбия, пеш аз ҳама, фароянде марбут ба ахлоқ дарёфт мешавад, ки барои таъмини адлу инсофу ростии инсон мутобиқ мебошад.

Ақидаҳои педагогӣ ва иҷтимоии Ибни Сино, чунон ки аз ин асари фарогири ӯ бармеояд, роҷеъ ба адлу инсофу футувват бештар нигаронида шуда, офаридани тасвири подшоҳи одилу оқил дар он, ба монанди подшоҳони дар тахайюл офаридаи Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигар классикони адабиёти тоҷику форс, хаёлист.

Подшоҳи офаридаи Ибни Сино, намунаи ибрат ва мутааллим аст, ки назири он дар ҷамъияти феодалӣ дучор намешавад. Вале агар ба таърихи давлатдории халқҳои Эрону Арабистон ва умуман Шарқи исломӣ назар афканем мебинем, ки баъзе ҷиҳатҳои таълимоти ӯро дар шароити асрҳои миёна дар амал татбиқ намудаанд. Чунончи, дар аҳди Шамсуддавла, Абубакр, султон Санҷари Салҷуқӣ ва ғайра вазиру котиби давлатӣ шудани Ибни Сино, Ибни Боҷа, Низомулмулк ва дигарон, далели равшани ин даъвост.

Ҳамчунин дар дарбори баъзе амирон олимони зиёде гирд омада буданд, ки ба тавассути ақлу дониш ва қобилияти ташкилотчигӣ дар инкишофи иқтисодиёту маданият ёрии амалӣ расонидаанд. Чунончи, султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Алоуддавла дар асnoи ҳалли масоили девондорӣ ва ҳарбӣ аз маслиҳати Абулқосим Фирдавсӣ ва Ибни Сино баҳраманд шудаанд.

Пас накши таълиму тарбия ва нуфузи олимон дар идораи давлат ва ҷорӣ намудани қонунҳои сиёсӣ, пешрафти истеҳсолоту маданият хеле бузург аст. Аз ин лиҳоз суханони дар ҳаққи Абӯнасри Форобӣ гуфтаи профессор М. Баҳоваддиновро ба Ибни Сино низ нисбат додан мумкин аст ва ин аст, ки мегӯяд: «Утопия (хаёлнигори)-и… Форобӣ воқеъноnазир аст. Вале баъзе нишонаҳои онро, ки дастгоҳи давлатиро такмил медиҳанд, Сомониёну Фотимиён қисман амалӣ гардондаанд. Онҳо дар асnoи офаридани қонунҳо уқалоро истифода мекарданд ва қабл аз он ки ин ё он тадбири муҳимро андешанд, ба маслиҳати эшон мухтоҷ буданд» [3, с. 102].

Шарти дигаре, ки Ибни Сино (980 – 1037) ба миён гузоштааст, ин аст, ки подшоҳ бояд сирру асрори мамлакат (билод)-ро ҳаматарафа аз худ кунад, зеро агар ӯ мамлакати худро надонад, эҳтиёҷу талаботи онро низ намефаҳмад.

Дуруст аст, ки агар ҳоким талаботи ҷамъиятро надонад, чораҳои иқтисодӣ ва сиёсии худро низ бомуваффақият ба амал баровaрда наметавонад. Муаллим пеш аз он ки кӯдакро тарбия кунад, аввал ӯро меомӯзад. Духтур ҳам қабл аз муолиҷа сабаби бемориҳоро ташхису муайян менамояд. Вале агар онҳо аввал кӯдаку бемориро наомӯзанд, кӯшишашон натиҷае намебахшад. Ин «монанди захме мебошад, ки зоҳири онро ислоҳ ва мултаим бинамоед, вале дар ботин чирк боқӣ бимонад. Ин чирк пас аз муддате қувват ёфта… пӯстро пора карда, дар ҷилави чашм намоён мегардад» [12, с.104]. Подшоҳ низ қабл аз идораи мамлакат бояд ҳақиқату моҳияти онро дарк ва мулоҳиза кунад.

Аҳмади Дониш дар бораи мақоми инсон изҳори андеша карда, пас аз пайғамбару авлиё подшоҳонро дар ҷои дуюм мегузорад, зеро онҳоро худи Худо аз миёни халқ ба мазиди ихтисос баргузида, фармонраво гардонидааст. Аҳмади Дониш адлу инсофро шарти подшоҳӣ, савобу салоҳи кори салотинро салоҳу савоби ҳаёти халқ мешуморад ва ҳамчунин фасоди ҳокимону фармонравоёнро фасоди ҳоли кулли раият ва мамлакат маҳсуб медонад.

Дар Қуръони маҷид оид ба адлу инсофи ҳокимону амирон ва ба ростиву ҳақ ҳукм кардани онҳо борҳо таъкид шудааст: “Ҳамоно Худо амр мекунад шуморо, ки бидиҳед амонатҳоро ба соҳибонаш ва мефармояд, ки ба ростиву ҳақ ҳукм кунед, чун ҳоким шавед миёни мардумон ва ба некӯтарин чиз панд медиҳад шуморо ва яқинан Худо шунавову биност” [4, 58].

Саъдии дунёдидаву росткору ростгуфтор дар тарозуи хиради оламгири худ ин нуктаро санҷидаву баркашида гуфтааст:

Ростӣ мӯҷиби ризои Худост,
Кас надидам, ки гум шуд аз раҳи рост [15, с.26].

Ин ояи маъруфи Қуръони карим ба амалдорон, пешвоён ва амирон бо таъкид мурoҷиат мекунад, ки: “... Адл кунед, зеро адл наздиктар аст ба тақво ва битарсед аз Худо. Ҳамоно Худованд огоҳ аст ба кирдори шумо” [12, с.26].

Мутафаккирони барҷаста Унсурулмаолии Кайковус низ дар ин маънӣ овардааст: “Ва раият ба адл тавон дошт ва раият ба адл ободон бошад, ки дахл аз раият ҳосил мешавад. Пас бедодро дар малакат роҳ мадеҳ, ки хонаи маликон аз дод барҷой бошад ва қадим гардад ва хонаи бедодгарон зуд нест шавад, аз баҳри он ки бедод вайронӣ ва ободонӣ бар дод бувад ва вайрони ба бедодӣ, зуд вайрон шавад” [8, с.162].

Дар ҷои дигар сарвари одилро маҳбутарин инсон дар назди Худованд медонад: “Ҳароина маҳбубтарин инсон нисбат ба Худованд дар рӯзи қиёмат ва бо нишастгоҳи худ наздиктаринашон нисбат ба ӯ имом (сарвар)-и одил аст ва бадтарин инсон нисбат ба Худованд дар рӯзи қиёмат ва оне ки дар сахттарин азоб аст, имом (сарвар)-и золим аст”. Ва Худованд молики ғойиб аст ва бар амри ақоиди ирфонӣ аз ғайб ваҳӣ мерасонад, ки бештар ақидаи аҳли тасаввуф ва ирфон низ бар ин равона шудааст. Чунон ки назири ин иддаоро дар осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба сароҳат мебинем. Ин ки мегӯяд:

Нафси ту то масти нуқл асту набид,
Дон, ки руҳат хӯшаи ғайбе начид [12, с. 509].

Чун подшоҳ ба фармони Худо бо ин унвон таъин мешавад, аз ин лиҳоз бояд бо риояти адолат ба мардум ҳукумат кунад ва мардумро ба саодат бирасонад. Аммо ин кор дар мақоми амал бисёр мушкил аст. Зеро подшоҳ наметавонад ба танҳоӣ ба кишвари худ назорат кунад ва онро аз газанди душманони хориҷӣ ва дохилӣ нигоҳ дорад. Бинобар ин, ӯ бояд афродеро, ки аз истъдод ва тавоноии кофӣ бархурдоранд, ба унвони намояндагони худ ҷиҳати анҷоми умури ҳукуматӣ таъин кунад.

Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ (1058-1111) дар “Насиҳат-ул-мулук” фармудааст: “Ободонӣ ва вайронии ҷаҳон аз подшоҳон аст, ки агар подшоҳ одил бувад, ҷаҳон ободон ва раият эмин бошад, чунон ки ба вақти Ардашер ва Фаридун ва Баҳроми Гӯр... Ва чун подшоҳ ситамгар бувад ҷаҳон вайрон шавад, чунон ки ба вақти Заҳҳок, Афросиёб ва монади эшон... Мардумон ба ҷавру ситам рой надоранд ва ба вилояти дигар шаванд ва шаҳрҳо вайрон шавад ва подшоҳӣ ба нуқсон афтад ва дахл кам шавад ва ганҷ тиҳӣ гардат ва айш бар мардумон бемазза гардад ва раият подшоҳи ситамгарро дӯст надорад... Ҳар гоҳ ки султон ҷавр кунад, ноэминӣ падид ояд, ҳарчанд неъмат бисёр бувад, дар эминӣ бар эшон падид ояд ва хушгуворанда бошад [13, с.34].

Дар иртиботи мавзӯъ бо истидлол метавон дар ин ҳикоят рӯйи овард, ки Саъдӣ мегӯяд: “Подшоҳеро шунидам, ки ба куштани асире ишорат кард. Бечора дар ҳолати навмедӣ маликро дашном додан гирифт ва сақат гуфтан, ки гуфтаанд: “Ҳар кӣ даст аз ҷон бишӯяд, ҳар чӣ дар дил дорад, бигӯяд”:

Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез.
Чун он гурба, ки ба вақте шикаст бар саг битозад.
Малик пурсид: - Чӣ мегӯяд?

Яке аз вузарои некмаҳзар гуфт: -Эй худованд, ҳамегӯяд: “Ва-л-козимина -л ғайза ва-л-офийина ан- инноси».

Маликро раҳмат омад ва аз асари хуни ӯ даргузашт.

Вазири дигар, ки зидди ӯ буд, гуфт: - Абнои ҷинси моро нашояд дар ҳазрати подшоҳон чуз ба ростӣ сухан гуфтан. Ин маликро дашном дод ва носазо гуфт.

Малик аз ин сухан рӯйи дарҳам овварду гуфт: -Маро он дурӯғ писандидатар омад аз ин рост, ки ту гуфтӣ, ки рӯйии он дар маслиҳате буд ва бинои ин бар хабосате ва хирадмандон гуфтаанд: “Дурӯғе маслиҳатомез беҳ аз росте фитнаангез”.

Ҳар кӣ шоҳ он кунад, ки ӯ гӯяд,
Ҳайф бошад, ки чуз накӯ гӯяд [15, с.12].

Аҳмади Дониш (1826 - 1897) робитаи зичи подшоҳ, лашкар ва раиятро асоси ободонии кишвар ва пешрафти он мешуморад. Подшоҳ бо вуҷуди халқ аз сипоҳ ва раият муҳтоҷ аст, то зару мол гирд орад – ва он бе ободонӣ муяссар нагардад [38, с.114].

Аҳмади Дониш салтанатро ба шахсе монанд мекунад, ки дар тахт нишастааст. Ин тахт адолату инсоф аст, ки чаҳор поя дорад: сипоҳ, раият, зар ва об. Аз ин чаҳор поя яктоаш нуқсон пайдо кунад, он сеи дигар номустаҳкам мешавад, асоси тахт аз ҳам ҷудо шуда ва қисмҳои он дар натиҷаи ноустуворӣ ба ҷунбиш меоянд, салтанат меафтад ва то он, ки нобуд нашавад, кор ба зулм мерасад. “Лоилоҷ, ки сипоҳ бе зар наистад, зар бе раият ҳосил нашавад, раият бе об зар надиҳад, об бе ҳукм ва амр наёяд, лобуд сипоҳро ба зур кор

фармоянд ва мол аз раият ба зулм ситонанд, ба андак муддате харҷу марҷ дар... мулк ҳодис шуда, аз он салтанат осор намонад, илло бадномии дунёву охират” [3, с.115].

Сулҳпарварии султон яке аз сифатҳои муҳим ва адли ӯ аст. Вай бояд хусумати байни қавмҳоро аз байн барад ва дар ин ҷода таъхир накунад, зеро хусумат метавонад тадриҷан ба адовати халқ мубаддал гардад. Дар байни ду тараф сулҳ ворид кардан ва ваҳдати мардумро нигоҳ доштан зарууртарин вазифаи сарвари кишвар аст. Амир бояд дар ин ҷода намунаи ибрат гардад, то халқ пайравӣ ӯ бошад. “Оммаи халқ дар салоҳ ва фасод тобеи ҳоким ва подшоҳанд, - менависад Аҳмади Дониш, - агар ҳокимро бар наҳҷи салоҳ бинанд, ҳама дар салоҳ рағбат намоянд... ва агар аз ӯ фасод мушоҳида кунанд, ҳама дар шурур ва фуҷур кӯшанд..." [38, с.144].

Айни чунин назариётро дар ақидаҳои сиёсии Ибни Сино низ метавон ба таъкид мушоҳида кард: «Биндон, эй писар, ки агар подшоҳ бошӣ, порсо бош ва чашму даст аз ҳарами мардумон дур дор ва покшалвор бош, ки покшалворӣ аз покдинӣ аст. Ва дар ҳар коре ройро фармонбардори хирад кун ва ҳар коре, ки бихоҳӣ кард, бо хирад машварат кун, ки вазирулвузарои подшоҳ хирад аст ва то аз вай диранг бинӣ, шитоб макун. Ва ба ҳар коре, ки бихоҳӣ кардан. чун дар ӯ хоҳӣ шудан, нахуст берун рафтани он кор нигар ва то охир набинӣ, аввал мабин. Ва ҳар коре, ки ба мадоро барояд, ҷуз ба мадоро пеш мабар.

Ва бедодписанд мабош ва ҳама корҳову суханҳоро ба чашми дод бину ба гӯши дод шунав, то дар ҳама коре ҳаққу ботил битавонӣ дидан. Подшоҳ, ки чашми доду хирадмандӣ кушода надорад, тариқи ҳаққу ботил бар вай кушода нагардад.

Ҳамеша ростгӯй бош, валекин камгӯй ва камханда бош, то кеҳтарон бар ту далер нашаванд, ки гуфтаанд: “Бадтарин коре подшоҳро далерии раият ва бефармонии ҳошият аст ва атое, ки бибояд, ба мустаҳиқон нарасад”.

Ва азиздор бош, то бар чашми раияту лашкар хор нагардӣ. Ва зинҳоркор мабош ва бар халқони Худои таоло раҳим бош ва бар бераҳмон раҳмат макун ва бахшоиш макун, валекин босиёсат бош, хосса, бо вазири хеш. Албатта, хештанро таслимулқалбе ба вазири хеш манамой ва якбора муҳтоҷи ройи ӯ мабош ва ҳар сухане, ки вазир бигӯяд дар боби касе ва тарикe, ки намояд, бишунав, аммо дарвақт иҷобат макун, бигӯй: -То бингарам, он гаҳ чунон ки бояд кард, бифармоям.

Баъд аз он таҷассусу тафаҳуси он ҳол бифармой кардан, то дар он кор салоҳи ту ҳамеҷӯяд, ё манфиати хеш? Чун маълум кардӣ, он гаҳ чунон ки савоб бинӣ, ҷавоб мадеҳ, то туро забуни ройи хеш нагирад.

Ҳар касро, ки вазорат додӣ, дар вазорат ӯро тамкине тамом кун, то корҳои ту ва шуғли мамлакати ту бар ӯ баста намонад. Ва агар пир бошӣ, ё ҷавон, вазир пир дор ва ҷавонро вазорат мадеҳ, аз он ки гуфтаанд андар ин боб:

Ба ҷуз пир солори лашкар мабод,
Ҷавон ҳам ҷавон аст, гарчи бас устод.

Агар ту пир бошӣ, зишт бошад, ки ҷавоне мудаббире пир бошад. Ва агар ту ҷавон бошӣ ва вазир ҷавон, бар оташаи ҷавонии ҳар ду малакат сӯхта гардад. Ва дигар, вазир бояд, ки беҳирӯйи бошад ва пир бошад, ё миёнсол ва тамомқомат ва қавитаркиб ва бузргшикам, ки наҳифу кӯтоҳқомату сиёҳришро ҳеҷ шукӯҳе набошад, вазир бояд, ки бузургриш бувад» [8, 198].

Танқиди феодализм, тарғиби илму фан, ғояи подшоҳи одил, муовинат ва дӯстии халқҳо, ки дар асарҳои Ибни Сино, Ибни Сино ва дигар мутафаккирон аҳди пешин то кунуни Шарқ омадаанд, дар инкшофу такомули ҷаҳонбинии донишмандони Ғарб низ таъсири бузург расондаанд.

Ақидаҳои сиёсии Ибни Сино дар таҳти таъсири таълимоти Арасту, Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон ташаккул ёфтаанд. Масалан Форобӣ андешаҳои худро дар асари “Мадинат-ул-фазилат” бо қаҳрамонони ормонии хеш ифода карда аст, ки ин ҷо бо ёдоварӣ зикр намудани баъзе ҷиҳатҳои мушатараки онҳо мувофиқи мақсад аст:

1. Ибни Сино, чун Форобӣ, ба сарвати зиёд муқобил бошад ҳам, ба ҳеҷ ваҷҳ моликияти хусусиро инкор накардааст;

2. Ӯ, мисли Форобӣ ба ҷанг муқобил буда, пайрави меҳнати осоишта ва ҳалол аст. Ба андешаи Ибни Сино, агар ҳамаи одамон ба меҳнати софдилона машғул шаванд, ҳар гуна ҷанг аз байн бардошата хоҳад шуд. Аз ин рӯ, ӯ одамонро ба ҷанг не, балки ба бародарию дӯстӣ ва меҳнат даъват кардааст;

3. Ибни Сино монанди Форобӣ таълим додааст, ки ба сари ҳокимият бояд марди оқилу олим қарор гирад, ки тамоми илмҳои дунявӣ ва диниро аз худ карда бошад.

Вале дар байни ақидаронихои Ибни Сино ва Форобӣ баъзе ҷиҳатҳои фарққунанда низ ба назар мерасанд. Чунон ки:

1. Форобӣ дар масоили иҷтимоию сиёсӣ системаи возеҳро молик буда, дар он аз оддитарин то бузургтарин ҳодисоти ҷамъиятӣ, мисли давлат, сиёсат, раёсат ва ғайраро таҳлил кардааст. Бинобар ин Форобиро дар ҷамъиятшиносӣ ва Ибни Синоро бо бартарияти том дар улуми тиббу фалсафа маъруф номидан ҷоиз аст:

2. Форобӣ афкори иҷтимоию сиёсии хешро бевосита, монанди дигар файласуфони номбурда ва умуман классик, яъне бо ёрии панду насиҳат, ифода кардааст;

3. Ақидаҳои Форобӣ роҷеъ ба шаклҳои иттиҳоди одамон ва касбу корҳои онҳо мукаммал аст. Ба андешаи ӯ, аввалин шакли иттиҳодияву муттаҳидии одамон деҳот ва баъд шаҳр аст. Аммо, ба ақидаи Ибни Сино нахустин заминаи иттиҳоди ҷамъиятро деҳ ё шаҳр не, балки оила ташкил медиҳад, ки ин фикр аз нуқтаи назари илми ҷомеъашиносӣ ва педагогикаи таълимӣ нисбатан амиқтар ба назар мерасад;

4. Ба гуфти Форобӣ, инсон пеш аз ҳама бояд моҳияти худоро идрок кунад. Вале Ибни Сино гуфтааст, ки ӯ бояд қабл аз ҳама хешро маърифат намояд. Зеро агар вай худро маърифат кунад, Худоро низ шинохта метавонад;

5. Форобӣ мардумро асосан ба гурӯҳҳои мутасовӣ, ҳокимон ва тобеъон ҷудо намуда, муносибати онҳоро дар асоси хусусиятҳои ахлоқӣ муайян кардааст. Вале аз дидгоҳи Ибни Сино, касе, ки назар ба дигаре болост, ҳоким ва касе аз ӯ поён, тобеъ мебошад.

Ибни Сино муносибати ҳокимону тобеъонро тадқиқ карда, гуфтааст, ки онҳо бояд мақоми ҷамъиятии худро сӯиистеъмол накарда, аз ҳамдигар истифода кунанд ва дар ин роҳ ба талаботи олии омилҳои ахлоқӣ такя намоянд. Чунончи, оиди ин масъала Ибни Сино гуфтааст: «Ҳама кас нисбат ба касоне, ки дар тахти назар ва тадбири ӯ зиндагонӣ мекунанд, ҳукумат ва сиёсате дорад. Ҳақиртарин ва кӯчактарин мардум ба сиёсати худ ва тадбир некӯ ва тафаккури зиёд ва таъдиб ва таъдил ва ба роҳи рост даровардан ва аз роҳи нодуруст боз доштан ва билҷумла ба ҳамаи он чи ки шаҳриёрро эҳтиёҷ дорад, мӯҳтоҷ ва ниёзманд аст. Балки агар касе бигӯяд, ки ин шахси кӯчак бештар ба бедорӣ ва маърифат ва таҷассус ва кунҷковӣ ва ҷустуҷӯ ва огоҳӣ ва бахрабардорӣ аз биму тарс ва дурӣ гузидан аз майл ва итминон эҳтироз аз харобӣ ва мухтал шудани кор муҳтоҷ аст, сухани дуруст ва мутобиқи воқеӣ гуфтааст, зеро касе, ки танҳост, кӯмаку муовин ва ихвон ва ансоре барои ӯ нест аз касе, ки аз кифояти вазирон ва аҳволи ансор истифода мекунад, ба ҳусни иноят муҳтоҷтар ва ба шиддати эҳтироз сазовортар аст. Ва шахсе, ки фақир ва муҳтоҷ аст, бар фоҳият ва осоиши зиндагонӣ ва тармими ҳол ва ислоҳи вазъ бештар аз сарватманд ва тавонгаре, ки барои умураш мудир ва мудаббире ҳаст, ниёзманд аст. Чӣ мумкин аст барои тамсил ва монанд кардани мо ҳоли раиятро ба ҳоли подшоҳон? Ин кор ва ё аз назари айбҷӯӣ мувозана ва муқоисаи моро байни он ду ҳол вазъ танқид намоянд, вале сухани мо дар наздикии мардум аст ба якдигар бар ахлоқ ва одат ва хилқат ва эҳтиёҷоти нафс ва қувои тан, манзилу маскан, на дар маротибу иқдор ва мақомот, балки мардумро дар ин ҷиҳот, чунон ки гуфтем мутафовут медонем”,

Дар асарҳои Форобӣ дар бораи оила, зану фарзанд ва хидматгузорон хеле кам сухан меравад. Вале дар ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Сино ва Ибни Сино ин яке аз масъалаҳои асосист.

Фалсафаи Ибни Сино танҳо зикри ин ё он системаи фалсафӣ нест, балки дорои масъалаҳои муҳиме мебошанд, ки зимни далелҳои қавӣ ба тарзи мукаммал таҳлил

мешаванд. Таълимоти мутафаккирон бар пояи принсипҳои идеализми объективӣ устувор аст.

Ибни Сино ҳамчун идеалисти объективӣ идеяро моҳият ва мабдаи чизҳо мешумурд. Ҳастии ашёи олами беруна бемавҷудияти идеяҳо, ки ба иродаю шуури одамони ҷудогона вобаста нестанд, аз назари ӯ ғайриимкон мебошанд. Ба қавли Ибни Сино идеяҳо ба таври реалӣ вуҷуд дошта, моҳияти ашёи моддиро муайян мекунанд. Мутобиқи муқоисаҳо ба хулоса расидан мумкин аст, ки дар фалсафаи идеалистии Афлотун идеяҳо тимсоли беҳаракати олами ҳиссӣ мебошанд.

Ба қавли муаллифони зиёде, Ибни Сино дар рисолааш масъалаҳои ахлоқиро таҳқиқ намуда, одами берун аз ҷамъият ташаккулёбандаро фақат аз рӯйии хислатҳои ботиниаш тасаввур кардааст. Вале мақсаду мароми ӯ, назар ба он чӣ ки тадқиқотчиёни Ғарбӣ гумон бурданд, басо амиқ ва доманадор аст, ки ниёз ба кашфу кушоиш ва таҳлил доранд, зеро масъалаҳоеро дар бар мегиранд, ки қобили таваҷҷуҳанд.

Дар зимни таҳлил ва таҳқиқ мо дар назди худ мақсад гузоштаем, ки ба чунин савол ҷавоб ёбем,-Оё одам қодир аст, ки қувваи идроку хулқи худро пурра инкишоф дода, муҳити зистро дар таҷрибаи хеш мустақилона дарк намояд?

Шарқшиноси машҳур Эрнст Ролан дар хусуси ин асари пурқимати Ибни Туфаул мегӯяд: «Дар байни тамоми ёдгориҳои фалсафаи араб, шояд ягона асаре бошад, ки барои мо на фақат аҳамият таърихӣ, балки аҳамияти калони тарбиявӣ ҳам дорад» [9, с.65].

Матлаби рисола тавсифи консепсияи бахту саодат аст, ки дар таълимоти ахлоқи Ибни Сино мавқеи марказӣ дорад. Оид ба ин масъала ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд, масалан баъзе идеалистон бо назари объективӣ, бисёре аз орифони замони Ибни Сино ва дигар замонҳо, аз он ҷумла Афлотун, мефармоянд, ки дунёи ҳақиқӣ ва саодати ҳақиқиро дар рӯйии замин ҷустуҷӯ намудани маънӣ надорад. Инсон ба он танҳо дар он дунё, дар биҳишт, дар олами ғояҳо ноил шуда метавонад. Аз ин рӯ саодат на ба ҳама балки танҳо ба ҳамонҳое муяссар мегардад, ки ба олами ботин ва ё биҳишти адн ва тақдири азалӣ боварӣ дорад. Чунин идеяҳо ба мақсади тарбияи ахлоқии умумиинсонӣ мазмуни нав дода, ҳадафҳои эътиқодиву мазҳабии онро низ матраҳ мегардонанд. Аммо аз назари бархе аз мутафаккирон ин назариёт дар роҳи инкишофи худтакмилдиҳӣ, худфаҳмии оммаи мазлум, худшиносии инсон ба умум монеа буда, одамро аз ҳар гуна мустақилият маҳрум сохта, садди роҳи фаъолияту амали ҳаётии ӯ мегарданд.

Дар ҳамин гуна муҳити маънавӣ Ибни Сино ахлоқи инсони «накӯкор»-ро тарғиб ва қобилияту ақлу заковати ӯро ситоиш мекард. Вай ба саодати ондунёӣ, саодати реалии ҳаётиро муқобил нагузошта бошад ҳам, аммо инсонро ба роҳи ҷустуҷӯи доимии худинкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ, бунёди ҳаёти хуррам, омӯхтани илму дониш, даъват мекард. Мутобиқи таълимоти ӯ, саодат на фақат дар он дунё, балки дар ин дунё ҳам вуҷуд дорад ва ӯ саодати ин дунёи гуфта, ҷустану пайдо намудани хайру некиро дар назар дорад.

Ақидаҳои ахлоқии Ибни Сино характери натуралистона дорад. Он ба имконияту қобилияти инсон ва накӯкорӣ эътимод доштанро талқин мекунад. Ибни Сино саодатро бо ҳаёти воқеъӣ марбут мешумурд, ки ин мухолифи ақидаҳои догматикӣ ва шахшуда буд.

Ибни Сино одамро аз мадди назар гузаронда баъзе ҷиҳатҳои ӯро ба ҳайвон, ҷирмҳои осмонӣ ва Худо монанд мекард. Аммо дар баробари ин вай фарқи одаму ҳайвонро ҳам истисно намекард. Ба ақидаи ӯ одаму ҳайвон бо мақсадҳои тамоман гуногун офарида шуда, ба ӯҳдаи ҳар кадом вазифаҳои хос ҳавола гардидааст Наҷобати одамӣ аз сохти баданаш бармеояд ва он ба ҷирмҳои осмонӣ вобаста аст.

Файласуф таъкид мекард, ки ҷасади одам бемақсад офарида нашудааст. Аз ин рӯ, вай бояд онро ҳамеша тоза ва беолоиш нигоҳ дорад. Аз рӯйии таъкиди Ибни Сино ҷасадро рух ба ҳаракат меорад. Одаме, ки аз ғаразу дилбастагии ҷисмонӣ раҳо ёфтаасту ба ҷавҳари пок пайвастааст, бемуболиға ба камолоти маънавии хеш мерасад. Такомули маънавии одам заминаи идроки Худо мегардад. Изҳори чунин ғоя дар шароити асрҳои миёна нақши басо рушддиҳанда бозида, қадру қимату манзалати инсонро боло мебардошт.

Ба фикри мо ин ақидаҳои Ибни Сино аҳамияти калони тарбиявӣ доранд ва ба ташаккули ахлоқ, муносибат бо мавҷудоти табиат ва худшиносии инсон мусоидат мекунанд. Ба ақидаи Ибни Сино, ғамхорию шафқат ба мавҷудоти зинда бояд хислати шахси хушодоб бошад. Рафтори бераҳмона одамро сангдил мегардонад. Агар касе имрӯз ба ҳайвонот ва рустанӣ ва ё дар маҷмӯъ ба табиат бераҳмӣ кунад, фардо ин бераҳмиро нисбат ба одам ҳам раво мебинад.

Бераҳмии инсон нисбат ба мавчудоти зинда зухуроти беинсофӣ, бемаданиятӣ ва дағалии инсон мебошад. Ибни Сино ҳанӯз дар асри Х1 оқилона истифода бурдани сарватҳои табиатро таъкид карда, одамонро ба эҳтиром намудани табиат даъват мекард ва аҳаммияти онро барои инсоният хеле муҳимдониста, барои аз нестшавӣ пешгирӣ намудани навъҳои гуногуни набототу ҳайвонот андешидани чораҳоро зарур медонист. Бе андеша истифода ва истеъмол кардани зоти ҳайвонот ё навъи рустанӣ ба одамон ва табиат зарари калон мерасонанд. Ҳар як намуди он беҳамто аст ва аз ин нуқтаи назар, қайд мекунад Ибни Сино, ҳар як инсони хушахлоқ ва боодоб бояд табиатро эҳтиром кунад.

Аз андешаҳои Ибни Сино чунин бармеояд, ки инсони комил ва маданӣ нисбат ба ҷамъияту табиат ғамхор, меҳрубон ва масъулиятшинос бошад. Ӯ талқин мекунад, ки инсон ба муҳиту атроф, ҷонибу сӯй бояд «бо чашми хирад», бо назари бориксанҷ нигарад, ба назокату ҳусни табиат, ба бахшиши табиат эҳтиёткор ва ғамхорӣ зоҳир намояд. Ин гуфтаҳои мутафаккирон хусусан дар замони мо хуб садо медиҳанд ва мувофиқи мақсад буда метавонанд.

Мутафаккирон қайд мекунад, ки хислатҳои ахлоқию эстетикии инсон дар ягонагӣ мадраку ҳиссиёти ӯ ташаккул меёбанд. Ӯ мутобиқи андешаҳои хеш зебоии инсонро бо дониш ва меҳнатдӯстӣ мепайваст. Худи инсон, қайд мекунад мутафаккирон, зеботарин мавчудоти табиат аст ва вазифаи инсонии вай аз он иборат аст, ки зебоии табиатро ҳифз намояд ва то тавонад ҳаётро боз ҳам зеботар гардонад. Аз ин ҷост, ки Ибни Сино тарбияи зебоии ҳамаҷонибаи инсон, маънавиёти ғании инсониро ба миён мегузорад. Зебоии ҳаматарафа қайд мекунад мутафаккирон, на фақат табъи эстетикии инкишофёфта доштан, балки маърифатнокӣ, дониши илмӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, покизагии ахлоқ хоксорӣ, поквиҷдоӣ, эҳтирому ҳурмат ва ғайраро дарбар мегирад.

Абулқосим Фирдавсӣ, дар тарбияи ҳисси зебоипарастӣ таваҷӯҳ зоҳир карда, зебогии асил, зебогии ботинии инсон – маънавиёти ӯро бештар тавсиф мекард. Ин масъала дар муколамаи Пирону Сиёвуш оиди зебогии ботинии Фарангис инъикоси ҳақиқии худро ёфтааст:

Фарангис беҳтар зи хубони ӯй,  
Набинӣ ба гетӣ чунон рӯю мӯй,  
Ҳунарҳову дониш зи андоза беш,  
Хирадро парастор дорад ба пеш [4, с.71].

Дониш, ки натиҷааш ба далолати зебоишиносии инсон низ қодир мебошад, дар ислом вазифа ва шарафу эътибори инсон маҳсуб меёбад. Тамоми умр ӯ бояд илму дониш ва маърифат омӯзад. Лозим ба ёдоварист, ки тибқи таълимоти ислом, ҳар як мусулмон дар давоми зиндагии худ бояд мутолиа кунад, зеро фармони Аллоҳ чунин аст. Шореҳони ислом зарурати омӯзиши тиб, ҳандаса, нуҷум ва дигар илмҳоро ба таъкид овардаанд. Ҳанӯз дар давраҳои қадим мегуфтанд, ки "ҳар кӣ илм омӯхту амал накард, ба шахсе монанд аст, ки кишт карду ҳосил набардошт". Касбу ҳунар ҳам дар ин замина аз дастовардҳои инсон ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, ақидаҳои эстетикӣ ва зебоипарастонаи Ибни Сино низ бар ин асос замина доранд ва ҳам ба ақидаронихои орифоне монанди Саъдиву Ҳофиз ва дигар пасовандони олами илму адаб роҳро мустақим ва ҳамвор намуда, панд гирифтаанд, ки инсон бояд ҳаматарафа ва аз ҳар ҷиҳат зебо бошад.

Аммо ин гуфтаҳо ҳамчунон метавонанд далел бошанд, ки зебоии инсон на фақат бо сурати зоҳирии ӯст, балки асли зебоии инсон баракс ба сирату хулқу рафтору кирдору гуфтор, ба отифоти ботинии ӯ бештар марбутанд. Ва танҳо сайри инсон дар олами авотифи

ботинии ӯ метавонад ӯро дар шинохт ва рӯнамоии зебоии асл комгор гардонад. Чунон ки инсон ба тариқи “сайри берунӣ”-и хеш, танҳо метавонад, ки суратбин ва ё зоҳирнамову зоҳирбин бошад, аммо дар амри ворид шудан ба олами ботинии хеш метавонад зебоии аслро ба тамошо гирад. Тавре ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар “Маснавии маънавӣ” ба далел ва таъкид барои панди инсоният мефармояд:

Сайри берунист қавлу феъли мо,  
Сайри ботин ҳаст болои само [12, с. 30].

Дар иртиботи ҳамназарии аҳли мутафаккиронин бо Ибни Сино зиёд метавон сухан гуфт, аммо ба афзалият бояд афзуд, ки ҷанбаҳои фарққунандаи ақидаҳои ин нобиғаи илму ирфон ба тариқи осори гаронбаҳояш, чунон ки дар муқоиса бо осори дигар маърифатандешони адабиёти классикии форс-тоҷик ба мушоҳида гирифтем, иборат аз тарбия ва инкишофи дигар сифатҳои ахлоқиву инфиродии инсон, амсоли хушахлоқиву заковату бекинагиву поктинатӣ, мардонагиву ҳақиқатҷӯӣ, далериву шуҷоат, некманишӣ ва ғайра буда ва ба ин сифот эътибори ҷиддӣ ва дар заминаи таълиму тарбия худро собитқадам нишон додан ба шумор аст. Ӯ нишони марди ҳақиқиро на дар зӯри бозӯ ва кӯрдилӣ, балки дар ботамкинӣ, нигоҳ доштани нафс, ба он ғолиб омадану худдорӣ карда тавонистан, нишон медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. А. Фирдавсӣ. Шоҳнома. [Матн]:/Фирдавсӣ/ АДушанбе: Адиб, Ҷ.6. 1989. – 551 с.
2. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. / И.Сино/Ҷилди 1.Душанбе “Ирфон” 1981. – 478 с.
3. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. / И.Сино/ Ҷилди 2. Душанбе “Ирфон” 1983. – 558 с .
4. Абӯалӣ ибни Сино. Равоншиносӣ –ё илм -ун – нафс/ И.Сино/. Теҳрон-1331. – 107 с.
5. Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз “Наводир – ул – вақоеъ”. – Душанбе нашриёти “Ирфон” 1976. – 373 с.
6. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавӣ, (бо ҳуруфи кирилӣ) Теҳрон, “Нашри Замон”- 2001. – 509 с.
7. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавӣ, (бо ҳуруфи кирилӣ) Теҳрон, “Нашри Замон”- 2001. – 509 с.
8. Муҳаммад Ғазолӣ. “Насиҳат – ул – мулук” Фонди шуъбаи дасхатҳои Инситути шарқшиносии АУТ, варақҳои 34 – 56.
9. Расул Ҳодизода. Ахлоқ ва Ҷомеа. Душанбе, “Ирфон”- 2008, с. 96.
10. Саъди Шерозӣ. Гулистон. Душанбе, “Маориф” – 2014. – 248 с.
11. Саъди Шерозӣ. Гулистон. Душанбе, “Маориф” – 2014. – 248 с.
12. Умари Хайём. Рубоиёт. Душанбе Сарредаксияи илмии энсиклопедияи Милли тоҷик, 2009. – 472 с.
13. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома.Душанбе,“Адабиётибачагона”- 2014. – 121 с.
14. Эрнест, Р // Р.Эрнест// Аверроэс, Киев, 1902. – 65 с.


# ПРОЦЕССЫ ОРГАНИЗАЦИИ СТУДЕНЧЕСКИХ ОБЪЕДИНЕНИЙ В УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

***ТОШМАТОВ Рахмиддин Нуриддинович*** *– заведующий кафедрой менеджмента и туризма Таджикского института физической культуры имени С. Рахимова, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53.* ***E-mail:*** *Toshmatovrahmidin4@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 937 77 10 84*

Данная статья рассматривает процессы организации студенческих объединений в учебных заведениях. Студенческие объединения играют важную роль в развитии студентов,

предоставляя им возможность развить свои навыки, лидерские качества и социальную ответственность.

Авторы статьи анализируют различные процессы, которые включаются в организацию студенческих объединений. Они исследуют этапы создания и регистрации объединений, процессы набора участников, формирования организационной структуры, планирования и проведения мероприятий, а также взаимодействия с учебными заведениями и студенческим сообществом.

В результате исследования выявляются ключевые аспекты и факторы, которые влияют на успешную организацию студенческих объединений. Это включает в себя грамотное управление процессами, эффективное использование ресурсов, активное взаимодействие с учебными заведениями и студенческим сообществом, а также создание благоприятной организационной культуры.

Статья заключается в призыве к учебным заведениям и студенческому сообществу обратить внимание на процессы организации студенческих объединений и предоставить студентам необходимую поддержку и ресурсы для успешной работы и развития объединений.

***Ключевые слова***: *студенческие объединения, организация, процессы, регистрация, управление, ресурсы, мероприятия, учебные заведения, студенческое сообщество.*

## РАВАНДИ ТАШКИЛИ ИТТИҲОДИЯИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

***ТОШМАТОВ Раҳмиддин Нуриддинович*** *– мудири кафедраи менеҷмент ва сайёҳии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, ш. Душанбе, маҳаллаи Лучоб, 53.* ***E-mail:*** *Toshmatovrahmidin4@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 937 77 10 84*

Дар мақола раванди ташкили иттиҳодияҳои донишҷӯён дар муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Нақши ташкилотҳои донишҷӯён дар рушди таълим имкониятҳои сифатҳои роҳбарӣ, масъулият ва малакаро инкишоф медиҳад.

Муаллиф дар мақола равандҳои гуногунеро, ки ба ташкили иттиҳодияҳои донишҷӯён дохил мешаванд, мавриди таҳлил қарор додааст. Онҳо марҳилаҳои таъсис ва бақайдгирии ассотсиатсияҳо, раванди ҷалби иштирокчиён, ташаккули сохтори ташкилӣ, банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳо, инчунин, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи донишҷӯёнро меомӯзанд.

Дар натиҷаи таҳқиқ ҷанбаҳо ва омилҳои асосӣ, ки ба ташкили муваффақияти иттиҳодияҳои донишҷӯён таъсир мерасонанд, муайян карда мешаванд. Ин идоракунии дурусти равандҳо, истифодаи самараноки захираҳо, ҳамкории фаъол бо муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи донишҷӯён ва эҷоди фарҳанги мусоиди созмонро дар бар мегирад.

Мақола даъват ба муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи донишҷӯён аст, ки ба равандҳои ташкили иттиҳодияҳои донишҷӯён таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба донишҷӯён барои бомуваффақият кор ва рушди ассотсиатсияҳо кумаку захираҳои заруриро фароҳам оранд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ассотсиатсияҳои донишҷӯён, созмон, равандҳо, бақайдгирӣ, идоракунӣ, захираҳо, чорабиниҳо, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеаи донишҷӯён.*

## PROCESSES OF ORGANIZING STUDENT ASSOCIATIONS IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS

***TOHMATOV Rakhmiddin Nuriddinovich*** *– Head of the Department of Management and Tourism of the Institute of physical culture of Tajikistan named after S. Rakhimov, Dushanbe, st. Luchob, 53. E-mail: Toshmatovrahmidin4@gmail.com,* ***phone****: (+992) 937 77 10 84*

This article explores the processes of organizing student associations in educational institutions. Student bodies play an important role in the development of students, providing them with the opportunity to develop their skills, leadership qualities and social responsibility.

The authors of the article analyze the various processes that are included in the organization of student associations. They explore the stages of creating and registering associations, the processes of recruiting participants, forming an organizational structure, planning and conducting events, as well as interaction with educational institutions and the student community.

As a result of the study, key aspects and factors that influence the successful organization of student associations are identified. This includes sound process management, efficient use of resources, active interaction with educational institutions and the student community, and the creation of a favorable organizational culture.

The article is a call to educational institutions and the student community to pay attention to the processes of organizing student associations and provide students with the necessary support and resources for the successful work and development of associations.

***Key words:*** *student associations, organization, processes, registration, management, resources, events, educational institutions, student community.*

Исследование уникальных аспектов педагогической работы, системы самоуправления в качестве основы для развития студенческого сообщества, а также специфики функционирования и прогресса молодежных организаций в современном Таджикистане позволили нам разработать конкретные методы для создания студенческой общественной организации в Институте физкультуры Таджикистана имени Саидмумина Рахимова, филиалы Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана в городах Леваканд Хатлонской области и Худжанд Согдийской области. Эти методы были проверены в сотрудничестве с участием студентов и преподавателей вузов. Результатом этой работы стало учреждение студентами общественной организации в Институте физкультуры Таджикистана имени Саидмумина Рахимова, филиалы Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана в городах Леваканд Хатлонской области и Худжанд Согдийской области и начало ее активной деятельности. В данном разделе будут описаны вышеупомянутые методы создания студенческой общественной организации. Эти методы включают следующие последовательные этапы:

I. Подготовительный этап.

II. Обоснование идей развития общественной организации.

III. Установление уставных целей деятельности общественной организации.

IV. Создание целевых программ и проектов общественной организации.

V. Регистрация общественной организации и представление программы ее деятельности.

VI. Начало активной работы общественной организации.

Начало формы

Более детально рассмотрим каждый этап технологии и опишем составляющие шаги каждого из них.

I этап - подготовительный. Цель этого этапа заключается в выявлении и осознании студенческим сообществом своего потенциала для создания общественной организации. На этом этапе основное внимание уделяется индивидуальным представлениям о ценностях и проблемах, определяющих характер этой деятельности. На первом этапе ставятся следующие задачи:

Определение потенциала студенческого сообщества. Для этого производится анализ следующих факторов:

Текущий уровень развития студенческого сообщества.

Внешняя социальная среда.

Уровень амбиций студенческого сообщества относительно своего будущего развития.

Соответствие уровня потенциала студенческого сообщества его амбициям.

Желание студенческого сообщества и педагогического коллектива принять участие в деятельности общественной организации.

Оценка количества и авторитета студентов, которые могут принять участие в деятельности общественной организации.

Предварительный поиск возможных направлений деятельности общественной организации.

Второе важное задание на подготовительном этапе заключается в стимулировании студенческого сообщества к поэтапной работе по формированию общественной организации и разработке идей ее развития.

Третье ключевое задание на подготовительном этапе - это согласование основных ценностей всех участников, включая студентов, преподавателей и администрацию, в процессе создания общественной организации. Под ценностями здесь мы понимаем основные психологические, философские и культурологические принципы, лежащие в основе деятельности каждого человека.

Исследовательская и практическая работа по решению данных задач на подготовительном этапе должна стимулировать студенческое сообщество к участию в формировании общественной организации, как показывает экспериментальная работа.

"Формирование предварительной готовности" происходит в процессе обсуждения результатов согласованного анализа студенческим коллективом своей деятельности по теме "Поле проблем создания общественной организации". Этот процесс завершается принятием документа о согласованных ценностных основаниях деятельности студентов по созданию общественной организации.

II этап. Обоснование идей развития общественной организации. Цель этого этапа, как следует из его названия, - это обоснование в результате совместной деятельности идей развития общественной организации. Задачи, которые решались на этом этапё. 1. Организация и проведение специальных игротехнических мероприятий с целью обоснования идей развития общественной организации. 2. Дальнейшее коллекгивообразование, связанное с поиском и выявлением идей развития общественной организации. 3. Развитие системного видения социальной реальности, в условиях которой осуществляется деятельность общественной организации. 4. Диагностика и самодиагностика приоритетов в деятельности общественной организации — диагностируется, с кем, с чем и в какой последовательности видят необходимость взаимодействовать студенты школы в ходе создания и деятельности общественной организации. 6. Диагностика и самодиагностика коммуникативной культуры, умения организовать общение в режиме диалога. Обучение применению методов сложной (культурной) коммуникации в деловом общении.

На этапе обоснования идей развития общественной организации целью является аргументация идей развития на основе совместной деятельности. Задачи этого этапа включают:

Организацию и проведение специальных мероприятий с использованием игротехнических методов для обоснования идей развития общественной организации.

Формирование коллективного сознания через поиск и выявление идей развития общественной организации.

Развитие системного восприятия социальной реальности, в которой функционирует общественная организация.

Диагностику и самодиагностику приоритетов в деятельности общественной организации, включая определение субъектов, объектов и последовательности взаимодействия студентов школы в процессе создания и функционирования общественной организации.

Оценку и развитие коммуникативной культуры, а также умений организации диалогического общения. Обучение применению методов сложной (культурной) коммуникации в деловых взаимодействиях.

На этом этапе осуществляется обоснование и согласование концепций развития общественной организации с участием различных социальных групп. Эти концепции были выявлены через участие студентов и приглашенных участников в игровом событии или через моделирование позиций. Процесс игрового события, организованного нами и игравшего ключевую роль на этом этапе, включал следующие шаги:

Рефлексия — стимулирование активности через свободную дискуссию на тему: "Каким должно быть общественное объединение, в котором я хотел бы участвовать".

Формирование образов общественной организации в рамках групповой работы, используя метод портретирования. Этот подход был выбран для достижения следующих целей:

Преодоление психологических и педагогических барьеров путем использования нетрадиционной формы работы;

Активация интуитивного образного мышления и проективного потенциала через работу с цветом, формами и ощущениями;

Самоопределение и согласование ценностей в нетрадиционной форме.

В процессе групповой работы студенты, преподаватели и представители администрации филиала и города (которых попросили играть роль "администрации города") не только создавали портреты-образы, но и стремились определить "пять ключевых ценностей", определяющих деятельность каждого из этих субъектов (подразумевая под субъектами студентов как коллектив, преподавателей и "администрацию города").

На пленарном заседании каждая группа представила свои результаты. Среди них — цветовые портреты-образы, выражающие взгляд субъектов на себя и смысл своей профессиональной деятельности, а также три уровня ценностей, которые следует учитывать при создании общественной организации. Среди общепризнанных ценностей были упомянуты: современное образование, трудоустройство и успешная деловая карьера, семейные ценности и здоровый образ жизни, социально-экономическое развитие города и другие. Для описания выявленных идей развития общественной организации использовался спектр будущих целей ее деятельности. На этом этапе цели представлялись как предполагаемые образы будущего состояния общественной организации, что создавало многообразие портретов-образов будущей организации в глазах студентов, преподавателей и администрации города.

На третьем этапе нашей работы мы переходим к созданию уставных целей деятельности общественной организации, основанных на согласованных ценностных основаниях, выработанных на первых двух этапах. Это позволяет перевести "первичные образы" организации в конкретные уставные цели, определяющие ее деятельность как коллективного субъекта.

Мы считаем, что процесс моделирования и согласования ценностей способствовал формированию процессуальной целостности, что сделало реализацию идеи создания общественной организации более эффективной. Наш опыт показал, что процесс ценностного самоопределения и согласования ценностей в коллективе способствует его укреплению, делает обстановку более демократичной и творческой. Однако для того чтобы обеспечить дальнейшее развитие уникальных идей, выявленных на втором этапе, необходимо было превратить их в конкретные цели в рамках устава организации.

Таким образом, логика предыдущих этапов подтолкнула нас к определению следующих задач на третьем этапе.

Обеспечение студентов достаточной информацией о различных аспектах деятельности общественной организации, таких как нормативные требования, технологическое обеспечение, содержание работы, коммуникативные аспекты и прочее.

Создание модели уставных целей для общественной организации.

Предварительное согласование уставных целей.

На данном этапе особое внимание уделялось информированию студентов о ключевых нормативных, технологических, содержательных, коммуникативных и других аспектах работы общественной организации. Были проведены микролекции на темы "Миссия и цели общественной организации в контексте ее развития", "Нормативное обеспечение работы общественной организации" и "Кейс-метод в создании общественной организации". Также состоялись "праймериз" — предварительные выборы руководителя организации, где пять студентов представили свои программы деятельности в качестве будущих лидеров, а затем провели рейтинговое голосование по привлекательности идей как основы для развития общественной организации.

Результатом этого этапа стало согласование двух групп целей: целей отдельных субъектов (студентов, преподавателей, администрации города) и уставных целей деятельности общественной организации. Этот этап также важен тем, что в процессе формирования целевого компонента происходит осознание идентичности субъектов и выявление критериев этой идентичности в их деятельности.

В соответствии с требованиями к уставу, уставные цели общественной организации были сформулированы в виде цели и задач деятельности следующим образом:

Цель деятельности: Поддержка формирования гражданской позиции и профессиональной культуры будущих специалистов.

Задачи деятельности:

Формирование гражданской позиции студентов через их участие в социальных программах и проектах;

Содействие соответствию профессиональной подготовки будущих специалистов актуальным направлениям социально-экономического развития;

Участие в гражданском воспитании молодежи и реализации городской молодежной политики;

Формирование здорового образа жизни студенческой молодежи;

Организация и проведение независимых социологических исследований;

Взаимодействие с СМИ, местными и государственными органами, бизнесом в области социальной и профессиональной адаптации студентов.

Цель этапа: Создание целевых программ и проектов деятельности общественной организации, их согласование и формирование на их основе единой программы развития.

Этот этап оправдывает свою актуальность за счет превращения сформулированных на предыдущем этапе целей в реалистичные задачи через разработку необходимого инструментария для их достижения. Этот инструментарий представляется в виде программы, включающей основные элементы, необходимые для реализации целей. К ним относятся: поэтапный план реализации, технологии выполнения, критерии оценки результатов, система коррекции и обеспечение ресурсами.

Задачи, выполненные в рамках данного этапа:

Предварительное обучение студентов навыкам научно-исследовательской работы.

Разработка элементов целевых программ и их постоянное согласование и коррекция через работу инициативных групп.

Согласование содержания целевых программ с использованием различных форм общественной экспертизы.

Утверждение согласованной программы деятельности студенческой общественной организации "Студент +" на конференции студентов.

Результатом этого этапа может стать создание программы деятельности студенческой общественной организации и ее устава. Основные направления работы в рамках этой программы может включать:

Развитие системы студенческого самоуправления.

Реализация социальных проектов и поиск финансирования для них.

Проведение мероприятий для молодежи города.

Организация мероприятий по здоровому образу жизни

На основе вышеупомянутых направлений деятельности были разработаны следующие целевые программы:

Программа "Студенческое самоуправление". Цель программы - сформировать у студентов навыки самоуправления.

Программа "Социальное проектирование". Цель программы - разработать и воплотить в жизнь студентами социально значимые проекты, ориентированные на нужды студенческой молодежи и местного сообщества.

Программа "Молодежная политика". Цель программы - вовлечение студентов в процесс проектирования и реализации молодежной политики.

Программа "Здоровье студента". Цель программы - обеспечить условия для сохранения здоровья и психологической адаптации студентов в вузе, а также содействовать формированию здорового образа жизни.

На пятом этапе цель состоит в регистрации общественной организации и представлении программы её деятельности. Этот этап оказывается важным из-за необходимости согласования целей деятельности общественной организации с целями и интересами развития региона и его территории. Этот процесс согласования на различных уровнях включает в себя внешнюю экспертизу содержания программы деятельности со стороны различных заинтересованных сторон, таких как руководство районной и городской администрации, представители науки, бизнеса, служб занятости, благотворительных фондов и т.д.

Задачи данного этапа:

Подготовка к презентации устава и программы деятельности общественной организации как фактора социального развития как на микро, так и на макро уровнях.

Формирование коллективного сознания, поскольку подготовка к утверждению и презентации программы становится мощным фактором консолидации студенческого сообщества.

Выявление перспективных внешних связей в процессе презентации, что становится фактором перспективного развития общественной организации.

Результатом этого этапа становится осознание общественной организацией себя как активного участника в социальном преобразовании окружающей среды. Таким образом, начинает реализовываться миссия организации - организация социального взаимодействия между студенческим и городским сообществами как фактор становления профессиональной культуры специалистов и социально экономического развития региона.

VI этап направлен на развертывание деятельности общественной организации.. На этом этапе решаются следующие задачи:

Осуществление первоочередных мероприятий в рамках основных программ.

Активная работа инициативных групп по реализации утвержденных целевых программ, что способствует системному развитию организации. Определение "флагманских" проектов происходит в каждой инициативной группе и подлежит обсуждению и согласованию.

Корректировка целей и задач деятельности организации в соответствии с текущими условиями.

Мониторинг результатов и оценка эффективности деятельности общественной организации.

Этот этап способствует постепенному формированию механизма постоянного согласования целей организации с социальной средой, в которой она действует. Создание такого механизма обусловлено необходимостью адаптации целей к постоянно изменяющимся условиям их реализации.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Абдурахимов, К.С. Некоторые особенности нравственного воспитания студентов в современных условиях Республики Таджикистан. – Материалы международной научно-практической конференции «Проблемы воспитания студентов». – Душанбе, 1995, с. 54-55.

2. Асадуллоев, Р.Н. Молодежь в процессах демократизации общественной страны. - Душанбе: Сарпараст, 2004;

3. Кодиров, К.Б. Гуманитаризация высшего профессионального образования.//Совершенствование системы гуманитарного образования проблемы и перспективы./// Куляб: КГУ. 2001, С.133-135.

4. Кодиров, К.Б. История воспитания, школы и педагогической мысли таджиков с древнейших времен до возникновения ислама. Дисс. на соиск. док.пед.наук. – Душанбе, 2000.-281с.

5. Концепцией модернизации образования Республики Таджикистан на период до 2010 года (распоряжение Правительства Таджикистане от 29.12.2001 № 1756-р) модернизации образования Республики Таджикистан до 2010 года.

6. Набиев, В., Икромов, Г. Государственная молодежная политика в Таджикистан. - Душанбе, 1999 и др.

7. Наботов, Ю.Ш. Особенности формирования специалиста новой формации средством выбора и внедрения вариативных воспитательных технологий и инновационных моделей обучения в вузе // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2009. №1(15). - С. 6-9 (в соавторстве).

8. Наботов, Ю.Ш. Психолого-педагогическое обеспечение процесса формирования конкурентоспособной личности в условиях инновационной среды вуза // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2018. №7. - С. 191-195.

## НАҚШИ ДАВЛАТДОРИИ СОМОНИЁН ДАР ЭҲЁИ АҶАМ ВА РУШДИ ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***РАҶАБЗОДА Маҳмадулло*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734019, ш. Душанбе, к. Носиров, 33.* ***E-mail:*** *rmg-2013@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 988 92 63 33*

***ХОҶАЕВА Гулҷаҳон Ҷаъфаровна*** *– муаллими калони кафедраи Педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.* ***E-mail:*** *khodzhayeva.dulchakhon@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)004 04 82 05*

Дар мақола муаллифон зимни омӯзиши ва таҳқиқи нақши давлатдории Сомониён дар Эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик бо такя ба сарчашмаҳои боэътимоди таърихи ва илмӣ қайд намуданд, ки аз замони ба сари қудрат омадан то фано ёфтани он сулолаи ҳукмронии Сомониён, новобаста аз ихтилофоти сиёсӣ, динӣ ва мазҳабӣ, таълиму тарбия дар ҷомеаи он замонӣ рушд карда, беҳтарин афкор ва таълимоти педагогӣ рӯи кор омаданд, ки нақши амирони сомонӣ дар ташаккул ва рушди онҳо бағоят бузург мебошад. Дар даврони Сомониён ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ ба анҷом расида, он ба афкори минбаъдаи мутафаккирони тоҷик дар самти таълиму тарбия таъсири худро гузошт. Инчунин тамоми соҳаҳои илму ҳунар ва санъат ривоҷу равнақ ёфта, адабиёти хаттии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфт, ки як заминаи бузурге барои эҳё ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик гардид.

Муаллифон дар таҳқиқоти хеш собит намудаанд, ки давлати Сомониён ба илму фарҳанг, забон ва китобу назм, педагогикаи миллӣ ва тарбияи миллӣ мақоми хоса бахшида, ин омилҳо ҳама дар маҷмуъ боиси ҳастии миллат ва пойдории он дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ гардиданд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *сомониён, халқи тоҷик, адабиёти тоҷик, мутафаккирон, таълиму тарбия, ташаккули халқи тоҷик, Эҳёи Аҷам, олимон, адабиёт, педагогикаи миллӣ, таърихнигорон, марказҳои илмӣ.*

# РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ САМАНИДОВ В ВОЗРОЖДЕНИИ И РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЕДАГОГИКИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

***РАДЖАБЗОДА Махмадулло** – заместитель начальника управления науки и инновации Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Носирова, 33. **E-mail:** rmg-2013@mail.ru, **тел.:** (+992) 988 92 63 33*

***ХОДЖАЕВА Гулджахон Джаъфаровна** – старший преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. **E-mail:** khodzhayeva.dulchakhon@mail.ru, **тел.:** (+992)004 04 82 05*

В данной статье авторы, изучая и исследуя роль государства Саманидов в эпоху Ренессанса и развития национальной педагогики таджикского народа, на основе достоверных исторических и научных источников, отмечают, что с момента прихода к власти и до ее упадка правящей династии Саманидов, несмотря на политические и религиозные разногласия, образование и воспитание в обществе того времени развивались, в работу пришли лучшие идеи и педагогические учения, и роль саманидских эмиров очень велика в их формирование и развитие. Формирование таджикского народа и таджикского литературного языка завершилось в эпоху Саманидов, и это оказало влияние на дальнейшее мышление таджикских мыслителей в направлении образования и обучения. Также развивались все области науки, ремесла и искусства, формировалась таджикско-персидская письменная литература, ставшая прекрасной основой для возрождения и развития национальной педагогики таджикского народа.

Авторы в своих исследованиях доказали, что Саманидское государство придавало особый статус науке и культуре, языку и книге и поэзии, национальной педагогике и национальному образованию, и все эти факторы обусловили существование нации и ее стабильность на последующих исторических этапах.

***Ключевые слова:** саманиды, таджикский народ, таджикская литература, мыслители, образование и воспитание, формирование таджикского народа, Ренессанс, учёные, национальная педагогика, историки, научные центры.*

# THE ROLE OF THE SAMANID GOVERNMENT IN THE REVIVAL AND DEVELOPMENT OF THE NATIONAL PEDAGOGY OF THE TAJIK PEOPLE

***RAJABZODA Mahmadullo** – deputy Head of the Department of Science and Innovation of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nosirova street, 33. **E-mail:** rmg-2013@mail.ru, **phone:** (+992) 988 92 63 33*

***KHOJAEVA Guljahon Dzhafarovna** – senior lecturer of the department of general pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. **E-mail:** khodzhayeva.dulchakhon@mail.ru, **phone:** (+992)004 04 82 05*

In this article, the authors, studying and exploring the role of the Samanid state in the Renaissance and the development of national pedagogy of the Tajik people, based on reliable historical and scientific sources, note that from the moment the ruling Samanid dynasty came to power until its decline, despite political and religious differences, education and upbringing in the society of that time developed The best ideas and pedagogical teachings came to work, and the role of the Samanid emirs is very great in their formation and development. The formation of the Tajik people and the Tajik literary language ended in the Samanid era, and this influenced the further thinking of Tajik thinkers in the direction of education and training. All fields of science,

crafts and art also developed, Tajik-Persian written literature was formed, which became an excellent basis for the revival and development of the national pedagogy of the Tajik people.

The authors proved in their research that the Samanid state gave a special status to science and culture, language and book and poetry, national pedagogy and national education, and all these factors determined the existence of the nation and its stability at subsequent historical stages.

***Keywords:*** *samanids, Tajik people, Tajik literature, thinkers, education and upbringing, formation of the Tajik people, Renaissance, scientists, national pedagogy, historians, scientific centers.*

Мусаллам аст, ки ташкили давлати Сомониён дар оғоз гаштани Эҳёи Аҷам нақши калидӣ бозида, он дар даврае сурат гирифт, ки хилофати Араб дар муддати беш аз сад соли истисмори халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар байни онҳо исломро ҷорӣ намуд, аммо барои беҳбудии ҳаёти мардуми ин минтақа, аз ҷумла рушди илму фарҳанг, мадрасаю китобхона ягон хизмати босазое карда натавонист. Иҷрои чунин вазифаи таърихӣ ба дӯши ҳукуматдорони Сомонӣ вогузор гардида, махсусан дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ (892-907) ва амир Насри II (914- 941) гулгулшукуфии Мовароуннаҳру Хуросон сурат гирифт.

Сабабҳои асосии таъсисёбии давлати Сомониён дар минтақаи мазкур пеш аз ҳама ба чунин далелҳо иртибот доштанд: мавқеи устувор пайдо намудани забони тоҷикӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар корҳои давлатдорӣ ва муоширати рӯзмарраи мардум; муттаҳидшавии қавму қабилаҳои ориёитабори Осиёи Миёна; ба миён омадани умумияти ҳудудӣ-этникӣ, забонӣ ва фарҳангии ниёгони тоҷикон; мавҷудияти анъанаҳои ғании иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии бостонӣ миёни халқи тоҷик.

Таърихнигорон аз замони ба сари қудрат омадан то фано ёфтани он сулолаи ҳукмронии Сомониёнро ба се давра тақсим кардаанд, ки дар ҳар яке аз онҳо фаъолшавии унсурҳои миллии фарҳанги халқи тоҷик нақши асосӣ дошт:

- давраи якум аз соли 817 то соли 874 идома ёфта, он ибтидои муборизаи халқи тоҷик барои истиқлолият ва ташаккули давлати мутамарказонидашудаи миллӣ ба ҳисоб меравад;
- давраи дуюм ҳукмронии хонадони Сомониёнро аз соли 875 то ибтидои солҳои 60-уми асри X, ё солҳои 875-960- ро дар бар мегирад;
- давраи сеюми ҳаёти хонадони Сомониён ба солҳои 961-999 рост омада, замоне буд, ки амирони сомонӣ саргарми корҳои дигар гашта, зимоми лашкар ва идоракунии давлатро ба ихтиёри ғуломони турк супориданд ва бо ҳамин сабаб ҳукмронии худро аз даст доданд [1; 524].

Дар ҳар се давраи зикргардида, новобаста аз ихтилофоти сиёсӣ, динӣ ва мазҳабӣ, таълиму тарбия дар ҷомеаи онзамонӣ рушд карда, беҳтарин афкор ва таълимоти педагогӣ рӯи кор омаданд, ки нақши амирони сомонӣ дар ташаккул ва рушди онҳо бағоят бузург мебошад. Дар «Осор ул-вузаро» оид ба ин амирони сомонӣ чунин маълумот оварда шудааст:

Нӯҳ тан буданд зи оли Сомон мазкур,
Гашта машҳур ба аморати Хуросон.
Ду Нуҳу ду Абдумалику ду Мансур,
Исмоилу Аҳмаду саввум Наср [2; 58-59].

Дар ин байтҳо нӯҳ амири сулолаи хонадони Сомониён номбар шудааст, вале муаллиф номи Насри II-ро аз «рӯйхат» берун гузоштааст. Инҳо, аз ҷумла Нуҳ ибни Асад (819-842 ), Аҳмад ибни Асад (842-864), Насри I ибни Аҳмад (864-892), Исмоил ибни Аҳмад ё Исмоили Сомонӣ (892-907), Аҳмад ибни Исмоил, (907-914), Насри II ибни Аҳмад (914-943), Нуҳ ибни Насри II (943-954), Абдумалики I ибни Нуҳ (954-961), Насри III ибни Абдумалики I (961-961), Мансури I ибни Нуҳ (961-976), Нуҳи II ибни Мансур (976-997) ва Мансури II ибни Нуҳ (997-999) буданд [3;160], ки ҳар яке бо қадру тавони хеш дар давоми ҳукмронӣ дар

рушди илму фарҳанг ва шароити мусоид фароҳам овардан барои мутафаккирон, шоирону олимон дар эҷоди афкори тарбиявию ахлоқӣ саҳми муносиб гузоштаанд.

Дар баробари амирони зикршуда ду вазири Сомониён - Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҷайҳонӣ (914-918) ва Абулфазли Балъамӣ (918-938) низ неруҳои адабиро ҷамъ оварда, барои ташкили ҳавзаҳои адабӣ ва эҷоди асарҳои гаронбаҳои фалсафӣ-ахлоқӣ ва таълимию тарбиявӣ заминаи устувор гузоштанд.

Тавре, ки маълум аст, пас аз вафоти Нуҳ Аҳмад Наср дар соли 892 Исмоили Сомонӣ (849-907) ба тахти салтанат нишаста, Бухороро пойтахти давлати Сомониён эълон кард. Аз ин рӯ, ӯро асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон дар Мовароуннаҳру Хуросон, яъне давлати Сомониён меҳисобанд, ки чунин корҳоро ба анҷом расонида, тавассути онҳо ба ташаккули фарҳанг, адаб ва таълиму тарбияи миллӣ шароити мусоид фароҳам сохт:

- дузду ғоратгарони дохилиро нест кард;
- ба ҳуҷуми ғоратгаронаи қабилаҳои бодиянишини турк хотима гузошт;
- соҳибистиқлолии давлатро таъмин намуд;
- тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросонро дар ҳайати давлати ягона муттаҳид намуда, ба эҳёи фарҳанги миллӣ, аз ҷумла педагогикаи тоҷикон оғоз бахшид.

Муҳаммад Ҷаъфар Абубакри Наршахӣ дар ин маврид менависад, ки «Амир Исмоил чун ба Бухоро расид, аҳли Бухоро истиқбол карданд ва ба эъҷози тамом ба шаҳр даровcovарданд» [4; 656]. Исмоили Сомонӣ ҳамчун арбоби хирадманди давлатӣ ба ҳокимияти мутамаркази Сомониён асоси комил ниҳода, илму фарҳангро ҳамчун пояи дарбору ҳукуматдорӣ қарор дод ва барои рушди онҳо заминаи боэътимоде гузошт. Бояд тазаккур дод, ки сардафтари адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, муаллифи "Шоҳнома" Абулқосим Фирдавсӣ, олимони машҳури машриқзамин Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва дигарон асарҳои хешро маҳз дар ҳамин давраи устуворӣ ва рушди давлатдории Сомониён эҷод кардаанд.

Дар даврони Сомониён ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ ба анҷом расида, он ба афкори минбаъдаи мутафаккирони тоҷик дар самти таълиму тарбия таъсири худро гузошт. Инчунин тамоми соҳаҳои илму ҳунар ва санъат ривоҷу равнақ ёфта, адабиёти хаттии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфт, ки як заминаи бузурге барои эҳё ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик гардид. Оид ба ин масъала академик Б. Ғафуров таъкид доштаанд: «Шароити фароҳамомадаи таърихӣ – барпо кардани давлати худ ва аз зулму ситами хилофати араб озод намудани мамлакат, муттаҳид гардидани халқи тоҷик ва ташаккули забони адабии ӯ, марказият ёфтани идораи давлат, ниҳоят, робитаи васеи хоҷагӣ ва мадании халқҳои Осиёи Миёна бо тамоми кишварҳои Шарқи Наздик барои ба даст омадани ин комёбиҳо мусоидат мекард» [5; 384].

Қобили қайд аст, ки яке аз заминаҳои ташаккули педагогикаи миллӣ (этнопедагогика) дар аҳди Сомониён ва муҳимтарин омили рушду такомули адабиёту фарҳанг ин таваҷҷуҳи зиёди адибону донишмандони ин давр ба тамаддуни ориёии бостонӣ ва эҳёи суннатҳои волои он мебошад, ки яке аз нишонаҳои асосии Эҳёи Аҷам ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби дигар, тавре маълум аст, пас аз истилои арабҳо дар замони салтанати хилофати араб дар Хуросону Мовароуннаҳр ва кишварҳои дигари Шарқ ҷунбишҳои озодихоҳиву истиқлолталабӣ ривоҷ пайдо карданд, ки муҳимтарини онҳо наҳзати Абумуслими Хуросонӣ, шӯриши Симбоди Муғ, исёни Муқаннаъ ва ба хусус наҳзати шуубия буданд, ки на танҳо боиси тағйироти ҷиддӣ дар хилофат шуданд, балки, чунонки собиқан таъкид доштем, ба пайдоиши давлатҳои миллӣ - Тоҳириён, Саффориён ва минбаъд ба ташаккули давлатдории Сомониён оварда расониданд.

Дар таҳкими истиқлоли давлатҳои мазкур бедории мардуми кишвар, тарбияи миллӣ, тақвияти эҳсоси меҳандӯстии сокинони давлат, нақши забони тоҷикӣ (ё форсию дарӣ) ва осори пурбаҳои ба ин забон офаридашуда хеле бузург аст, ки намунаи барҷастаи он

«Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ ба шумор рафта, то имрӯз ба таври комил боқӣ мондаву аҳамияти худро дар миллатсозии тоҷикон аз даст надодааст. Ҳарчанд аз осори шоирони тоҷикзабони асрҳои IX-X бо мурури замон ва бар асари турктозиву китобсӯзиҳои аҷнабиёни истилогар танҳо намунаҳои каме боқӣ мондаанд, бо вуҷуди ин дар он адабиёти пароканда ва шеърпораҳо ҳам метавон таваҷҷуҳи зиёди шоирони замонро ба эҳёи суннатҳои бостонии фарҳанги ориёӣ эҳсос намуд, ки барои пайдоиши шоҳасаре чун «Шоҳнома» ва рушди афкори педагогӣ замина гузоштанд. Аммо боиси таассуф аст, ки ин масъала ҳанӯз мавриди таваҷҷуҳи амиқи муҳаққиқон қарор нагирифтааст ва иқдоме, ки донишманди маъруфи эронӣ Муҳаммад Муъин (1918-1971) - муаллифи «Фарҳанги Муъин» дар ин росто шуруъ намуда буд, идома пайдо накардааст.

Сиёсати истиқлолхоҳии давлатдории Тоҳириён, Саффориён ва минбаъд Сомониён адибону шоирон ва олимонро руҳбаланд карда, эҳсоси ватандӯстии ононро бармеангехт. Аз ин ҷост, ки онҳо бештар рӯй ба гузаштаи пурифтихори кишвари худ намуда, аз таъриху тамаддуни ғании бостонии ниёгон ва анъанаҳои педагогии он ёд мекарданд. Ҳамин вазъро ба назар гирифта Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зимни ситоиши хислатҳои ҳамида ва ботини нек Сомониёнро ба шахсиятҳои замони «Авесто» монанд кардааст:

Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарх,<br>
Ҳамчу Авастост фазлу сифоти ӯ Занд [6; 27]

Дар байти мазкур агар, аз як тараф, алоқаву дилбастагии худи шоир ба «Авесто» зоҳир гардад, аз сӯи дигар, назари мусбати ҳокимони сомонӣ низ ба китоби муқаддаси оини зардуштӣ равшан мегардад.

Дар воқеъ, ҳокимони тоҳириву саффорӣ ва ба хусус, амирони сомонӣ, ҳама шахсҳои диндор буда, барои густариши ахлоқ ва тарвиҷи он дар миёни мардуми Аҷам хидмати босазо кардаанд. Дар баробари ин, агарчи амир Исмоили Сомонӣ бо лақаби амири ғозӣ машҳур гаштааст, вале ӯ ва ҳукуматдорони дигари сомонӣ аз таассуби диниву мазҳабӣ, ки дар асрҳои баъд хеле ривоҷ ёфт, дур будаанд. Аз ин рӯ, дар давраи Сомониён дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд дар радифи уламои мусулмон донишмандони масеҳӣ, юнонӣ, румӣ, чинӣ ва амсоли онҳо низ озодона фаъолият доштанд. Дар китобхонаҳои маъруфи Бухоро бошад, китобҳои фаровоне ба забонҳои мухталифи дунё ва ғайриисломӣ мавҷуд буданд.

Аз ашъори тарбиявии шоирони замони Сомониён инчунин маълум мегардад, ки ҳукуматдорони сомонӣ ба динҳои бостонии тоҷик муносибати нек дошта, ҷашну оинҳои бостонии ориёӣ, мисли Наврӯз, Меҳргон ва Сада дар ин даврон аз нав эҳё гаштанд. Ақидаи дар боло қайдгардидаро бо овардани далел аз як шеъри Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки малики Сомониёнро бо ҷашни Меҳргон табрик намудааст, метавон исбот намуд:

Малико, ҷашни Меҳргон омад,<br>
Ҷашни шоҳону Хусравон омад.<br>
Хаз ба ҷои малҳаму хиргоҳ,<br>
Бадали боғу бустон омад [7; 242-244].

Бо сабабҳои дар боло зикршуда давлати Сомониён дар сарзамини паҳновари Мовароуннаҳр ва Хуросон аз ҷиҳати илму фарҳанг, таъсиси мадрасаю китобхона, дастгирии аҳли илму адаб аз бузуртарин ва пешқадамтарин давлатҳои онвақтаи дунё гардид. Сарвари ин давлат Исмоили Сомонӣ аз сиёсатмадорони бузурги замони худ буд. «Ҳеҷ кас аз Оли Сомон бисёр донотар аз вай набуд», - барҳақ гуфтааст Наршахӣ **[8, 304].** Дар замони ин амир ба илму фарҳанг ва таълиму тарбияи сокинони мамлакат роҳи васеъ кушода шуд. Хидматҳоеро, ки Исмоили Сомонӣ ва Оли Сомон дар роҳи истиқлол ва пешрафти илму фарҳанг кардаанд, баъд аз ҳазору сад сол Тоҷикистони соҳибистиқлол қадрдонӣ карда, идеяҳои онҳоро барои рушди илму фарҳанги миллӣ дар замони нав дубора эҳё намуд.

Ҳамзамон, дар бораи нақши амирони сомонӣ дар Эҳёи Аҷам ва рушди педагогикаи миллӣ дар замони онҳо сухан гуфта, як паҳлуи муҳимми ин масъаларо низ бояд ба эътибор гирифт, ки маҳз дастгирии халқ ба Сомниён имкон дод, ки ба чунин комёбиҳо муяссар гарданд. Оид ба ин мавзуъ андешаҳои академик Неъматов Н. хеле ҷолиб ба назар мерасанд:

«Хулоса, як давлати том ба ҳамин сабаб ташкил ёфту такмил ёфт, ки онро халқ дастгирӣ мекард… офарандагони тамоми неъматҳои моддӣ ва маданӣ кишоварзҳо, конканҳо, ҳунармандон, ашхоси фикрӣ буданд ва мо пеш аз ҳама меҳнати онҳоро қадр мекунем… тавре ки таҳқиқи амиқи тамоми маълумоти ҳоло дар ихтиёри илм буда нишон медиҳад, дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт, малакаи истеҳсолӣ, маданият, илм, адабиёт ва санъат хусусиятҳои халқию демократии эҷодиёт нисбат ба хусусиятҳои аристократӣ бештар зоҳир мегарданд» [8;5-7]. Аз ҷумла, аз табақаҳои аҳолии дар ин иқтибос зикргардида саҳми адибону олимон дар рушди давлати Сомониён хеле назаррас аст.

Барои тақвияти андешаҳои боло метавон таъкид намуд, ки бунёди фазои солими маънавӣ имкон дод, ки дар маркази давлати Сомониён – шаҳри Бухоро намояндагони беҳтарини илму маданият гирд оварда шуда, дар роҳи рушди илм, санъат, фалсафа, адабиёт, таърих, афкори педагогӣ ва ғайра корҳои бузургеро анҷом диҳанд. Таърихшиноси маъруф Абубакри Наршахӣ (с.в. 959), муаррих ва адиб Абдуллоҳи Диноварӣ (829-889), ки бештар бо номи Ибни Қутайба машҳур аст, мунаҷҷим ва риёзишинос Абумаъшари Балхӣ (787-886), табиб ва файласуф Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (850-923), мутарҷими «Таърихи Табарӣ» - Абуалӣ Муҳаммад ибни Абулфазл Муҳаммади Балъамӣ (с.в. 937), риёзидон Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ (780-863), мутафаккири ҷаҳонӣ Абуалӣ ибни Сино (980-1038) ва дигарон дар ин давра зиндагӣ ва эҷод намудаанд. Маҳз осори ҳамин намояндагони илму адабиёт ба муҳаққиқони муосир имкон додааст, ки дар бораи педагогикаи давраи баррасишаванда ба чунин хулосаҳои одилона бирасанд: «Таҳқиқи эҷодиёти илмии мутафаккирони тоҷику форс дар ибтидои асри X - нимаи аввали асри XI, ки дар ҳақиқат ҳам аз ҷониби муаррихони илми ҷаҳонӣ даврони Эҳёи Шарқ эътироф шудааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки ақидаҳои педагогии онҳо дар замони худ заминаи устувори таҳсилот ва тарбияи илмиро ташкил медоданд, ки ба дастовардҳои пешқадами фикрӣ такя мекарданд» [9; 185].

Дар даврони Сомониён гирд овардани қисса ва ривоятҳои бостонии халқи тоҷик ва мардуми ориёитабор мавриди таваҷҷуҳи доираҳои ҳукмрон қарор гирифта буд. Бо анъанаҳои қаҳрамонии замонҳои гузашта шинос кардани оммаи халқ барои муттаҳид гардидани онҳо дар мубориза баҳри давлати мустақилли миллӣ аҳамияти бузург дошт. Чунонки муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадамини Риёҳӣ низ қайд мекунад, чунин амалҳо «ба нияти тақвияти ҳамбастагии миллӣ  ва рафъи порокандашавиҳои дарунии кишвар ва тақвияти нерӯи миллӣ дар баробари хатарҳо» [10;170] сурат мегирифтанд. Бинобар ин, Сомониён ба ҷамъ намудани қисса ва нақлу ривоятҳои қадимаи қаҳрамонӣ-асотирӣ, чи аз сарчашмаҳои таърихии паҳлавӣ ва чи арабӣ, хусусан аз забони муъбадон диққати махсус медоданд. Яке аз аввалин шоҳномаҳо - “Шоҳнома”-и Абумансурӣ низ маҳз дар натиҷаи ҳамин ба вуҷуд омада буд, ки мазмун ва муҳтавои он аз ғояҳои тарбиявӣ ва панду ахлоқ иборат мебошад.

Як хусусияти дигари барҷастаи даврони Сомониён ин рушди афкори тарбиявӣ, дар маҷмуъ таълимоти педагогӣ буда, дар натиҷаи он олимон дар пешрафти соҳаҳои гуногуни илм нақши босазое гузоштанд. Имрӯз ба шарофати пешрафти илмҳои гуногун ба таҳқиқи таълимоти педагогии халқи тоҷик дар ин замон ва умуман, дар асрҳои IX-XI машғул гардида, бо эътимоди комил метавон қайд кард, ки дар ин  даврон фарҳанги халқи тоҷик, аз ҷумла афкори педагогӣ дар ҳақиқат ҳам хеле тараққӣ ёфт. Сулолаи Сомониён, ки аз ҳамватанони худ дастгирӣ меҷуст, анъана, хату савод, забони модарӣ ва адабиётро парвариш ва инкишоф медод. Пешрафти фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросон, ки дар заминаи анъанаҳои бисёрасраи ниёгони тоҷик ба вуҷуд омада буд, ба густариши ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ мусоидат намуда, назм ва насри бадеию илмӣ ба ин забон пешрафти босуръат пайдо кард.

Оид ба ин масъала ва нақши мутафаккирони даврон дар рушди педагогикаи миллӣ муҳаққиқон барҳақ қайд кардаанд, ки “ҳамаи онҳо кӯшиш мекарданд, ки низоми таълими мактабӣ ва тарбияро ба тартиб дароранд. Дар рушду гулгулшукуфии ақидаҳои педагогӣ нақши бузургро шаҳрҳои Бағдод, Бухоро, Балх, Самарқанд, Ҳирот, Нишопур, Хуҷанд, Чоч ва ғайра иҷро намуданд. Маҳз дар ҳамин шаҳрҳо афкори педагогии тоҷик дар даврони

Сомониён ташаккул ёфт ва онҳо ба марказҳои илму фарҳанги асримиёнагӣ табдил ёфтанд. Дар асоси маълумоти манбаъҳои адабӣ, таърихӣ ва хулосаҳои олимони шинохтаи таърихшинос дар асрҳои IX-X дар қатори мактабҳои динӣ инчунин мактабҳои дунявӣ низ амал мекарданд” [11; 170].

Густариши илмҳои риёзӣ, нуҷум, ҷуғрофия, кимиё, тиб ва таърих низ дар даврони Сомониён бо суръати бузурге сурат гирифтааст. Шаҳрҳое, ки дар боло номбар карда шуданд, инчунин Марв, Бунҷакат, Ҳулбук, Термиз ва ғайра ба марказҳои калони фарҳангӣ ва интишори афкори тарбиявии пешқадами давр табдил ёфтанд. Олимон мунтазам аз аксар кишварҳои мусулмонӣ дар пойтахти маркази фарҳангии Шарқ – Бухоро гирд меомаданд.

Хидматҳо дар соҳаи таърих ва адабиётшиносӣ дар даврони зикршуда аз ҷониби олимон, аз ҷумла Абдуллоҳ ибни Муслим Марвазии Диноварӣ, машҳур ба ибни Қутайба - муаллифи “Китоб-ул-маориф”, Абубакри Наршахӣ - муаллифи “Таърихи Бухоро”, Абуалӣ Муҳаммад Балъамӣ, Абулмуайиди Балхӣ, муаллифи китоби «Аҷоиб-ул-Булдон» (Аҷоиботи шаҳрҳо), “Шоҳнома”, “Гаршоспнома” ва ғайра ба забони тоҷикӣ зиёданд. Дар ин давра инчунин аз ҷониби ҷуғрофияшиноси номаълум асари бузурги «Ҳудуд-ул-олам» тасниф шуд.

Дар маҷмуъ, дар ин даврон Мовароуннаҳру Хуросон маркази инкишофи илмҳои риёзӣ ва нуҷум буданд, ки ҳамаи онҳо дар заминаи ҷамъбасти таҷрибаи чандинасраи обёрӣ ва техникаи маҳаллӣ, ҳисоби антиқию ҳиндӣ ба миён омада, пешрафти минбаъдаи илмҳои риёзиро на танҳо дар Осиё, балки дар Аврупо ҳам таъмин карданд. Дар миёни олимони ин давра риёзидони бузург, мунаҷҷим ва ҷуғрофиядон Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмиро, ки замони зиндагиаш тақрибан солҳои 780-850-ро дар бар мегирифт, махсус таъкид кардан зарур аст. Аз ҷумла, истилоҳоти логарифм (калимаи таҳрифшуда аз номи ал-Хоразмӣ) ва алгебра (ал-ҷабр – аз калимаи аввали унвони яке аз асарҳои ал-Хоразмӣ доир ба риёзӣ) ба номи ҳамин олим иртибот доранд. Ин мутафаккир муодилаи дараҷаи якум ва дуюм ва дигар масъалаҳои риёзиро дар илми ҷаҳонӣ бори аввал таҳқиқ намудааст.

Дар баробари ин, Аҳмад ибни Абдуллоҳ Ал-марвазӣ (с.в. тақрибан 870), ки машҳур бо номи Ал-ҳабаш Ал-ҳосиб буд, дар ҳисобҳояш тангенс, котангенс ва ҷадвали онҳоро ифода кардааст. Мунаҷҷим Абумаъшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ қариб чил асар дар ин самти илм офаридааст. Олими машҳур Абумаҳмуди Хуҷандӣ афзори нуҷумии зовиясанҷро кашф намуд, ки онро дар асрҳои миёна барои муайян кардани вазъи дақиқи сайёраҳо ва ситораҳои дар ҳудуди онҳо пайдошаванда истифода мебурданд. Муҳаммад ал-Илмӣ бошад, илми тибро рушд бахшид. Олимону табибони муътабар, чун Абубакр Рабеъ Ахавайни Бухороӣ ва Ҳаким Майсарӣ асарҳои зиёде бо забони тоҷикӣ таълиф намудаанд. Алломаҳои бузурги шарқӣ дар асрҳои миёна - Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунии Хоразмӣ, ки дар илм нақши фаромӯшнашаванда гузоштаанд, дар ҳамин давра фаъолият доштаанд.

Як хусусияти даврони Сомониён, ки ба ташаккул ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик таъсири бағоят муассир гузошт, ин пайдоиш ва равнақи китобдорӣ буд. Дар китобхонаи калонтарини давраи Сомониён - «Савон-ул-ҳикмат» нодиртарин китобҳои давру замон оид ба адабиёт, санъат, таърих, фалсафа, фиқҳ, риёзиёт, тиб, ҷуғрофия, кишоварзӣ ва китобҳои динӣ гирд оварда шуда буданд, ки ба забонҳои тоҷикӣ (ё форсӣ-дарӣ), суғдию юнонӣ, арабӣ, ҳиндӣ, яҳудию чинӣ, паҳлавӣ ва забонҳои дигари зинда ва азбайнрафта навишта шуда буданд. Дар ин китобхона барои асарҳои ҳар як соҳаи илм сандуқҳои махсус ва ҳуҷраи алоҳида ҷудо карда шуда буд. Дар болои ҳар як сандуқ феҳрист ё рӯйхати китобҳои дохили он қайд карда мешуд. Ба китобхона олимони машҳуре, ки ба кори китобхонадорӣ шиносоӣ доштанд ва ҷобаҷогузории китобҳоро хуб медонистанд, ба кор гирифта мешуданд.

Ибни Сино доир ба китобхонаи «Савон-ул-ҳикмат» чунин навиштааст, ки дар як хона китобҳои илмҳои арабӣ ва шеър, дар дигараш китобҳои фиқҳ ва ҳамин тавр, дар ҳар хонае китобҳои як соҳаи илм ҷой дошт ва “Сипас, феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолиа намуда, он чиро, ки бад он ниёз доштам, хостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон ҳатто,

номашонро нашунидаанд ва ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъди ин надидаам. Он китобҳоро хонда, судҳо бурдам ва дониши ҳар мардеро шинохтам» [12; 390].

Аз ин гуфтаҳои олими энсиклопедист Ибни Сино бармеояд, ки китобхонаи Сомониён на фақат бо захираи дастхатҳои гуногун, балки бо ҷобаҷогузорӣ, табақабандӣ ва феҳристи китобҳо аз нодиртарини китобхонаҳо ба шумор мерафтааст ва ҳамчун маъхази муҳим барои тамоми олимон ва адибони дарборӣ хизмат менамудааст. Аммо, мутаассифона, бештари номгӯи китобҳои он то имрӯз ба мо номаълум боқӣ мондааст.

Дар аҳди Сомониён китобхона на танҳо маъхази илмӣ, балки ҳамчун маркази муҳимтарини рӯйнависи асарҳо, тарҷума ва баргардонидани китобҳо ба ҳисоб рафта, донандагони забонҳои гуногун дар онҳо ба тарҷумаи китобҳо аз як забон ба забони дигар машғул буданд. Чунин китобхонаҳои бузург дар он даврон хеле зиёд буданд, ки яке аз онҳо китобхонаи Марв буда, дар он китобҳои гуногун, ки бо забонҳои қадима навишта шуда буданд, нигоҳ дошта мешуданд. Илова бар ин, ашрофон, олимон, мударрисон ва дигар шахсиятҳо низ китобхонаҳои хусусӣ доштанд, ки дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Фарғона, Балх, Қабодиён, Вахш, Ёвон, Кангурт, Ҳулбук ва ғайра фаъолият мекарданд. Аммо миёни онҳо китобхонаи Сомониён «Савон-ул-ҳикмат» бо сохтор ва тарзи корбарии худ фарқ дошта, диққати олимонро бештар ба худ ҷалб менамуд.

Дар маҷмуъ, дар китобхонаи Сомониён таснифоти китобҳо бо таснифоти олитарини замона ҳамоҳанг карда шуда, китобҳо аввалан, аз рӯи соҳаҳо ба тартиб оварда мешуданд. Ин таснифот аз дастовардҳои бузург дар самти китобдорӣ буда, олимони шинохтаи замон, ба мисли Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Ибни Сино, Берунӣ, ал-Қифтӣ ва дигарон дар асоси он дар самти таҳқиқи таснифоти илм хизмати шоиста кардаанд. Файласуфони бузург Форобӣ, Розӣ ва дигарон низ ба масъалаи табақабандии илмҳои замони худ аҳамияти бузург додаанд. Дар асарҳое чун «Донишнома», «Мафотеҳ-ул-улум» ва ғайра, инчунин, дар рисолаҳои библиографӣ, амсоли «Ал-Феҳрист»-и Ибни Надим, ки адабиёти чор асри исломро фаро мегирад, истифода аз таснифоти мазкур ба таври амалӣ сурат гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки таснифоти илм дар он даврон дар асоси захираи китобхонаҳо коркард гардида буд, зеро дар мисоли китобхона ҷобаҷонамоӣ ва таснифнамоии китобҳо аз рӯи соҳа, мавзуъ ва ё мазмуну мундариҷа роҳи ягонаи таҳқиқ ва самарабахшӣ дар таҳияи чунин таснифот буд, агарчи аввалин таснифоти илм, дур аз китобхона аз рӯи моҳияти соҳа ё илм ҳанӯз аз тарафи олимони антиқӣ пешниҳод шуда буд. Аммо дар назди олимони антиқӣ, пеш аз ҳама, ҳалли як масъала меистод: муайян кардани он, ки кадоме аз илмҳо асосӣ ва кадоме аз онҳо дуюму сеюмдараҷаанд.

Дар асоси ҳалли масъалаи таснифоти илмҳо қонунҳои асосӣ ва алоқамандии соҳаҳои гуногуни он муайян карда мешуданд. Аз ин рӯ, маҷмуи таснифоти дар китобхонаҳо гузаронидашуда кори садҳо одамонро дар ҷобаҷогузорӣ, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ ва истифоданамоии адабиёт осон намуд. Дар асл, феҳристи китобҳо яке аз намунаҳои имрӯзаи каталог ё феҳристи мураттабӣ ва алифбоӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки китобхонаҳои бузургтарини замони Сомониён на танҳо барои нигоҳдорӣ ва илмомӯзӣ хидмат менамуданд, балки афкори пурқимати тарбиявиро дар худ барои оянда маҳфуз гардониданд. Ҳамзамон, дастхатҳо дар ин китобхонаҳо на танҳо нигоҳ дошта мешуд, балки шумораи онҳо дар маҷмуъ пайваста меафзуд.

Дар даврони зикршуда хусусан шумораи китобхонаҳое, ки ба ҳукуматдорон тааллуқ доштанд, ба монанди китобхонаи қасрӣ ё шоҳӣ, сулолавӣ, ки аз падар ба фарзандон бамерос мемонданд, хеле зиёд буд. Зиёда аз ин, дар охири асри X шабакаи китобхонаҳо афзуда, онҳо дар шакли алоҳида ва ё зери назорати давлатӣ дар назди масҷидҳо, мадрасаҳо, хонаҳо амал менамуданд. Тааҷҷубовар он аст, ки хонандагони ин китобхонаҳо аксарият аз табақаҳои камбизоати ҷамъият буда, на танҳо хондани китобҳоро дар ихтиёр доштанд, балки бо коғазу қалам, ҷои хоб ва идрорпулӣ ҳам таъмин мешуданд, ки аҳамияти бузурги педагогӣ дошт.

Дар давраи Сомониён, чунонки болотар ҳам зикр гардид, китобхонаҳои бузурги Бухоро, Самарқанд, Термиз, Хоразм, Гурганҷ, Қубодиён, Вахш, Ёвон, Хуталон, Кангурт,

Ҳулбук ва дигар шаҳрҳои калони Хуросон ва Мовароуннаҳр амал менамуданд. Танҳо дар Самарқанд 17 мадраса бо китобхонаҳояш амал менамуд, ки дар онҳо олимони бузург, ба мисли Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, Абумансур Муҳаммади Мотрудии Самарқандӣ, Абулфатҳ Саиди Самарқандӣ, Абулқайси Самарқандӣ, Асирридин Фазли Самарқандӣ, Ашраф ибни Муҳаммади Самарқандӣ ва дигарон таълим медоданд. Дар Хуталон низ зиёда аз 20 мадраса амал менамуд, ки дорои китобхонаи илмӣ ва таълимӣ буданд. Дар яке аз навоҳии дурдасттарини ин минтақа - Кангурт зиёда аз 10 мадраса мавҷуд буд, ки ҳар яки он дорои китобхонаву қироатхона буд.

Бояд як хусусияти мадрасаҳои замони Сомониёнро махсус қайд намуд. Ба ақидаи академик Неъматов Н. дар ин даврон "ҷойҳои махсус барои таълим, омӯзишгоҳҳо – мадрасаҳо вуҷуд доштанд. Барои баъзе уламо дарсхонаҳои махсус ташкил мекарданд. Чунин дарсхона дар Насаф барои олими мактаби муътазилияи Бағдод Абулқосими Каъбӣ (зодгоҳаш Балх, вафоташ 931) ташкил шуда буд. Дар асри X барои мусалсал гардонидани таълим дар масҷидҳои калон ё мадрасаҳо гуруҳҳои таълими доимӣ ташкил гардида буданд" [8;155-156].

Дар маҷмуъ, имрӯз далелҳои қавии илмӣ вуҷуд доранд, ки педагогикаи миллии халқи тоҷик маҳз дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён зуҳур намуд, ки ба ташаккули давлатдории миллии тоҷикон алоқаманд мебошад. Дар робита ба ин мавзуъ, ки Сомониёнро аз пешгомони Эҳёи Аҷам медонанд, муҳаққиқони муосир чунин андеша баён сохтаанд: «Таърихнигорон чунин меҳисобанд, ки раванди эҳёи ориёиён дар Осиёи Марказӣ оғоз гардид, на дар Эрон ва сабаби ин тафовутҳо миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ин ду қисмати олами исломӣ мебошад. Ҷамъияти тиҷоратии Осиёи Марказӣ барои рушди ҷомеаи эгалитарии (баробарҳуқуқ – Х.Г.) исломӣ нисбат ба ҷамъияти табақавию мартаботии Эрон мувофиқтар буд. Аз ин рӯ, Сомониёнро, ки ҳукмронони воқеии Трансоксиан (Мовароаннаҳр – Х.Г.) буданд, метавон ҳамчун пешоҳангони эҳёи ориёиён шинохт. Дар ҳақиқат, тағйироте, ки дар ин раванд зуҳур намуданд, тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро мегирифт: ҳаёти фарҳангӣ, забонӣ, иҷтимоӣ, бадеӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ» [13; 94].

Ҳамаи ин саҳифаҳои саршор аз диловариву фидокорӣ дар роҳи истиқлоли Ватану миллат, ин ҳама ҷидду ҷаҳди фарҳангсозиву тамаддунофаринии ниёгони мо барои мардум имрӯз ҳам дарси ибрат ва намунаи пайравӣ аст. Ин мероси пурбаҳои илмию адабӣ барои кишвари соҳибистиқлоли мо, ки рӯ ба бунёди давлатдории миллӣ ва ҷомеаи ҳуқуқбунёди дунявӣ ниҳодааст, хеле муҳим ва зарур мебошад. Зеро бунёди ҷомеаи нав инсони худшиносу худогоҳ ва дорои ахлоқи неку маънавиёти баландро тақозо менамояд. Ва хушбахтона, осори адабии ниёгони мо дар даврони ибтидоии Эҳёи Аҷам саршори андешаҳои волои ахлоқиву башардӯстӣ буда, дар тарбияи эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ҳамбастагии мардум имрӯз ҳам нақши бузург мебозад.

Аз ҷониби дигар, давраи ибтидоии Эҳёи Аҷам ва замони Сомониён на танҳо замони шукуфоии адабиёт, забон, таърих ва фарҳанг, балки давраи эҳёи афкори педагогии бостонӣ, бунёд ва рушди педагогикаи миллӣ дар осори мутафаккирони форсу тоҷик мебошад. Аз ин рӯ, метавон бо итминони комил гуфт, ки давлати Сомониён ба илму фарҳанг, забон ва китобу назм, педагогикаи миллӣ ва тарбияи миллӣ мақоми хоса бахшида, ин омилҳо ҳама дар маҷмуъ боиси ҳастии миллат ва пойдории он дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ гардиданд.

Ба ҳамин тариқ, таҳлилу баррасиҳои анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки ташаккули халқи тоҷик ва забони адабии тоҷикӣ дар даврони Сомониён ба анҷом расида, тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон дар ҳайати давлати ягона муттаҳид гардиданд, ки ҳамаи ин ба эҳёи фарҳанги миллӣ, аз ҷумла педагогикаи тоҷикон оғоз бахшид. *А*мирони сомонӣ ва вазирони онҳо дар маркази давлат – шаҳри Бухоро намояндагони беҳтарини илму маданиятро гирд оварда, дар роҳи рушди онҳо, аз ҷумла рушди афкори педагогӣ ва ғайра корҳои бузургеро анҷом доданд. Яке аз заминаҳои ташаккули педагогикаи миллӣ ё этнопедагогика ва муҳимтарин омили рушду такомули илму адабиёт дар ин давра таваҷҷуҳи зиёди ҳукуматдорон ва адибону донишмандон ба тамаддуни ориёии бостонӣ ва

эҳёи суннатҳои волои он мебошад, ки дар навбати худ яке аз нишонаҳои асосии Эҳёи Аҷам дар ин замон ба ҳисоб меравад. Ҷамъ намудани қисса ва нақлу ривоятҳои қадимаи қаҳрамонӣ-асотирӣ, дар асоси онҳо пайдо шудани аввалин шоҳномаҳо, пайдоиш ва равнақи китобдорӣ дар китобхонаҳое чун «Савон-ул-ҳикмат», зиёдшавии мактабҳои динӣ ва дунявӣ ва ғайра низ аз нақши давлатдории Сомониён дар Эҳёи Аҷам ва дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар ин давра шаҳодат медиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Восеъ, Қ. Сиёсатмадори таърихнигор. –Душанбе: "Ирфон", 2004. – с.125.
2. Ғаззолӣ, М. Насиҳат-ул-мулук. - Теҳрон, 1389. - 963 с.
3. Исо Содиқ. Таърихи фарҳанги Эрон. Теҳрон, 1970.- С. 46-65.
4. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. - Душанбе, Нашриёти "Ирфон"1998, 2008,2020 – 1160 с.
5. Муллоев, А., Шукруллои, К. Сабақе дигар. - Душанбе: Аржанг, 2009. – 180 с.
6. Муъминзода, Х. Зардушт ва оини ӯ. – Душанбе, "Нодир", 2000. – 243 с.
7. Нодирпур, Н. Андешаҳо дар бораи миллат ва фарҳанги эронӣ. Душанбе, 1998. – с.69.
8. Раҳмонов, А. Саманиды и возрождение персидско-таджикской цивилизации. – Душанбе, 1998. –558с.
9. Риёҳӣ, М. Фирдавсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 338 с.
10. Сулаймонӣ, С. Педагогикаи ислом. – Душанбе Ирфон.- 2008.- 236.
11. Турсунов, А. Эҳёи Аҷам. -Душанбе : Ирфон, 1984. – 208 с.
12. Фараби Абунаср. Социально-политические трактаты. Алма-ата: Значение.1973.


УДК 37.0.32.8(575.3)
ББК: 74.00

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТАДОЛОГИИ КАСБИЯТИ ДОНИШҶӮЁН

***АҲМАДЗОДА Бунафша Саймузафар*** *– муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, ш. Душанбе, к. академикҳо Раҷабовҳо, 10.* ***E-mail****: abunafsha@mail.ru,* ***тел:*** *+(992) 98 505 34 54*

Муаллиф қайд кардааст, ки мақола асосҳои назариявӣ ва методии таълиму тарбияи муосири донишҷӯёнро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар бар мегирад. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ ҳамчун системаи ақидаҳои асосии илмӣ-гуманистӣ, ғояҳо, идеалҳо, самтҳои арзишманди донишҷӯён дар бораи ҷаҳон ва инсон, принсипҳои афзалиятноки тафаккур, фаъолият, рушди фарҳанги шахсият пешниҳод карда мешаванд.

Рушди шахсиятӣ мутахассиси оянда омӯзгоронро ба фароҳам овардани шароити инфиродӣ барои ҳар як донишҷӯ, ки қодир ба якпорчагӣ ва самаранокии рушди шахсият ва касбии ӯро таъмин карда тавонанд, равона мекунад.

Муаллифи мақола зикр кардааст, ки хусусияти методологии равиши системавӣ дар он муайян карда мешавад, ки он тадқиқотро ба ошкор намудани якпорчагии объект ва механизмҳо таъмин менамояд.

***Вожаҳои калидӣ****: система, метод, муосир, тафаккур, рушд, назария, мутобиқ, консепсия, хуссусият, субъект, эҷодӣ, фаъолияти меҳнатӣ.*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ

***АҲМАДЗОДА Бунафша Саймузафар*** *– проректор по воспитательной части Таджикского технического Университета им. академика М.С. Осими, г. Душанбе, ул. Академиков Раджабова, 10.* ***E-mail****: abunafsha@mail.ru,* ***тел:*** *+(992) 98 505 34 54*

В статье содержатся теоретико-методологические основы современной воспитания и обучения студентов в высшем учебном заведении. Теоретико-методологические основы представлена в качестве системы основных научно- гуманистических взглядов, идей, идеалов, ценностных ориентаций студентов о мире и человеке, приоритетных принципах мышления, деятельности, развития культуры личности.

Личностное развитие будущего специалиста ориентирует педагогов на создание индивидуальных условий для каждого студента, способных обеспечить целостность и эффективность его личностного и профессионального развития.

Автор статьи отметил, что методологическая особенность системного подхода определяется тем, что он предусматривает исследование, позволяющее выявить целостность объекта и механизмов.

***Ключевые слова:*** *система, метод, современное, мышление, развитие, теория, адаптация, концепция, характеристика, предмет, творчество, трудовая деятельность.*

# THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF STUDENTS' CAREERS

***AHMADZODA Bunafsha Saimuzafar*** *– vice-rector for Educational parts of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Dushanbe, st. Akademik Radzhabova, 10.* ***E-mail****: abunafsha@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 98 505 34 54.*

The article contains the theoretical and methodological foundations of the modern concept of education and training of students in higher education. The theoretical and methodological foundations is presented as a system of basic scientific and humanistic views, ideas, ideals, value orientations of students about the world and man, priority principles of thinking, activity, development of personality culture.

The personal development of a future specialist guides teachers towards creating individual conditions for each student that can ensure the integrity and effectiveness of their personal and professional development.

The author of the article noted that the methodological feature of the systems approach is determined by the fact that it involves research that allows us to identify the integrity of the object and mechanisms.

***Keywords:*** *system, method, modern, thinking, development, theory, adaptation, concept, characteristic, subject, creativity, labor activity.*

Дар таҳсилоти олии муосир вазифаи асосӣ - ин тайёр намудани мутахассиси салоҳиятдор, рақобатпазир ва мутахассисе, ки қобилияти зуд мутобиқ намудани фаъолияти касбиро дар шароити пешрафти илму техника дошта бошад, мебошад. Ва инчунин дорои маҳорату қобилияти истифода бурдани донишҳои гирифташуда дар технологияҳои сатҳи махсус дар ҳалли мушкилот бошад. Дар рафти фаъолияти назариявӣ баъзе мутахассисони дорои маълумоти олӣ аз уҳдаи иҷрои ин гуна вазифаҳо баромада наметавонанд, зеро

таълими анъанавии донишҷӯён, ки ба ташаккули дониш, малака ва маҳорат дар соҳаи фаннӣ нигаронида шудааст, аз талаботи муосир торафт ақиб мемонанд.

Ҳоло дар таълиму тарбия бояд шумораи фанҳои таълимӣ не, балки шумораи мутахассисони варзидаи дорои тарзи тафаккур ва рафтор дошта, зиёд бошанд. Набояд мутахассисе хатм кунад, ки ба дараҷаи олӣ тайёрӣ дидааст, балки вай аллакай дар марҳалаи таълим ба кор карда баромадани технологияи нави замонавӣ ҷалб шуда, ба шароити конкретии истеҳсолӣ мутобиқ бошад ва қобилияти бомуваффақият иҷро намудани вазифаи роҳбариро омӯхта бошад. Вазъияти ҳозира муассисаҳои таълимиро водор мекунад, ки роҳҳои нави баланд бардоштани самаранокии раванди таълимро ҷустуҷӯ намуда, усулҳои нави таълимро ба роҳ монанд. Дар ин шароит усули нави таълимро таҳия кардан лозим аст, ки зарурати онро як қатор зидиятҳои ҷиддие, ки ба системаи таълимии муосир хосанд, муайян мекунанд. Метавон гуфт, ки баръалотарин зидиятҳо пайдо мешаванд дар байни:

- ҳадафҳои таълимӣ, равиши интегралии прагматикӣ ба бунёди системаи таҳсилоти умумӣаврупоӣ ва вазъияти воқеии марбут ба нигоҳ доштани хусусиятҳои миллии низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- рушди босуръати соҳаҳои доништалаб, мураккаб шудани тамоми намудҳои кори касбӣ ва сатҳи пасти омодагии муассисаҳои таълимии касбӣ барои омода намудани донишҷӯён ба талаботи нави иқтисодиёт;
- зарурати воқеии ҷомеа барои ба даст овардани мутахассиси баландихтисос дар бозори меҳнат, ки воқеи набудани ҳалли муназзами ин масъала дар таълими у ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ сурат мегирад;
- суръатбахшии динамика ва муттаҳидшавии намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ аз ҳисоби пешрафти илмию техникӣ, тайёр намудан дар доираи маҳдуди мутахассисон, ки ба шароити зиндагии ҷомеа мутобиқ шудани онҳо халал мерасонад;
- зарурати “муттаҳид” кардан ва омода намудани қисми назариявӣ ва амалии кадрҳо ва бартарияти усулҳои таълимӣ дар раванди омӯзиш;
- самти стратегӣ ва хусусияти пешрафтаи омодасозии донишҷӯёне, ки ба дигаргуниҳои системавии инноватсионӣ дар соҳаи фаъолияти касбии оянда омодаанд ва рушди нокифояи технологияҳои омодасозии донишҷӯёнро ба чунин фаъолиятҳо ҷалб менамоянд;
- марҳила ба марҳила гузариш аз усулҳои анъанавӣ ба амалия, шаклҳои ташкилӣ ва технологияҳои такмили таълим бо ворид намудани усулҳои проблемавии таълим, тадқиқоти илмӣ, шаклҳои гуногуни корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар фаъолияти таълимӣ ва номувофиқ мавҷуд будаи ин усул дар раванди таълими мактабҳои олӣ хеле муфид мебошад.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки номувофиқатии байни талабот ба сифати тайёр намудани мутахассиси оянда ва ҳолати воқеии омодагии ӯ ба иҷрои фаъолияти касбие, ки ба талаботи замон мувофиқанд, далолат мекунанд. Ҳалли зиддияти байни талаботи объективии амалияи иҷтимоию тарбиявӣ дар ташаккули шахсияти эҷодкор ва нокифояи инкишоф додани асосҳои назариявӣ ва технологии он дар педагогика мақсади таҳқиқотро дар таҳияи асосҳои консептуалии ташаккули мунтазами шахсияти эҷодии мутахассиси оянда дар раванди таълими донишгоҳ муайян менамояд.

Рушди шахсиятӣ мутахассиси оянда омӯзгоронро ба фароҳам овардани шароити инфиродӣ барои ҳар як донишҷӯ, ки қодир ба якпорчагӣ ва самаранокии рушди шахсият ва касбии ӯро таъмин карда тавонанд, равона мекунад. Дар баробари ин сохтори ташкилӣ, технологияи тарҳрезӣ ва татбиқи раванди таълимро дар самти инсондӯстона таъмин менамояд, ки донишҷӯён имкониятҳои худро мувофиқи қобилияти худ дар рафти азхудкунии намудҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои иҷтимоӣ амалӣ намоянд.

Дар асоси ҷамъбасти маводи назариявӣ ва амалӣ, бо такя ба мантиқи муносибати субъектӣ, идеяи пешбарии тадқиқот таҳия карда мешавад. Моҳияти он аз ин иборат аст: дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ ва мураккабшавии фаъолияти касбӣ, босуръат ва пайваста нав кардани технологияҳо ва талабот ба шахсияти эҷодкор, ки ташаккули систематикии он раванди ҳамоҳангшудаи таълим дар асоси принсипҳои навбунёд аст, таъмин менамояд.

Инчунин асосҳои методие, ки дар натиҷаи фаъолияти эҷодии субъективии омӯзгорон ва донишҷӯён ба вуҷуд омадааст, аз объекти ғайрифаъолонаи тайёрии касбӣ ба субъекти таъсири мутақобила табдил додани донишҷӯро дар бар мегирад.

Назарияҳо ва мафҳумҳои педагогии зерин ҳамчун асосноккунии назариявии ин мушкилот хизмат мекунанд, ки таълим барои ҳавасмандгардонии раванди ташаккули шахсияти эҷодии мутахассиси оянда имкониятҳои зиёд дорад.

- якум, муқаррароти пешбарии педагогикаи башардӯстона дар бораи арзиши инсон, ҳифзи шахсияти ӯ, зарурати фароҳам овардани шароит барои худшиносии ӯ дар ҷараёни таълим эътироф карда шуданд. (Ш.А. Амонашвили, О.С. Газман, В.П. Зинченко, А. Маслоу, В.А. Сухомлинский и др.) [6]

- дуюм, дар фалсафаи тарбия ғояи ҳамоҳангӣ байни «худпарастӣ» ва «ҷомеъа»-и шахсият фаъолона таҳқиқ карда шуда, (В.И.Андреев, С.И.Гессен, Е.Н.Шиянов ва ғайра) дар асоси он, умумипедагогӣ ва назарияҳои дидактикии инкишофи эҷодӣ ва худидоракунии шахсият инкишоф дода мешавад. (В.И. Андреев, В.В. Давыдов, Д.Б. Богоявленская, А.М. Матюшкин, Б.П. Никитин, А.П. Тряпитсина ва дигарон)

- Сеюм, дар асоси ғояҳои гуманизатсия ва таълими башардӯстона, ки дар педагогика эътироф шудаанд, чунин равишҳои муосири илмӣ-назариявии ташкили раванди таълим, аз қабили шахсият нигаронидашудаанд. Инчунин вазифаҳои ба миён гузошташударо рушд ва субъекти ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим амалӣ менамоянд (А. Г. Асмолов, В. А. Беликов, Е. В. Бондаревская, В. В. Давыдов, Я. И. В. Занков, С. Ю. Курганов, И. Я. Лернер, В. А. Петровский, М. Н. Скаткин, А.К.Осницкий, Д.Б.Эльконин, И.С.Якиманская ва ғайра). Дар асоси онҳо технологияҳои муосири рушди шахсият таҳия карда шудааст.

- Чаҳорум, таҳияи илмии идеяи ҳамоҳангии шахсӣ ва мутобиқшавии раванди таълим, ки барои таҳқиқи мо аҳамият дорад, бо назардошти стратегия, воситаҳо, усулҳои рушди мутаносиби системаи маориф дар маҷмӯъ ва ҳар як субъекти ин системаро пешниҳод менамояд. (В.И.Загвязинский, В.В.Краевский, П Г. Постников, Н.Н.Палтишев ва дигарон).

Таҳлили равиш ва усулҳои гуногун (системавӣ-сохторӣ, барномавӣ-мақсаднок, комплексӣ ва ғайра) моро водор карда ба чунин хулоса овард, ки чунин равиш ва усулеро интихоб кардан лозим аст, ки ба мавзӯи тадқиқоти мо бештар мувофиқ бошад. Хамчунин асоси умумии илмии методологии таҳқиқ ва равиши системавие, ки он хаматарафа таҳия ва дар тадқиқоти педагогӣ васеъ истифода шавад; хусусиятҳои предмети таҳқиқшавандаро ба назар гирад; ба мақсади умумии тадқиқоти мо мувофиқ бошад.

Тадқиқоти бисьёри олимон собит кардааст, ки равиши систематикӣ «асос» ва «дастгирии» методологияи педагогика мебошад ва истифодаи моделсозӣ ба сифати усули илмӣ имкон медиҳад, ки тамоми унсурҳои ташкили фаъолияти донишҷӯён ба қадри имкон омӯхта ва таҳлил карда шаванд. Муносибати систематикӣ яке аз муқаррароти назариявии маводи диалектикӣ ба шумор рафта имкон медиҳад, ки алоқаҳои объективии байни унсурҳои умумӣ мавҷуд бударо дар ниҳояти кор дар алоҳидагӣ дурусттар дарк намудани нақши функсионалии ҳар як элементро муайян намояд.

Хусусияти методологии равиши системавӣ дар он муайян карда мешавад, ки он тадқиқотро ба ошкор намудани якпорчагии объект ва механизмҳо таъмин менамояд ва барои муайян намудани навъҳои гуногуни алоқаҳои объектро ба як манзараи назариявӣ табдил медиҳад.

Истифодаи усули систематикӣ дар омӯзиши ҳама гуна объектҳо, аз ҷумла объектҳои педагогӣ, мувофиқи эътирофи умумии олимон, маъноҳои зеринро доро мебошад:

- баррасии объект ҳамчун система;
- интихоби унсурҳои таркибии система
- баррасии ҳар як унсур;
- муайян ва баррасӣ намудани алоқаҳо ва муносибатҳои байни унсурҳо, пеш аз ҳама, робитаҳои асосӣ;
- баррасии масъалаҳои фаъолияти система ва идоракунии он

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ оид ба проблемаи таҳқиқ нишон дод, ки файласуфон (Пифагор, Платон, И.С. Молкин, В.П. Шестаков, Е.М. Сороко ва гайра) ва муҳаққиқони муосири соҳаи педагогика (Ш.А.Амонашвили, В.И.Загвязинский, К.Д. Чермит ва ғайра) дар ин самт таҳлилу баррасӣ зиёд намуда фикру ақидаҳои худро баён намудаанд. Воқеияти мушкилоти мутобиқшавӣ дар соҳаи маориф ва таълими муосир аз навоварии вазъи иҷтимоию фарҳангӣ вобаста аст. Ба гуфтаи В.И. Загвязинский, зарурати мутобиқшавӣ аз ҷустуҷӯи стратегия, воситаҳо, усулҳо ва технологияҳои рушди мутаносиби системаи маориф дар маҷмӯъ аз ҳар як субъекти ин система вобаста аст. [4]

Баъзе олимон таъкид менамоянд, ки мутобиқшавӣ ин ҳолати худи инсон, инъикоси муносибатҳои ӯ бо ҷаҳон буда, ба ӯ имкон медиҳад худро дарк намояд, ҷаҳони инсон ва табиатро ҳифз намояд ва ба ин маънӣ мутобиқшавӣ ҳадафи тарбия, ва ҳамоҳангсозӣ воситаи он мебошад. Инчунин ғояи мутобиқшавӣ мақсад ва натиҷаҳои тарбияро инъикос намуда дар инкишофи худи шахс ва бунёди муносибатҳои дохилию берунии ӯ, ҳолати рушди субъективияти инсонӣ мебошад.

Барои мо аҳамияти муҳим ин мафҳуми «мутобиқшавӣ»-ро дар робита бо раванди таълим дар мактабҳои олӣ равшан созем. Дар луғати педагоги маънои калимаи «мутобикшавиро — чараёни инкишоф ва ташаккули шахсият дар зери таъсири берунии тарбия, инкишофи мақсадноки шахсият ё ягон ҷанба, сифатҳои он; процесси табдил ёфтани шахс ҳамчун субъект ва объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ меёбем”. Тибқи ин таъриф, мутобиқшавӣ ҷараёнест, ки аломати “охират” надорад ва онро ба ягон ҳолати комил мерасонад, ки дар он ҷо қатъ мешавад, дар ҳаёти инсон беохир ва пайваста аст. [3]

Дар як қатор тадқиқотҳо мутобиқшавӣ яке аз стратегияҳои педагогӣ дар заминаи ҳамкории байни муаллим ва донишҷӯй дар раванди педагогӣ ба ҳисоб меравад. Маънои ин аз он иборат аст, ки ба якдигар мувофиқ кардани ҳамкории омӯзгор дар якҷоягӣ бо гурӯҳи таълимӣ ва донишҷӯй инчунин аз ҷониби дигар, ҳамкории донишҷӯ дар якҷоягӣ бо дигар субъектҳои ба ин раванд алоқамандбуда мебошад. Мутобиқшавӣ яке аз стратегияи шахсии омӯзгор ба шумор рафта дар ҳолати ба миён омадани зарурати мутобиқати ӯ ба моҳияти фаъолияти педагогӣ, тамоюлҳои инсондӯстонаи рушди маориф ҳамчун муассисаи иҷтимоӣ ва қобилияти ҳамкории мутақобила бо донишҷӯ бо назардошти арзиши ботинии ӯ ифода меёбад.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки мутобиқшавӣ стратегияи педагогие мебошад, ки дар асоси мувофиқат ва мутобиқ будани мақсадҳо, мазмун, шаклу усулҳои ҷараёни таълим ба амал бароварда мешавад. Муносибати мутобиқшавии субъектҳои ин раванд ҳамкории баробарҳуқуқ, созиши тарафайн дар асоси якдигарфаҳмӣ, қабул ва эътирофи ҳамдигар ба шумор меравад. Мафҳуми педагогии мутобиқшавӣ «сохтани ҳадафҳо, мундарича, шаклҳо ва усулҳои раванди таълимро дар асоси принсипҳои мувофиқат, пуррагӣ, ба мақсаднокӣ, ҳамгироии арзишҳои ҳамаи иштирокчиёни он таъмин менамояд. Мутобиқ кардан маънои ба ҳам мувофиқ буданро дорад».

Метавон мавқеъи гуногунро ҷамъбаст намуда хусусиятҳои асосии падидаи мавриди омӯзишро муайян кунем:

- мутобиқшавӣ равандест, ки дар натиҷаи фаъолияти эҷодии субъект – ҳамкории субъективии омӯзгорон ва донишҷӯён, ки аз ҳадафҳо ба натиҷаҳо, бо назардошти ҷузъҳои рушди худшиносӣ ва табдил додани донишҷӯй ба вуҷуд меояд. Объекти таълимии касбӣ ба субъекти фаъолияти мутақобила; моҳияти раванди мутобиқшавӣ ташаккули системаи донишҳои методӣ, усулҳои мантиқии ҳалли вазъиятҳои мушкилот, амалияи такмил додани дониш тавассути роҳҳои вобастагии диалектикӣ мебошад:
- натиҷаи раванди мутобиқшавӣ ташаккули шахсияти эҷодии мутахассиси оянда, қобилияти фаъолияти эҷодӣ ва талабот дар бозори меҳнат мебошад;

Дар асоси ин, мо таърифи худро медиҳем: *мутобиқшавӣ*- ин раванди мақсадноки ташаккули системавии шахсият дар натиҷаи фаъолияти эҷодии субъект – ҳамкории субъективии омӯзгор ва донишҷӯён мебошад, ки бо назардошти ҷузҳои худшиносӣ яъне ҳаракат аз мақсад ба натиҷаҳоро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, дар шароити муосир шахси

эҷодкор дар ҳама марҳилаҳои рушд талабот пайдо мекунад. Мутахассиси оянда барои он ки дар вазъияти фаъолияти минбаъда ва тағйироти доимӣ фаъол бошад, бояд ба таври муносиб ба потенсиали эҷодии худ ҷавобгӯ бошад. Аммо равишҳои анъанавии ташкили таълими касбию техникӣ, хусусиятҳои фаъолияти касбии хатмкунандагонро дар шароити хозираи муосир пурра ба назар намегиранд. Технологияҳои инноватсионии тайёрии касбие, ки дучори мушкилоти ташаккули шахсияти эҷодкорӣ мешаванд, талаб карда мешавад.

Мутобиқшавӣ дар таълим яке аз самтҳои ояндадори илмӣ ба шумор рафта, тарҳрезии системаҳои таълимро дар асоси муносибатҳои ҳамоҳангшудаи дохилию берунии субъектҳо ва унсурҳои асосии системаи таълим таъмин менамояд, ки ташаккули шахсияти худ инкишофёбандаро муайян мекунад. Натиҷаи ин самт метавонад таҳияи консепсияи мутобиқшавии раванди таълим ва муайян кардани усулҳо, тартиб, механизмҳо ва шароитҳое бошад, ки ба захираҳои шахсии донишҷӯён мувофиқанд ва ба ташаккули шахсияти эҷодкор яъне мутахассиси оянда мусоидат мекунанд.

Бояд эътироф кард, ки дар таълиму тарбияи насли навраси замони муосир барои хулоса баровардан дар бораи он ки мутобиқшавӣ дар ҷомеаи муосир ба ҳаёти намояндагони мушаххаси он чӣ гуна таъсир мерасонад, маводи кофӣ ба вуҷуд омадааст. Дар баробари ин В. Лекторский таъкид мекунад, ки «ғояи мутобиқшавӣ, ки хеле содда менамояд, дар асл чандон содда нест», зеро он бо як қатор саволҳои бунёдии фалсафии марбут ба фаҳмиши инсон, шахсияти ӯ, имкониятҳо ва марзҳо зич алоқаманд аст. Яъне ба дониш ва ҳамдигарфаҳмӣ.

**АДАБИЁТ**

1. Абдулина, О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. Просвещение, 1990. С.25-26.
2. Выготский, Л.С. Собрание соченений в подготовке учителя. 1983. С. 281.
3. Зайцев, Г.К. Потребности информационный подход воспитании/советская педагогика №11, 1991-с. 29-32.
4. Леонтев, А.Н. Избранные психологические произведения. Педагогика, 1983-Т.2.-с176.
5. Столяров, В.И. Методологические принципы определения понятий в процессе научного исследования. Уч. Пособие -М: 1984 с.59
6. Шаймардонов, Р.Х. Теория и технология интенсивного развитии профессиональной личности учителя в вузе. Автореф.диссерт. д.п.н. Казань, 1998.-39с.

*ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ*
*ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ*
*TEACHING TECHNOLOGY*

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ИСТИФОДАИ ТАХТАҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***САИДЗОДА Исроил Маҳмад*** *– номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *isroil-84@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 904 48 55 55*

***ЗОКИРОВ Амонатулло Рамазонович*** *– унвонҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *zokirov01121@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 909 98 46 44*

***КАРИМОВ Умед Мусоевич*** *– ассистенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.* ***E-mail:*** *umedjon_karimov@list.ru,* ***тел.:*** *(+992 931 03 04 00*

Мақола ба масъалаи истифодаи босамари тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълим бахшида шудааст. Тахтаҳои интерактивӣ як воситаи ёрирасони муосир дар раванди таълим буда, бо истифодаи босамари онҳо имконият фароҳам меояд, то раванди машғулиятҳои таълимиро ҷолиб ва малакҳои эҷодии хонандагонро зиёд намоем. Бояд қайд намуд, ки татбиқи технологияҳои муосир дар низоми таҳсилот боиси рушд намудани қобилияти эҷодии хонандагон гашта, бо ин роҳ низоми таълимро ба стандарт ва барномаҳои байналмилалӣ мувофиқ намудан мумкин аст.

Низоми маорифи ҷумҳурӣ ба масъалаи татбиқи технологияҳои муосир дар раванди таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истиодааст, ки ҳадафи асосии мақолаи мазкур ба он равона шудааст.

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои рушд додани савияи донишомӯзии хонандагон ва бедор намудани малакаҳои эҷодии онҳо роҳҳои дуруст истифода намудани тахтаҳои интерактивиро дар раванди таълим, бояд ҳар як омӯзгор донад. Инчунин дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ аз зинаи синфҳои ибтидоӣ ба масъалаи мазкур диққати аввалиндараҷа дода шавад. Зеро тахтаи интерактивӣ воситаи пурарзиш ҷиҳати пешбурди фаъолияти таълимӣ буда, истифодаи он имкон медиҳад, то раванди таълим ҷолиб ва фаҳмо гардад. Истифодаи тахтаҳои интерактивӣ дар омӯзиши фанҳои дақиқ аз қабили математика, физика, химия ва дигар фанҳо ягона роҳи рушд додани савияи донишу малакаи эҷодии хонандагон мегардад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *салоҳият, технология, омӯзгор, малака, таҷриба, метод, самранокӣ, дониш, омӯзиш, тахтаи интерактивӣ, раванди таълим, хонанда.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНТЕРАКТИВНОЙ ДОСКИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

***САИДЗОДА Исроил Махмад*** *– кандидат технических наук, доцент кафедры информатики Таджикского национального университета, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *isroil-84@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 904 48 55 55*

***ЗОКИРОВ Амонатулло Рамазонович*** *– соискатель Таджикского национального университета, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *zokirov01121@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 909 98 46 44*

***КАРИМОВ Умед Мусоевич*** *– ассистент кафедры информатики Таджикского национального университета, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.* ***E-mail:*** *umedjon_karimov@list.ru,* ***тел.:*** *(+992 931 03 04 00.*

Статья посвящена рассмотрению проблем эффективного использования интерактивной доски в образовательном процессе. Интерактивные доски являются современным вспомогательным инструментом в учебном процессе, при эффективном использовании которых можно сделать процесс учебной деятельности интересным и повысить творческие способности учащихся. Следует отметить, что применение современных технологий в системе образования привело к развитию творческих способностей учащихся, и таким образом возможна адаптация системы образования к международным стандартам и программам.

В системе образования республики особое внимание уделяется применению современных технологий в образовательном процессе, что и является основной целью данной статьи.

Таким образом, можно сделать вывод, что каждый учитель должен знать, как правильно использовать интерактивные доски в учебном процессе, чтобы повысить уровень обучения учащихся и пробудить их творческие способности. Также первоочередное внимание этому вопросу следует уделять во всех образовательных учреждениях, начиная с уровня начальной школы. Потому что интерактивная доска является ценным инструментом продвижения образовательной деятельности, а ее использование позволяет сделать учебный процесс интересным и понятным. Использование интерактивных досок при изучении точных предметов, таких как математика, физика, химия и других предметов, является единственным способом развития уровня знаний и творческих способностей учащихся.

***Ключевые слова****: компетентность, технология, преподаватель, умение, опыт, метод, эффективность, знания, обучение, интерактивная доска, учебный процесс, студент.*

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL ASPECTS OF USING AN INTERACTIVE WHITEBOARD IN THE EDUCATIONAL PROCESS

***SAIDZODA Isroil Mahmad*** *– dotsent of the Department of Informatics the of Tadzhikskii national University, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.* ***E-mail:*** *isroil-84@list.ru,* ***phone****: (+992) 904 48 55 55*

***ZOKIROV Amonatullo Ramazonovich*** – applicant *the of Tadzhikskii national University, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.* ***E-mail:*** *zokirov01121@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 909 98 46 44*

***KARIMOV Umed Musoevich*** *– assistant of the Department of Informatics of Tadzhikskii national University, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.* ***E-mail:*** *umedjon_karimov@list.ru,* ***phone:*** *(+992) 931 03 04 00.*

The article is devoted to considering the problems of effective use of an interactive whiteboard in the educational process. Interactive whiteboards are a modern auxiliary tool in the educational process, the effective use of which can make the learning process interesting and increase the creative abilities of students. It should be noted that the use of modern technologies in the education system has led to the development of students' creative abilities, and thus it is possible to adapt the education system to international standards and programs.

In the educational system of the republic, special attention is paid to the use of modern technologies in the educational process, which is the main goal of this article.

Thus, we can conclude that every teacher should know how to properly use interactive whiteboards in the teaching process to enhance students' learning and awaken their creativity. Also, this issue should be given priority attention in all educational institutions, starting from the

primary school level. Because an interactive whiteboard is a valuable tool for promoting educational activities, and its use makes the learning process interesting and understandable. The use of interactive whiteboards in the study of exact subjects such as mathematics, physics, chemistry and other subjects is the only way to develop the level of knowledge and creative abilities of students.

***Key words***: *competence, technology, teacher, skill, experience, method, efficiency, knowledge, training, interactive whiteboard, educational process, student.*

Дар низоми маорифи кишвар бо пайдо гардидани технологияҳои навини таълимӣ тағйиротҳои ҷиддиро мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо тавассути технологияҳои иттилоотӣ роҳандозӣ карда шудаанд. Аз ин рӯ, ҳар як иштирокчии раванди таълимро зарур аст, то аз навгониҳои технологияҳои муосир дар фаъолияти илмӣ-педагогии худ самаранок истифода намуда тавонад.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳанд, ки қисмати зиёди омӯзгорон аз технологияҳои муосири таълимӣ, аз қабили барномаҳои рӯнамосоз, тахтаҳои интерактивӣ, технологияҳои чандрасонаӣ ва ғайра дар фаъолияти таълимии худ самаранок истифода бурда наметавонанд, ки ин раванд боиси манфӣ арзёбӣ гардидани сифати таҳсил мегардад.

Тибқи таҳлилҳо дар бисёр муассисаҳои таълимӣ, гарчанде синфхонаҳои замонавӣ бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шуда бошанд ҳам, қисмати зиёди омӯзгорон усулҳои дуруст истифода намудани онҳоро дар ҷараёни таълим намедонанд. Ҳол он ки тибқи стандарт ва меъёрҳои нави байналмилалӣ омӯзгори имрӯза бояд маҳорати касбии таҳия намудани рӯнамоҳои таълимӣ, кор бо таҷҳизотҳои электронии рақамӣ, истифодаи тахтаҳои электронӣ, тарҳрезӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ, истифодаи самараноки интернет ва ғайраро дар раванди таълим дошта бошад.

Роҷеъ ба татбиқи тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълим аз ҷониби муҳаққиқони соҳа чандин маводҳои таълимӣ дар шакли монография, китобҳои дарсӣ, васоитҳои таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ ба нашр расонида шудааст. Масалан, аз ҷониби О.Н. Актуганова [1], О.В. Антонова [3], Э.Г. Галимова [6], И.М. Саидзода, С.Ҳ. Мирзоев, А.И. Саидҷаҳфаров [11-14] ва дигарон.

Бояд тазаккур дод, ки бо пайдо гардидани технологияҳои навин гарчанде сифати таҳсилотро боло бурдан имконпазир бошад ҳам, дар ин самт мушкилоти зиёде ҷой доранд, ки ин ҳама бояд бартараф карда шаванд. Масалан, яке аз чунин мушкилотҳо паст будани савияи донишҳои компютерии иштироккунандагони раванди таълим ва ё аз манбаъҳои интернетӣ дуруст истифода бурда натавонистани онҳо мебошад.

Истифодаи технологияҳои навини иттилоотӣ дар низоми таълим суръати интиқоли дониш ва ҷамъоварии таҷрибаи илмӣ, касбӣ ва технологию иҷтимоии омӯзгорон ва хонандагонро зиёд менамояд. Технологияҳои иттилоотрасони муосир сифати омӯзиш ва малакаҳои эҷодиро баланд бардошта, ба хонанда имкон медиҳанд, то ба ҳама тағйиротҳои навини дар низоми таҳсилот бавуҷудомада мутобиқ шавад, зеро ки дар муассисаҳои муосири таълимии давлатҳаои мутараққии олам ба масъалаи омӯзиш ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот диққати аввалиндараҷа дода мешавад.

Имрӯз он пешравиҳои назаррасеро, ки дар муассисаҳои таълимии муосири дунё дида мешаванд, бе татбиқи технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардани онҳо ғайриимкон аст, чунки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ- коммуникатсионӣ (ТИК) дар ранди таълим, ба як падидаи хеле маъмул табдил ёфта, он ба як ҷузъи муҳимми таълимӣ мубаддал гардидааст. Компютер бошад, як ҷузъи асосии ёрирасони таълимӣ ҳисобида шуда, он ҳамчун дастгоҳи ҳамакора барои пешниҳоди маводҳои таълимӣ (дар шаклҳои гуногун) истифода мешавад.

Дар низоми таҳсилот усулҳои гуногуни зиёдеро ҷиҳати такмил додани раванди донишомӯзии хонандагон ба роҳ мемонанд, ки яке аз онҳо истифодаи тахтаҳои

интерактивӣ мебошад. Дар тамоми муассисаҳои таълимии саросари олам, ки онҳо ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд, аз тахтаҳои интерактивӣ истифода мебаранд. Тахтаҳои интерактивиро дар ҳама гуна шаклҳои таълим нобобаста аз намуди фанни таълимӣ истифода намудан, аз манфиат холӣ нест.

Дар амалия ба мафҳуми тахтаҳои электронӣ ва ё тахтаҳои интерактивӣ доимо вохӯрдан мумкин аст. Бояд тазаккур дод, ки тахтаҳои электронӣ аз тахтаҳои интерактивӣ вобаста аз хусусиятҳои функсионалиашон фарқкунанда мебошанд. Тахтаҳои электронӣ асосан бо истифода аз ноқил ва ё бо таври мавҷӣ ба компютер пайваст шуда, тавассути нармафзори махсус идора карда мешавад. Ҳама он амалиётҳое, ки дар рӯйи тахтаи электронӣ навишта ва ё тасвир мешавад, дар экрани компютер намоиш дода мешавад. Инчунин барои истифодабарии тахтаҳои электронӣ аз видеопроектор ҷиҳати интиқоли тасвир аз экрани компютер ба сатҳи тахта истифода мешавад. Тахтаҳои интерактивӣ бошанд, бо таври сенсорӣ истифода шуда, онҳо бо компютери дарунсохт муҷаҳҳаз карда шудаанд. Фаъолияти кории онҳо шабеҳи идоракунии дастгоҳҳои мобилӣ мебошад, зеро бо таври ламсӣ дар панел истифодабаранда метавонад мисли планшет ва ё телефон аз онҳо истифода намояд.

Дар тахтаҳои интерактивӣ услубҳои гуногунро дар раванди таълим истифода намудан мумкин аст. Ба монанди услубҳои визуалӣ, шунавоӣ ва ғайра. Бо истифода аз тахтаҳои интерактивӣ хонандагон метавонанд тасвирҳои рангаи гуногунсохт ва диаграммаҳоро бо айёниятҳои бештар ва ҷолиб мутолиа намоянд, ки ин ҳолат боиси бедор гардидани малакаи зеҳнӣ ва эҷодии онҳо мегардад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки истифодаи тахтаҳои интерактивӣ якчанд маротиба имконияти сарфа намудани вақтро ба истифодабаранда медиҳанд. Самаранок истифодда намудани онҳо дар раванди таълим аз манфиат холӣ набуда, аз омӯзгор маҳорати баланди истифодабариро талаб мекунад. Имкониятҳои асосии тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълим инҳоянд:

– таҳияи замимаҳо, қайд намудани иттилоотҳо ва ба тасвирҳои дар экран пешниҳодшуда ҷойгир намудани матнҳо;

– реҷаи намоиш додани вебсаҳифаҳо ва ташкил намудани корҳои якҷояи гурӯҳӣ;

– ба роҳ мондани конфронсҳои таълимӣ ва илмӣ-амалӣ бо имкониятҳои махсусгардонидашудаи таҳририӣ;

– идоракунии сиситемаи амалиётии компютер ва назорати фаъолияти кории нармафзорҳои он;

– кор бо парвандаҳо, ҷадвалҳо ва тасвирҳои гуногунсохт;

– захира намудани маводҳои тавассути тахтаи интерактивӣ коркардашуда ва тавассути чопгар хориҷ намудани онҳо;

– бо истифода аз савҳакалиди вертуалӣ, ки дар нармафзори тахта ҷойгир аст, танзим, таҳрир ва муайян намудани сохтори санадҳои матнӣ дар парвандаҳои коркардашаванда;

– ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ҳамат гуна парвандаҳо, қайдҳо ва тасвирҳои дар экран нишондодашуда;

– дар компютер тавассути парвандаи махсус нигоҳ доштани ҳамаи қайдҳо, замимаҳо ва он маводҳое, ки омӯзгор дар давоми дарс истифода намудааст. Инчунин такмил додани маводҳои таълимӣ барои намоиши минбаъда дар раванди дигар машғулиятҳои дарсӣ тавассути интернет;

– бо истифода аз реҷаи интиқолдиҳӣ (бо истифода аз шабакаи интернет, технологияҳои беноқили фосилавӣ ва ғайра) омӯзгори фаннӣ метавонад қайдҳои дар раванди дарс истифоданамудаашро ба ҳар як маҳассил интиқол диҳад;

– ба намоиш гузоштан ва муаррифӣ намудани вазифаҳои иҷронамудаи хонандагон (бо таври гурӯҳӣ ва ё инфиродӣ);

– ба намоиш гузоштани видеосабтҳои таълимӣ;

– эҷод намудни тасвирҳои таълимӣ, диаграммаҳо ва харитаҳо бидуни истифодаи муши компютер;

– бо имкониятҳои нармафзори махсус идора намудани тасвири мониторҳои (дар раванди машғулиятҳои таълимии лабораторӣ) хонандагон дар экрани тахтаи интерактивӣ ва ғайра.

Аз таҳлили боло бармеояд, ки тахтаҳои интерактивӣ дорои имкониятҳои васеи корӣ буда, бо истифода аз онҳо дар раванди таълим тағйиротҳои навро ба вуҷуд овардан мумкин аст, зеро ки тахтаҳои интерактивӣ самаранокии муаррифӣ намудани маводҳои таълимиро зиёд мекунанд. Тавре қайд намудем, мушкилоти бештар дар истифода намудани тахтаи интерактивӣ надоностани методҳои дуруст истифодабарии онҳо мебошад, ки ин мушкилӣ бояд ҳалли худро ёбад. Аксари мушкилоте, ки омӯзгорон ҳангоми истифодаи тахтаи электронӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ин набудани фазои кофии иттилоотӣ ва малакаи тарҳрезӣ ва корбарӣ надоштан мебошанд. Бинобар ин, мухимтарин вазифаи омӯзгорони имрӯза на танҳо технологияҳои нави иттилоотиро аз худ кардан мебошад, балки онҳо методикаи дуруст истифода намудани онҳоро дар раванди машғулиятҳои таълимӣ бояд донад.

Агар аз нуқтаи назари методӣ ба истифодаи тахтаҳои интерактивӣ дар раванди таълим назар намоем, он гоҳ бевосита дарк менамоем, ки барои истифодаи босамар аз омӯзгор талаб карда мешавад, то ба масъалаҳои зерин диққати аввалиндарача диҳад:

1. Тамоми маводҳои таълимӣ пеш аз оғози машғулиятҳои дарсӣ бояд омода карда шаванд;

2. Раванди дарс ҳадафмандона ба ягон мавзуи мушаххас бахшида шавад. Яъне, танҳо тахтаи интерактивиро барои пешниҳоди маводҳои ба мавзуи дарсӣ вобасташуда ҳамоҳанг намудан қобили қабул аст;

3. Парвандаҳои дар раванди дарс коркардашуда ба муҳассилин дастрас карда шаванд.

Ҷанбаҳои истифодабарии тахтаҳои интерактивиро дар илми педагогика ҳам метавон бо истифода аз усулҳои таълим, ки онҳоро ҳамчун амсилаҳои таълимӣ арзёбӣ намудаанд, мавриди таҳлил қарор диҳем, ки онҳо аз ҳамдигар бакуллӣ фарқкунандаанд (расми 1). Масалан:

– ***амсилаи ғайрифаъоли таълим,*** ки дар он хонанда ҳамчун объекти омӯзиш мебошад, яъне фақат ҳамчун назораткунандаи раванди таълим фаъолият мекунад (мебинад ва гӯш мекунад);

– ***амсилаи фаъоли таълим,*** ки дар он хонанда субъекти таълим буда, ба кори мустақилона ва эҷодӣ машғул мешавад;

– ***амсилаи интерактивии таълим,*** ки дар шароити ҳамкории доимии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим роҳандозӣ мешавад. Бо роҳандозӣ намудани амсилаи мазкур хонанда ва омӯзгор субъектҳои баробарҳуқуқ дар раванди омӯзиш ба ҳисоб мераванд [5].

Яке аз хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи амсилаи ғайрифаъоли таълим аз он иборат мебошад, ки дар он хонандагон тамоми омӯзишро танҳо дар асоси суханрониҳои омӯзгор ё мутолиаи васоити таълимӣ аз бар намуда, муоширати байниҳамдигарии онҳо ба роҳ монда намешавад. Инчунин хонанда ягон кори мустақилона ва эҷодиро анҷом намедиҳад. Аз ин рӯ, ин амсиларо ҳамчун амсилаи суннатӣ қабул намуда, ба талаботи имрӯза мувофиқ намешуморанд.




***Расми 1 – Намудҳои амсилаҳои таълимӣ***

Талаботи низоми маорифи имрӯза, ба амсилаи фаъоли таълим ва усулҳои интерактивии муосир таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад то дар раванди таълим аз усул ва методҳои навин бештар истифод шавад. Зеро, хонандаи имрӯза ба навовариҳои техникаҳои муосир зиёд таваҷҷуҳ дорад.

Вақте ки сухан дар бораи таҳсилоти муосир меравад, бояд дилхоҳ иштирокчии ин раванд ба мафҳумҳои «Таълими интерактивӣ», «Технологияи интерактивии таълимӣ» ва «Муколамаи интерактивӣ» диққати аввалиндараҷа диҳад.

*Таълими интерактивӣ* – ин низоми таҳсилоти муосир буда, дар асоси ҳамкории субъектҳои омӯзиш ташкил карда мешавад. Ин таълимот асосан тавассути технологияҳои иттилоотии муосир роҳандозӣ карда мешавад [9].

*Технологияи интерактивии таълим* – ин раванди таълиме мебошад, ки дар он хонанда тавассути технологияҳои муосир бо таври гурӯҳӣ робитаҳои иттилоотии байниҳамдигариро тарҳрезӣ намуда, бо ин восита омӯзишро ба роҳ мемонанд.

*Муколамаи интерактивӣ* – воситаҳои ҳамкории байни истифодабаранда бо низоми барномавӣ буда, дар қиёс бо низоми муколамавии маъмулӣ бакуллӣ фарққунанда мебошад. Дар он, мубодилаи фармонҳои матнӣ ва саволу ҷавобҳо тавассути воситаҳои нисбатан пешрафта тариқи технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд. Масалан, имконияти пешниҳод намудани саволҳо бо таври ихтиёрӣ ба низоми барномавӣ. Дар ҳолати пешниҳод намудани савол барнома ҷавобҳои мувофиқро пешниҳод менамояд, агар онҳо дар низоми худкори барномавӣ мавҷуд бошанд [10].

Бояд тазаккур дод, ки таълими интерактивиро дар амалия ҳамчун усули муосири педагогӣ фаҳмидан мумкин аст, ки он ҳамчун ҳамкории гуногунҷанба дар раванди таълим арзёбӣ шудааст. Ҳамкории гуногунҷанба гуфта, мо метавонем дар навбати аввал ҳамкории омӯзгору хонанда, ҳамкории байни хонандагон ва ғайраҳоро фаҳмем, вале дар низоми таҳсил мафҳуми интерактивӣ на танҳо ҳамкории иштирокчиёни раванди таълим, балки ҳамкории бевоситаи байни хонанда, маводҳои таълимӣ фаҳмида мешавад.

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло метавон холосабарорӣ намуд, ки амсилаи интерактивии таълим бо технологияҳои иттилоотӣ робитаи ногусастанӣ дошта, бевосита тавассути ин технологияҳо роҳандозӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки маҳз бо татбиқи босамари технологияҳои иттилоотӣ низоми идоракунии таълим ва сифати онро баланд бардоштан имконпазир мегардад.

Тавре ки аз таҳлилҳои боло дида мешавад, технологияҳи интерактивии таълимӣ бо технологияҳои иттилоотӣ робитаи зич дошта, дар асоси роҳандозии самараноки ин технологияҳо амалӣ карда мешавад. Тахтаҳои интерактивӣ ҳам шомили технологияҳои

иттилоотӣ мебошанд, ки онҳо ҷиҳати вусъат бахшидан ва ба талаботҳои муосир ҳамоҳанг сохтани низоми таълим истифода мешаванд.

Ҷиҳати босамар гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ бо истифода аз тахтаҳои интерактивӣ, метавонем ба омӯзгорон алгоритми дуруст пешниҳод намудани маводҳои таълимиро дар шакли зерин пешниҳод намоем:

1. Интихоби мавзуи дарсӣ ва муайян намудани ҳадафҳои он;
2. Ба қисматҳои алоҳида ҷудо намудани маводи пешниҳодшаванда;
3. Муайян намудани қисматҳое, ки онҳоро тавассути тахтаи интерактивӣ нишон додан зарур аст;
4. Истифодаи воситаҳои таълимии иловагӣ (дар шакли электронӣ) ва ҳамоҳанг сохтани онҳо бо мавзуи дарсӣ;
5. Тарҳрезӣ намудани вақт барои ҳар як қисмати мавзуъ;
6. Интихоб ва муайянсозии сомонаҳо аз шабакаи интернет, ки дар онҳо маводҳои таълимии ба мавзуъ вобастабуда маҳфуз нигоҳ дошта шудаанд;
7. Рӯнамосозӣ намудани маводҳои таълимӣ ва тарҳрезӣ намудани гузариши байни слайдҳо;
8. Пеш аз оғози дарс хонандагонро ба имкониятҳои тахтаи интерактивӣ шинос намудан (хонанда бояд афзалиятҳои истифодаи тахтаҳои интерактивиро дарк намояд);
9. Интихоби ранг ва сабку услуби маводи пешниҳодшаванда вобаста ба синну соли хонандагон.

Дар ҳолати самаранок ба роҳ мондани машғулиятҳои таълимӣ бо истифодаи тахтаҳои интерактивӣ хонандагон аз имкониятҳои зерин баҳравар мегарданд:

– машғулиятҳои дарсӣ шавқовар гашта, малакаҳои эҷодии хонандагон нисбат ба омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ зиёд мешавад;

– заминаи мусоид ҷиҳати ширкат намудан дар корҳои дастаҷамъона фароҳам омада, бо ин васила малакаҳои шахсӣ ва иҷтимоии хонанда рушд мекунад;

– имконияти мусоид ҷиҳати дуруст тасвир намудани маводҳои таълимӣ фароҳам омада, муаммоҳои баҳсбарангез бартараф мегарданд;

– дар ҳолати бо таври таъсирбахш ва динамикӣ пешниҳод намудани маводҳои таълимӣ хонандагон имконият меёбанд, то ба идеяи ҷустуҷӯ намудани ҳалли масъалаҳои мураккаб сарфаҳм раванд;

– хонанандагон аз усулҳои гуногуни таълимӣ истифода намуда, ба ҳама гуна захираҳои иттилоотии имконпазир дастрасӣ пайдо мекунанд, ки ин ҳолат боиси рушди малакаҳои зеҳнии онҳо мегардад;

– хонандагон ба корҳои мустақилонаи эҷодкорӣ машғул шуда, нисбат ба худ эътимоднокии бештарро ҳосил мекунанд;

– барои истифода намудани тахтаи интерактивӣ зарурати истифода намудани савҳакалид пеш намеояд. Ин ҳолат боис ба он мегардад, ки хонандагони имконияти маҳдуддошта (маъюбон) ҳам аз тахтаҳои интерактивӣ истифода намуда тавонанд [3].

Ҳамаи бартариятҳои зикршуда собит менамоянд, ки истифодаи тахтаи интерактивӣ дар рафти машғулиятҳои таълимӣ муфид буда, дар бедор намудани малакаи эҷодии хонандагон заминагузор мебошанд.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар назди дилхоҳ омӯзгор гузошта мешавад, ин роҳҳои беҳтарини баланд бардоштани савияи донишомӯзии хонандагон мебошад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим самаранок татбиқ намудани тахтаҳои интерактивӣ яке аз воситаҳои асосӣ барои ҳалли ин қазияи пешомада ба ҳисоб меравад. Зеро аз рӯйи таҳлили мутахассисони соҳа инсон 80%-и иттилоотро тавассути узвҳои биниш, тақрибан 15%-ро тавассути шунавоӣ ва 5%-и боқимондаро тавассути узвҳои ламсӣ, бӯй ва мазза қабул менамояд, ки ҳамаи ин имкониятҳоро тахтаҳои интерактивӣ доранд.

Агар ба масъалаи дарк ва азёдкунии иттилоот назар намоем, он гоҳ бевосита пай мебарем, ки нақши асосиро хотираи ҳаракати инсон иҷро мекунад. Яъне инсон ҳангоми дидан, шунидан ва ламс намудан маводҳоро беҳтар ба ёд меорад. Аз ин лиҳоз, дар рафти

дарс зарур аст, ки доимо ба хонандагон имконият дода шавад, то ба баъзе амалҳоро тавассути технологияҳои нави иттилоотӣ бо истифода аз технологияҳои чандрасонаӣ иҷро намуда, хотираи эҷодии худро қавӣ гардонанд.

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои рушд додани савияи донишомӯзии хонандагон ва бедор намудани малакаҳои эҷодии онҳо роҳҳои дуруст истифода намудани тахтаҳои интерактивиро дар раванди таълим бояд ҳар як омӯзгор донад. Инчунин дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ аз зинаи синфҳои ибтидоӣ ба масъалаи мазкур диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми пешниҳод намудани маводҳои таълимӣ бо истифодаи тахтаҳои интерактивӣ ба инобат гирифтани синну соли хонандагон ҳатмӣ ҳисобида мешавад. Дар ҳолати истифодаи имкониятҳои функсионалии тахтаи интерактивӣ эҳтимоли таъсиррасониҳои равонӣ вобаста ба интихоби рангҳо ва видеосабтҳо ҷой доранд, ки нодурусти интихоб намудани онҳо эҳтимол аст ба хонандагон таъсири манфӣ расонад.

***Хулоса,*** тахтаи интерактивӣ воситаи пурарзиш ҷиҳати пешбурди фаъолияти таълимӣ буда, истифодаи он имкон медиҳад, то раванди таълим ҷолиб ва фаҳмо гардад. Бояд қайд намуд, ки истифодаи тахтаҳои интерактивӣ дар омӯзиши фанҳои дақиқ, аз қабили математика, физика, химия ва дигар фанҳо ягона роҳи рушд додани савияи донишу малакаи эҷодии хонандагон ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**


1. Актуганова, *О.Н.* «Интерактивные» уроки математики / О.Н. Актуганова // Вестник Марийского государственного университета. – Марийск: Изд-во МарГУ, 2012. – №9. – С. 66-69.

2. Андреев, *А.А.* Компьютерные и телекоммуникационные технологии в сфере образования / А.А. Андреев // Школьные технологии. – 2007. – №3. – С. 151-170.

3. Антонова, *А.В.* О способах использования интерактивной доски при организации дидактических игр по математике / А.В. Антонова // Успехи современного естествознания. – М.: Изд-во Академия Естествознания, 2011. – №8. – С. 152-160.

4. Арзамасцева, О.В. Разработка программно-дидактических тестовых материалов. Учебно-методическое пособие. – Братск: Государственный педагогический колледж. – №1, – 2006. – 66 с.

5. Бабина, Н.Ф. Технология: методика обучения и воспитания: учебное пособие для студентов 2–4 курсов физико-математического факультета, профиль «Технология», магистрантов 2-го года обучения по программе «Профессиональное образование»: в 2-х частях: ч II / Н.Ф. Бабина. – М-Берлин: Директ-Медиа, 2015. – 328 с.

6. Галимова, Э.Г. Использование интерактивной доски Interwrite DualBoard в учебном процессе: метод. рекомендации для учителей / Э.Г. Галимова, А.С. Маклаков, И.Г.Музафаров. – Казань: ПМЦ ПК и ППРО КФУ, 2013. – 32с.

7. Джаджа, В.П. Мультимедийная модель и интерактивная доска в обучении математике в школе / В.П. Джаджа // Вестник Московского городского педагогического университета: серия информатика и информатизация образования. –М.: Изд-во МГПУ, 2007. – №8. – С. 36–39.

8. Желдаков, М.И. Внедрения информационных технологий в учебный процесс. / М.И. Желдаков. – Мн.: Новое знание, 2003. – 152 с.

9. Кашлев, С.С. Технология интерактивного обучения / С.С. Кашлев. – Мн.: Белорусский вера сень, 2005. – 176 с.

10. Роберт, И.В. Теория и методика информатизации образования (психолого-педагогический и технологический аспекты) / И.В. Роберт //– М.: ИИО РАО, 2007. – 234 с.

11. Саидзода, И. М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / И. М. Саидзода, Қ. Э. Ҳайетов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 293-300.

12. Саидов, И. М. Асосҳои амсиласозии риёзӣ / И.М. Саидов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 152 с.
13. Саидов, И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / Саидов И., Саидҷаҳфаров А.И. //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С. 220-227.
14. Саидов, И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон / Саидов И.М., Мирзоев С., Ҳайётов Қ.// Пайёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши технологияи таълим. – Душанбе, 2021. – №1(33). – С. 60-64.
15. Якушкин, П.А. Информатика // Якушкин П.А., Крылов С.С. Федеральный банк экзаменационных материалов. – М.: Эксмо, 2008. – 128с.

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ ШАВҚМАНДИИ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

***ҚАҲҲОРОВА Фарангис Абдухалиловна*** *– докторанти (PhD) Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *kahorovafarangis98@gmail.com, тел.: (+992) 92 771 78 70*

Дар мақола масъалаҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи ташаккули шавқмандии маърифатии хонандагони хурдсол баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки истифодаи мутаносиби технологияҳои нави иттилоотӣ ташаккули низомҳои педагогиро дар бар мегирад, ки иқтидору нерӯи маърифатии хонандаро инкишоф дода, ташаккули қобилияти мустақилона аз худ кардани дониш, амалӣ кардани фаъолияти таълимӣ ва намудҳои мухталифи амалҳои мустақилонаи коркарди иттилоотро таъмин мекунад.
Хулоса карда шудааст, ки ба туфайли воситаҳои технологияи итиллоотӣ хонандагон иттилооти мундариҷааш нисбатан амиқ ва аз ҷиҳати шакл эҳсоснокро мегиранд, яъне он иттилооте, ки дар хотир хуб нигоҳ дошта мешавад, тафаккурро ҳавасманд мекунад ва шавқи омӯхтанро бедор мекунад.

***Вожаҳои калидӣ****: технологияҳои иттилоотӣ, ташаккули шавқмандии маърифатии хонандагон, шароитҳои педагогӣ, рушд, таълиму тарбия, дониш, маҳорат, малака, хонанда, омузгор.*

## ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК СРЕДСТВО РАЗВИТИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОГО ИНТЕРЕСА МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

***КАХХОРОВА Фарангис Абдухалиловна*** *– докторант (PhD) Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.* ***E-mail:*** *kahorovafarangis98@gmail.com,* ***тел.:*** *(+992) 92 771 78 70*

В статье рассматриваются вопросы информационных технологий как средство развития познавательного интереса младших школьников. Отмечается, что сбалансированное использование новых информационных технологий включает в себя формирование педагогических систем, развивающих познавательный потенциал обучающегося и обеспечивающих способность самостоятельно приобретать знания, осуществлять учебную, экспериментально-исследовательскую деятельность и различные виды самостоятельных действий по обработке информации.
Пришли к выводу, что благодаря средствам информационных технологий учащиеся получают информацию, относительно глубокую по содержанию и эмоциональную по

форме, то есть информацию, которая хорошо запоминается, стимулирует мышление и вызывает интерес к обучению.

***Ключевые слова:*** *информационные технологии, формирование познавательного интереса учащихся, педагогические условия, развитие, учебный процесс, знания, мастерство, умения, ученик, преподаватель.*

## INFORMATION TECHNOLOGY AS A MEANS OF DEVELOPING THE COGNITIVE INTEREST OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN

***KAKHHOROVA Farangis Abdukhalilovna*** *– doctoral student (PhD) of the Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.* ***E-mail:*** *kahorovafarangis98@gmail.com,* ***phone:*** *(+992) 92 771 78 70*

The article discusses issues of information technology as a means of developing the cognitive interest of younger schoolchildren. It is noted that the balanced use of new information technologies includes the formation of pedagogical systems that develop the cognitive potential of the student and ensure the ability to independently acquire knowledge, carry out educational, experimental and research activities and various types of independent actions to process information.

Came to the conclusion that thanks to information technology, students receive information that is relatively deep in content and emotional in form, that is, information that is well remembered, stimulates thinking and arouses interest in learning.

***Key words:*** *information technology, formation of cognitive interest of students, pedagogical conditions, development, educational process, knowledge, skill, skills, student, teacher.*

Баҳри дарки нақши муҳими технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) дар ташаккули шавқмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба омӯзиш ба моҳияти мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» бо назари ҷадид рӯ овардан зарурат дорад.

Ба маънои маҳдуд, моҳияти муҷаҳҳазгардонии иттилоотии таълим ҳамчун таъмини раванди таълим, ки дар муассисаҳои таълиму тарбия ҷараён мегирад, бо васоити иттилоотӣ дар заминаи технологияи микропросессорҳо, инчунин маҳсулҳои иттилоотӣ ва технологияҳои педагогӣ дар заминаи васоити мазкур ошкор мешавад [10, с.374].

Ба маънои нисбатан васеъ муҷаҳҳазгардонии иттилоотии соҳаи маориф ҳамчун раванди таъмини соҳаи маориф бо усулҳо, технология, тарҳзои таҳия ва истифодаи мутаносиби технологияҳои нави иттилоотӣ эътироф мешавад, ки ба татбиқи ҳадафҳои психологӣ-педагогии таълиму тарбия самтгузорӣ шудааст. Ин ташаккули низомҳои педагогиро дар бар мегирад, ки иқтидору нерӯи маърифатии донишҷӯро инкишоф дода, ташаккули қобилияти мустақилона аз худ кардани дониш, амалӣ кардани фаъолияти таълимӣ, таҷрибавӣ-тадқиқотӣ ва намудҳои мухталифи амалҳои мустақилонаи коркарди иттилоотро таъмин мекунад. Бояд қайд намоем, ки яке аз талаботҳои аввалиндараҷаву афзалиятноки фаъолияти низомҳои зикршуда - ин фароҳам кардани шароити қулай ва муносибу бехатар барои саломатии хонандагон мебошад [9, с.68].

И.В. Роберт ба сифати воситаҳои технологияи иттилоотӣ васоити нармафзор, сахтафзор-дастгоҳӣ, воситаҳои техникӣ ва лавозимотҳое, ки дар заминаи технологияи компютерии микропросессорӣ фаъолят мекунанд, инчунин васоит ва низомҳои муосири пахш, мубодилаи иттилоотро номбар мекунад, ки таъмини амалиёти ҷамъоварӣ, захиракунӣ, коркард, нигоҳдорӣ, истеҳсол, нусхабардорӣ, интиқоли иттилоот, дастрасиро ба захираҳои иттилоотии шабакаҳои таъмин мекунанд [8, с. 6].

Амалияи воқеии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълим ба консепсияи иттилоотонии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст [5]. Ҳадафи асосии он -

баланд бардоштани сифати таълим ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти таълимгиранда мебошад.

Татбиқи самараноки технологияҳои мухталифи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим танҳо дар сурате имкон дорад, ки агар онҳо на ҳамчун як замима, “болохона” дар бинои асосии низоми мавҷудаи маориф амал кунанд, балки ба раванди мазкур асоснок ва мутаносиб ворид гардида, барои донишҷӯён ва омӯзгорон имкониятҳои навро фароҳам оранд. Технологияҳои иттилоотӣ набояд мавқеи имкониятҳои ҷанбаҳои мусбати технологияҳои мавҷудаи анъанавии таълимро ишғол кунанд, балки ин имкониятҳоро ба таври ҷиддӣ ва назаррас васеъ намоянд.

И.Г. Захарова қайд мекунад, ки аз дидгоҳи илми педагогӣ вазифаҳои асосӣ дар ин роҳ иборатанд аз:

- таҳияи маҳакҳои (принсипҳои) аз ҷанбаи методологӣ асосноки пешниҳоди захираҳои таълимӣ-методӣ;
- ташкили дастрасӣ ба низоми захираҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва иттилоотӣ;
- истифода кардани онҳо ҳангоми татбиқ намудани ҷанбаҳои тавонои технологияҳои анъанавӣ, фаъолиятӣ, ба шахсият самтгузоришуда ва технологияҳои дигари ташкили раванди таълим барои инкишрофи ҳамаи иштирокчиёни раванди педагогӣ [4, с.5].

Дар давраи муосир технологияи иттилоотии таълимӣ (ТИТ) ҳамчун технологияи педагогӣ фаҳмида мешавад, ки он ба истифодаи роҳҳои махсус, нармафзор ва васоити техникӣ (кино, аудио ва видеонаворҳо, компютерҳо, шабакаҳои телевизионӣ-иртиботӣ) барои кор бо иттилоот такя мекунад [4, с. 22].

Дар асоси маводи тадқиқотҳои психологӣ-педагогӣ (Ф.Ф.Шарипов, А.Р. Мирзоев, И.В. Алехин, Н.В. Апатов, Ю.М. Горвитс, И.Г. Захарова, А.Б. Молоков ва ғ.) хулосае тавлид мешавад, ки технологияҳои иттилоотӣ дар таълим – ин маҷмӯи дониши илмӣ оиди нақш ва мавқеи техникаи ҳисоббарор дар раванди таълим, шаклу усулҳои истифодабарии онҳо барои беҳтар намудани фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон мувофиқи қонунҳои раванди таълим ва тарбия мебошад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки технологияҳои зикршуда барои тамоми мушкилоти низоми муосири маориф роҳи халосӣ шуда наметавонанд. Онҳо аслан омӯзгорро дар синф иваз карда наметавонанд. Самаранокии воситаҳои технологияи иттилоотӣ ба таври ҷиддӣ аз усулҳо ва шаклҳои татбиқи онҳо дар таълим вобастагии калон дорад.

Дар айни ҳол якчанд самтҳои асосии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар таълим вуҷуд доранд (Б.С.Гершунский ва диг.):

- истифодаи васоити дастгоҳӣ ва нармафзори технологияҳои иттилоотӣ ба ҳайси воситаи дидактикии таълим баҳри баланд бардоштани возеҳият ва аёнияти пешниҳоди маводи таълимӣ, амсиласозии объектҳо ва равандҳои мухталиф, ба низом даровардан ва мураттабкунии мантиқии маводи таълимӣ, воситаи тамрин, назорати азхудкунии дониш;
- худкоргардонии таълим бо истифода аз низомҳои муосири худкоршудаи таълим (НХТ);
- таҳияи курсҳои таълимии компютерӣ ва маҷмаеи барномавӣ-методӣ (МБМ) аз фанҳои гуногуни таълимӣ;
- таҳияи сенарияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки барномаҳои таълимии компютерӣ, ташхис ва баҳодиҳии сифати нармафзори педагогӣ (СНП);
- истифодаи воситаҳои иртиботии компютерӣ;
- омӯзонидани истифодаи касбии васоити технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим;
- истифодаи васоити технологияҳои иттилоотӣ дар таҳқиқотҳои психологӣ-педагогӣ [3].

Таъкид кардан зарур аст, ки технологияи иттилоотӣ ҳамчун яке аз воситаҳои таълим ва тарбияи хонандагон, ки ба инкишофи ҳамаҷониба ва фаъолияти маърифатии фаъоли онҳо кӯмак мекунад ва компутеру технологияҳои муосири таълим ҳамчун воситаҳо барои

ҳаллу фасли вазифаҳои дидактикӣ, аз ҷумла вазифаи ташаккули шавқмандии маърифатии хонандагони хурдсол ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногуни таълимӣ аз ҷониби онҳо имкон медиҳанд, баррасӣ мешаванд.

Бояд қайд карда шавад, ки дар раванди таълим, тарбия ва инкишофи хонандагон маҳз омӯзгор шахсияту симои марказӣ буда, тамоми муҳити таълим, аз ҷумла компутер ва воситаҳои дигари дидактикӣ чун воситае хизмат мекунанд, ки омӯзгор тавассути он фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро мураттаб месозад. Омӯзгор бо истифода аз имкониятҳои технологияи иттилоотӣ сохтори раванди таълимро дар ҳаҷми муайян тағйир медиҳад, раванди таълимро ташкил мекунад, фаъолияти мустақилонаи таълимӣ-маърифатии хонандагонро ба тарзи зарурӣ мутаносиб мегардонад, самаранокии таълим ва ташаккули завқу шавқмандии маърифатии хонандагони хурдсолро таъмин менамояд. Маълум аст, ки ҳар қадаре ки сатҳи фаъолияти маърифатӣ баланд бошад, ҳамон қадар дар фаъолияти маърифатӣ тамоми ҷанбаҳои шахсият ғаниву мукаммал мегарданд.

Воридсозии технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълим имкониятҳои касбии омӯзгорро тавсеа бахшида намуда, ба тамоми ҷузъҳои фаъолияти ӯ таҳаввулот ворид месозад. Мундариҷаи вазифаи иттилоотии он, шакли кор, ҳавасмандкунӣ ва назорат дар синф ва берун аз дарс тағйир меёбад (вазифаи ташкилӣ) дигаргун мешавад, муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагон возеҳтар мегардад (вазифаи иртиботӣ), имкониятҳои ҷадид барои таҳлил ва банақшагирии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ (вазифаи пешгӯӣ) ба вуҷуд меоянд.

Олимон-тадқиқотчиён А.В. Молоков, Е.С.Полат, М.И. Потеев чунин ақида доранд, ки татбиқи асосноку оқилонаи ҷузъҳои мухталифи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими хонандагони хурдсол имкониятҳои зеринро фароҳам меорад: мутаносибгардонии раванди таълим; бомавриду босуръат ташхис ва идора кардани раванди таълим; ташкили шаклҳои мухталифи фаъолияти маърифатии хонандагон; дар раванди таълим инкишоф додани принсипҳои гуногунзина будан, тағйирпазир будан, самт бахшидан ба сифатҳои шахсиятии хонандагонро; ташаккул додани малакаҳои таҳлили иттилоот, фаъолияти таҳқиқотӣ, ҳавасмандгардонии завқи хонандагон ба раванд ва натиҷаи омӯзиш. Ҳамзамон ин имкон медиҳад, ки иттилоот дар бораи натиҷаҳои пешравӣ ва инкишофи ҳар як кӯдак мунтазам ва сариваќт ҳангоми  пайдо шудани зарурат гирифта шавад ва омӯзгор метавонад дар лаҳзаи дилхоҳи дарс бо истифода аз воситаҳои ТИ ин заруратро  қонеъ гардонад.

Таъкид карда мешавад, ки истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ, новобаста аз самаранокии онҳо, дар таҳсилоти ибтидоӣ маҳдудиятҳои ҷиддӣ дорад. Ин ба хусусиятҳои вежаи соҳаи маърифатии кӯдакон вобаста буда, аз ташаккули нокифояи хусусиятҳои субъекти фаъолияти мустақилона дар ин синну соли хурди мактабӣ ва зарурати ислоҳи самараноки фаъолияти таълимӣ аз ҷониби омӯзгор вобаста аст.

Яке аз муаммоҳои ҷиддии компютеркунонии таълим дар синфҳои ибтидоӣ – ин маҳдудиятҳои ҷисмонӣ ва беҳдоштӣ мебошад. Нурҳои электромагнитӣ ва хусусияти таъсир ба босира ҳатто дар муосиртарин лавҳаҳои компутерӣ - сарбории вазнин ба организми пурра ташаккулнаёфтаи кӯдак, алалхусус ба низоми марказии асаб, босира ва қомат мебошад [2].

Иҷрои талаботҳои санитарӣ-беҳдоштӣ қатъӣ мебошанд: кӯдаки синни томактабӣ дар як рӯз на бештар аз 30-40 дақиқа дар назди компютер нишинад. Бинобар ин, дар дурнамои наздик ҳолате, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанҳои математика, забони русӣ, дарсҳои табиатшиносӣ ва ғ. мунтазам дар назди компютери инфиродӣ мунтазам нишаста тавонанд, дар назар нест.

Истифодаи беасосу бемавриди омӯзгор аз воситаҳои ТИ низ боиси оқибатҳои манфӣ мегардад. Ин ҳолат дар мавриде рӯй медиҳад, ки принсипҳои дидактикии таълим ба инобат гирифта намешаванд, истифодаи воситаи ТИ танҳо ба хотири худи далели истифодаи он, бартарии ҷузъи бозӣ нисбат ба ҷузъи таълимӣ, ки дар соҳаи таълим ҳангоми ташаккули шахсияти хонанда ба натиҷаҳои мусбӣ оварда намерасонад [6, с. 15-17].

Ба андешаи Н. Анисимова ва И.Г. Сидоркина, истифодаи компютер дар синфҳои ибтидоӣ бояд на танҳо ба фаҳмиш ва азхудкунии маълумоти таълимӣ, балки ба саломатии хонандагон низ зарар нарасонад. Воридкунии миқдори аз меъёр ва аз ҳад зиёди таъсири эҳсосӣ, зиёд кардани суръати муносиби коркарди иттилоот ногузир ба паст шудани сатҳу сифати азхудкунии маводи таълимӣ мерасонад ва сабаби сарбории зиёдатӣ ба хонандагон мегардад [1, с.46].

Бо вуҷуди ин, технологияҳои иттилоотиро омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи дидактикӣ барои таълим ва тарбияи хонандагони хурдсол дар амалияи рӯзмарраи омӯзгорӣ ҳангоми таълими фанҳои мухталифи таълимӣ истифода карда метавонанд ва дар мавридҳои зарурӣ бояд истифода баранд. Барои ин дар синф мавҷуд будани як дастгоҳи компутер ва як проектори мултимедиявӣ зарур аст, то ки фаъолияти дастаҷамъона, инфиродӣ ва гурӯҳии хонандагон дар дарс ба таври мутобиқ ташкил карда шавад.

Равиши зикршуда бо ҳамкории бештари омӯзгор бо воситаҳои IT, на хонанда тавсиф карда мешавад. Компютер ба омӯзгор дар идоракунии раванди таълим, таъмини самараноки омӯзгор ва талаба бо маълумоти зарурӣ, ки мундариҷаи таълимро равшану возеҳ менамояд, кӯмак мерасонад. Технологияи мазкур дар мавридҳое бомуваффақият истифода мешавад, ки таъмин намудани ҳар як хонанда бо компютери инфиродӣ ғайриимкон ва ё ғайри қобили амал буда, дар чорчӯбаи таълими анъанавӣ он ҳамчун яке аз воситаҳои сершумори ТИ баромад мекунад.

Истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ танҳо дар маҷмӯъ бо воситаҳои дигари таълим, бе инкор кардани воситаҳои дигар, балки пурра кардани онҳо мувофиқи мақсад аст. Ин ҳангоми бонизом, асоснок, бо назардошти сершумории вазифаҳо ворид намудани воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълим муштарак бо технологияҳои дигари ташкили раванди таълим, на танҳо дар синф, балки дар шаклҳои фаъолияти беруназсинфии мактаб имконпазир аст (Я.А. Ваграменко, Ю.М. Горвитс, С.Б. Еремин, А.П. Ершов, В.С. Леднев, И.В. Роберт ва ғ.).

Технологияҳои муосири иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки раванди таълим мушаххас, инфиродӣ ва фаъол гардонида шуда, ҷанбаҳои тавонои технологияи фаҳмонидан ва бо айният намоиш додан тағйир ёбанд. Онҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки дар як вақт маводи таълимиро ба хонандагони сатҳҳои гуногуни инкишоф, на ба ягон гурӯҳи инкишофаш «миёна» пешкаш намояд. Усулҳои низоми таълимии анъанавӣ ба туфайли имкониятҳои IT инкишофу рушди навро пайдо мекунанд.

Олими тоҷик А.Р.Мирзоев чунин фикро баён мекунад, ки мувофиқати оқилонаи технологияҳои гуногуни таълими хонандагони мактаб бо технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ таълими анъанавиро ба таври самаранок пурра ва дастгирӣ мекунад:

- бо ҳавасмандии пайваста баланди омӯзиш аз ҳисоби бозӣ, шакли тадқиқотии супоришҳои таълимӣ, ҷавоби фаврии компютер ба дурустии иҷроиши онҳо;

- бо қобилияти тақсимоти раванди таълим аз рӯи суръат ва пайдарҳамии иҷрои вазифаҳои сатҳҳои мураккаби гуногун дар заминаи истифодаи захираҳои гуногуни электронӣ;

- бо васеъ намудани доираи усулҳои пешниҳоди иттилооти таълимӣ бо воситаи истифодаи воситаҳои гуногуни мултимедиявӣ (матн, тасвирҳои графикӣ, аниматсия, садо, порчаҳои наворҳои видео);

-бо тағйир додани шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ тавассути истифодаи маводи электронии таълимие, ки барои истифода дар дарс ва берун аз дарс таъин шудаанд;

- бо имкони идоракунии ҷандири раванди таълим тавассути назорати самараноки ҷорӣ ва ҷамъбастии фаъолияти хонанда;

- бо хизматҳои таълимии шабакаи ҷаҳонии Интернет, ки бо маълумот таъмин кардани ҳам хонанда ва ҳам омӯзгоронро оиди доираи васеи мавзӯъҳо вобаста ба фаъолияти таълимии хонандагон ва фаъолияти касбии омӯзгоронро дар бар мегирад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои муосири педагогиро дар амалияи ҳаррӯза мушоҳида кунанд. [7].

Имкониятҳои воситаҳо мазкур чунинанд, ки онҳо имкон медиҳанд тадқиқотӣ-ҷустуҷӯии пурмаҳсул ва эҷодии хонандагон ба сатҳи нав бароянд. Ин дар навбати худ, ба ташаккули сифатҳои шахсии хонандагони хурдсол, аз ҷумла шавқмандии маърифатӣ мусоидат менамояд.

Инкишофи шавқи маърифатӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ -раванди мураккаб ва ҳаракаткунанда мебошад, ки бояд аз нуқтаи назари равишҳои асосии дар тадқиқотҳои педагогӣ қабулшуда: низомманд, шахсиятӣ, фаъолиятӣ баррасӣ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки вежагиҳои раванди ташаккули шавқи маърифатӣ дар асоси истифодаи технологияҳои мухталифи педагогӣ дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим муайян шаванд ва дар ин замина усулҳои истифодаи ТИ барои ташаккули шавқи маърифатӣ дар хонандагони хурдсол таҳия карда шаванд.

Ҳангоми таҳияи сохтор ва мундариҷаи фаъолияти муштараки таълимии омӯзгорон ва хонандагон дар синф мо ба афкори олимон В.П. Беспалко, М. Махмутов, И.П. Подласий, В. Сластёнин назар андохтем. Дар баробари ин, низоми амалҳои маърифатӣ, аз ҷумла мақсадгузорӣ, қабул намудани маводи нав, дарки он, бахотиргирӣ, дар амалия истифода бурдани донишҳои андӯхташуда, такрори минбаъда, бо ҳам амиқтар ва устувортар аз худ намудани дониш, малака ва маҳорат ба инобат гирифта шуд.

Барои таҳқиқи инкишофи шавқи маърифатӣ дар хонандагони хурдсол мо моҳияти ҳар як амали номбаршударо баррасӣ кардем, таъсири фаъолкунандаи воситаҳои технологияи иттилоотиро ба низоми амалҳои маърифатӣ таҳлил намудем.

Дар марҳилаи тайёрӣ бо назардошти вежагиҳои фан, сатҳи шавқу завқи маърифатии хонандагон, шароити мушаххаси таълим омӯзгор мундариҷаи маводи таълимиро таҳлил мекунад, раванди педагогиро ба нақша мегирад ва лоиҳаи онро мекашад, воситаҳоеро интихоб мекунад, ки пайдоиш ва инкишофи шавқи маърифатиро дар хонандагони хурдсол ҳавасманд мекунанд.

Фаъолияти омӯзгор дар лоиҳакашии муҷтамеи маводҳои дидактикӣ, ки бо мақсади инкишоф додани шавқи маърифатии хонандагон пешниҳод мешаванд, амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳлили мундариҷаи мавзӯъ, муайян намудани маводи асосии таълим, ҳаҷми он, мушаххас намудани ҳадафҳои таълим (таълимӣ, инкишофдиҳанда, тарбиявӣ);
- банақшагирии фаъолияти хонандагон оиди аз худ намудани мундариҷаи маводи таълимӣ;
- интихоби воситаҳое, ки фаъолияти пурмаҳсули маърифатии хонандагонро таъмин менамоянд;
- банақшагирии кори инфиродӣ бо хонандагон бо мақсади бартарафкунии норасоиҳои мавҷудбудаи онҳо дар инкишофи шавқи маърифатӣ;
- таъкид кардани шаклҳои ифодаи маъноии иттилоот, ки барои баланд кардани фаъолнокӣ ва таъмини тағйирпазирии шакли амалҳои хонандагон пешбинӣ шудаанд (муаррифӣ, маводҳои видео ва аудио, нармафзор);
-интихоби воситаҳои иловагии таълим, муайян кардани мавқеъ ва усули воридкунии онҳо ба муҷтамеи маводҳои дар дарс истифодашаванда (маълумоти водоркунанда, ҳавасмандкунанда ва ташкилӣ).

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои ташаккули шавқи маърифатии хонандагон аз қобилияти омӯзгор дар истифодаи онҳо барои ҳалли масоили мухталифи таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои синф, гурӯҳҳои хонандагон ва хонандагони мушаххаси мактаб вобаста аст.

Бояд дар хотир дошт, ки ташаккули шавқи маърифатӣ дар хонандагони хурдсол аз марҳилаи ҳавасмандгардонии раванди таълим оғоз меёбад. Ҳангоми банақшагирии инкишофи ҳавасмандии омӯзиш, омӯзгор бояд на танҳо ба он таваҷҷӯҳ диҳад, ки кӯдакон бояд чиро омӯзанд, балки инчунин ба он, ки чӣ гуна ин корро бо манфиати бештар ба инкишофи ҳар кадоме аз онҳо иҷро кардан, чӣ тавр эҳсосоти мусбие, ки муваффақияти фаъолияти таълимиро таъмин мекунанд, барои инкишофи шавқи маърифатӣ ҳавасмандии

иловагӣ фароҳам меоранд, нигоҳ доштан таваҷҷӯҳ диҳад. Вазифаи асосии омӯзгор дар марҳилаи зикршуда - тарҳрезии табъи муносиби эҳсосӣ, омода намудани хонандагон ба азхудкунии маводи нав ва табдил додани мақсади ба миён гузоштаи ӯ ба мақсади асосиву мубрам барои хонандагон мебошад. Муайян намудани ҳадафҳо бояд эҳтиёҷоти мустақим ё ғайримустақими хонандагонро ба инобат гирад. Қабули ҳадафи маърифатӣ барои хонандагон барои дарки мазмуну маънои таълим шароит муҳайё мекунад, онҳоро барои дарки фаъолонаи далелҳо, падидаҳо ва равандҳои ҷадид омода месозад.

Омӯзгор бо истифода аз имкониятҳои бисёррасонаии компютер метавонад хонандагонро дар муҳити мувофиқи ҳодисаҳои мухталифи омӯхташаванда ворид созад. Чунин ташкили оғози дарс ба хонандагони хурдсол имкон медиҳад, ки онҳо зуд ба фаъолияти маърифатӣ ворид шаванд, тафаккурро фаъол ва таваҷҷӯҳи худро сафарбар намояд. Ҳамаи ин барои бедор кардани завқу шавқ ва ташаккули муносибати мусбат дар хонандагон ба фаъолияти маърифатии минбаъда мусоидат мекунад.

Ҳангоми баргузории раванди ташаккули таваҷҷӯҳи маърифатӣ бояд ба он такя кард, ки хонандаи хурдсол дар асоси тасвирҳои муайян фикр мекунад. Тафаккур ва хотираи ӯ асосан моҳияти мушаххасро дорад, ки бо ашёҳои мушаххас алоқаманд аст. Бо сабаби он, ки ҷузъҳои образноки тафаккур дар ин синну сол нақши муҳим доранд, истифодаи онҳо бо мақсади ташаккули шавқи маърифатӣ дар хонандагони хурдсол хеле самаранок аст. Хонандагони хурдсол дар ҷараёни азхуд кардани мафҳумҳои абстрактӣ ба онҳо такя карда, тадриҷан мазмуни асосиро дар тасвирҳо барои худ ҷудо мекунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки идроки хонандагони хурдсол чандон саҳеҳ нест. Онҳо на ҳамеша хусусиятҳои махсуси ашёро дарк карда наметавонанд. Намоиши компютерии иттилооти таълимӣ метавонад ба ташаккули тасаввуроте, ки дар тафаккури хаёлии хонандагон мавқеи асосиро ишғол мекунад, мусоидат кунад, фаҳмиши маводи таълимиро ғанӣ гардонад, имкон медиҳад, ки онҳо ба моҳияти падидаҳои омӯхташаванда амиқтар ворид шаванду онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ азхуд кунанд.

Дар ҷараёни дарки маводи омӯхташаванда аз ҷониби хонандагони хурдсол омӯзгор аз воситаҳои қаблан омодашуда бо назардошти мураккабии мундариҷаи омӯхташаванда ва бо донистани майлу хоҳиши инфиродии хонандагон истифода мебарад. Дар байни онҳо: объектҳои табиӣ ва аниматсияи электронӣ, матни хаттӣ ва иттилооти рамзӣ, инчунин мусиқӣ, ки таҳманзари эҳсосиро тақвият мебахшад, ҷанбаи эҳсосии дарки маводро аз ҷониби кӯдакон ҳавасманд мегардонад. Ҳамаи ин воситаҳо бо гуфтори омӯзгор, ки ба кӯдак мефаҳмонад, ӯро ҳавасманд ва назорат мекунад, пурра карда мешавад. Пас аз он мубоҳисае, ки онро омӯзгор роҳбарӣ мекунад, сурат мегирад, ки дар охири он хонандагон ба хулосаҳои муайян ноил мешаванд.

Дар ҷамъбасти муаммои баррасишаванда зикр кардан мумкин аст, ки истифодаи оқилонаву аз ҷиҳати педагогӣ асосноки технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти маърифатии хонандагони хурдсол босуръат гардад, раванди таълим бо назардошти хусусиятҳои шахсии хонандагон мутобиқ карда шавад, мутаносиб гардонидани вокуниши хонандагон ва фароҳам овардани таҳкурсии пурқуввати ҳавасмандкунанда барои омӯзиш тавассути шаклҳои мултимедиявии муаррифии иттилооти таълимӣ эҷод шавад. Ба туфайли воситаҳои технологияи итиллоотӣ хонандагон иттилооти мундариҷааш нисбатан амиқ ва аз ҷиҳати шакл эҳсоснокро мегиранд, яъне он иттилооте, ки дар хотир хуб нигоҳ дошта мешавад, тафаккурро ҳавасманд мекунад ва шавқи омӯхтанро бедор мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Анисимова, Н.С., Сидоркина, И.Г. Ҷанбаҳои психологӣ-педагогии истифодаи технологияҳои интернетӣ дар таълим // Информатика ва маориф. - 2002. - № 9. - С.45-49.

2. Бондаровская, В.М., Повякел, Н.И. Шароитҳои психологӣ-эргономикии истифодаи компютерҳои инфиродӣ дар таълим // Эргономикаи амалӣ. - 1992. - No 2. - С. 23-29.

3. Гершунский, Б.С. Компютеризатсия дар муҳити таълимӣ. - М.: Педагогика, 1987. - 264 с.

4. Захарова, И.Г. Технологияҳои иттилоотӣ дар таълим: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни МОТ равияи педагогӣ. -М.: Нашриёти «Академия», 2003. -192 с.

5. Консепсияи низоми иттилоотии идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри 2077с. № 530.

6. Машбитс, Е.И. Муаммоҳои психологӣ-педагогии компутеркунонии таълим. -М.: Педагогика, 1988. - 192 с.

7. Мирзоев, А.Р. Омода намудани донишҷӯёни донишгоҳҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ (монография). Душанбе, Нашриёти IPS, 2019. - 234 с.

8. Роберт, И.В. Дар бораи дастгоҳи мафҳумии иттилоотонии маориф // Информатика ва маориф. - 2002. - № 12. - С. 2-6.

9. Роберт, И.В. Технологияҳои муосири иттилоотӣ дар таълим: муаммоҳои дидактикӣ; дурнамои истифода. - М.: Школа-Пресс, 1994.-206 с.

10. Энсиклопедияи педагогии Россия: Дар 2 ҷилд / Сармуҳаррир В.В.Давидов. – М.: Энсиклопедияи бузурги Россия, 1993. – 608 д.: бо расмҳо.

11. Шарипов, Ф.Ф. Асосҳои информатика ва фарҳанги иттилоотӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе: Нашриёти «Ирфон», 2008. - 148 с.

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj – 14 таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2, 5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5 см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ба мақола шарҳи мухтасари муҳтаво ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ илова карда мешавад. Шарҳи мухтасари муҳтаво дар оғоз ва адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯёну аспирантон тавсияи роҳбарони илмиашон зарур аст.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей средних общеобразовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила: размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт Times New Roman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее -2,5 см, левое-3 см, правое - 1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в начале статьи, список использованной литературы в конце.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

## NOTES FOR THE AUTHORS

The scientific journal «Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan» publishes articles by scientific educators, university professors, methodologists, teachers of educational institutions, graduate students of local and foreign applicants containing the results of research on pedagogical sciences.

When submitting articles to editorial board the following rules should be observed: the size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including texts, tables, bibliography, drawings and annotation texts in Tajik, Russian and English.

For the preparation of the article should be used the text editor Microsoft Word.

An electronic version remains simultaneously with the printout of the article. The manuscript must be printed on a computer font Times New Roman TJ 14, format A-4 single spacing, upper and lower margins 2,5 sm, left 3 sm, right 1,5 sm and all the pages should be paginate.

At the top of the page in the center of the sheet is the title of the article, below after one interval the initials and surname of the author. Below is the name of the organization and address.

The main text follows through the given line. The article offers a summary in Tajik, Russian and English with title of article. The text of the summary is given at the beginning of the article, list of references at the end.

Editorial board reserves the right to make reductions and editorial changes to the article.

Articles do not comply with these rules are not accepted.

Articles of graduate students and applicants are accepted with the recommendations of supervisors.

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – Душанбе, 2024. - № 1 (50). – 208 с.**

Сармуҳаррир: Саломиён М.Қ.
Муовини сармуҳаррир: Каримзода М.Б.
Котиби масъул: Муҳиддинзода Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Гулмадов Ф.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
Муҳаррири матни англисӣ: Абдуллозода М.И.
Муҳаррири техникӣ: Муҳиддинзода Б.
Саҳифабанд: Ҳайдаров Р.

**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

---

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА / Научно-просветительский и учебно-методический журнал, 2024. - № 1 (50). – 208 с.**

Главный редактор: Саломиён М.К.
Зам. главного редактора: Каримзода М.Б.
Ответственный секретарь: Мухиддинзода Б.
Редактор таджикского текста: Гулмадов Ф.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.Ш.
Редактор английского текста: Абдуллозода М.И.
Технический редактор: Мухиддинзода Б.
Верстка: Хайдаров Р.

**Учридитель: Академия образования Таджикистана**

---

**BULLETIN OF ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN/ Scientific-educational and metodical Journal, 2024. - № 1 (50). – 208.**

Chief Editor: Salomiyn M.Q.
Deputy Chief Editor: Karimzoda M.B.
Executive Secretary: Muhiddinzoda B.
Tajik Text Editor: Gulmadov F.
Russian Text Editor: Djanmakhmadova G.Sh.
English Text Editor: Abdullozoda M.I.
Technical Editor: Muhiddinzoda B.
Verska: Haidarov R.

**Founder: The Academy of Education of Tajikistan**

---

*Ба матбаа 25.03.2024 супорида шуд. Ба чоп 27.03.2024 имзо шуд.*
*Когази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/8 ҷузъи ч. ш. 15,5. Теъдод 100 нусха. Супориши №14*
*Дар матбааи «Таъминот-55 », кӯчаи А. Навоӣ, 13 чоп шудааст.*

---

*Сдано в печать 25.03.2024. Подписано к печати 27.03.2024. Печать офсетная.*
*Формат 60х84 1/8 Условно-печатный лист - 15,5. Тираж - 100. Заказ № 14 .*
*Издательство «Таъминот-55», 7734024, улица А. Навои, 13*

---

*Download in Print 25.03.2024. Posted on 27.03.2024. Offset printing.*
*Size 60x84 1/8 Printer's sheet - 15,5. Edition - 100. Assignment № 14.*
*Publishing office "Taminot-55", 7734024, 13 A. Navoi Str.*